ISSN 0235 - 005X

А Х Б О Р И
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

И З В Е С Т И Я
ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

P R O C E E D I N G S
OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW NAMED AFTER A. BAHOVADDINOV OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

№4

Душанбе – 2022

**АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ
БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ
АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

Сармуҳаррир: Назар М. А. – номзади илмҳои фалсафа, дотсент
Муовини сармуҳаррир: Ҳайдаров Р. Ҷ. – доктори илмҳои фалсафа
Котиби масъул: Саидҷафарова П. Ш. – номзади илмҳои фалсафа

Аъзои ҳайати таҳририя:
1. Олимов К. О. – академики АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор
2. Муҳаммад А. Н. – аъзо-корр. АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
3. Ятимов С. С. – аъзо-корр. АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
4. Шоисматуллоев Ш. – аъзо-корр. АМИТ, доктори илмҳои сотсиология, профессор
5. Раҳимзода М. З – аъзо-корр. АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор
6. Музаффар М. – аъзо-корр. АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор
7. Усмонзода Х. У. – аъзо-корр. АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор
8. Искандаров А. – доктори илмҳои сиёсӣ
9. Саидов А. С. – доктори илмҳои фалсафа, профессор
10. Раҳимов С. Х. – доктори илмҳои фалсафа
11. Маҳмадҷонова М. Т. – доктори илмҳои фалсафа, дотсент
12. Қаҳоров Ғ. Ғ. – доктори илмҳои фалсафа
13. Мирзоев Ғ. Ҷ. – доктори илмҳои фалсафа
14. Ҷонбобоев С. – номзади илмҳои фалсафа

Масъулони таҳия: Иброҳимова С. Ҳ. – номзади илмҳои фалсафа,
Махшулов А.

Таҳриру такмили матнҳо: Юсуфҷонов Ф. М. – номзади илмҳои сиёсӣ,
Шарипов А.

Мақолаҳо тақриз карда мешаванд.
Матни мақолаҳо дар таҳрири муаллиф нашр мешаванд.
Фикри ҳайати таҳририя бо фикри муаллиф метавонанд мувофиқ набошад.
Ҳангоми истифода аз мавод ва иқтибос ҳавола ба
“Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон” ҳатмӣ аст.

http://www.ifppanrt.tj/

М У Н Д А Р И Ҷ А

Ф А Л С А Ф А

Орифҷонова Н. Р. Сармояи иҷтимоӣ ва шароитҳои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон 8
Насурова Б. А., Чилаева М. Т. Масъалаи ташаккули тарзи ҳаёти солим ва роҳҳои тарғиби он дар доираи ҷавонони Тоҷикистон 15
Ҷӯраев А. Х. Миллат, фарҳанги миллӣ: моҳият, сохтори он 21
Маҳмадова М. Ф. Назарияи ишқ дар низоми фалсафии Мавлоно 28
Субҳонзода С. И. Категорияҳои «кулл», «ҷузъ» ва «махсус» дар афкори намояндагони фалсафаи классикии олмонӣ 32
Муродова Т., Муҳаммадиева С. Ҷанбаи ахлоқии хислатҳои инсонӣ дар фалсафаи ведоӣ ва авастоӣ 38
Бандалиева Ш. Н. Назаре ба табиати инсон 43

С И Ё С А Т Ш И Н О С Ӣ

Қувватзода С. З. «Раванди Оби Душанбе» ҳамчун заминаи институтсионалии пешбурди дипломатияи об 50
Муродов С. А. Фишангҳои таъсири миёнарав: назария ва амалия 58
Алимов Б. Х. Ташаккул ва рушди ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар шароити муосир 64
Саидзода Ш.Ш. Хусусиятҳои таъсири ВАО-и электронӣ ба рафтори сиёсии шаҳрвандон.. 70
Нусратзода С. Н. Сиёсати хориҷии Эрон дар шароитҳои нави геополитикӣ ва замони ҷаҳонишавӣ 77

МИНБАРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ҶАВОН

Саидова З. З. Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба фарҳанги ҷаҳоннигории шахс 84
Заҳруддинов И. З. Хусусиятҳои ташаккули истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир 88
Тоҷидинова М. И. Саҳми занон дар рушди сармояи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон 95
Ҳақназар И. Зарурат ва мақоми низоми дунявият дар ҷаҳони муосир 101
Муҳаммадқодири Н. Таносуби давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 107
Исомадинова Ф. М. Масъалаи моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир 112
Изатов У. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой: муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва шарикии стратегӣ 118
Расулов Қ. С. Муборизаҳои геополтикӣ дар фазои амнияти иттилоотӣ 123
Одилов Ф.Р. Инкишофи консепсияи интегратсияи давлатҳо дар таърихи афкори сиёсӣ .. 128
Ҳайдаров М. К. Ташаккули донишҳои сиёсии ҷавонон 133
Ҳайбуллоева С. Ш. Андешаҳои ахлоқии Шамсуддин Шоҳин 137
Каримова С. Р. Ҳаёту фаъолият ва асарҳои фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ 142
Закиров З. Н. Ҷойивазкунии таҳсилотии ҷавонони Тоҷикистон 146
Қосимов Қ. А. Масъалаи инсон ва ақлу иродаи ӯ дар таълимоти муътазила 150

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМЕНИ А.БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

Главный редактор: Назар М. А. – кандидат философских наук, доцент
Заместитель главного редактора: Хайдаров Р. Дж. – доктор философских наук
Ответственный секретарь: Саидджафарова П. Ш. – кандидат философских наук

Члены редколлегии:

1. Олимов К. О. – академик НАНТ, доктор философских наук, профессор
2. Мухаммад А. Н. – член-корр. НАНТ, доктор политических наук, профессор
3. Ятимов С. С. – член-корр. НАНТ, доктор политических наук, профессор
4. Шоисматуллоев Ш. – член-корр. НАНТ, доктор социологических наук, профессор
5. Рахимзода М. З. – член-корр. НАНТ, доктор юридических наук, профессор
6. Музаффар М. – член-корр. НАНТ, доктор философских наук, профессор
7. Усмонзода Х. У. – член-корр. НАНТ, доктор философских наук, профессор
8. Искандаров А. И. – доктор политических наук
9. Саидов А. С. – доктор философских наук, профессор
10. Рахимов С. Х. – доктор философских наук, профессор
11. Махмаджонова М. Т. – доктор философских наук, доцент
12. Кахоров Г. Г. – доктор философских наук
13. Мирзоев Г. Дж.- доктор философских наук
14. Джонбобоев С. – кандидат философских наук

Ответственные за подготовку к печати: Ибрагимова С. Х. – кандидат философских наук, Махшулов А

Редакция и корректура: Юсуфджонов Ф. М. – кандидат политических наук, Шарипов А.

Статьи рецензируются.
Тексты статей даются в авторской редакции.
Мнение редакции может не совпадать с мнением авторов.
При использовании и цитировании материалов ссылка на "Известия Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана" обязательна.

http://www.ifppanrt.tj/

О Г Л А В Л Е Н И Е

Ф И Л О С О Ф И Я

Арифджанова Н. Р. Социальный капитал и условия формирования гражданского общества в Таджикистане 8
Насурова Б. А., Чилаева М. Т. Проблема формирования здорового образа жизни и пути его агитации среди молодежи Таджикистана 15
Джураев А. Х. Нация, национальная культура: ее сущность, структура 21
Махмадова М. Ф. Концепция любви в философской системе Мавлоно 28
Субхонзода С. И. Категории всеобщее, единичное и особенное в представлениях мыслителей немецкой классической философии 32
Муродова Т., Мухаммадиева С. Нравственный аспект характера человека в ведийской и авестийской философии 38
Бандалиева Ш. Н. Взгляд на человеческую природу 43

П О Л И Т О Л О Г И Я

Кувватзода С. З. «Душанбинский Водный процесс» как институциональная основа для продвижения водной дипломатии 50
Муродов С. А. Рычаги воздействия посредника: теория и практика 58
Алимов Б. Х. Становление и развитие многопланового сотрудничества Республики Таджикистан с Республикой Узбекистан в современных условиях 64
Саидзода Ш. Ш. Характеристика влияния электронных сми на политическое поведение граждан 70
Нусратзода С. Н. Внешняя политика Ирана в новых геополитических условиях и в эпоху глобализации 77

ТРИБУНА МОЛОДЫХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ

Саидова З. З. Влияние информационных технологий на мировоззренческую культуру личности 84
Захруддинов И. З. Особенности развития государственной независимости Республики Таджикистан на современном этапе 88
Точидинова М. И. Вклад женщин в развитии социального капитала в Таджикистане.. 95
Хакназар И. Необходимость светского порядка и её статус в современном мире..... 101
Мухаммадкодири Н. Взаимоотношения светского государства и религиозного сообщества в Республике Таджикистан 107
Исомадинова Ф. М. К вопросу о сущности информационного общества в современных условиях 112
Изатов У. Республика Таджикистан и Китайская Народная Республика: добрососедские отношения и стратегическое партнерство 118
Расулов К.С. Геополитическая борьба в пространстве информационной безопасности… 123
Одилов Ф. Р. Эволюция концепций интеграции государств в истории политических учений 128
Хайдаров М. Формирование политических знаний молодёжи 133
Хайбуллоева С. Ш. Этические мысли Шамсуддина Шохина 137
Каримова С. Р. Жизнь и философские труды Салахуддина Сельджуки 142
Закиров З. Н. Образовательная мобильность таджикской молодёжи 146
Косимов К. Проблема человека, его разума и воли в учении му‘тазилизма 150

PROCEEDINGS OF THE BAHOVADDINOV INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

Editor-in-Chief: Nazar M. A. – Candidate of Philosophical Sciences, Docent
Deputy Editor-in-Chief: Haydarov R. Dj. – Doctor of Philosophical Sciences
Executive Secretary: Saidjafarova P. Sh. – Candidate of Philosophical Sciences

Editorial Board Members:

1. Olimov K. O. – Academician, NAST, Doctor of Philosophical Sciences, Professor
2. Muhammad A.N. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Political Sciences, Prof.
3. Yatimov S. S. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Political Sciences, Professor
4. Shoismattulloev Sh. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Sociologocalal Sciences
5. Rahimzoda M. Z. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Law (Jurudical Sciences)
6. Muzaffari M. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Philosophical Science
7. Usmonzoda Kh. U. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Philosophical Sciences
8. Iskandarov A. – Doctor of Political Sciences
9. Saidov A. S. – Doctor of Philosophical Sciences, Professor
10. Rahimov S. H. – Doctor of Philosophical Sciences, Professor
11. Mahmadjonova M.T. – Doctor Philosophical Sciences, Docent
12. Ghayurov G. G. – Doctor Philosophical Sciences
13. Mirzoev G. J. – Doctor Philosophical Sciences
14. Jonboboev S. – Candidate of Philosophical Sciences

Responsible for Preparation for Printing:
Ibrohimova S.Kh. – Candidate of Philosophical Sciences,
Makhshulov A.

Editing and Proofreading:
Yusufjonov F.M – Candidate of Political Sciences,
Sharipov A.

All articles are being reviewed.
Articles are to be submitted by the authors.
Opinion of the Editorial Board may vary from the one of the authors.
While using citing materials, reference must be shown to Proceedings of the Institute of Philosophy, Political Science and Law after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan.
http://www.ifppanrt.tj/

CONTENT

PHILOSOPHY

Arifjanova N.R. Social capital and conditions for the formation of civil society in Tajikistan 8
Nasurova B. A., Chilaeva M. T. The problem of creating a healthy lifestyle and ways of its promotion among youth of Tajikistan 15
Juraev A. H. Nation, national culture: its essence, structure 21
Makhmadova M. F. The concept of love in the philosophical system of Maulana 28
Subkhonzoda S. I. Categories of universal, singular and special in the teachings of the representatives of German classical philosophy 32
Murodova T., Muhammadieva S. Moral aspect of human character in Vedic and Avestan philosophy 38
Bandalieva Sh. N. A view of human nature 43

POLITICAL SCIENCE

Quvvatzoda S. Z. "Dushanbe Water Process" as an institutional framework to promote water diplomacy 50
Murodov S. A. Intermediary leverage: theory and practice 58
Alimov B. Kh. Formation and development of multifaceted cooperation of the Republic of Tajikistan with the Republic of Uzbekistan in modern conditions 64
Saidzoda Sh. Sh. Characteristics of the impact of the electronic media on the political behavior of citizens 70
Nusratzoda S. N. Iran's foreign policy in the new geopolitical conditions and in the age of globalization 77

ROSTRUM OF THE YOUNG RESEARCHERS

Saidova Z. Z. Influence of information technologies on the world view culture of the person.... 84
Zahruddinov I. Z. Perculiarities of the development of the state independence of the Republic of Tajikistan in the modern period 88
Tojidinova M.I. The contribution of women to the development of social capital in Tajikistan... 95
Haqnazar I. The need for a secular order and its status in the modern world 101
Muhammadqodiri N. The relationship between the secular state and the religious society in the Republic of Tajikistan 107
Isomadinova F. M. On the question of the essence of the information society in modern conditions 112
Izatov U. Republic of Tajikistan and People's Republic of China: neighborhood relations and strategic partnership 118
Rasulov K. S. Geopolitical struggles in the space of information security 123
Odilov F.R. The evolution of the concepts of integration of states in the history of political doctrines 128
Haidarov M. Development of youth political knowledge 133
Khaibulloeva S. Sh. Ethical thoughts of Shamsuddin Shakhin 137
Karimova S. R. Life and philosophical works of Salahuddin Seljuki 142
Zakirov Z. N. Educational mobility of tajik youth 146
Qosimov Q. The problem of man, his mind and will in the mu'tasilism's thought 150

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

Ф А Л С А Ф А – Ф И Л О С О Ф И Я – P H I L O S O P H Y

** ** **

САРМОЯИ ИҶТИМОӢ ВА ШАРОИТҲОИ ТАШАККУЛИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Орифҷонова Н. Р. - н.и.ф., дотсент, ходими калони Шӯъбаи фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ
Тел.: (+992) 915 27 08 35

Дар мақола сармояи иҷтимоӣ ва шароитҳои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Он ҳоло дар шароити истиқлолияти давлатӣ ва низоми демократӣ сурат мегирад. Ташаккулёбии ин падидаҳои иҷтимоӣ дар иртибот бо назария ва таҷрибаи таърихии инсоният, ки дар афкори мутафаккирони Шарқу Ғарб мавриди омӯзиш қарор гаштааст, таҳлил ёфтааст. Он дар заминаи сифатан нав – дар шароити тағйирёбиҳои ҷамъиятӣ дар фазои пасошӯравӣ, ҷараён гирифтани озодиҳои демократӣ ва ҳаққу ҳуқуқҳо, татбиқи муносибатҳои такомулёфтаи бозорӣ, падид омадани табақаи тавонои миёнаҳолон, тавассути созмонёбии ташкилотҳои гайридавлатию гайритиҷоратӣ, марказҳои машваратӣ ва захиравии занон, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ватанӣ ва байналмиллалӣ, ки дар самтҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ амал мекунанд, ҷараён мегиранд.

Масъалаи муҳиме, ки дар мақолаи мазкур вобаста ба фаъол гардонидани ташаккулёбии сармояи иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар фалсафаи иҷтимоӣ бардошта шудааст, ин ташаккули шуури шаҳрвандӣ ва баланд бардоштани сатҳи худшиносии шаҳрвандон мебошад.

Калидвожаҳо: *марҳилаи таърихӣ, сармояи иҷтимоӣ, давлат,истиқлолияти давлатӣ, низоми демократӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилоти гайридавлатӣ ва гайритиҷоратӣ, қонун ва қонунгузорӣ робитаҳои иҷтимоӣ, шуури шаҳрвандӣ, худшиносӣ, масъулиятшиносӣ,мавқеи фаъоли ҷамъиятӣ.*

Масъалаҳои ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мураккабии ба худ хоси равобиту муносибатҳои дохилӣ дар шароити соҳибистиқлолии давлатҳои мустақили навтаъсис дар фазои пасошӯравӣ сол то сол аҳамияти бештаре пайдо мекунанд. Равшан гардид, ки бо усулҳои пештараи маъмурӣ, ки ба низомҳои тоталитарӣ ва авторитарии ҳокимиятдорӣ хосанд, пурра идора кардани давлат ғайриимкон шуда истодааст. Ҳоло давлатҳои соҳибистиқлол маҷбур шудаанд, ки бо ниҳодҳои сершумори ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкорӣ намуда, ба пояҳои иҷтимоии онҳо, ба таҷриба ва амалӣ гардондани он арзишҳое, ки дар умқи ҷомеаи шаҳрвандӣ анбошта шудаанд, такя кунанд.

Ташаккулёбии сармояи иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар қаламрави Тоҷикистон дар шароити истиқлолияти давлатӣ бо низоми сиёсии демократӣ ва кулли тағйиротҳои ҷамъиятӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, назарияи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии давлатӣ ҳоло олимонро ба омӯзиши диалектикаи сармояи иҷтимоӣ равона месозанд. Сармояи иҷтимоӣ ҳамчун маҷмӯи захираҳои воқеӣ ва нерӯии ҷомеа, ки бо доштани шабакаи устувори муносибатҳои гуногун мутақобила, бо эътирофи узвияти ҳамдигар дар гурӯҳ алоқаманд буда, ба иштирокчиён имкон медиҳанд,ки барои расидан ба ҳадафҳои умумӣ бо риояи меъёрҳо ва эътимод бо ҳам ҳамкорӣ намоянд.

Мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ» бо мазмуни нав дар давраи маорифпарварӣ бо шаклгирии синфи буржуазия,ки соҳиби моликияти хусусӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ ободтарин синфи ҷомеа ба шумор мерафт, падидор гашт. Манфиати аввалиндараҷаи он сармоядорӣ буд, аз ин рӯ, муборизаи он бо вусъати ҳуқуқҳои граждани ва сиёсӣ дар робита бо тадриҷан паҳн шудани афкору ақидаҳои либералӣ - озодиҳои иҷтимоӣ

ҷилвагар мегардад. Дар афкори иҷтимоии ҳамон давра ҷустуҷӯи озодии инсон унсури асосии ҳаётан муҳим маҳсуб шуда, мавриди омӯзиш қарор гирифт. Озодӣ чун арзише, ки барои шахс имконияти худшиносӣ, худташкилкунӣ, интихоби озод, дар фаъолияти ҷамъиятӣ муташаккилӣ, ҳамрайӣ, баҳамбинӣ ҳамдастӣ ва дастҷамъиро ва фароҳам меовард, зарурият пайдо кард.

Фаъолияти иҷтимоии шахсон нафақат бо ҷамъ шудани сармояи шахсӣ ва ба вуҷуд овардани моликияти хусусӣ мушаххасу сермаҳсул мегардад, балки он ба нерӯи моддию маънавии шахсият ва рушди зеҳнии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ такон бахшида, боиси ҷамъшавии сармояи иҷтимоӣ ва ба ин васила сабаби тараққиёти иқтисодию иҷтимоии давлат ва ҷомеа мешавад.

Сармояи иҷтимоӣ, ки кулли равобит ва захираҳои меҳнатӣ, муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва механизми ҳамкории иҷтимоиро дар бар мегирад, ба фаъолияти ҷамъиятӣ ва сохторёбии сиёсӣ-иҷтимоии давлат ва ҷомеа ҷалб шудани шахсро таъмин месозад. Бинобар ин аз нигоҳи фалсафаи иҷтимоӣ омӯзишу коркарди диалектикаи сармояи иҷтимоӣ ва раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон барои фаҳмидани вижагиҳои равобити ҷамъиятӣ ва усулҳои сохтори иҷтимоии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ кӯмаки ҷиддӣ мерасонад.

Сармояи иҷтимоӣ ҷанбаҳои муайяни сохтори ҷамъиятиро мувофиқи вазифаҳояшон ҳамчун захираҳое муайян мекунад, ки онҳо метавонанд барои расидан ба ҳадафҳои худ истифода баранд. Дар ин маврид нақши сармояи инсонӣ чун шакли иҷтимоию иқтисодии ифодаи сифатҳои истеҳсолӣ, хосиятҳо, қобилиятҳо, қуввоҳо, вазифаҳо ва нақшҳои сармояи иҷтимоӣ ҳамчун нерӯи иҷтимоӣ дар раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ баромад мекунад.

Дар шуури ҷамъиятии мутафаккирони ғарбӣ ба вуҷуд омадани мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ» чун намунаи идеалии сохтори ҷомеаи волою хосе, ки дар он озодию баробарҳуқуқии шаҳрвандон, беҳбудӣ ва некӯаҳволии аҳли ҷомеа дар пояи адолати иҷтимоӣ таъсис меёбанд, аз рушди таърихию маънавии башарият дарак медиҳад.

Мутафаккирони ҳар давру замон барои эҷоди модели идеалии сохти ҷамъиятӣ, ҷомеае, ки дар он ақлу хирад, озодӣ, ободӣ, адолат ва баробарҳуқуқии ҳар фарди ҷомеа таъмин шуда, ҳуқуқ ва озодии маънавии шахсият риоя мешаванд, кӯшишҳо ба харҷ медоданд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ рамзи баробарҳуқуқии шахсоне мегардад, ки манфиатҳои хусусии хешро дар робита бо манфиатҳои ҷамъият ва давлат ба амал мебароранд. Он маҳсули дохилшавии шахс ба сохтори иҷтимоӣ мебошад. Маълум аст, ки барпо кардани чунин робитаҳои созандаи иҷтимоии давлат ва ҷомеа зарурияти иҷтимоӣ мебошад.

Гегел аввалин шуда ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати сиёсиро фарқ карда, ҷомеаи шаҳрвандиро чун “низоми ниёзҳо”, дар асоси бартарияти моликияти хусусӣ ва баробарҳуқуқии умумии расмӣ ташкилшуда, ки тавассути фаъолияти меҳнатӣ байни мардум ва давлат фаъолият мебарад, шарҳ додааст. Ҷомеа ин “давлати беруна”, “ҳолати ниёз ба ақл” аст ва давлати ҳақиқӣ оқилона аст.

Гегел ҷомеаи шаҳрвандиро ҳамчун марҳилаи махсуси ҳаракати диалектикӣ аз оила ба давлат, ки раванди дуру дароз ва мураккаби дигаргуниҳои таърихиро фаро мегирад, муайян мекунад. Ӯ ҷомеаи шаҳрвандиро як навъ марҳилаи байни оила ва давлат медонист [2,8]. Чунин ҷамъият, ба ақидаи ӯ, иқтисоди бозорӣ, ниҳодҳои сиёсӣ ва табақаҳои иҷтимоиро дарбар мегирад. Ҷамъияте, ки аз ҷиҳати сиёсӣ таҳти назорати давлат идора карда нашавад, «шаҳрвандӣ» шуда наметавонад.

Рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба ақидаи Гегел, худ аз худ мавҷудияти давлатро ҳамчун асоси он пешбинӣ мекунад. Фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ қонун танзим мекунад. Робитаи ҷомеаи шаҳрвандӣ бо давлат мушаххас аст. Ҷомеаи шаҳрвандӣ як ҷанбаи зуҳурёбӣ ва амалӣ шудани манфиатҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ, минтақавии шаҳрвандон мебошад. Давлат ҷанбаи ифода ва ҳифзи манфиатҳои умумии аҳолӣ мебошад. Ба ақидаи Гегел, худи давлат як бинои тому ягонаи ахлоқист, ки дар он амалӣ гардидани озодӣ ҳадафи ҳақиқии ақлу хирад мебошад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ бо сарвати зиёдаташ ҳам ба танҳоӣ наметавонад бар зидди баъзе падидаҳои иҷтимоӣ чун камбизоатӣ, қашшоқӣ ва пайдоиши гурӯҳи авом мубориза барад. Барои ҳалли ин мушкилот, бешубҳа, давлат лозим аст. Ҳар чизи воқеӣ оқилона асту ҳама чизи оқилона воқеист,

маънои онро дорад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ мисли ҳар чизи воқеӣ моҳият ва қонунҳои дохилии худро дорад, ки онҳоро танҳо ақл кашф карда метавонад ва қонунҳои бо ақл кашфшуда табиатан ба воқеият мувофиқат мекунанд. Пас, давлат низ як чизи дар ҳақиқат воқеист, зеро ки дар он манфиати умум ба мақсадҳои махсус ҷудо шуда, ба амал бароварда мешавад. Воқеият ҳамеша ягонагии умумибашарӣ ва махсусият мебошад ва он таҷзияи умумибашарӣ ба хусусиятҳое мебошад, гарчи ҳар як ҷузъи махсуси он мустақил ба назар мерасанд, аммо онҳо танҳо дар дохили кулл ҷо гирифта дар он маҳфуз меебошанд. Ҳамин тавр, Гегел ҷомеаи шаҳрвандиро ҳамчун воҳиди кулли «низоми эҳтиёҷот»-и ба моликияти хусусӣ асосёфта дарк карда, дар бораи баъзе қонуниятҳои инкишофи ҷомеа ва сатҳи он вобаста ба нерӯи моддию маънавии инсон пайгирӣ мекунад. «Таърихи умумиҷаҳонӣ, - менависад ӯ, - пешравии ба амал бароварданиозодӣ- пешрафтест, ки мо бояд онро дар зарурияти он эътироф кунем»[4, 124]. Гегель хусусияти асосиеро, ки вижагии рӯҳи халқҳоро муайян мекунад, ҷудо карда, моҳияти миллии давлатро ошкор мекунад. Нуқтаи олии идеяи давлат, ба ақидаи Гегел, идеализатсияи соҳибихтиёрӣ мебошад, ин ҷо озодии афрод дар интихоби озод зоҳир гашта, ҳуқуқҳои шаҳрвандон аз тарафи давлат ва қонун ҳифз мешаванд.

Талаботи ҷомеаи шаҳрвандӣ ногузир аз иродаи давлат мегузарад, то дар қолаби қонунҳо аҳамияти умумибашарӣ пайдо кунад. Маълум аст, ки давлати ҳуқуқии демократӣ давлатест, ки сохтор ва фаъолияти он ба иродаи халқ, ҳуқуқу озодиҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи инсон ва шаҳрванд мувофиқат мекунад. Нақши Қонун ва қонунгузорӣ, махсусан, дар давлати демократӣ мушаххас ба роҳ монда мешавад. Масъалаҳои баробарӣ, созиш ва иштироки муассир дар қабули қарорҳои сиёсӣ дар маркази диққати ҳокимияти демократӣ мебошанд, бинобар ин ҳалли мушкилотҳо оиди ин ё он масъала нафақат сохторҳои давлатӣ, балки ҳар як қишри ҷамъиятро ба ҷунбиш меорад, хоҳ вай иттиҳоди сиёсӣ бошад, хоҳ гурӯҳи ҷудогонаи аҳолӣ.

Демократия, ки, моҳиятан, ҳокимияти халқист ва ба ин васила барои бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташаккулёбӣ ва рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, низоми сиёсӣ ҳар қадар демократӣ бошад, имкони рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамон қадар васеътар мешавад. Демократия «тамаддунест, ки на танҳо аз озодиҳои демократӣ ва ҳаққу ҳуқуқҳо, балки аз омилҳои бунёдгузори онҳо - заминаҳои моддию маънавӣ ва инфраструктуравӣ – баробари дигар шаклҳои моликият вуҷуд доштани моликияти хусусӣ, татбиқи муносибатҳои такомулёфтаи бозорӣ, падид омадани табақаи тавонои миёнаҳолон, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, маданияту суннатҳои устувори сиёсию ҳуқуқӣ, ҳифзи иҷтимоӣ дар заминаи сифатан нав, пойдевори демократияи ҳақиқиро ба вуҷуд меоваранд» [6, 182].

Эъломияи соҳибихтиёрӣ ва таҳкими минбаъдаи он аз роҳбарияти сиёсии давлатҳои соҳибистиқлоли миллӣ ва тамоми ҷомеа шуури моҳирона ташкил намудани ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро тақозо менамояд, ки рушди устувори давлати демократии ҳуқуқбунёдро таъмин намояд. «Давлат бояд фишанги ҳамоҳангсози муттаҳид ва муттаҳид кардани мардум, миллат бо давлат, фишанги сафарбар намудани нерӯи шаҳрвандон ба фаъолияти созанда ва иҷрои вазифаҳои миллӣ гардад»[1, 35]. Давлат дар ин самт нақши муҳими муттаҳидкунанда мебозад.

Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба иттиҳодия ва озодии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳоро кафолат медиҳанд. Ин ба аксарияти шаҳрвандони ҷумҳурӣ имконият дод, ки ошкоро, мустақилона, озодона, поквиҷдонона,бо масъулият фаъолият баранд. Бисёр соҳибкорон тавонистаанд, ки барои худ шуғли муфид пайдо карда, аҳли хонаводаи худ ва бисьёр шаҳрвандони ҷумҳуриро бо ҷои кор таъмин кунанд.

Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба иттиҳодия ва озодии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳоро кафолат медиҳанд» [3, 5].

Ин ба аксарияти шаҳрвандони ҷумҳурӣ имконият дод, ки ошкоро, мустақилона, озодона, поквиҷдонона,бо масъулият фаъо-

лият баранд. Дар бисёр бахшҳо созмонҳои ғайридавлатӣ бо ҳукумат ҳамкории зич доштанд, ки онҳо дар ҷалби доираи васеи ҷомеа ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, аз қабили мунтазам паст шудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ фаъолона иштирок менамуданд. Бисёр соҳибкорон тавонистаанд, ки барои худ шуғли муфид пайдо карда, аҳли хонаводаи худ ва бисьёр шаҳрвандони ҷумҳуриро бо ҷои кор таъмин кунанд.

Дар ин ҷода яке аз мушкилоти сиёсӣ-иҷтимоии давлати тозабунёди миллӣ ин шинохту тарҳрезии сохторҳои сиёсӣ-иҷтимоии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи зиндагонӣ ва некӯаҳволии мардум буд. Ба мамлакат занону духтарони қобили меҳнат лозим буд. Вазъи иҷтимоӣ аз ҷомеа ва давлат ватандорӣ, бедории шуур, дастҷамъӣ, ҳамраъйӣ, ташаккули худшиносии миллӣ, вазифашиносӣ ва масъулияти иҷтимоии шаҳрвандонро талаб менамуд.

Фаҳмидани мушкилоти гендерӣ ва мушкилоти на танҳо занон, балки мардон, инчунин, тамоми ҷомеа, эътирофи шаъну шараф ва ҳуқуқи зан, баробарҳуқуқии тамоми аъзои оила асоси озодӣ ва адолат мебошад. Зарурияти дар шуури ҷамъиятии ҷомеа ҷорӣ шудани афкор ва муносибати солим нисбат ба зан ва ҳуқуқҳои иҷтимоии вай, ки озодии ҳақиқии занонро таъмин мекард, ба вуҷуд омад. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи сентябри соли 1998 «Нақшаи миллии тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани мақом ва нақши зан барои солҳои 1998-2005» тасдиқ гардида, бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 3 декабри соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» ба тасвиб расид, ки сабаби беҳтар гардидани мақому манзалати зан дар ҳаёти ҷомеа гардид. Фармони мазкур дар ҳаёти занону духтарони Тоҷикистон рӯйдоди таърихӣ гардид, зеро он баробарҳуқуқии занонро дар шароити сангини арзёбии арзишҳои дунявӣ ва динии занон, ҳуқуқу озодиҳоро дар давлати мустақил расман эълон ва амалан ҷорӣ намуд. Мавқеи хоси зан, дарк кардани баробарии ӯ бо мардон дар ҳама чиз дар мавриди таваҷҷӯҳи ҷомеа, таҳти ҳимояи давлат ва қонуни он қарор гирифт.

Аз соли 1995 то имрӯз рушди босуръати ҳаракати занон, таъсиси оммавии созмонҳои гуногуни ғайридавлатии занон ва ҷалби лашкари бузурги занони соҳибкор ва ҳунарманд барои ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа, тамоюлҳои мусбат ҳиссаи худро мегузоранд. Дар ин маврид, суханронии Маҳваш ном ҷавонзани тоҷик, солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар кишвар, ки дар яке аз ҳамоиши занони корҷӯ ҳангоми ташкилшавии яке аз созмонҳои ҷамъиятӣ баромад карда хеле ҷолиб буд: «Ман хуб дарк кардам, ки беҳбудии шахсӣ ва оилавии ман, пешрафти зиндагии ҳар яки мо ва давлатамон аз худи ман, вобаста аст. Ман фаҳмидам, ки ҳоло на танҳо ман ба давлат эҳтиёҷ дорам, балки акнун давлат низ бар ман ниёз дорад. Мо – шаҳрванди ҳамин давлатем ва бояд аз худ огоҳ бошем ва дар беҳбудии рӯзгорамон худамон фаъол бошем!» Ин суханон аз бедории шуури занони тоҷик дарак дода, чун як даъвати ҳидояткунанда чандин ҷавонону занони гуногунсоли ба бӯҳрони иҷтимоӣ гирифторшударо ба худшиносӣ, худташкилкунӣ, муташаккилӣ, масъулиятшиносӣ ва фаъол будан дар ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ водор намуд. Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ташкил шуданд, ки дар байни онҳо созмонҳои ғайридавлатӣ рушди хоса пайдо кардаанд. Ин яке аз нишондиҳандаҳо ва аломатҳои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ҳоло дар Тоҷикистон қариб 2 ҳазор ташкилотҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ дар самтҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ амал мекунанд, ки аз онҳо 200-тоашон хеле фаъолона бо масъулияти тамом дар байни ҷомеа ва давлат равобити мустаҳкаму муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро зинда нигоҳ медоранд. Алҳол14 марказҳои захиравии занон, 9 ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила, 22 хуҷраҳои тавонбахшии тиббии иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, 3 ҳуҷраҳои машваратии ташкилотҳои ҷамъиятӣ, дар ҳамкорӣ бо 34 бюроҳои ҳуқуқӣ, Муассисаи давлатии “Маркази ёрии ҳуқуқӣ”-и Вазорати Адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои ҷамъиятии ҳуқуқӣ фаъолияти сермаҳсул мебаранд. Фаъолияти онҳо қариб тамоми соҳаҳоро дар гирифта, ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маори-

фи ҷавонон, тандурустӣ, экология, баробарии гендерӣ, инчунин масъалаҳои амният ва ҳуқуқи инсон равона шудааст. Ин ташкилотҳои ҷамъиятии зикршуда ба Ҳукумати Тоҷикистон дар татбиқи Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила мусоидат намуда дар ҳамкории зич бо мақомоти маҳаллӣ ба ҷабрдидагони хушунати хонаводагӣ дар минтақаҳо кӯмаки ҳамаҷониба мерасонад. Фаъолияти ҷории ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар доираи Лоиҳаи Марказҳои захиравии занони Дафтари барномаҳои САҲА, ки аз ҷониби Норвегия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Финляндия, Иттиҳоди Аврупо, Андорра ва Олмон маблағгузорӣ мешаванд, амалӣ карда мешавад. Чунин аст нишонаҳои зоҳиршавии ташаккулёбии худшиносии миллӣ ва шуури шаҳрвандӣ, ки ҳисси ватанпарварӣ, дарки давлатдорӣ ва масъуиятшиносии иҷтимоӣ аз ҷузъётҳои он мебошад.

Бо дарназардошти тамоюли иҷтимоиву сиёсии замон ва мушкилоти созмонҳои ғайридавлатӣ дар Тоҷикистон, ба сабаби зарурати ҳамоҳангсозӣ ва муттаҳидсозии фаъолияти онҳо, Барномаи рушди созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 қабул гардида буд. Барномаи мазкур имкон дод, ки нерӯи инсонӣ ва зеҳнии шаҳрвандони кишвар фаъол гардида, масъулияти шахсии ҳар як шахс дар беҳдошти зиндагии хеш ва рушди кишвар баланд бардошта шавад, шаффофият дар фаъолияти мақомот таъмин карда шавад [3,6]. Ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ мувофиқи Барномаи мазкур ҳадафҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро дар назди худ гузошта, дар асоси принсипҳои ихтиёрӣ ва худидоракунӣ фаъолият мекунанд.

Таҳлил нишон дод, ки ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити демократии муносибатҳои бозорӣ дар марҳилаи гузариш аз марҳилаи рушди аграрӣ ба марҳилаи рушди босуръати саноатӣ муайяну ҳадафгузорӣ шудааст. Яке аз ҷузъиёти асосии ин раванд фаъолияти соҳибкорӣ ва инкишофи бахши хусусӣ чун субъекти фаъоли иқтисоди бозорӣ дар кулли соҳаҳои иқтисодиёт арзёбӣ мегардад, ки фаъолияти онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан, соҳибкории истеҳсолӣ як силсила ислоҳот ва қонунгузориҳо анҷом дода шудаанд. Таҳия ва қабули Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ, «Дар бораи сармоягузорӣ», «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)», қабули «Кодекси андоз», «Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» ва диг. бар беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва дахолати давлат ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ равона гардидаанд. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба ҳимоя, дастгирии давлатӣ ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намуда, кафолатҳои давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкориро таъмин мекунад. Иттиҳодияҳои субъектҳои соҳибкорӣ ташкилотҳои ғайритиҷоратие, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияташон, инчунин намояндагӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои соҳибкорӣ таъсис дода мешаванд, дастгирии кӯшишҳои инфиродии одамон, ташаббускорӣ ва ба фаъолияти муфид ҷалб шудану ҳавасмандгардонии онҳоро тақозо мекунад.

Ҳамин тариқ, ташаккулёбии сармояи иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони имрӯза дар партави кулли тағйиротҳои иҷтимоӣ, дар раванди гузариши муносибатҳои ҷамъиятӣ аз фазои ҷомеаи анъанавӣ ба муосирият муқаррар шудааст, ки чун як марҳилаи таърихӣ дар рушди ҳаёти ҷамъиятии мардуми кишвар шинохта мешавад. Бинобар ин таъмини суботи ҷомеа аз ташкили дурусту роҳандозии мушаххаси Ҳукумати давлатӣ вобаста аст. «Марҳилаи таърихӣ ифодаи ягонагии равандҳои таназзул, пайдоиш,шукуфоӣ ва дигаргуншавии низомхои иҷтимоӣ буда,... ҷомеаҳо бо мурури замон аз як ҳолату сифат ба ҳолату сифати дигар мегузаранд... Ивазшавии ҳар як марҳилаи таърихӣ боиси ҳалли худро ёфтани зиддиятҳои сершуморе мешавад ва умуман рушди ҷомеа дар маҷмӯъ имкониятҳои навро фароҳам меоранд» [5, 85].

Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлоли миллӣ баҳри таъмини сулҳу суботи ҷомеа барои ташкили ҳаёти иҷтимоии ҷо-

меа муносибатҳои ҷамъиятиро дар се сатҳи ба ҷомеаи шаҳрвандӣ хос мушаххас мегардонад. Дар сатҳи аввал муносибатҳои хонаводагӣ меистанд, ки бевосита дар наслофарӣ, тарбияи ахлоқии фарзандон, ташкили рӯзгору маишат, маорифу маданият алоқаманд мебошанд. Дар сатҳи дуввум муносибатҳои иқтисодӣ, бозаргонӣ мақом доранд, ки дар ин ҷо фаъолиятҳои гуногуни одамон, ки дар таъмини талаботҳои моддӣ ва маънавии шахсон, аҳли хонавода ва ҷомеа иштирок мекунанд, амал мекунанд. Сатҳи сеюми муносибатҳои иҷтимоӣ бо сиёсат алоқаманданд, ки он ташаккули шуур ва маданияти сиёсии ҳар як шахс ва мардумро дар бар мегирад. Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин се сатҳ вобаста ба ҳимоя ва дастгирии давлатии фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ғайритиҷоратӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таҳти унвони саноатикунонии босуръат, барои баланд бардоштани вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат ва таъмини зисту зиндагонии шоистаи мардум рушд мекунанд.

Ташаккулёбии сармояи иҷтимоии ҷомеа ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама, аз таъмини суботи иҷтимоӣ вобаста аст, ки он зарурияти танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, фаъолияту шуғл ва талаботҳои муқаррарии моддӣ ва маънавии инсонро ба миён мегузорад. Пешрафту тараққиёти ҷомеа ва давлат дар ин ҷода аз ташаккули шахсият, таълиму тарбия, маърифатнокӣ ва баланд шудани сатҳи шуурнокӣ, худшиносӣ, худташкилкунӣ, худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва сатҳи шуури шаҳрвандии аҳли ҷомеа вобаста аст. Яке аз самтҳои афзалиятноки ташаккули шахсият ин шуури шаҳрвандӣ ва тарбияи ахлоқӣ мебошад, ки он бо худшиносӣ, дарки ватандорӣ, шуури сиёсӣ, якпарчагӣ, масъулиятшиносӣ ва маданиятнокӣ мебошад.

Огоҳӣ аз худ ягонагии ботинӣ ва суботи шахсиятро дар назар дорад, ки новобаста аз вазъиятҳои тағйирёбанда мавқеи худро ҳамчун шахси қавиирода ва устувор нигоҳ медорад. Инсон чун мавҷуди беҳамто, тавассути таҷрибаи зиндагиаш худнигаҳдор аст: вай гузаштаро ба хотир меорад, имрӯзро аз сар мегузаронад, ба оянда умед мебандад. Таҷрибаи зиндагии ҳар як шахс, оила ва аҳли хонаводааш, таҷрибаи таърихии давлат ва ҷомеа як навъ сармояи иҷтимоист, ки тамоми робитаҳо ва нерӯи зеҳнӣ, моддӣ ва маънавии таърихии миллатро дар худ таҷассум мекунанд. Давомнокии чунин таҷрибаҳо ба одамон имкон медиҳад, ки худро дар як кулли воҳид муттаҳид созанд. Масъалаи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таърих ҳамчун оқилтарин ва мувофиқтарин ҷомеа маҳсуб меёбад, чунки дар он эъломияи ғояҳои озодӣ ва ҳуқуқи инсон, пеш аз ҳама, ба рушди зеҳнӣ, моддӣ-маънавии афроди ҷамъият барои ташкили муҳити солиму ҳастии гуворои иҷтимоии кулли одамон мусоидат мекунад.

Имрӯзҳо, он муҳити иҷтимоие, ки чунин як равобит ва муносибатҳои босуботи давлат ва ҷомеаро таъмин намоянд, на танҳо аз шароитҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва талаботҳои моддӣ, балки аз дохилшавии фаъоли ҳар фард ба марҳилаи таърихии ташаккул ёфтани сармояи иҷтимоӣ – андӯхтани таҷрибаи наву ташаккули сифати олии робита ва муносибатҳои хоси дастҷамъонаи инсон, давлат ва ҷомеа вобастаанд.

Ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин марҳила рамзи баробарҳуқуқии шахсоне мегардад, ки манфиатҳои хусусии хешро дар робита бо манфиатҳои ҷамъият ва давлат ба амал меоваранд. Тибқи ҳалли ин масъала, ба ақидаи мо, баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ, худташкилкунӣ ва тарбияи шуури шаҳрвандии аҳли ҷомеа нақши асосӣ мебозад.

Шуури шаҳрвандӣ қисми таркибии шуури сиёсӣ мебошад, ки дар он дарки ватандорӣ, давлатдорӣ, худшиносии миллӣ, зарурияти муташаккилӣ ва ҳамрайъӣ доштан, донистани маънии ҳаёти хеш, вазифашиносӣ, масъулияти иҷтимоии шахсӣ дар иҷрои вазифаҳо ва адои қарзи фарзандӣ дар назди ватан, ҷомеа, давлат ва дар назди башарият мебошад,ки, якдилӣ, якпарчагӣ ва суботи ботинии шахсро ба вуҷуд меорад. Шуури шаҳрвандӣ шахсро дар ишғол намудани мавқеъи фаъол дар ҳаёти ҷамъиятӣ водор месозад.

Адабиёт

1. Шарипов И. Становление таджикской государственности.- Душанбе,2013.- 120 с.
2. Куно Фишер. История новой философии. Гегель, его жизнь, сочинения и учения. Т.VIII. 463с.
3. Национальная программа развития Неправительных организаций в Республике Таджикистан. // Материалы Форума

НПО Таджикистана 14-15 май 2008г.в г. Душанбе.
4. Самиев А. Х. Историческое самосознание как самосознание общества. - Душанбе: РТСУ.- 411с.
5. Усмонзода Х. У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият.-Душанбе:Дониш,2020.-212с.
6. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ.2. - Душанбе: «Ирфон», 2002. - 512с.

СОЦИАЛЬНЫЙ КАПИТАЛ И УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ

Арифджанова Н. Р.

В статье рассматриваются вопросы формирования социального капитала и условия формирования гражданского общества в Таджикистане. Сейчас это происходит в условиях государственной независимости и демократии. Формирование социального капитала и гражданского общества происходит в русле социальных изменений на качественно новой основе – провозглашения демократических свобод и прав. С этой целью в стране осуществляется совершенствование рыночных отношений, формирование среднего класса, путем организации негосударственных правительственных и некоммерческих организаций, образование консультативных и ресурсных центров для женщин, политических партий и движений, объединение отечественных и международных общественных организаций.

Вопросы формирования социального капитала и гражданского общества в Таджикистане на данный период, с точки зрения социальной философии, является формирование гражданственности и повышение уровня самосознания граждан.

Ключевые слова: *исторический этап, социальный капитал, государство, государственная независимость, демократический строй, гражданское общество, неправительственные и некоммерческие организации, право и законодательство, общественные отношения, гражданственность, самосознание, ответственность, активная общественная позиция.*

SOCIAL CAPITAL AND CONDITIONS FOR THE FORMATION OF CIVIL SOCIETY IN TAJIKISTAN

Arifjanova N. R.

The article deals with the formation of social capital and the conditions for the formation of civil society in Tajikistan. It is now taking place under the conditions of state independence and democracy. The formation of social capital and civil society takes place in line with social changes on a qualitatively new basis - the proclamation of democratic freedoms and rights. For this purpose, the country is improving market relations, forming a middle class by organizing non-governmental governmental and non-profit organizations, establishing advisory and resource centers for women, political parties and movements, uniting domestic and international public organizations.

The issues of the formation of social capital and civil society for this period in Tajikistan, from the point of view of social philosophy, is the formation of civic consciousness, a sense of citizenship and an increase in the level of self-awareness of citizens.

Keywords: *historical stage, social capital, state, state independence, democratic system, civil society, non-governmental and non-commercial organizations, law and legislation, social relations, civic consciousness, self-awareness, responsibility, active public position.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

МАСЪАЛАИ ТАШАККУЛИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ВА РОҲҲОИ ТАРҒИБИ ОН ДАР ДОИРАИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН

Насурова Б. А. – н.и.ф.,, ходими пешбари илмии шӯъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А.Баҳоввадинови АМИТ (тел: (+992) 919960611; e-mail: behru@mail.ru)
Чилаева М. Т. - докторанти PhD-и шӯъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ (тел: (+992) 939171732)

Дар мақолаи мазкур ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон ва роҳҳои тарғиби он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Имрӯз давлат махсусан ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ дода, мекушад, ки барои ҳалли он тамоми шароитҳоро фароҳам оварад. Чунки, ҷавонон қишри асосии ҷомеа буда, бидуни омӯхтани мушкилоти онҳо наметавонем, оиди солимии миллат сухан ронем.

Вобаста ба ин, дар мақолаи мазкур кӯшиш намудем, ки вазъи кунунии ин масъаларо нишон дода, барои бартараф намудани мушкилотҳо таҳлилҳо ва ақидаҳои худро пешкаш намоем.

Калидвожаҳо: *ҷавонон, солимӣ, тарзи ҳаёти солим, дараҷаи зиндагӣ, сифати зиндагӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим, тарғибот ва ташвиқот, таҳқиқот.*

Масъалаи ташаккули тарзи ҳаёти солим ба вазъи саломатии аҳолӣ зич алоқаманд аст. Афзоиш ва тағйирёбии хусусияти фишорҳо ба ҳаёти инсон аз сабаби мураккабии ҳаёти иҷтимоӣ, афзоиши хатарҳои хусусияти сунъидошта, экологӣ, психологӣ, сиёсӣ ва ҳарбӣ боиси тағйироти манфии вазъи солимии аҳолӣ гардидааст. Ҳифзи саломатӣ ва ташаккули ҳаёти солим бевоситаи ба ҳар як шахс вобаста аст.

Масъалаи ташаккули тарзи ҳаёти солим ин нишондиҳандаест, муайян мекунад, ки шахс чӣ гуна шароити зиндагии худро барои ҳаёти солим мутобиқ мекунад. Унсурҳои асосии тарзи ҳаёти солим: тарбияи ҷисмонӣ, фаъолнокии мунтазам, ғизои дуруст, риояи реҷаи ҳаррӯза, гигиенаи шахсӣ, рад кардани одатҳои бад ба ҳисоб меравад.

Муҳаққиқон омилҳои зеринро, монеаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон меҳисобанд:

- надоштани тарбияи маънавӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва шуури ҷомеа;
- ақидаҳои носолим оиди ҳаёт;
- сатҳи пасти шароитҳои экологӣ барои ҳаёти муқаррарӣ;
- компютеркунонии босуръати ҷомеа, ки ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфӣ дорад;
- назорати нокифоя аз болои ҳаёти ҷавонон аз ҷониби оила, маориф ва ҷомеа [2, 34].

Масъалаҳои барномаи тарзи ҳаёти солим дар назари аввал хеле сода менамоянд. Маҷмӯи талабот барои тарзи ҳаёти солим аён аст: даст кашидан аз тамокукашӣ, даст кашидан аз майзадагӣ ва нашъамандӣ, варзиш, ғизои дуруст, аз ҷумла кам кардани таносуби хӯроки равғанӣ, истироҳати хуб, ҳавои тоза ва ғайра. Аз тарафи дигар, дар айни замон усулҳои маъмули ташаккули тарзи ҳаёти солим ва меъёрҳои арзёбии самаранокии онҳо вуҷуд надоранд. Дар асл, фаъолиятҳое, ки ба ташаккули тарзи ҳаёти солим нигаронида шудаанд, дар якчанд самтҳои ба ҳам алоқаманд баррасӣ карда шудаанд:

- корҳои таблиғотӣ ва фаҳмондадиҳӣ: мубориза бар зидди нашъамандӣ, тамоку ва дигар маъракаҳо бар зидди одатҳои бад;
- маҳдудиятҳои қонунгузорӣ – маҳдудият ва манъи таблиғи тамоку ва маҳсулоти машрубот;
- талабот ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти хӯрокворӣ оид ба огоҳонидани истеъмолкунандагон дар бораи таркиб ва ғизонокии маҳсулот;
- барномаҳои пешгирикунанда ва муоинаи тиббии маҳсулоти хурокворӣ;
- инкишоф додани фаъолияти ҷисмонӣ, варзиш ва истироҳат [3,87].

Дар ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон воситаҳои иттилоотии тарғибӣ-таш-

виқотӣ оиди ин масъала ҷойи муҳимро ишғол мекунанд. Ин воситаҳо ниҳоят гуногунанд, вале пеш аз ҳама телевизион, радио, матбуот ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои баррасии ин масъала нақши калидӣ доранд. Барои ба роҳ мондани ҳаёти солими ҷавонон, риояи қоидаҳои беҳдоштӣ-гигиенӣ, қоидаҳои бехатарӣ, машғул шудан ба варзиш, муошират ғайра, ки метавонанд ба рушди мутаносиби ҷавонон мусоидат кунанд, кӯшиши зиёд ба харҷ додан лозим аст.

Шарти муҳими ташаккули тарзи ҳаёти солим муносибати оқилона ба тарзи ҳаёти солим ва ташвиқоти он ба ҳисоб меравад. Ҳавасманд кардани таваҷҷӯҳи ҷомеа ба тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла тавассути васоити ахбори омма ниҳоят муҳим дониста мешавад. Таъсири васоити ахбори омма ба ҷавонон ниҳоят зиёд аст.

Бояд ба насли нав ҳарчӣ бештар намунаҳои мусбат нишон дод, то ҷавонон имкон дошта бошанд, ки на аз як тарзи ҳаёти солим ё носолим, балки аз навъҳои гуногуни рафтори солим ва созанда огоҳ бошанд. Дар айни замон барномаҳои гуногуни таълимӣ дар амалия ҷорӣ карда шудаанд, ки ба ташаккули саводнокии валеологӣ, ташкили тарзи ҳаёти солим ва таҳкими саломатии ҷавонон чӣ дар соҳаи таҳсилоти умумӣ ва чи дар соҳаи ҷисмонӣ мусоидат мекунанд, ки ниҳоят ба маврид шумурда мешавад.

Масъалаи ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳое ба ҳисоб меравад, ки қисми зиёди аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳанд. Мувофиқи таҳлилҳои Хазинаи нуфузи Созмони Миллали Муттаҳид Тоҷикистон яке аз мамлакати ҷавон ба ҳисоб рафта, аз руи маълумоти оморӣ зиёда аз 70 фоизи аҳолии кишварро ҷавонон ташкил дода, аз ин нишондиҳанда 38 фоизро ҷавонони синну соли 14-35 сола ташкил медиҳанд. Барои дар байни ҷавонон ташаккул додани тарзи ҳаёти солим бояд ба ҷанбаҳои асосии он махсус диққат дод, ки ин ба ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон замина фароҳам меорад [8].

Мутахассисон, олимон, демографҳо яке аз даъватҳои ҳазорсолаи навро проблемаи демографӣ медонанд, ки барои мамлакати соҳаи иҷтимоиёташ заиф ва дорои иқтисоди давраи гузариш хеле рӯзмарра мебошад. Таҳлили ҳолат нишон медиҳад, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасӣ ба ҳифзи саломатии наврасон ва ҷавонон дар сатҳи нокифоя аст, ки ин ба як қатор сабабҳо вобаста мебошад. Сабаби асосӣ – маблағгузории нокифоя, самаранокии сусти хизматрасонии тиббӣ, сатҳи пасти огоҳии аҳолӣ, инчунин таҳлили номукаммали сифати хизматрасониҳо ва сатҳи пасти мониторингу баҳодиҳӣ ба ҳисоб меравад.

Оиди масъалаи тарзи ҳаёти солими ҷавонон ҳама сола дар ҷаҳон тадқиқотҳои гуногуни сотсиологӣ гузаронида мешавад, Тоҷикистон низ яке аз ин давлатҳо ба ҳисоб меравад. Новобаста аз он, ки тадқиқотҳои мазкур зиёданд, бояд ёдовар шуд, ки ин масъала то ҳол дар ҷомеаи мо баҳсталаб боқӣ мондааст.

Агар натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологие, ки соли 2021 аз ҷониби мо гузаронида шударо таҳлил карда бароем, метавон гуфт, ки роҳҳои маълумотгирии ҷавонон оиди ташаккули тарзи ҳаёти солим ниҳоят гуногун аст. Сарчашмаи маълумотгирии ҷавонони мо оиди масъалаи ташаккули тарзи ҳаёти солим гуногун аст. Ҷавонони мо оиди ин масъала аз рӯзномаҳо 32,6%-ҳамеша, 44,2%- баъзан вақт, 15,3% -аҳёнан, 7,9% ҳеҷгоҳ маълумот мегиранд. Ҷавонон бар он назар ҳастанд, ки бояд рӯзномаҳо дар сатҳи зарурӣ оиди масъалаи ташаккули тарзи ҳаёти солим маълумот диҳанд ва ҳар вақте, ки ин масъаларо матраҳ менамоянд, бояд он ҳаматарафа таҳлил ва санҷида шуда бошад.

Мусоҳибоне, ки аз телевизион истифода мебаранд, қайд менамоянд, ки имрӯз ин масъала ниҳоят мавзӯи мубрам буда, бештар дар байни омма тарғиб карда шавад. Аз барномаҳои телвезионӣ 32,6%- ҳамеша, 53,8%- баъзан вақт, 7,6%- аҳёнан, 6% ҳеҷ гоҳ маълумот ба даст меоранд ва ин мусоҳибон қайд менамоянд, ки бояд ин маълумотҳои тарғибшуда нав бошанд ва диққати онҳоро ҷалб намуда тавонанд.

Радио низ имрӯз ба яке аз сарчашмаҳои муҳими иттилоотгирии ҷавонон табдил ёфтааст. Аммо мусоҳибон бар он назаранд, ки дар радио ин масъаларо ниҳоят кам тарғиб менамоянд. Мусоҳибон 11,5%-ҳамеша, 38,4%- баъзан вақт,17,5%- аҳёнан, 32,6% - ҳеҷ гоҳ аз радио маълумотро оиди ин масъала мегиранд [5,30].

Аксари ҷавонон дар ҳаёти худ шабакаҳои иҷтимоиро барои маълумотгирӣ оиди ин масъала қулай ва дастрас медонанд ва онҳо қайд менамоянд, ки дар дилхоҳ вақт метавонанд оиди ин масъала маълумот гиранд. Аз шабакаҳои иҷтимоӣ 59,6%-ҳамеша, 28,8%- баъзан вақт, 9,6%- аҳёнан, 2%- ҳеҷ гоҳ маълумот ба даст меоранд. Аз сарчашмаҳои дигар 15,2%- ҳамеша, 28,8%-баъзан вақт, 31%- аҳёнан, 25%- ҳеҷ гоҳ иттилоотро ба даст меоранд.

Ба ақидаи мутахассисон, 50%-и ҳаёти солим аз дурнамои тарзи ташкили ҳаёти солим вобаста аст, ки ин аз фаъолияти якҷояи институтҳо дар амал тадбиқ карда мешавад. Яке аз чунин институтҳои муҳим–ин институти маориф ба ҳисоб меравад, ки дар байни ҷавонон тарзи ташкил кардани ҳаёти солимро таблиғ ва паҳн намуда метавонад. Дар мамлакатҳои мутараққӣ тарзи ташкил кардани ҳаёти солим дар донишгоҳҳо омӯзонида мешавад. Бояд ҳар як ҷавон тарзи ташкил кардани ҳаёти солимро ба маҳорат, дониш, варзиш алоқаманд намуда, дар зиндагии худ ба он риоя кунад [1,45].

Омӯзиши ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонон яке аз мушкилотҳои асосӣ эътироф гардидааст. Ташаккули тарзи ҳаёти солим хусусиятҳои худро дошта, ҳангоми амалӣ гаштани он мо метавонем, оиди ҳаёти солим сухан ронем. Ҷавонон ҳамчун гурӯҳи муҳими ҷомеа эътироф гардида, давомдиҳандаю паҳнкунандаи арзишҳои иҷтимоӣ маҳсуб мешаванд. Маҳз мо бояд тарзи ҳаёти солимро дар байни ин гурӯҳи аҳолӣ ташаккул диҳем, чунки солимии ҷавонон маҳз солимии миллату давлат эътироф карда мешавад.

Имрӯз дурнамои солимии ҷавонон нисбат ба солҳои пешин фарқунанда ба ҳисоб меравад, чунки ҷавонон пеш аз ҳама ба масъалаи тарзи ҳаёти солими худ махсусан диққат медиҳанд. Имрӯз сатҳи шуурнокии ҷавонон пеш рафта, онҳо бар зидди одатҳои бад ба монанди сигоркашӣ, майзадагӣ ва нашъамандӣ мубориза мебаранд. Тоҷикистон аз нигоҳи демографӣ дар ҳоли рушди доимӣ қарор дошта аз нисфи зиёди аҳолӣ, яъне қувваи асосии пешбарандаи онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Бинобар, ин давлат масъалаи наврасону ҷавонон ва ҳалли мушкилоти ҳаёти онҳоро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии худ эълон намудааст. Ба хотири таъмини шароити ҳаёти арзандаи онҳо аз тарафи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёде ба сомон расонида шуданд.

Давлати мо, яке аз кишварҳои ҷавонтарин дар дунё ба шумор рафта, аксарияти аҳолии онро ҷавонон ташкил медиҳанд ва онҳо нерӯи бузурги рушди кишвар мебошанд. Чунонки ишора намудем, дар шароити муосир танҳо доштани нерӯи ҷисмонии холис барои рушди як кишвар кифоя нест, балки баръакс, баъзан мавриди истифодаи нодуруст қарор гирифтани он, дарди сари як давлату ҳукумат шуда метавонад. Аз ин рӯ, нерӯи ҷавонон танҳо дар он ҳолат сазовори ифтихору шараф аст, ки агар он сарчашмаи тавлидкунандаи идеяву назарияҳои нави илмӣ, созандагӣ, ободкориву бунёдкорӣ, омили субот ва солимии ҷомеа ва амнияти давлатӣ бошад. Ғайри он, ин нерӯи бузург метавонад омили қафомонӣ, бенизомиву бетартибии ҷомеаву давлат ва паст фаромадани обрӯву нуфузи давлат дар минтақа ва арсаи ҷаҳон гардад. Албатта, барои он, ки як давлат соҳиб ва барандаи нерӯ ва захираи муайяни ҷисмониву зеҳнии ҷавонон бошад, аввал вақт, дуюм барномаи мушаххас, сеюм – иқтисодиёти тараққикарда ва ниҳоят иродаи сиёсии роҳбарияти кишвар лозим аст. Солимии наврасону ҷавонон зери назорати қатъии Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад. Қабул ва гузаронидани чораҳои зарурӣ бо мақсади пешгирии паҳншавии нашъамандӣ, вируси норасоии масунияти одам, гепатити вирусӣ ва дигар бемориҳои бо хун гузарандаи миёни нашъамандон, ки аксар ҷавононанд, барои коҳиш додани теъдоди онҳо мусоидат намуд. Дар назди 11 маркази клиникии наркологӣ ба фаъолият шуруъ намудани бахшҳои табобати ҷойивазкунанда, ки ба тарзи ройгон бо маводи доруворӣ аз нашъамандӣ бароварандаи беморро таъмин менамоянд ва маҳфуз доштани он, тамоюли пастравии шумораи ҷавонони нашъамандро тасдиқ намуд. Дар ҷараёни ислоҳоти соҳаи тандурустӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои дастрасӣ, сифат ва самарабахшии хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва ҳамчунин рушди шаклҳои нави кӯмаки тиббию санитарӣ таваҷҷӯҳи хосса дода, фарди солим, оилаи солим ва ҷомеаи солимро пуштибонӣ менамояд.

Бо мақсади ҳифзи солимии ҷавонон ва дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои тиббӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сатҳи миллӣ ва соҳавӣ тасдиқ шуданд, ки миёни онҳо солимии репродуктивии аҳолӣ ва солимии ҷавонон мақоми хосса доранд. Беҳтарсозии солимии репродуктивии аҳолӣ дар асоси эътирофи ҳуқуқи репродуктивии марду зан ва дастрасӣ доштан ба усули бехатар, самарабахш ва қобили қабули танзими оила равона гардидааст. Таъсисёбии хадамоти хизматрасониҳо ба ҷавонон баҳри амалисозии «Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» дар ҳамкорӣ бо Ташкилоти ғайридавлатии байналмилалии «Каре Тоҷикистон», Хазинаи кӯдакони СММ ва Хазинаи глобалӣ оғоз гардида, айни ҳол дар 21 шаҳру навоҳии кишвар Шуъбаҳои тиббӣ-машваратии ҷавонон ба тарзи ройгон фаъолият менамоянд. Амалисозии «Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ҷалби мутахассисони вазоратҳои маориф, фарҳанг, меҳнат, Кумитаи телевизон ва радио, Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар сохторҳои марбутро тақозо намуд [9]. Айни ҳол татбиқи васеи барномаи мазкурро 71 маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим дар шаҳру ноҳияҳои кишвар таъмин менамоянд. Дар сохтори Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ислоҳоти гузарондашаванда барои ҳалли масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим шабакаи хадамоти ташаккули тарзи ҳаёти солим ташкил карда шудааст, ки бояд ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳоро дар соҳаи мустаҳкам намудани саломатӣ, маъракаҳои ҷамъиятию иттилоотӣ ва сафарбарии ҷамоатҳо амалӣ намояд, вале хадамоти мазкур дар ҳаҷми пурра фаъолият намекунад.

Барои иттилооткунонии аҳолӣ воситаҳои ахбори умум нақши муҳим доранд, ки аз тарафи Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарпарастӣ карда мешаванд. Бо вуҷуди он, ки барномаҳои махсуси “Мадади Сино”, “Таваҷҷӯҳ”, “Тарзи ҳаёти солим” дар шабакаҳои телевизиони тоҷик ташкил карда шудаанд, инъикоси масъалаҳои тартиби тарзи ҳаёти солим беҳбудиро металабад. Дар баробари ин дар масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳми муҳим гузошта метавонанд. Ташкилотҳои байналмилалӣ фаъолияти худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намуда, дар тартиби ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ саҳми назарраси худро мегузоранд, вале кори мазкур берун аз ҳамоҳангсозӣ ва муносибати ягона бо сохторҳои мувофиқи Вазорати тандурустӣ сурат мегирад. Ҳамин тариқ, тартиби тарзи ҳаёти солимро аз сабаби набудани ҳамоҳангсозии умумӣ, муносибати нокифояи байнисохторӣ дар ҳалли масъалаҳои саломатӣ ва дар сатҳи зарури фаъолият накардани воситаҳои ахбори умум нишон медиҳанд. Пешбурди соҳаи ташаккули тарзи ҳаёти солим ҳамкории судманди воситаҳои ахбори оммаро талаб намуда, барномаҳои «Мадади Сино» (ТВ «Тоҷикистон»); «Ҳукм», «Дар ин замона», «Равзанаи умед», «Субҳ ба хайр, Тоҷикистон» (ТВ «Сафина»); «Тандурустӣ» (ТВ «Ҷаҳоннамо»); «Шифо» (ТВ «Баҳористон»); «Шифо» (радиои «Тоҷикистон») ва дигарон онро мунтазам тарғиб менамоянд [4,65].

Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим ва дигар марказҳои ҷумҳуриявии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (эмтаъминкунӣ, клиникаи эндокринологӣ, клиникаи бемориҳои кардиологӣ, клиникаи ортопедия ва осебшиносӣ, клиникаи бемориҳои касбӣ, клиникаи наркологӣ ба номи профессор М.Ғ.Ғуломов, пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО, бар зидди бемориҳои сил, мубориза бар зидди бемориҳои тропикӣ, маркази миллии солимии репродуктивӣ, Маркази ҷумҳуриявии таҳлили илмии хун, Маркази ҷумҳуриявии саратоншиносӣ, Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии тибби профилактикии Тоҷикистон) ва дигар хадамоти тандурустӣ бо муттаҳид намудани саъю кӯшиши бахши давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин мақомоти ҳокимияти давлатӣ ваниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси иттиҳод ва шарикӣ дар доираи барномаҳои амалишаванда ва дурнамои соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ татбиқи сиёсати ташаккули тарзи ҳаёти солимро дар ҷумҳурӣ таъмин менамоянд [7].

Имрӯз ин масъала ба ҳар як оила таалуқ дошта, волидайн бояд дониши зарурӣро оиди ин масъала дошта бошанд, то та-

вонанд ба ҷавонон роҳҳои тарғиб ва пешгирии масъалаи ташаккули тарзи ҳаёти солимро фаҳмонанд. Ҷавонон иттилооти заруриро бояд оиди ин масъала ба даст оранду онро дар ҳаёт истифода баранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи мазкур дар солҳои охир мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтааст. Ҳамарӯза таввасути ВАО барномаҳои гуногуни бахшида ба ин мавзӯъ ташвиқу тарғиб гардида истодааст. Олимону коршиносони соҳаҳои гуногуни ҷомеа низ ба ин масъала таваҷҷӯҳ зоҳир намуда истодаанд. Таввасути барномаҳои телевизони ҳамарӯза оиди тарғиби тарзи ҳаёти солим ба оммаи халқ маълумот дода, хотиррасон менамоянд, ки наврасон ва ҷавонон бояд бештар ба ин масъала диққат диҳанд.

Тоҷикистон аз нигоҳи демографӣ дар ҳоли рушди доимӣ қарор дорад ва аз нисф зиёди аҳолӣ, яъне қувваи асосии пешбарандаи онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Бинобар, ин Пешвои миллат асосгузори сулҳу ваҳдат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи ҷавонон ва ҳалли мушкилоти ҳаёти онҳоро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон кардааст [6,87].

Инчунин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисон махсусан ба ин масъала диққати худро равона намуда, як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул кардааст. Хуб мешуд, ки тавассути телевизион ҳарчӣ бештар барномаҳои бахшида ба ин масъала пешкаши омма мегардид. Аз ин сабаб, бояд махсусан ҷавонон ба ин падида таваҷҷуҳ дошта бошем.

Ҷавонон қувваи бузург ҳастанд ва ҳар миллат дар ҳар давру замон аз ҷавонони худ умеди ояндаи нек мекунад. Умуман, ҷавонон дар маркази ҳама гуна тағйироту табаддулотҳои ҷиддӣ ва ҳам нек дар кишварашон буданд. Таърихи инсоният аз он гувоҳи медиҳад, ки ҷавонон неруи созандаи бузург ба шумор мераванд. Мутахассисон, олимон, демографҳо яке аз даъватҳои ҳазорсолаи навро проблемаи демографӣ медонанд, ки барои мамлакати соҳаи иҷтимоиёташ заиф ва дорои иқтисоди давраи гузариш хеле рӯзмарра мебошад. Таҳлили ҳолат нишон медиҳад, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасӣ ба ҳифзи саломии наврасон ва ҷавонон нокифоя аст, ки ин ба як қатор сабабҳо вобаста мебошад. Сабаби асосӣ – маблағгузории нокифоя, самаранокии сусти хизматрасонии тиббӣ, сатҳи пасти огоҳии аҳолӣ, инчунин таҳлили номукаммали сифати хизматрасониҳои иҷрошаванда, сатҳи пасти мониторинг ва баҳодиҳӣ мебошад.

Адабиёт

1. Амосов Н.М. Энциклопедия Амосова. Раздумья о здоровье. – Москва «Наука», 2005. –650 с.
2. Владимиров П.С., Дронюк В.И. Проблемы здорового образа жизни, возникающие среди молодого поколения.– М.: «Наука». 2015. – 230 с.
3. Иконникова, С. Н. Молодежь: Социологический и социально-психологический анализ/С.Н. Иконникова. Том.1. – Л.: «Сталкер», 1974. –370 с.
4. Набиев В. Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол.-Душанбе.: «Ирфон», 2015. - 289с.
5. Насурова Б.А.,Чилаева М.Т. Тарзи ҳаёти солими ҷавонони муосир. // Ахбор. 2021. №3.-189с.
6. Ҳамидов И. И. Нерӯи ояндасози миллат.- Душанбе: «Шарқи озод», 2011.-122с.
7. www.vazorati tandyrusti/ (санаи мурочиат 18.09.2022)
8. www.stat.tj. (санаи мурочиат 04.10.2022)
9. http://majmilli.tj // Ҷавонон нерӯи тавонои ҳамгироӣ. (санаи мурочиат 10.10.2022)

ПРОБЛЕМА ФОРМИРОВАНИЯ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ И ПУТИ ЕГО АГИТАЦИИ СРЕДИ МОЛОДЕЖИ ТАДЖИКИСТАНА

Насурова Б. А., Чилаева М. Т.

В данной статье рассматриваются проблемы формирования здорового образа жизни молодежи и пути его пропаганды в молодежной среде. Сегодня государство уделяет этому вопросу особое внимание и старается создать все условия для его решения. Потому что молодежь – основная прослойка любого общества, и без изучения ее проблем мы не можем о здоровье нации. В связи с этим в данной статье авторы попытались показать текущее состояние проблемы и дать выводы и предложения по преодолению существующих проблем в данной области.

Ключевые слова: *молодежь, здоровье, здоровый образ жизни, качество жизни, формирования здорового образа жизни, пропаганда и агитация, исследования.*

THE PROBLEM OF CREATING A HEALTHY LIFESTYLE AND WAYS OF ITS PROMOTION AMONG YOUTH OF TAJIKISTAN

Nasurova B. A., Chilaeva M. T.

In this article the author discusses the building of a healthy lifestyle of young people and the ways healthy lifestyle can be promoted among young generation. Today government policy pays a special attention to this issue and makes efforts to create conditions for its solution. Since youth make the main segment of every society, discussions about the health of the nation without examining youth's healthy lifestyle. In connection with this, the article demonstrates the current situation of this issue and presents our analysis and opinions to overcome the problems.

Keywords: *healthy lifestyle, health, development, young people, promotion and agitation, research.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

НАЦИЯ, НАЦИОНАЛЬНАЯ КУЛЬТУРА: ЕЕ СУЩНОСТЬ, СТРУКТУРА

Джураев А. Х. - к.ф.н., доцент ТГУПБП
e-mail: juraev@mail.ru; тел.: (+992) 927524466

В статье анализируется процесс формирования нации и национальной культуры, существующие разночтение в понимание нации в теории и на практике ее использования и элементы определяющую национальную культуру. Подчеркивается, что особенности национальной культуры обнаруживается в коллективной памяти, историческом сознании, национальном характере и менталитете, которые так или иначе обнаруживается в национальном искусстве, литературе, в элитном и народном творчестве нации. Национальная культура рассматривается в контексте мировой культуры и все чаще обнаруживающейся глобалистской культуры как продукта глобализации культуры, которая сегодня требует особого исследовательского внимания.

Ключевые слова: *нация, национальная культура, мировая культура, коллективная память, историческое сознание, национальный менталитет, национальное искусство, глобалистская культура.*

Существования национальной культуры с ее особенностями является одним из проявлений многообразия человеческого существования. Исследование национальной культуры как социального явления непосредственным образом связано с пониманием происхождения и сути такого социально-исторического явления как нация. Естественно национальная культура продукт образования и формирования нации как новой общности людей и ее возникновение связано с экономическими, политическими, изменениями периода распада феодализма и становления капитализма, а также обусловлено религиозными, расовыми, психологическими, географическими и климатическими условиями бытия людей в эту эпоху. Понятия «нация» кажущееся понятным обыденному сознанию, на самом деле, не только в теории, но и на практике его использования разно чтимо среди философов, социологов, государственных деятелей, с одной стороны, оно указывает на этнические истоки исторически формируемой общности, с другой стороны, на единство особенностей базирующиеся на политико-территориальной общности, все меньше, указывая на этнические корни. Современный анализ полемики по этим вопросам дан в книге «Этнос, нация, ценности: социально-философские исследования» [10].

Практикуемое в западной традиции, понятие нации далеко ушло от первоначального значения нации, ассоциируемое с этнической общностью. В документах ООН нация - это граждане, живущие в пределах одного государства, так, что понимание нации само по себе неоднозначно.

Сложные социокультурные процессы развертывающиеся, в связи с формированием нации исследуются, сегодня марксистскими и неомарксистскими, также современными течениями как примордиализмом (П. Берге, Л. Гумилев, Пол Шо , Юва Вонг), инструментализмом (Д. Белл, Г. Вулп, Н. Глейзер, Д. Мойнихэн) и конструктивизмом (Э. Ренан, Э Гидденс, Ю. Хабермас), модернистскими (Э.Геллнер) и постмодернистскими течениями (Ч.Тилли, В.Макнейл)[4].

С их помощью описывается противоречивый и сложный путь складывания нации и национальной культуры, объективные и субъективные факторы, связанные с центробежными и центростремительными силами, консервативно-охранительными или революционно-модернизационными проектами и практическими путями их реализации.

Анализируя две крайние точки зрения, т.е. рассмотрение «нации» лишь с сугубо этнической сутью или наоборот, его отождествление с простым гражданством, Кржевов В.С. отмечает: «…центральным здесь оказывается вопрос, следует ли считать

«нацию» полноценной этнокультурной общностью или все же правы те, кто видит в ней только множество людей, искусственно объединённых общим гражданством (как известно, именно такое понимание развивают сторонники т.н. крайнего, или жесткого, «конструктивизма») [4,113].

Как отмечает Момджян К.Х. «Достаточно сказать, что почти вся полемика примордиализма и конструктивизма в понимании наций упирается в вопрос, являются ли они стихийно сложившимися общностями или организациями, которые конструируются государственной властью в соответствии с идеологическими доктринами национализма, возникающими ранее самих наций [5, с.16].

В человеческой истории нации предшествовали другие общности людей как род, племя, народ, (этнос), каждая из которых основана на базе этнической единства, общности языка взаимодействия, особого способа жизнедеятельности, символического опредмечивания мира, ментальных особенностей, самоидентификации и самосознания, что составляет основную суть их культуры. Осознание этой общности людьми, представляемая ею удобство для жизнедеятельности, безопасность человека в отношении экономической, социальной, духовной жизни, естественно приводит к культурному сближению людей. Нация как социальный организм становится субъектом культуры, когда самостоятельно определяет свое культурное развитие. Субъекту культуры характерно не только осознанное продуцирование в собственных границах тех традиций и предшествующего опыта, которые поддерживает и сплачивает общность, а также его способность обеспечивать дальнейшее развитие нации в контексте сложных социокультурных и политических процессов мира.

Известный русский философ-культуролог В.М. Межуев опираясь на размышления русских философов, мыслителей пытается анализировать суть национальной культуры, на основе выделенных ими наиболее существенных черт национальной культуры: культурное единство, куда входят религия, язык, система нравственных понятий, общность быта, искусство, литература. Соглашаясь с мнением, что национальная культура проявляется в тех перечисленных элементах, Межуев В. М. все же подчеркивает, что «ни один из этих элементов сам по себе не может служить признаком, отличающим одну национальную культуру от другой» [7,85]. Существенным резоном такого утверждения служит наднациональный характер некоторых мировых религий, языка и т.д. Поиск «субстанциальной основы» через метафизические сущности « души», «коллективной души», по его мнению, не дает основания для выделения национального. «Правильнее, видимо, считать нацию - пишет Межуев В. М. - понятием не субстанциальным (т.е. заключающим в себе некий метафизический или психологический субстрат), а функциональным, существующим в системе определенных соотношений). Применительно к национальной культуре это означает, что каждая из них существует только в отношении к другим национальным культурам» [7,86].

Факторы, приводящие к единству больших групп людей, могут быть разными, и зависимы от сложных исторических обстоятельств. В истории каждой национальной культуры эти факторы не могут быть константными, для одних язык, для вторых - религиозная общность, для третьих - политическое или территориальное культурно-цивилизационное пространство и т. д. Не преувеличивая, ни один из факторов в формирование и развития и сохранение национальной культуры необходимо говорить все же о языке как важнейшем составляющем в структуре национальной культуры. Язык - это средство фиксации, освоения и передачи опыта, обеспечения преемственности поколений, организации жизни и важнейшее средство культурно-цивилизационного развития любой человеческой общности. Языковая картина мира, представляет собой картину мира данного этноса , носителей языка и включает в себя видение национально-культурных особенностей. Поэтому письменные источники, культурная информация в виде поэтических, философских, искусствоведческих, религиозных, исторических источников - (коллективная память), составляют базу формирования исторического сознания с учетом исторического пространства

их возникновения и социальной, географической, климатической среды, в которой формируется каждое новое поколение. В них отражается история взаимодействия и взаимоотношения с окружающей средой, географические особенности, климат, ландшафт, горная местность или долинная, холодный или жаркий пояса земли и т.д. (огонь это символ жизни, дарящий тепло - огнепоклонство, огонь как средство наказания в жарких местах) накладывают отпечаток на особенности восприятия природы и отношения с другими общностями, осознание между ними общего и различия, своего и чужого, дружественного и враждебного, причин благополучия и ограничений, зависящих от внешнего воздействия. Они непосредственным образом влияют на национальный характер, включающий в себе отличительные особенности восприятие мира присущие членам какой-то общности, поступки и поведения, проявление темперамента, вкусов, эмоций, предпочтений. Это отражение в психике представителей этноса своеобразных исторических и климатических условий её существования. На этой основе складывается и менталитет, выражающийся в особом психическом складе ума, эмоциональных и ценностных неотрефлектированных установках и ориентациях. Относительно полный обзор исследований по понятию менталитет дан в работе М.А. Шумина [9]. В менталитете нации, фиксируются достаточно устойчивые взгляды в структуре духовной жизни человека о себе и других, ценностные предпочтения этноса, поведенческие стереотипы - некая общая черта какой-то общности. Поэтому понятия, русские или американцы, евреи или немцы ассоциируются по-разному в сознание какого либо другого этноса. Они, эти ассоциации, возникшие на протяжении исторического бытия этноса и взаимоотношения с другими человеческими общностями, укореняются в глубинном сознании этноса, передаются из поколения в поколение.

Как отмечает Гуршинский Б.С., «По существу, менталитет социума производная от широко понимаемой культуры, хотя и сам менталитет порождает и изменяет культуру» [3,133]. Менталитет включает такие элементы в структуре духовного сознания, которые характеризуются, иррациональностью, нерефлектируемостью, подсознательностью или бессознательностью, коллективистским характером. Хотя в менталитете или близкому к ним понятию архетип, указывается на устойчивый характер этого явления в структуре духовного сознания народа, менталитет меняется в зависимости от социокультурных изменений. Главное в понимание менталитета в свете, рассматриваемом нами проблемы заключается в том, что национальная культура, так или иначе, подвержена влиянию внутренних ментальных свойств народа. Менталитет влияет на оценку происходящих культурных процессов, оказываясь частью потаенных коллективных представлений, даже мировоззрения человека, служит некой мотивацией, стимулом создания продуктов материальной и духовной культуры с национальной окраской и идейной направленностью, будь то искусство, литература, влияет даже на выбор и развитие в рамках национальной культуры жанровых особенностей видов искусства, а национальное искусство как наиболее яркое проявление творческих возможностей народа в национальной культуре, представляет собой особое пространство, направленное на реализацию ценностных ориентиров, выработанных на протяжении совместной жизни членов этноса.

В историческом сознании может отражаться противоречивость национального исторического бытия, в том числе, позитивные и негативные аспекты сосуществования с другими общностями и их последствия, прошлое и настоящее, как например, противоречие между исторически широким культурно-созидающим пространствам этноса и нынешним ограниченным территориально государственным расположением, сложившимся в силу исторических обстоятельств - предшествующий контекст культуры. В таджикском менталитете всегда присутствует этот момент, поскольку в нем отражается исторический факт сужения культурного пространства таджикского этноса нынешней государственной границей, неадекватной их былому широкому культуросозидающему пространству. Это не означает, что человек в национальной культуре формируется только прошлым быти-

ем. На нее влияет реальность ее настоящего бытия, которая определяет отношение к прошлому, сложившимся традициям, на базе новых потребностей организации жизни с учетом меняющегося социально-культурного контекста. В годы становления советской власти стремление пролетарской, затем социалистической культуры было связано с попыткой создавать «с чистого листа» новую историю и культуру народов, вступивших на социалистический путь развития. Культурное прошлое народа подлежала, переосмыслению в соответствии с ценностями новой советской идеологии, поэтому в духовное обращение вовлекались те идеи, представления, совпадающие с официально признанными и утвержденными идеями. Приобщая общества к предшествующей культуре, эта система выдвинула идеалы и ценности, базирующиеся на понимание истории культуры каждого народа как историю борьбы за освобождения от гнета эксплуататорского класса.

Национальная культура делится на элитную и народную культуру. При всем интенсивном взаимодействии этих уровней культуры, их субъектами являются разные категории людей. Элитную представляют писатели, поэты ученые, представители творческой интеллигенции, создающие интеллектуальную почву самоидентификации нации, прежде всего, на базе предшествующей письменной традиции, безусловно черпая также ее в национальных особенностях, ценностях утвердившихся в духовной и материальной жизни простого народа: в народных сказаниях, ценностях, фольклоре, обычаях, традициях, праздниках, национальной кухне, костюме, народных ремеслах, которые в относительно неизменном виде сохранили их специфические элементы, в силу более или менее изолированного бытия, т.е. менее подвергшихся внешнему воздействию. Традиции как механизм передачи культурных ценностей, служит сохранению устойчивости национальной идентичности. Культурная идентичность, важнейшая составляющая национальной культуры и означает процесс отождествления человека к какой-то уже сложившейся системе культурных ценностей, которая , в то же время, играет основную роль в формировании различных общностей людей, в том числе нации. Верность памяти и ценностям, символам, воспоминаниям о прошлой жизни предков, славные страницы истории традиционно служат основаниями культурной идентичности, средством самовыражения и самообоснования уникального пути развития, и они часто используется для сплочения нации. Особа роль религии в истории формирования национальной идентичности. Однако религиозная общность не только сближает людей, но и разделает нации- приверженцев одной религии от другой. Вера в одну из религий представителей разных национальностей формирует общую религиозную идентичность на основе религиозной символики. Многие элементы национальные культуры нравы, традиции, обычаи, идеалы, запреты, нормы, ценности связаны с религиозной принадлежностью нации. Как отмечает А.Н. Чумаков, «На фоне значительных достижений науки в XIX и особенной XX в., когда шло активное наступление на религию, многие ученые полагали, что религиозные воззрения под натиском научных открытий и достижений окончательно утратят свое значение и привлекательность. Однако реальность оказалась несколько иной и вопреки подобным настроениям к началу XXI в. вопросы веры продолжают занимать огромное место в культурном контексте, как отдельных народов, так и всего человечества» [8,167]. Религии все больше играют дифференцирующую и интегрирующую роль во взаимоотношениях между национальными культурами.

Особо следует отметить, что на всем протяжение человеческого общества нация как этнокультурная общность и политика вступали и продолжают вступать в особые достаточно противоречивые отношения между собой. Субъекты политики всегда исходили из политической целесообразности освоения той или иной культурной информации, в собственных интересах поддерживали или притесняли те или иные проявления культурных явлений в своем политическом пространстве. Они в культуре находили основание своей легитимности, или наоборот, предавали забвению те проявления культуры, которые затмевают культурную предысторию этнических групп, вы-

шедших на политическую арену. Это явление относится к тенденциям, связанным с политическим конструированием «титульной нации» в угоду идей национализма.

Парадоксальная ситуация создалась с таджикской культурой во время размежевания национальных государств по принципу преимущественного проживания тех или этносов на территории бывшего Союза. Не вдаваясь в историко-хронологические перипетии это процесса следует отметить, что государственное образование таджикского народа, стоящего у истоков культурного и цивилизационного развития центрально азиатского региона было отброшено на периферию этого региона, которое по определению не могло позволить раскрыться всецело не только его культурному потенциалу, но и социально- экономической организации жизни в период формирования Советского Союза. Потому, что она была лишена мгновенно культурно-цивилизационной фундамента, созданного на протяжении тысячелетней истории в городских центрах, в которых происходили культурные события таджикского этноса. Преемственность в развитии таджикской культуры окончательно прервалась в обеих сторонах таджикского мира, периферийная часть, (преимущественно горная часть), в которой было создано национальное государство не могло освоить в полной мере предшествующий опыт оригинальной материальной культуры в виде градостроительства, архитектуры, достигнутого цивилизационного обустройство людской жизни, на основе выработанных веками традиций и оставленных предшествующим поколением, а центральная часть на своей земле, но в составе чужого государства, с иной титульной нацией, не только не может освоить, она уже не способна оформлять свое творчество в национальную форму, особенно в языковую, в силу того, что политика государства начинает движение в сторону мононациозации. Результат катастрофических последствий государственного размежевания на территории Центральной Азии – это неадекватность целостной территориально-политической и этно составляющей сути таджикской культуры. Большинство субъектов и носителей таджикской культуры, так называемого «ядра» таджикской культуры остались за пределами современного таджикского государственного образования.

Множество исторических социокультурных явлений и процессов уже не входят в состав актуальной таджикской культуры и не становится историко - культурным потенциалом новой эпохи в развитии таджикской нации, а также фундаментом вариативных возможностей социокультурного развития. Хотя историческое сознание народа сохраняет память о пространстве исторического производства и развития таджикской культуры, но политическая корректность в условиях их нахождения на территории иного национального государства не позволяет артикулировать ее в полной мере. К тому, же государственное образование, на территории которого взращены высочайшие образцы культуры, автоматически рассматривается как наследие «титульной нации». В этом случае, по словам Кржевов В.С. государство стремится к создания «национального государства» как государства либо полностью этнически гомогенного, либо построенного на началах доминирования, т.н. титульной нации» и соответственно явной или скрытой дискриминации всех прочих этнических групп» [4, 113].

Процессом национально-территориального размежевания шло в направлении повсеместного формального переименования таджикского этноса, на имя титульной нации, целенаправленной культурно-просветительской работы по изменению самоидентификации на почве пантюркистской идеологии, закрытие всяких возможностей самореализации коренного народа в политическом, экономическом и культурном поприщах с таджикской идентичностью. Да, эти народы рука об руку жили вместе много веков, они взаимно обогащали друг друга, но разница в их исторической роли, в особой культуросозидающей и просветительской миссии таджикского народа как субъекта культуры, в создании и развитии обширного до мусульманского и мусульманского культурно-цивилизационного пространства. Не случайно элементы быта, архитектуры, музыки, искусства, религии, свидетельствующие о первых и последующих шагах к цивилизационному развитию обозначены персидским языком (сартарошхона, шашмаком и т.д.), затем заимство-

ваны соседними народами, по причине либо отсутствия самих этих явлений или слов обозначающих их, а если даже эти слова на арабском языке, то они перешли на языки других соседних народов, сначала освоившись в таджикской культуре, как *мактаб, ҷумҳурӣ* и т.д. Они были проводниками исламской культуры со всеми атрибутами их распространения по всей Центральной Азии. Это произошло через их освоение в первую очередь таджикскими интеллектуалами религиозной исламской духовности и ее адаптацию в местную и чужеродную культуру посредством их просветительской миссии, далеко идущей границы их собственного культурного бытия. Учитывая весь этот исторический фон, следует признать, что национальная политика большевиков способствовало конструированию титульной нации в соседней стране за счет умалчивания или игнорирования безоговорочной роли таджикской национальной культуры в этом культурно-цивилизационном пространстве, история которой уходит вглубь исторического прошлого центрально азиатского региона.

Глобализация застала нации и национальные культуры на разных этапах этнонационального бытия. В условиях глобализации все больше начинают использоваться понятие глобалистская культура, как негативное порождение новой мировой культурной ситуации. Мировая культура, при всем том, что она по ценностному значению выходит за пределы национальной культуры, образцы этой культуры не теряют этнические корни, она в национальной форме выражает человеческие смыслы, нравственные ценности веру в добро и т.д., в то время когда глобалистская культура, не имеющая ни отечества, ни национальной традиции, отражает духовный кризис человечества, вовлекаю в свою орбиту массовое сознание, манипулирует его, нивелирует людей, упрощает все, уничтожает идеалы, смысл жизни людей, отвлекая их, влияет на сознание молодежи сиюминутными культурными эффектами. Это культура потребления, где человек освобождает себя от духовного пласта, который делает его человеческим существом. «Особые черты этой культуры проявляется как отсутствие национального ядра; массовый характер; вирусный способ распространения; система, разрушающая системы ценностей. Ядром данной культуры становится циничное мировоззрение, которое проникая во все сферы современной жизни, действует не только как мировоззрение, но и как способ существования человека» [1,с.65].

Суть глобалистской культуры требует особого исследовательского внимания в силу ее «особости» - ее способности очистить сознание современной молодёжи от позитивных традиционных ценностей, вести их к безусловному духовному разложению. Без сомнения сегодня есть потребность в исследование этого явления и поиска, адекватных мер по предотвращения негативных последствий глобалистской культуры на национальную культуру.

Литература

1. Горелова Т. А. Цинизм как способ существования глобалистской культуры // Культура и общество - №1.- С. 65 -89
2. Гуревич П. С. Культурология. - М., 2012.- 427 с.
3. Гуршинский Б.С. Философия образования для XXI века. – М.: Флинта, 1998.- 428 с.
4. Кржевов В.С. Общество, этнос и гражданская нация: к проблеме определения природы этнической нации // Этнос, нация, ценности: Социально-философские исследования. М.: 2015.- С. 94-118.
5. Муққадима ба назарияи миллатшиносӣ (Маҷмӯаи илмӣ) - Душанбе, 2012.- 246 саҳ.
6. Момджян К.Х О методологии анализа феномена нации // Этнос, нация, ценности: Социально-философские исследования. - М., 2015. - С. 3-18 .
7. Межуев В. М. Национальная культура как явление и понятие // Личность, культура, общество. 2005. Вып. 2.(26). - С. 83-95.
8. Чумаков А.Н. Метафизика глобализации. Культурно-глобализационный контекст: монография. - М.: Проспект, 2017.- 496 с.
9. Шумина М.А. Менталитет как социологическая категория // Вестник Нижегородского ун-та им. Н.Н Лобачевского. Серия: Социальные науки, 2007, №2(7). - С.112-116
10. Этнос, нация, ценности: Социально-философские исследования. - М., 2015. - 440 с.

МИЛЛАТ, ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ: МОҲИЯТ, СОХТОРИ ОН

Ҷӯраев А. Х.

Дар мақола раванди ташаккули миллат ва фарҳанги миллӣ, ихтилофи мавҷуда дар фаҳмиши миллат дар назария ва амалияи истифодаи он ва унсурҳое, ки фарҳанги миллиро муайян мекунанд, таҳлил карда мешавад. Таъкид мешавад, ки вижагиҳои фарҳанги миллӣ дар хотираи дастаҷамъӣ, шуури таърихӣ, хислат ва тафаккури миллӣ, ки ба ин ё он тарз дар санъати миллӣ, адабиёт, санъати элита ва фолклори миллат вомехӯранд. Фарҳанги миллӣ дар заминаи фарҳанги ҷаҳонӣ ва фарҳанги глобалистии торафт афзоянда ҳамчун маҳсули ҷаҳонишавии фарҳанг баррасӣ мешавад, ки имрӯз таваҷҷӯҳи махсуси тадқиқотро тақозо мекунад.

Калидвожаҳо: *миллат, фарҳанги миллӣ, фарҳанги ҷаҳонӣ, хотираи коллективӣ, шуури таърихӣ, менталитети миллӣ, санъати миллӣ, фарҳанги глобалистӣ.*

NATION, NATIONAL CULTURE: ITS ESSENCE, STRUCTURE.

Juraev A. H.

The article analyzes the process of forming a nation and national culture, the existing discrepancy in the understanding of a nation in theory and in practice of its use, and the elements that determine national culture. It is emphasized that the peculiarities of the national culture are found in the collective memory, historical consciousness, national character and mentality, which in one way or another are found in the national art, literature, in the elite and folk art of the nation. National culture is viewed in the context of world culture and the increasingly emerging globalist culture as a product of the globalization of culture, which today requires special research attention.

Key words: *nation, national culture, world culture, collective memory, historical consciousness, national mentality, national art, globalist culture.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

НАЗАРИЯИ ИШҚ ДАР НИЗОМИ ФАЛСАФИИ МАВЛОНО

Маҳмадова М. Ф. - д.и.ф., ходими калони илмии ИФСҲ АМИТ
Тел.: (+992) 937739353

Мазҳаби ишқ ва муҳаббат ва кеши дӯстӣ, меҳр бартар ва волотар аз адёни ҷаҳон аст. Баробарӣ ба ҳайси яке аз шароитҳои рушди фардият буда, моҳияти фалсафаи ишқро ташкил медиҳад, зеро ишқ неруи бузургест, ки монеаҳои байни инсонҳоро дарҳам шикаста, онҳоро бо ҳам пайванд месозад ва ҳамоҳангии миёни одамону ҷомеаи инсониро таъмин менамояд. Мавлоно ихтилофоти динию мазҳабӣ ва иҷтимоиро гумроҳӣ ва кутоҳфикриш пайравони маслаку мазҳабҳо дониста, ишқро болотар ва афзалтар аз таассуб ва тафриқаи мазҳабҳо мешуморад. Мавлоно инсонро аз зовияи инсон буданаш мебинад ва ҷаҳонро гаҳвораи як хонаводаи башарӣ мешуморад. Орзӯи пайванди муштарак асоси нерумандтарини кушиши башарӣ аст.

Калидвожаҳо: *ишқ, хилқат, адам, ҳаракат, нур, гайб-ул-ғуюб, канзи махфӣ, таҷаллӣ, аҳадият, касрат, ҷозиба, диалектика, коинот, сууд, ҳамоҳангӣ, мероҷ, иттиҳод.*

Асоси ҷаҳонбинии Мавлоно ирфонист, ки омили ҳаракатдиҳандаро ишқ медонад. Ин қувваи ҳаракатдиҳанда пеш аз олами хилқат вуҷуд дошт ва ҳамин қувва, яъне ишқ сабаби падид омадани ҳастии коинот шуда, бо сабаби ишқ низоми ҳастӣ барқарор аст. Аз назари Мавлоно Худованд ҷаҳонро ба хотири ишқ офарида ва фақат бо баракати ишқ ҳар мавҷуде аз адам ба вуҷуд меояд. Худо дар асари ин ҳаракат ҷаҳонро ба ҳастӣ меорад:

Гар набудӣ баҳра ишқи покро,
Кай вуҷуде додаме афлокро.

Яъне Мавлоно дарёфтааст, ки зербинои олами ҳастӣ бар муҳаббат ва ишқ гузошта шудааст. Ибни Арабӣ низ дар ин ақида аст, ки ба вуҷуд омадани ҳастӣ аз адам як ҳаракати азими вуҷудист, ки сабабгори он муҳаббати илоҳист. Ӯ дар ин бора чунин нигоштааст: «Асли ҳаракат олам аст аз адам, ки он сокин буд ба самти вуҷуд. Бад-ин далел гуфта мешавад, ки амри ҳаракат (ҳаракати вуҷуд) аз сукун аст. Ва лизо ҳаракате, ки вуҷуби олам аст, ҳаракати «хуб» аст. Муҳаммад пайғамбари ислом ин амрро бо ин суханони худ ёдоварӣ кардааст: «Ганҷи махфӣ будам, дӯст доштам, ки шинохта шавам. Пас агар ин муҳаббат (ишқ) набуд, олам дар айни худ зуҳур намекард. Пас, ҳаракати олам аз адам ба вуҷуди ҳаракати муҳаббат олам аст. Ва ин ҷост, ки олам машҳуди худро дар сурати вуҷуд дӯст дорад, чунон ки онро қаблан аз лиҳози субутӣ шуҳуд карда буд. Лизо ҳаракати олам аз адами субут ба ҳаракати ношӣ аз муҳаббат ба сӯи ҳастӣ аст ва ҳам ба сӯи он» [5:153].

Ҳар ду – ҳам Мавлоно ҳам Ибни Арабӣ яке ишқ ва дигаре муҳаббатро манбаи ҳаракати кайҳонӣ медонанд. Ба ҳамин сабаб Халифа Абдулҳаким «ишқ»-ро дар таълимоти ирфонии Мавлоно меъёр ва санги маҳаки пайдоиши олам ба қалам дода, таъкид мекунад, ки ин олами ба зоҳир мутазодро, ки Гегел таҳаққуқу иртиқои онро ба муборизаи баҳамзидҳо вобаста медонад, Мавлоно аз ҳамон оғози пайдоишаш бо риштаи ишқ ба ҳам пайвастааст[2:321].

Мавлоно ҳастии мутлақро «Нур-ал-анвор» эълон карда, моҳияти онро дар зуҳури таҷаллии доимии нур мебинад. Он ҳамон нури маҳзи пинҳону пайдо, ботину зоҳир ва аввалу охирест, ки дар ниҳоят низоми офариниш аз он ибтидо мегирад.

Аз назари Мавлоно мақоми «ғайб-ул-ғуюб»-и илоҳӣ як ҳолати ба худ печидаи ботинии нури маҳзест, ки «басит-ул-ҳақиқат» ва ғайри қобили шинохту шарҳу баён аст:

Дар вуҷуд аз сирри ҳаққу зоти ӯ,
Дуртар аз фаҳму истибсор! Ку?

Он тамоми рамзу асрори канзи махфиро, ки дар ботинаш ниҳон аст, ба иқтизои

ғояти сафо ва камоли худ ба зуҳур мепардозад. Ин зоҳир шудани асрори ботинии ӯ майли зотии ҳақиқати илоҳӣ ё худ таҷаллии нури маҳзи илоҳӣ мебошад, ки «дӯст дорад шинохта шавад». Ҳадиси набавии «Ман ганҷи махфӣ будам, вале дӯст доштам шинохта шавам ва махлуқотро офаридам…» ишора ба ҳамин майли зотиву фитрии ҳақиқати илоҳӣ дар марҳилаи «ғайбул-ғуюб» мебошад[8:265].

Дар марҳилаи «аҳадият» ҳанӯз ҷараёни халқ ба вуҷуд наомадааст ва ба қавли Ҷалолуддини Балхӣ дар зоти илоҳӣ дар ҳолати танзеҳ аст:

Фоили мутлақ, яқин бесурат аст,
Сурат андар дасти ӯ чун олат аст.

Мувофии таълимоти Мавлоно Худо вуҷудест, ки дар сиришти хеш ошиқ аст ва чун ӯ ошиқ аст, аз рӯи ишқ меофаринад, ӯ раббулоламин аст ва аз рӯи ишқ оламро нигаҳбонӣ мекунад, ӯ раҳмон аст ва аз рӯи ишқ мебахшояд. Мавлоно дар «Маснавии маънавӣ» мақоми мавриди баҳсро ба андеша наомадани он («Он ки дар андеша нояд, он худост»), дар ҷои дигар ба «ғайбул-ғуюб» ҳамаи сифату маъқулотро, ки билқувва дар зоти ӯ ниҳон аст, нисбат дода, таҳаввули минбаьдаи онро низ мавриди таваҷҷӯҳ қарор додааст.

Мавлоно ҷаҳонро ботинан ягона ва дар ваҳдати мутлақ медонад. Аз дидгоҳи Мавлоно Худо воҳиди мутлақ аст ва танҳо моҳияти ягонаро эҷод мекунад:

Ошиқон андар адам хайма заданд,
Чун адам якрангу нафс воҳиданд.

Дар мутлақият дар ҳикати илоҳӣ ҳама воҳиданд, ҳама дар ҳама ширкат мекунанд, ҳамин гармонияи олиро Мавлоно ишқ мехонад. Яъне ҳама мавҷудот бо иртиботи рӯҳии диданашаванда бо ҳам шаддабанд шудаанд. Ҳама мавҷудот ба ин ваҳдат шомил шуда ва барои ҳамин сазовори муҳаббат мебошанд. Мавлоно ишқи куллиро волотарин ишқе медонад, ки ҳам олами рӯҳонӣ, ҳам олами ҷисмониро ба ваҳдат ва ягонагӣ меоварад. Мавлоно ишқро ба манзалаи нерӯи кайҳонӣ медонад, ки дар сохти кайҳоншиносӣ ишқ миёни неруҳои олам имкони пайванд барқарор карда, тадовуми ҳаётро имконпазир гардондааст.Мавлоно ишқро кашиш, ҷазб, асл ва асоси ҳаракат медонад. Дар “Маснавӣ” ҳар гуна гароиш ва кашишеро, ки байни коиноти олам ҳаст, навъе ишқ ё муҳаббат мешуморад.

Халифа Абдулкарим ишқи кайҳонии Ҷалолуддини Балхиро ба «неруи ҷозибаи олам»-и Нютон, аз ғуборҳои кайҳонӣ пайдо шудани ачроми фалакии Кант, диалектикаи тазодҳои Гегел, пайдоиши навъҳо ва мубориза барои бақо ва созгорӣ бо муҳити зисти Дарвин муқоиса намуда, мафҳуми такомули фикрии Мавлоноро дорои ҳамаи ин назарияҳои ҷузъию фарӯӣ талаққӣ кардааст, ки онҳоро ба таркиботи фарогиртар мекашонад. Вай ба ҷои ҳаракати пешраванда дар натиҷаи муборизаи баҳамзидҳои Гегел даст ба домони ишқи кайҳонӣ зада, ишқро қувваи ҳаракатдиҳанда ва дар зоти худ офаринанда эълон намуда, фарёд задааст, ки «Мо ғуломи мулки ишқи базавол» ҳастем [2:321].

«Ишқ аз назари орифони Эронӣ мазҳари аслии Холиқ аст ва аз Холиқ ҷудо нест ва чун Холиқу махлуқ яке мебошад, пас ишқ аз махлуқ ҳам ҷудо нест. Неруе намедонем чист, дар як сония ба шакли мавҷ сесад ҳазор километр тай мекунад. Аз ин неру, ки қувваи ҷозиба мебошад… он қадар сареъ аст, ки ҳануз натавонистаанд сурати онро андоза бигиранд» [3:224].

Аз назари Мавлоно ишқ ачзои ҷинсиро ба якдигар маҷзуб медорад ва аздодро дар таркиб ба ҳам пайванд медиҳад. Ҷозибае, ки дар байни ачзои ҳамҷинс ҳаст ҳамвора ҷузвро ба сӯи кулл мекашонад. Ҳар шайе ба чизе, ки билфел бо он таҷонис дорад ё билқувва дар байни онҳо қобилияти таҷонис ҳаст, навъе майл ва гароиш нишон медиҳад. Ва ин ишқ онҳоро ба иттисол ва иттиҳод мехоҳад ва ба сӯи камол ҳидоят мекунад.

Мавлавӣ асли рушд ва такомулро аз роҳи неруи олии ҷазб чун беҳтарин асл равшангар медонад. Мавлоно ҳама чизро дар ҳаракат ва дигаргунӣ мебинад, ки манбаи асосии ин ҳодисаро Мавлоно дар қувваи ишқ медонад.Ишқ, ки дар ғаризаи мавҷудот аст, иллати вуҷуди ҳама аст.Мавлоно гӯяд: вуҷуди афлок ва ҳаракот онҳо ба воситаи ишқ ва муҳаббат аст. Даври гардунҳоро Мавлоно аз мавҷи ишқ медонад ва оламро бидуни ишқ аз ҳар гуна ҳарорат ва ҳаракат холӣ нишон медиҳад:

Даври гардунҳо зи мавҷи ишқ дон,
Гар набудӣ ишқ, бифсурдӣ ҷаҳон.

Мавлоно ишқро поя ва асоси зиндагӣ ва бақои мавҷудият медонад, зеро тамоми ҳаракот, ҷушу хуруши ҷаҳониён бар асоси муҳаббат ва алоқа ва ишқ аст. Ишқ муҳаррики тамоми коинот ва дар айни ҳол ғояти ҳаракати ҷамеъи онҳо бошад. Пас дар тамоми олам аз қаламрави ҷамод то иқлими ҳаёти инсонӣ ишқ дар такопу аст. Ишқ қувваи муҳаракка, ки ҳама коинот ва дар ҳама аҷзои ҳастӣ сорӣ ва ҷорӣ аст:

Агар ин осмон ошиқ набудӣ,
Набудӣ синаи ӯро сафое.
В-агар хуршед ҳам ошиқ набудӣ,
Набудӣ дар ҷамоли ӯ зиёе.
Замину кӯҳ агар на ошиқандӣ,
Нарастӣ аз дили ҳар ду гиёҳе,
Агар дарё зи ишқ огаҳ набудӣ ,
Қароре дошти охир ба ҷое.

Аз ин гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар ҳар як мавҷудоти олам як рӯҳ ва ё як қувваи бузурге аст, ки онро ба ҷониби камол такон медиҳад ва ба сӯи такомул мебарад ва ба тарафи тараққӣ мекашад. Ва ҳар мавҷуде барои расидан ба ин камол ва такомулу тараққиёт эҳтиёҷ ба ҷунбиш ва кӯшиш дорад ва ин кӯшиш ва ҷунбиш ҳамон ишқ аст. Мавлавӣ бар ин асос ишқро пояи тараққӣ ва кимиёи саодат мешумурад.

Ба назари Мавлоно ишқ василаест,ки кудрataш аз тамоми қудратҳо қавитар аст, баҳрро мисли дег ба ҷуш меоварад, кӯҳро мисли рек месозад ва сақфи фалакро шикоф медиҳад ва ҷисми заминиро ба ларза меандозад. Пас дар тамоми олам аз қаламрави ҷамод то иқлими ҳаёти инсонӣ ишқ дар такопӯ аст:

Ишқ ҷӯшад баҳро монанди дег,
Ишқ сояд кӯҳро монанди рег.
Ишқ бишкофад фалакро сад шикоф ,
Ишқ ларзонад заминро аз газоф.

Дар таркиби ҷаҳонбинии Мавлоно ишқ ҳамчун ҳалқае, ки инсонро аз як сӯ бо ҷаҳон ва аз сӯи дигар бо Худо иттисол медиҳад. Яъне ишқ аз назари Мавлоно пайванди се ҷониба байни инсон, ҷаҳон ва Худо дорад. Ишқ ҳамчун қувваи кайҳонӣ роҳи ба олами идеалӣ расидани инсонро мекушояд.Яъне аз назари Мавлоно ишқ эҳсоси кайҳонӣ аст, ин эҳсосро сарчашмаи нури маърифат медонад. Ишқ дар назди Мавлоно асоси ҳаракати сууди дар маърифат аст. Мавлонои Балхӣ дар ҷои дигар ишқро мероҷи рӯҳ суи боми султони ҷамол медонад:

Ишқ мероҷест сӯи боми султони ҷамол,
Аз рухи ошиқ фуру хон қиссаи мероҷро.

Яъне ин сафар баргаштани рӯҳ ба Ватани аслиаш аст. Мавлоно ба бақои рӯҳ ва сайри рӯҳонии он баъд аз марг боварӣ дорад ва ҷозибаро, ки дар ин сайри рӯҳонӣ рӯҳро ба Рӯҳи Мутлақ мерасонад, ишқ медонад.

Ҷисми хокӣ аз ишқ бар афлок шуд,
Куҳ дар рақс омаду чолок шуд.

Аз дидгоҳи Мавлоно ишқ ду оламро барҳам мезанад ва ҳеҷ расму оинро намепазирад ва динаш фаротар аз мазҳаби ҳафтоду ду миллат аст:

Бо ду олам ишқро бегонагӣ,
Андар ӯ ҳафтоду ду девонагӣ.
Ғайри ҳафтоду ду миллат кеши ӯ,
Тахти шоҳон нухтабанди пеши ӯ.

Дар ҷамъият бояд адолат барқарор бошад, маънии адолат бошад, муродифи ҳақиқат аст, яъне ҳар чиз бояд дар ҷои худ мақом дошта бошад; барои Мавлоно дар ҷамъият хамдилӣ, ки болотар аз ҳамзабонӣ аст, бояд ҳукмфармо бошад; забони инсон, агар ғарбист ё шарқӣ, мӯҳим нест, муҳим он аст, ки пояи зиндагияш рӯи муҳаббат бошад, ки натоиҷи нек ба бор оварад; бо роҳи зурӣ ва ҷанг ҳал намудани масъалаҳо дар ҷамъият дуруст нест:

Ҳамзабонӣ хешиву пайвандӣ аст.
Мард бо номаҳрамон чун банда аст.
Ай басо ҳиндуву турки ҳамзабон,
Ай басо ду турк чун бегонагон.
Пас забони маҳрами худ дигар аст.
Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст.

Адабиёт

1. Абдуллоҳи Дастғайб. Ҳофизшинохт. - Теҳрон: «Нашри улум», 1379.- 369с.

2. Абдулкарим Халифа. Ирфони Мавлоно. -Теҳрон: «Суруш», 1353.- 400с.
3. Абдурафеъи Ҳақиқат. Торихи ирфон ва орифони Эронӣ. - Теҳрон: «Ишорот», 1375.-285с.
4. Қосими Кокоӣ. Ваҳдати вуҷуд бо ривоёти Ибни Арабӣ. -Теҳрон: «Интишороти Заввор»,1384.-649с.
5. Ибни Арабӣ. Фусус-ул-ҳикам. –Теҳрон: «Суруш»,524с.
6. Диноршоев М., Ҳазратқулов М. Ирфони Ҷалолиддини Румӣ. -Душанбе: «Ирфон»,2011.-300с.
7. Саид Аҳмади Ҳусейни Козурунӣ. Ишқ дар Маснавии Маънавӣ. -Теҳрон: «Интишороти Заввор», 1385. - 231с.

КОНЦЕПЦИЯ ЛЮБВИ В ФИЛОСОФСКОЙ СИСТЕМЕ МАВЛОНО

Махмадова М. Ф.

В данной статье рассматривается содержание и философская сущность любви Мавлоно. Религия любви и дружбы, превосходит гуманистических идеи мировых религий. Равенство является одним из условий становление идентичности, ибо любовь есть великая сила, разрушающая преграды между людьми и связывающая их между собой, и создаёт гармонию между людьми и человеческим обществом, устраивает заблуждение и недальновидность последователей разных религий, чем концепция любви устраивает разделение людей на разных религии основание не фанатизм. Мавлана считает весь мир колыбелью человеческой семьи. Мечта об их сотрудничестве является самым прочным фундаментом человеческих усилий.

Ключевые слова: *любовь, создание, движение, свет, невидимое, спрятанное сокровище, единства, множество, протяжение, диалектика космос, возвышение, восхождение.*

THE CONCEPT OF LOVE IN THE PHILOSOPHICAL SYSTEM OF MAULANA

Makhmadova M. F.

This article discusses the content and philosophical essence of Maulana's love. The religion of love and friendship is superior and superior to world religions. Equality is one of the conditions for the development of individuality and is the essence of the philosophy of love, for love is a great force that destroys barriers between people and binds them together, and considers harmony between people and human society to be a delusion and shortsightedness of followers of different religions and religions and consider it great, than fanaticism and sectarianism. Maulana sees man from a man's point of view and considers the world to be the cradle of the human family. The dream of shared connection is the strongest foundation of human effort.

Key words: *love, creation, movement, light, invisible, hidden treasure, unities, multitude, extension, dialectic, cosmos, elevation, ascent.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

КАТЕГОРИЯҲОИ «КУЛЛ», «ҶУЗЪ» ВА «МАХСУС» ДАР АФКОРИ НАМОЯНДАГОНИ ФАЛСАФАИ КЛАССИКИИ ОЛМОНӢ

Субҳонзода С. И. - н.и.ф., мудири кафедраи фалсафаи
Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав
Почтаи эл.: salohsubhon1985@mail.ru; тел.: (+992) 918136760

Дар мақола муаллиф категорияҳои кулл, махсус ва ҷузъ дар афкори намояндагони фалсафаи классикии немис И.Кант ва Ф.Г. Гегелро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Кант дар таълимоти синтези худ аввалин шуда аз чаҳорчӯбаи мантиқи шаклӣ категорияҳои ҷузъ, махсус ва куллро баррасӣ намудааст. Идеяи асосии Кант он аст, ки алоқаи ҷузъ ва кулл ин як навъ миёнаравӣ буда, он зиддияти диалектикӣ аст ва дар байни онҳо чизи сеюм – "махсус" вуҷуд дорад. Кант ин масъаларо ҳамчун антиномияи диалектикӣ пешниҳод кардааст. Гегель бошад, куллро ҳамчун моҳияти ҷузъ амалкунанда меҳисобад. Гузашта аз ин, кулл бояд ҳам ҷузъ ва ҳам махсусро дар бар гирад. Кулл ҳам ҷузъ ва ҳам махсусро муайян мекунад.

Калидвожаҳо: *кулл, махсус, ҷузъ, Кант, Гегел, диалектика, категория.*

Таърихи фалсафа аз он шаҳодат медиҳад, ки одамон ба гуногунрангии воқеият, инчунин ба мавҷудияти як асос, нахустмабдаъ, нахустсабаб боварӣ доштаанд. Ин, аз ҷумла дар кӯшишҳои суботкоронаи ёфтани аслу ибтидои олам зоҳир мегардид. Аз нуқтаи назари Фалес, Анаксимандр ва Анаксимен асоси оламро ин ё он модда ва ё унсури ибтидоӣ ташкил медиҳад, ки он ҳамтои кулл буда, аз он тамоми гуногунрангии зуҳурот ва равандҳои воқеияти иҳотакунанда бармеояд [2.579].

Пас, то гуногунрангии олам, то хосиятҳои алоҳида, фардӣ, беназири ин олам бояд як чизе бошад, ки ҳамчун асоси онҳо амал мекунад. Аз нуқтаи назари онтологӣ, ин ё он моҳияти ибтидоӣ принсипи бунёдии олам ҳамчун як навъ ҳамтои куллият буда, худи гуногунии равандҳои воқеият бошад ҳамчун як навъ дуюмдараҷа, аз он ҳосилшуда амал мекунад. Аз нуқтаи назари гносеологӣ бошад, кулл ҳамчун принсипи асосӣ ба мо мустақиман дода нашудааст, мо бояд онро аз гуногунии чизҳои алоҳида ба даст орем. Ин гуна зиддият, ба назари мо, як навъ шарте буд, ки асоси тамоми мунозираҳои минбаъдаи юнониёни қадимро ташкил медод.

Мушкилоти гузариши кулл ба ҷузъ ва ҷузъ ба кулл объекти таваҷҷуҳи ҷиддии И. Кант низ гардидааст [3.172] . Аввалан, бояд қайд кард, ки мафҳумҳои "ҷузъ", "махсус" ва "кулл" дар таълимоти эстетикии Кант ва мантиқи транссенденталии ӯ дар робита бо асосноккунии донишҳои назариявӣ, инчунин бо тавзеҳи масъалаи робитаи ақл бо моҳияти эмпирикии эҳсосҳо пайдо мешаванд. Дар баробари ин, моҳияти эмпирикии эҳсосҳо ҳамчун чизе пешниҳод мешавад, ки дар маҷмуъ гуногунрангии ҳиссии объектҳои ягонаро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, ба ақидаи Кант, кулл гӯё бо мафҳумҳои зарурӣ ва объективӣ, ҳамчун аломатҳои таркибии мулоҳизаҳои априории синтетикӣ, яъне донишҳои воқеии назариявӣ мувофиқат мекунад.

Бояд гуфт, ки дар таълимоти Кант "ҷузъ" ҳам дар мантиқи шаклӣ ва ҳам дар мантиқи транссенденталиаш яксон дарк мешавад. Дар мавриди «кулл» бошад, муносибати Кант комилан дигар аст. Дар мантиқи шаклӣ кулл чизест, ки барои бисёр объектҳо умумӣ аст ё «... хаёлоте, ки метавонад дар объектҳои гуногун мавҷуд бошад» [11.83]. Кант дар ин маврид мафҳумҳои холис ва мафҳумҳои эмпирикиро фарқ мекунад, ки дар натиҷаи ҳиссиёт тавассути муқоисаи объектҳои таҷриба ба вуҷуд меоянд ва «аз ақл танҳо шакли умумӣ доранд» [11.84]. Мушкилоти асосноккунии назариявӣ барои Кант на бо мафҳумҳои эмпирикӣ ва на бо мафҳумҳои холис (аз мулоҳизаҳои

таҳлилӣ), ки ӯ дар мантиқи шаклӣ истифода мебарад, балки бо мулоҳизаҳои априорӣ-синтетикӣ, ки ивазкунандаи мафҳумҳои конкретӣ-умумӣ мебошанд, алоқаманд аст.

Масъалаҳои ду усули тафаккур, ду мантиқ, сатҳҳои эмпирикӣ ва назариявии дарк дар таълимоти Кант сар то по бо мушкилоти таносуби “ҷузъ” ва “кулл” фаро гирифта шудаанд. “Кулл” аз тафаккур аст ва “ҷузъ” аз ҳиссиёт аст. Бо кадом тарз онҳоро метавон алоқаманд кард? Алоқаи “ҷузъ” ва “кулл” аз ҷониби Кант бо таълимоташ дар бораи синтез шарҳ дода мешавад, ки ба ақидаи З.М.Абдилдин, дар асоснок кардани тамоми идеяҳои асосии эстетикӣ ва мантиқи транссенденталии ӯ нақши муҳим мебозад [1.14] .

Қайд кардан муҳим аст, ки дар худи ғояи кантӣ дар бораи синтез масъалагузории зарурати миёнаравии диалектикии “кулл” ва “ҷузъ” мавҷуд аст ва маҳз онҳо ҳамчун категорияҳои бо мухолифати шаклҳои априории фаъолияти оқилона алоқаманд шарҳ дода мешаванд. Аз ин нуқтаи назар, ба саволгузории Кант вобаста ба таҳлили асосҳо муроҷиат мекунем. Кант ҳангоми изҳори ақида дар бораи зарурати миёнаравии диалектикӣ дар донишҳои назариявӣ, хусусан дар мулоҳизаҳои априори-синтетикӣ, менависад: «Синтези хаёлҳо ба қобилияти тасаввурот асос ёфтааст ва ягонагии синтетикии онҳо (барои мулоҳизаронӣ зарур аст) ба ягонагии апперсепсия (тамоюле, ки ба воситаи он баъзе унсурҳои шуур ба воситаи худмушоҳидакунӣ равшан ва аён мегарданд) асос ёфтааст»[11.221]. Дар таълимоти Кант худи категорияҳои ақл бо эҳсосот бевосита алоқаманд нестанд. Ӯ боварӣ дорад, ки дар ин ҷо «бояд чизи сеюм бошад», ки алоқаи байни эҳсосот (ҷузъ) ва ақл (кулл) миёнаравӣ мекунад[11.221]. Чунин пайванди миёна вақт аст, ки ба тасвирҳои айёнии холис дохил мешавад ва аломатҳои ҳам априорӣ ва ҳам апостериорӣ доранд.

Вақт дар ин ҷо байни “ҷузъ” ва “кулл” меистад ва айнан сеюм ба ҳисоб меравад. Албатта, ҳоло ин танҳо алоқаи механикии “ҷузъ” ва “кулл” аст, аммо Кант бо ин маҳдуд намешавад. Қадами минбаъда дар инкишофи синтез ин синтези хаёлот аст, ки ба тасаввурот асос ёфтааст. Кант онро синтези гуногунҳаракат меномад. Синтези транссенденталии тасаввурот ба мисли вақт ба эҳсосот тааллуқ дорад, чунки тасаввурот ин қобилияти тасаввур кардани объект дар мулоҳиза аст ва дар баробари ин синтези транссенденталӣ ба ҳисоб меравад ва ба шарофати он синтези гуногунҳаракат имкон медиҳад, ки он нисбати объектҳо татбиқ шавад ва асоси ҳамаи дигар усулҳои татбиқи он мебошад [11.204] .

Кант дар таълимоти худ дар бораи синтези гуногунҳаракат ҳалли мушкилотро дар бораи алоқаи ҷузъ ва кулл пешниҳод мекунад. Агар категорияи замон дар робитаи дар боло зикршуда танҳо як пайванди механикӣ бошад ва дар он масъалаи зарурати миёнаравии диалектикӣ танҳо тахмин карда мешуду ҳал намешуд, пас дар таълимоти синтези гуногунҳаракат Кант ба ҳалли масъала наздик шуда, мавқееро ҳимоя мекунад, ки мувофиқи он усули ба объектҳо татбиқ намудани категорияҳо ҳамчун худи усули таҳлили назариявии воқеият шарҳ дода мешавад. Аз ин рӯ, синтези гуногунҳаракат на танҳо зарурати миёнаравӣ дар алоқаи кулл ва ҷузъро, балки нақши ду тарафи ин алоқаро нишон дод. Тавре ки В.Ф. Асмус дуруст қайд мекунад, дар таълимоти Кант алоқаи “кулл” ва “ҷузъ” дар беруншавии кулл нисбат ба ҷузъ ва дар ниҳоят дар «...амали фаъоли субъект нисбат ба объект» сурат мегирад. [3.95] Кант дар таълимоти синтези худ, гӯё воқеият ва категорияҳои ба таври эмпирикӣ додашуда, ҳиссиёт ва ақл, фактҳои ҷузъӣ ва умумияти кулли қонуниятҳои муайянро ба ҳам мепайвандад. Вай тамоюли ҳалли диалектикии масъалаи алоқаи “кулл” ва “ҷузъ”, асосҳои дарки диалектикии категорияи “махсус”-ро ба миён мегузорад. Аз ҷумла, “махсус” ҳамчун миёнаравӣ аз ҷониби Кант дар «Танқиди қобилияти ҳукм» қайд шудааст. Худи қобилияти мулоҳизаронӣ ҳамчун миёнаравӣ мафҳумҳои “табиат”, “хирад”, аз як тараф ва “хирад”, мафҳумҳои “озодӣ”, “ҷаҳони озодӣ”, аз ҷониби дигар амал мекунанд. Тақсими «Танқиди ҳукм» ба танқиди эстетикӣ ва танқиди қобилиятҳои телеологии мулоҳизаронӣ дар масъалаи мавриди таваҷҷӯҳи мо муҳим нест. Муайян кардани категорияи “махсус” дар ду қисми номбурда аз ҷиҳати методологӣ ва аз ҷиҳати асосӣ якхела ва ба ҳам монанд аст, зеро сухан дар бораи ду роҳи як чиз меравад, «истифодаи қобилияти мулоҳизаронӣ ва сохтани мафҳуми предме-

ти номуайян дар муносибат ба симо ё тасвири он» [12.271]. И.Кант ду тарзи амалигардонии ин амалро ҷудо мекунад: роҳи якум дар санъат ба воситаи хаёл (ки хусусияти хаёлот буда, аз ҷиҳати методологӣ духӯра аст: «ва озод, зеро он созандаи ассотсиатсияхои имконпазир аст ва қонунист, зеро ба қонунҳои иттиҳодия мутеъ аст». Дар ҳар ду усули татбиқ идеяи синтези Кант ҷой дорад.

Инак, Кант дар таълимоти синтези худ аввалин шуда аз чаҳорчӯбаи мантиқи шаклӣ дар дарки категорияҳои «ҷузъ», «махсус» ва «кулл» баромад. Идеяи асосии Кант дар саволе, ки моро ба худ ҷалб мекунад, ин аст: алоқаи «ҷузъ» ва «кулл» миёнаравӣ аст, он зиддияти диалектикӣ мебошад, дар байни онҳо чизи сеюм вуҷуд дорад ва дар ҳамон як муносибат сеюм нест. Кант ин масъаларо ҳамчун антиномияи диалектикӣ пешниҳод кардааст, ки он ба таври зайл ифода шудааст: «Махсус байни ҷузъ ва кулл сеюм аст ва ҳамзамон байни онҳо сеюм нест»[1.116]. Синтези Кант таълимот дар бораи алоқаи эмпирикӣ ва назариявӣ, ҷузъ ва кулл мебошад. Ин алоқа дар мантиқи нав пайдошаванда тавассути категорияи «махсус» ҳамчун антиномия «амалӣ» мешавад.

Таълимоти навбатии асосии фалсафӣ, ки кашфиётҳои бунёдиро дар инкишофи дастгоҳи категориалӣ ва алалхусус, дар масъалаи муносибати «ҷузъ» ва «кулл» ба воситаи «махсус» амалӣ мекунад, фалсафаи Г.Гегел мебошад.

Гегел фаҳмиши «кулл»-ро дар диалектика ва мантиқи шаклӣ равшан фарқ мекунад. Диалектикаи «кулл» худ асос ва моҳияти тамоми системаи фалсафии Гегел мебошад, дар ҳоле ки ба маънои шаклан мантиқӣ, кулл ва ҷузъ як умумияти абстрактӣ, умумият ба маънои яксон будани хосиятҳои аз рӯи қоидаҳои мантиқи шаклӣ абстрактшуда, тасаввуроти кулл чизи дигаре нест. Абстрактӣ-умумӣ, ки бевосита ҳамчун яксонии хосиятҳо ва муносибатҳои баъзе чизҳои алоҳида мавҷуд аст, бо мавҷудияти худ танҳо робитаи берунии охиринро бо ҳамдигар ифода мекунад.

Дар фаҳмиши диалектикӣ кулл «дар худ ва барои худ» зиддият, гузариш ва рушдро амалӣ мегардонад. Воқеан кулл, ба ақидаи Гегел, на он қадар абстракти холӣ, балки «сарвати даруни худ» аст. Дар муқоиса бо абстрактӣ-умумӣ, Гегел куллро дар диалектика (конкретӣ-умумӣ) ҳамчун муносибати диалектикии охирин ба худ, «ҳамчун бозгашти дигари худдарккунанда ба худ» ва ғайра баррасӣ менамояд [4.152].

Ба ақидаи Гегел, кулл бояд ҳамчун моҳияти ҷузъ амал кунад. Гузашта аз ин, кулл бояд ҳам ҷузъ ва ҳам махсусро дар бар гирад. Кулл ҳам ҷузъ ва ҳам махсусро муайян мекунад. Гегел инчунин дар бораи ҷузъ аз ду ҷиҳат сухан меронад: вай бо усули метафизикӣ чӣ тавр фаҳмида мешавад ва ба вай диалектика чӣ тавр муносибат мекунад. Аз нуқтаи назари эҳсосотӣ мо бо гуногунрангиҳои муайяне дучор мешавем, ки аз чизҳои ҷузъии ба эҳсосамон додашуда иборатанд. Гегел ин навъи ягонагиро мавҷудияти ҷузъи эҳсосшаванда, ҷузъи эмпирикӣ, тасодуфӣ медонад. Илова бар ин, Гегел мегӯяд, ки ҳангоми муносибати механикӣ ба ҷузъ алоқаи байни худи ашёҳои ҷузъӣ ва алоқаи байни ҷузъ ва кулл мустақиманд. Ва ин маънои онро дорад, ки ҷузъ, ки ҳамчун чизи мустақим фаҳмида мешавад, гузариш ба дигарро (ба умумӣ ё кулл), зиддиятро истисно мекунад [4.254].

Гегел ба дарки ашё ҳамчун ба ашёи дар робитаи бевосита буда муносибати диалектикиро муқобил мегузорад, ки мувофиқи он ҷузъ бевосита не, балки дар муносибати ба кулл «баровардашуда» аст. Маҳз ҳамин дар таълимоти Гегел гузариш ва миёнаравӣ аст. Чизи ҷузъии ба эҳсосотамон додашударо ҷузъ номидан осонтар аст. Муайян кардани он дар тафаккури диалектикӣ, дур шудан аз табиӣ, ҳисшаванда будан, ҷузъро дар мисоли «баровардашуда» дарк намудан душвортар аст.

Ба қавли Гегел, усули диалектикӣ худ ба худ имкон медиҳад, ки ҷузъ на танҳо аз ҷиҳати «зуҳурот», табиӣ будани он, балки аз ҷиҳати моҳияти он, миёнаравӣ дида шавад. «Ҳар чиз он чизест, ки бевосита вуҷуд дорад ё надорад», «зиддият аст, худаш ва чизи дигар аст, чизе дар худ зид аст, ихтилофи мухталиф аст, чунки он ё вуҷуд дорад ё надорад» [10.50,69].

Ҷузъ худ як аст, аммо он ду роҳи муносибат дорад. Барои мантиқи шаклӣ он тасодуфист. «Ҷузъи худ ба худ гирифташуда ба мафҳуми худ мувофиқат намекунад» [7.400] . Ҳамон ҷузъ барои диалектика ба

мафҳуми худ мувофиқат мекунад, чунки он (оне, ки тавассути занҷираи миёнаравӣ пинҳон аст) дар худ як чизи дигари худро, ки моҳияти он аст, дар бар мегирад. «Қонун дар миёнаравии чизи зуҳуршаванда мусбӣ аст» [7.138]. Қонун ҳамчун кулл дар натиҷаи абстраксияи равонӣ аз падидаҳои инфиродии тасодуфӣ ба вуҷуд намеояд, балки дар миёнаравии ҳамон «ҷузъ» зоҳир мешавад, ки дар ин ҳолат дигар на тасодуфӣ, (бо истилоҳоти гегелӣ гуфтан мумкин аст, ки бад нест) балки ҷузъе ҳамчун предмете пешниҳод карда мешавад ва дар он кулл зуҳур меёбад, кушода мегардад. Ин кулл на мустақим, балки тавассути дарёфти лаҳзаҳои миёнаравӣ, ки зиддияти онро ба вуҷуд меоранд, ошкор мешавад. Ин зиддият он чизест, ки, чуноне ки К.Гулиан қайд мекунад, ҷузъ дар таълимоти Гегел ба ҷуз кулл чизе нест. [Ниг.6.402]. Дар таълимоти Гегел дар бораи мафҳум роҳи баромадан аз ҷузъ ба кулл тавассути махсус вуҷуд дорад; яъне раванди болоравӣ аз ҷузъӣ ба махсус ва баъд аз махсус ба кулл ба миён меояд. Шояд дар ин ҷо ҳалли «асрор»-и категорияи «махсус» аст. «Асрор» дар харакате, ки зиддиятҳои ҷузъро ошкор мекунад, кушода мешавад. Махсус дар ин ҷо ҳамчун миёнаравӣ, ҳамчун худи зиддият, ҳамчун амале пайдо мешавад, ки алоқаи зарурии ҷузъро дар дохили худ ва аз ин рӯ берун аз он, дар алоқа бо ҳама падидаҳо ошкор мекунад. Аз ин нуқтаи назар, кулл ҳамчун як бастаи беруна, ки «ягонагиҳои ба ин муттаҳидшавӣ бепарвобударо, фаро мегирад, муаррифӣ карда намешавад ва кулл поя ва хок, реша ва ҷавҳари ҷузъ аст» [4,361].

Дарки «махсус»-ро (ҳамчун миёнаравии диалектикии ҷузъ ва кулл) Гегел аз таълимоти синтези офаридаи Кант ва пеш аз ҳама, аз қобилияти мулоҳизаронӣ мебарорад, ки дар он маънои тафаккури диалектикии мафҳуми дониши назариявӣ мутамарказ шудааст. «Қобилияти ҳукм»-и Кант дар таълимоти Гегел ба таълимот дар бораи хирад мегузарад ва яке аз лаҳзаҳои он мегардад.

Гегел яке аз аввалинҳо шуда зарурати ҷудо кардани пайванди фосилавӣ, миёнаравии байни ҷузъ ва куллро қайд кардааст. Вай яке аз аввалинҳо шуда, категорияи «махсус»-ро ҳамчун категорияи диалектика ҷудо карда, онро бо алоқаи диалектикии на танҳо категорияҳои «кулл» ва «ҷузъ», балки бо дигар категорияҳои диалектикӣ гузоштааст. Муваффақияти асосии таълимоти Гегел дар бораи махсус дар он аст, ки ин категория тобишҳои механизмро аз даст медиҳад, ки ҳатто Кант ҳанӯз аз он комилан раҳоӣ ёфта натавониста буд. Таълимоти Кант дар бораи асоснокии назариявии дониш ва васеътар таълимоти синтезро, Гегел дар самти равшан кардани категорияи махсус тавассути илова намудани идеяҳои Кант бо таълимоти зиддият, гузариш, миёнаравӣ ва ҳалли зиддияти диалектикӣ инкишоф медиҳад [8,94].

Худи категорияи «махсус» дар таълимоти Гегел ба воситаи кушодани зиддиятҳои диалектикии ҷузъ ва дар баробари ин кулл пайдо мешавад. Аз ҷумла, дар таълимоти Гегел, махсус ин чизи дигари кулл нест, балки худи кулл аст. Ба андешаи Гегел, кулл худашро муайян мекунад ва аз ин рӯ, муайянӣ, яъне махсус аст. Охирин тафовути кулл аст, аммо куллро на аз дигаре, балки аз худ фарқ мекунад. Кулл, гӯё ба кулл ва махсус тақсим мешавад, аммо на ба таври шаклӣ-мантиқӣ. «Бинобар ин, ба ҷуз он чизе, ки мафҳум худро ба як тараф ҳамчун куллии бевосита ва номуайян тела медиҳад, дигар ифодаи ҳақиқӣ вуҷуд надорад; маҳз ҳамин номуайянӣ муайянии онро ба вуҷуд меоварад, ба ибораи дигар гӯем, мафҳум махсус аст. Ҳам ин ва ҳам он махсус аст, аз ин рӯ онҳо тобеи ҳамдигаранд» [4,41]. Дар ин ҳолат кулл ва махсус мумкин аст ҳамчун мухолифати диалектикӣ фаҳмида шаванд.

Муносибати воқеии миёнаравии дохилии ашё бо худ, ба ақидаи Гегел, дар он аст, ки вай ҳам ину ҳам он дар «як» аст ва ҳамзамон он берунии худ аст, ки боз худро дар худ сурат мегирад. Ин муносибат ҳамчун миёнаравии мафҳуми худ бо худ ба ҳайси қувваи доимии инкишоф амал мекунад ва бо ҳамин тасодуф ва ҷузъро ба дараҷаи зарурият мебардорад. Кулл дар ҷузъ қарор дошта, дар он нест намешавад, балки «бо худ» мемонад. Ҳамзамон он чизи дигар не, балки ҳамон чиз аст. Худи чиз (падида) дар сурати чунин муносибат ҳам худи худаш мешавад ва ҳам не. Он мухолифат аст, он худро миёнаравӣ мекунад. «Махсус худи кулл аст, аммо он фарқият ё таносуби он бо чизи дигаре, инъикосест аз

берун»[4,61]. Ҳамин тариқ, худи махсус ҳамчун ҳаракати зиддият, ҳамчун амал мумкин аст пешниҳод карда шавад.

Умуман, Гегел ақидаҳои Кантро дар бораи категорияҳои «ҷузъ», «махсус» ва «кулл» инкишоф дода, на танҳо моҳияти онҳоро ошкор мекунад, балки онҳоро бо дигар категорияҳои диалектикӣ, аз қабили гузариш, миёнаравӣ, инчунин усули диалектикии тафаккур муайян мекунад. Дар баробари ин, дар таълимоти Гегел нақши асосӣ ба категорияи «махсус» тааллуқ дорад, ки вай онро ҳамчун миёнаравии диалектикӣ байни кулл ва ҷузъ маънидод мекунад. К.Гулиан менависад, ки маҳз миёнаравӣ (ба маънои васеи калима) махсусро ҳамчун унсури алоқаи диалектикӣ ошкор намуда, онро аз звенои миёнаи механикӣ фарқ мекунад [6,362].

Муносибати диалектикӣ ба категорияҳои “ҷузъ” ва “кулл” ба Гегел имкон дод, ки ба ҷузъ ҳамчун инкишофёбанда, ҳамчун дар дохили худ зиддият дар бар дошта - манбаи дохилии рушд, ҳамчун дар ин рушд ошкоркунандаи моҳияти он - умумӣ, қонунӣ такя кунад.

Гегел менависад: «Ду лаҳзаи мавқеи гузошташударо ақаллан алоҳида муайян кардан мумкин аст, ки ин боиси аз байн рафтани гузариши диалектикӣ мегардад, аммо чунин шаклҳои мулоҳизаронӣ, аз қабили: «саввум – бевосита ва миёнарав» ё «ҷузъии онҳост» - он ягонагии онҳост – наметавонанд онро дарк намоянд, чунки он сеюми дар ҳолати оромӣ қарордошта набуда, балки моҳиятест дар сифати ин ягонагӣ, ҳаракат ва фаъолияти худро миёнаравикунанда аст» [4,303].

Ҳамин тариқ, дар таълимоти Гегел ало-қаи категориалии кулл, махсус ва ҷузъ ҳамчун зиддият ва гузариши диалектикӣ бар-расӣ мешавад. Аммо Гегел таълимоти диалектикии ин категорияҳоро тамоман ба мантиқи шаклӣ муқобил намегузорад ва мутаносибан, ҳадди татбиқи охиринро муайян намекунад. Ин гуна пешгӯиҳо кӯшишҳои минбаъдаи конкретӣ гардондани усули диалектикии тадқиқотро муайян мекунад ва аз ин рӯ, категорияҳои кулл, махсус ва ҷузъро такмил медиҳад. Ҳамаи ин дар фалсафаи «баъдигегелӣ» идомаи худро меёбад.

Ҳамин тариқ, дар «фалсафаи классикии немис», аз ҷумла дар фалсафаи И.Кант бори аввал зарурати омӯзиши кулл ва ҷузъ маҳз ҳамчун категорияҳо, маҳз ҳамон шаклҳои зарурӣ, ки дар асоси он тамоми назарияи «муосири» дарки ин давра сохта шудааст, дарк карда мешуд. Акнун кулл аз ҷониби Кант ҳамчун як навъ ҷузъии гуногунрангӣ, ҳамчун як роҳи пайваст кардани намояндаҳои гуногун, ки боиси муттаҳидшавии онҳо бо зарурати ҷорӣ шудан ба якпорчагӣ мегардад, фаҳмида мешавад. Ф. Гегел ин категорияҳоро ҳамчун шаклҳои инкишофи руҳи мутлақ шарҳ медиҳад, ки бо тафаккури «дар худ ва барои худ» дарк гардидаанд. Тибқи он, Гегел байни доираи абстрактӣ-умумӣ (аз доираи намояндагӣ берун намеравад) ва доираи конкретӣ-умумӣ, ки ба сатҳи мафҳумҳо мерасад, фарқият мегузорад.

Ҳамин тариқ, дар таълимоти Гегел кулл бо шакли пурраи ботинӣ ва беинтиҳоӣ фарқ мекунад. Аз ин рӯ, кулл танҳо дар «тафаккури маҳз» вуҷуд дошта метавонад ва ба ҳеҷ вақҳ дар «воқеияти беруна» вуҷуд надорад. Дар доираи воқеият мо танҳо бо шаклҳои бегонашавӣ ва таҷассуми кулл сарукор дорем.

Адабиёт

1. Абдильдин Ж. М. Диалектика Канта. - Алма- Ата: «Наука», 1974. - 157 с.
2. Антология мировой философии в 4 т. - М.: «Мысль», 1969. - Т. 1. - Ч. 2, 579с.
3. Асмус В. Ф. Иммануил Кант. - М.: «Наука», 1973. – 539с.
4. Гегель Г. В. Ф. Наука логики. Энциклопедия философских наук. - М.: «Мысль», 1974. - Т. 1. - 452с.
5. Гегель Г.В.Ф. Философия духа. Энциклопедия философских наук. - М.: «Мысль», 1977. - Т. 3. - 408с. Гегель Г. В. Ф. Наука логики. - М.: «Мысль», 1971. - Т. 2. - 228с.
6. Гулиан К. Метод и система Гегеля. - М.: Изд. «Иностр. Лит.», 1963., Т. 2.-819с.
7. Гегель Г. В. Ф. Наука логики. - М.: «Мысль», 1971.- Т. 2. - 228с. Гегель Г. В. Ф. Наука логики.- М.: «Мысль», 1972. - Т. 3.-310с.
8. Кант И. Критика чистого разума // Соч. в 6 т. – М.: «Мысль», 1964.-Т. 3.-799с.
9. Кант И. Критика способности суждения // Соч. в 6 т.-М.: «Мысль», 1966.- Т. 5. - 530с.

КАТЕГОРИИ ВСЕОБЩЕЕ, ЕДИНИЧНОЕ И ОСОБЕННОЕ В ПРЕДСТАВЛЕНИЯХ МЫСЛИТЕЛЕЙ НЕМЕЦКОЙ КЛАССИЧЕСКОЙ ФИЛОСОФИИ

Субхонзода С. И.

В статье автор рассматривает категории всеобщее, особенное, единичное в представлениях представителей немецкой классической философии И.Канта и Г.Гегеля. В своей ситетической теории Кант впервые обсудил абстрактные, специальные и общие категории в рамках формальной логики. Основная идея Канта состоит в том, что отношение между еденичным и всеобщим есть особое третье. Кант представил эту проблему как диалектическую антиномию. Гегель же напротив, рассматривает целое как единую деятельную сущность. Более того, целое должно включать в себя как единичное, так и особенное. Всеобщее определяет как единичное, так и особенное.

Ключевые слова: *всеобщее, особенное, единичное, Кант, Гегель, диалектика, категория.*

CATEGORIES OF UNIVERSAL, SINGULAR AND SPECIAL IN THE TEACHINGS OF THE REPRESENTATIVES OF GERMAN CLASSICAL PHILOSOPHY

Subkhonzoda S. I.

In the article, the author examines the categories of universal, special, singular in the views of the representatives of German classical philosophy I. Kant and G. Hegel. In his synthetic theory, Kant first discussed abstract, special, and general categories within formal logic. Kant's basic idea is that the relationship between the individual and the universal is a spec Kant presented this problem as a dialectical antinomy. Hegel, on the contrary, considers the whole as a single active entity. Moreover, the whole must include both the singular and the particular. The universal determines both the singular and the particular.

Key words: *universal, special, singular, Kant, Hegel, dialectic, category.*

ҶАНБАИ АХЛОҚИИ ХИСЛАТҲОИ ИНСОНӢ ДАР ФАЛСАФАИ ВЕДОӢ ВА АВАСТОӢ

Муродова Т. – номзади илмҳои фалсафа, ходими пешбари илмии Шуъбаи таърихи фалсафаи ИФСҲ АМИТ
Муҳаммадиева С. – магистранти Шуъбаи таърихи фалсафаи ИФСҲ АМИТ

Дар мақола масъалаи ахлоқ, ки як бахши ҳикмати амалӣ ба шумор меравад, дар фалсафаи Ведоӣ ва оини Авастоӣ ба таври мухтасар баррасӣ шудааст. Ахлоқ, яке аз ҷанбаҳои хислати инсон буда, аз диди ин ду таълимоти фалсафию дини бостонӣ, яъне Ведаҳо ва Авасто таҳлилу таҳқиқ шудааст. Дар мақолаи мазкур ҳамчунин аҳамият ва мақоми ахлоқи амалӣ дар ҳаёти маънавӣ, иҷтимоӣ ва зиндагии инсон низ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: *ахлоқ, инсон, хислати инсон, накукорӣ, адолат, ростгӯӣ, пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек.*

Ахлоқ яке аз падидаҳое мебошад, ки дар оғози тамаддуни инсонӣ ташаккул ёфта, ҳамчун инъикоскунандаи ҷаҳони ботинӣ, аъмолу кирдор, гуфтор ва муносибати инсон нисбати атрофиён мебошад. Аз ин ҷо, баррасию омӯзиши ахлоқ ва категорияю хусусиятҳои он дар тули таърихи инсоният ҳамеша мубрам буда, имрӯз низ ин мубрамияти хешро аз даст надодааст.

Дар таърихи фалсафа шуруъ аз фалсафаи Ведоӣ, то фалсафаи муосир андешаҳои зиёде нисбати ҷанбаи ахлоқии хислати инсон баён шудаанд. Аз ҷумла дар фалсафаи Ведоӣ ва оини Авастоӣ фикру андешаҳои ахлоқии зиёде мавҷуд аст, ки чун низоми тафаккуроти инсонӣ баҳри фаҳмиши табиат, пайдоиш, арзишу моҳият ва нақоти инсон аз торикиҳою гумроҳиҳо хизмат мекунад. Мақоми инсон ва ахлоқиёти вай дар Ведаҳо алоқаи зич ба табиат дорад ва табиат бошад мувофиқи таълимоти Ведоиҳо дар шакли антропоморфӣ тасвир ёфтааст[5, 7]. Гуфтан ба ҷо аст, ки ахлоқи Ҳиндӣ аз ҳамон ибтидо ҷанбаи фалсафӣ дошт. Дар навиштаҳои Ведаҳои Ҳиндӣ ахлоқиёт ҷузъи ҷудонопазири тафаккури фалсафӣ ва мазҳабиро дар бораи сиришт ва хислати воқеиятҳо ташкил медиҳад. Ҷанбаҳои муҳими ҳаёти ахлоқии мардуми Ҳинд асосан бар низоми каставӣ (табақотӣ) буд, бинобар ин дар ин сарзамин қонунномаи ахлоқӣ куллан аз низоми табақотӣ ҷудонашаванда буд ва ҳоло ҳам вуҷуд дорад. Равиши ахлоқии мардуми Ҳинд ҳамон қонуни зиндагӣ, ки назму низоми табақотӣ барои ҳар кас муайян мекард буд ва ин мафҳуми усули ахлоқӣ ниҳоят қадима аст, ки ҳатто дар замони муосир мардуми Ҳинд бояд ин қонунро хоҳ нохоҳ қабул намоянд. Дар ҳолати анҷом нашудани ин қонун аз тарафи ҳар нафаре боиси муҷозот мегардад. Дар баробари ин риоят накардани фазилатҳои ахлоқӣ ва дар вуҷуд пайравӣ намудан аз разолатҳо, ба монанди бадхоҳӣ, зиштгӯӣ, дуруғгӯӣ, нафрин, туҳмат задан, ғайбат, нодурустӣ, сеҳру қимор, нафспарастӣ, дуздӣ, муошират бо гунаҳкорон ва ҳар гуна шарру шурурҳое, ки дар зиндагӣ аз инсон сар мезанад гуноҳ маҳсуб мешавад, қобили муҷозот аст. Дар муқобили ин аъмоли боло боз фазоиле аст, ки қобили ситоишанд ба монанди ростгӯӣ, дурустӣ, ҳамдардӣ, хайрхоҳӣ, парҳез аз хушунат, парҳезкорӣ, тасаллут бар нафс, риёзаткашӣ аз сифатҳое ҳастанд, ки инсонро ба сӯи ахлоқи нек, аъмоли нек ва покӣ мебаранд. Доир ба аҳамияти мафҳуми «аъмоли нек» ва ё «аъмоли писандида»-и ахлоқӣ дар «Ҳикматҳои Ҳушанг, ки онро «Ҷовидонхирад» номидаанд, чунин омадааст: «Аъмоли писандида дар накукорӣ чаҳор қисм аст: илму амал ва саломатии сина ва зуҳд дар дунё. Камоли илм - риояти сунан ва тариқи писандида аст ва камоли - амал савоб ёфтан ва суннатҳои писандидаро истеъмол кардан ва покӣ ва саломатии сина – ба куштани оташи ҳасад ва миронданди шуълаи он аст. Камоли зуҳд - сабр кардан ва шикебоӣ намудан бар шадоиди сахтиҳои дунёст»[9, 22]. Чунон ки мебинем масоили ахлоқ дар бо-

стони қадим, махсусан Ҳинду Эрон яке аз мавзӯҳои марказии ҷаҳонбинии фалсафӣ-ахлоқии онҳо ба шумор мерафт.

Дар фалсафаи Ведоӣ асли асосии ҷаҳон ва коинот, ё он воқеиятномае, ки дунё бар асоси он бино шудааст, асли назму низом аст. Барои ҳам Ведоиҳо ва ҳам Авастоиҳо ҳақиқат ва ростӣ ба якдигар пайванд буда, то инсон битавонад пардаҳои таваҳҳумро аз худ дур кунад ва ҳақиқати вуҷудро дарк намояд. Дар «Йаснаи 30»-и Авасто дар бораи дурӯғ ва ростӣ омадааст: «Гузашта аз он, вақте ки ду руҳ нахустин бор (дар оғоз) ба ҳам омаданд, онҳо зиндагӣ ва маргро офариданд... Аз ин ду рӯҳ, рӯҳи дурӯғ баҳри ба ҳаёт татбиқ кардани чизҳои бадро бар гузидаасту вале рӯҳи бисёр накукор, ки ӯ бо санги сахт пушида шудааст, ростиро баргузида ва дигар ӯ пайваста ҳамеша Аҳуромаздоро бо кирдорҳои ростини хеш хушнуд хоҳад кард»[2, 105]. Аз ин ҷо, дар таълимоти Авастоӣ ростӣ ва ростгӯиву росткорӣ ин назми ҷаҳонӣ ва нерӯи зиндагӣ аст ва аз Аҳуромаздо сарчашма мегирад ва дар баробари дурӯғу палидиҳо қарор дорад. Аҳуромаздо некии мутлақ буда, ҳеҷ чизи шаруре дар вай вуҷуд надорад.

Зардушт – паёмбари Эрони бостон ба андешаи бисёр муҳаққиқон, аз ҷумла муҳаққиқони Эронӣ ҳазору дусад сол пеш аз мелод мезистааст. Ӯ оине овард, ки ба дини Зардушт машҳур аст, таълим медод, ки як оини ахлоқӣ ва тариқаи ягонапарастӣ аст [4]. Дар «Авасто» омадааст, ки «ба ин ҷаҳон Ӯ ҳамчун шоҳи пиндори биҳу ростӣ омад» [2, 106]. Аз дидгоҳи Зардушт инсон бо ҷисми худ дар маърази нобудӣ қарор гирифтааст ва рӯҳе, ки номирандаву ҷовидон аст ба ӯ зиндагӣ мебахшад. Беҳтарин нерӯи рӯҳонии инсон илова бар хирад ва ақл иборатанд аз: вичдон, равон ё рӯҳ ва фариштаи нигаҳбон. Дар «Авасто» матнҳои зиёде доир ба ахлоқиёти инсон вуҷуд дорад, ки дар онҳо ҳадаф аз ахлоқ ин ростиву некӣ, орзӯю омолҳои нек, номи неку фаровонии нек, бахшоиши нек ва ободонии ҷаҳон аст. Аз ин ҷо, дар матнҳои «Авасто» омадааст, ки андешаи нек, гуфтори неку кирдори некро, ки дар ин ҷо ва дар ҳар ҷои дигаре варзида шудааст ва варзида хоҳад шуд, дуруд мегӯем ва худ низ ба ҷону дил ба некӣ ҳамекушем[2, 120-123]. Инсон дорои озодии ирода аст ва дар баробари кирдори неку бади хеш масъулият дорад ва ӯ бояд бипазирад, ки тариқи савобу салоҳ яке беш нест ва бояд байни ҳақу ботил ва ҳақиқат ва хайру шар (р) якеро интихоб намояд. Нуқтаи аслӣ ва пояи асосии ахлоқ дар оини Зардушт бар рӯи ин қоида аст, ки нафсу замири ҳар фард як майдони набарди доимӣ байни хайру шар(р) ва ё некиву бадӣ аст. Мувофиқи оини зардуштия аз лаҳзае, ки Аҳуромаздо одамиро биёфарид ӯро озодии амал ато кард, то ки худ амали хешро бигузинад, яъне дорои неруи ихтиёр гардад, ки мобайни ду роҳ хато ва савоб ҳар якеро битавонад интихоб кунад. Ҳарчанд ки Аҳуромаздо тавассути неруӣ некӣ, Спандмену ва дастёри «Ваҳумна» (фариштаи пиндори нек ва ниҳоди хуб) ҳамеша одамиро ба сӯи ростӣ ҳидоят мекунад. Вале дар ҳамин ҳол ҳам қувваи бадӣ ва зиштӣ Ангра мену низ дар вуҷуди ӯ зуҳур ёфта, дар фикри вай ҳамвора васваса меандозад ва ахлоқи ӯро ба сӯи бадӣ мекашад. Аз ин ҷо инсон вазифадор аст, ки дар дили худ мобайни ин ду қувва – некӣ ва бадӣ якеро интихоб кунад. Бинобар ин дар «Авасто» омадааст, ки «ҳар кас ба сари худ (худ ба худ) сари ду (яъне некиву бадӣ) интихоби тасмимгирӣ андеша кунад, зеро ки ду рӯҳи азалӣ (аз оғоз) вуҷуд дорад – дугоник, ки маъмул аст, ки бояд ба ҳамдигар дар пархош бошанд. Бо пиндор, бо сухан, бо кирдор дутоанд – рӯҳи биҳу рӯҳи бад»[2, 105].

Ахлоқи Зардушт дар сатҳи хеле боло қарор дорад ва тамоми талоши ӯ панди ростгӯиву росткорӣ, некгуфторӣ, неккирдориро ташвиқ намудан ба инсону инсоният аст. Дар таълимоти ахлоқии Зардушт маънии рӯза гирифтан ин ҳамоно парҳез аз гуноҳон аст, яъне ҳамаи узвҳои одамӣ, мисли чашму гуш, забону даҳон, дасту по бояд рӯзадор бошанд. Ин маънои онро дорад, ки тамоми узвҳои бадани инсон бо нафсаш таҳти итоати ақлу дилаш ва дар ҳолати тафсияву тазкия бошанд. Ин гуфтаҳои Зардушт дорои арзишҳои волое нисбати ахлоқиёти башар аст, ки донистани он барои насли муосир як панду раҳнамоии омӯзанда аст. Аз ин рӯ, омӯзишу аз бар намудани ахлоқи бостонии мардуми форсу тоҷик ва Ҳинд инсонро ба сӯи покиву ростӣ ва худшиносиву ҳувияти миллӣ доштан мебарад. Зеро ҷавҳари инсон дар фарҳангу тамаддун ва ахлоқиёти ӯ зуҳур меёбад. Дар алоқамандӣ ба ин мавзӯъ чанд сухане дар бораи мубра-

мияти ахлоқ дар замони ҳозир ва роҳҳои ахлоқӣ шудани фардҳои ҷомеа хоҳем баён намуд.

Қайд намудан зарур аст, ки фаъолияти инсон ва сифатҳои ахлоқии вай бо ҳам дар алоқамандии зичанд ва метавон гуфт, ки ахлоқ решаҳои таърихӣ-иҷтимоӣ ва замонавӣ дорад. Ба ин мазмун, яке аз муҳаққиқон чунин баён намудааст, ки ахлоқ зодаи ҷамъияти инсонӣ буда, маънои хиради зиндагиро дар худ меғунҷонад. Яъне, ахлоқ таълимотест дар бораи касб намудани сифатҳои иродивию маънавии инсон, ки сараввал дар ҳаёти иҷтимоӣ ва баъдан, дар ҳаёти шахсии фард зарур ва ногузир мебошад[3, 149]. Риоя накардани принсипҳои ахлоқӣ, аз ҷумла адолат, накукорӣ, ростқавлӣ, парҳез аз хиёнат, дуздӣ, мардумозорӣ ва амсоли инҳо инсонро ба мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ месозад ва ҳатто ба поймол кардани ҳуқуқу озодии инсонҳо ва дигар аъмоли зишти ғайриинсонӣ сабаб мегардад. Инсон дар байни аҳли иҷтимоъ зиндагӣ намуда, меъёрҳои ахлоқиро риоя накунад, пас дар зиндагии фардӣ низ ба комёбиҳо ноил нахоҳад гашт. Вақте инсон бо атрофиён дар муносибату иртибот қарор дорад ва вай ҷузъи ҷудоношавандаи ҷомеа ба ҳисоб меравад, бояд ки аз шарту шароитҳои ахлоқӣ дар байни мардуми ҷомеа огаҳӣ дошта бошад. То ки барои барпо намудани робитаи солим ва танзими ҳаёти шахсии хеш аз суҳбату муошират ба онҳо истифода барад.

Дар роҳи ташаккули ахлоқ тинати фардии инсон бояд ба назар гирифта шавад. Дар ин роҳ монанди дигар роҳҳои зиндагӣ мӯъҷизае нест. Ҳар як фард мувофиқи табиати хоси худ бояд дараҷаҳои ахлоқиро зина ба зина тай кунад. Касоне, ки зинаҳоро бошуурона ва пайдарҳам ҳамчун адои қарзи зандагии худ, мегузаранд, бешубҳа ба зинаи баланди камолот хоҳанд расид. Дар ҳолате, ки фаолияти ахлоқӣ бо хирад созгор набошад, натиҷаҳои чунин фаъолият ҳисси қаноатмандии маънавиро ба миён намеоваранд. Бинобар ин, ахлоқ фаҳмиш ва донишро талабгор аст. Шахси риёзаткаш бояд ҳама нозукиҳои ахлоқро дониста, мавқеи истифодаи онҳоро хуб дарк намояд.

Яке аз сифатҳои асосӣ ва масъулияти ахлоқӣ дар фалсафаи Ведоӣ ин «накӯкорӣ» мебошад, ки дар забони санскрит бо мафҳуми «аҳимса» ифода шудааст. Инсони накӯкор он нафарест, ки аз тамоми сифатҳои разила даст кашида, зарар нарасонидан ба махлуқу мавҷудоти зинда ва ғайризинда бояд сифати ахлоқӣ будани ӯ бошад. Дар таърихи башар риоя нашудани ин принсип, яъне накӯкор будан ва зарар нарасонидан ба олами атроф, инсонро ба мушкилиҳои зиёд дучор сохта, сабаби нооромиҳо, ҷангу ҷидол ва дигар ҳаракатҳо гардидааст. Бо боварии комил наметавон гуфт, ки имрӯз низ зуроварӣ ва зараррасонӣ кам шуда бошад. Ин омил, яъне зуроварӣ, ки яке аз унсурҳои ахлоқи бад аст, ба се намуд тақсим мешавад: зарари ҷисмонӣ, ақлонӣ ва рӯҳонӣ. Зарари ҷисмони шакли соддатарини зарар аст. Зарари ақлонӣ бошад, таъсираш ба тафаккури инсон бештар аст ва давомноктарин зарар ба ҳисоб меравад. Зарари рӯҳӣ, дар инсон боиси ташаккулёбии хоҳиши бадбинӣ, тарс, дунёбезорӣ ва дар баъзе ҳолатҳои дилбастагӣ ба ашёи моддист.

Дар замони муосир, дар раванди ҷаҳонишавӣ намудҳои гунонуни зараррасонӣ: моддӣ, маънавӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, техникӣ, ахборотӣ ва ғайраҳо ба вуҷуд омада истодаанд. Қайд кардан зарур аст, ки зарар дар кадом шакле, ки сурат нагирад, ҳатман дар охир ба субъекти зараррасон бар мегардад. Дар «Қонуни Мануҳ» чунин омадааст: «Зараррасон ҳатман мариз хоҳад шуд, шахси безарар саломат хоҳад монд» [8]. Агар шахси зараррсаон аз тарафи қонун ҷазо нагирад, пас ба маризӣ ва бадбахтиҳо дучор гашта, ба ин восита ҷазо хоҳад гирифт. Яъне ҳар як вайронкунии принсипи «аҳимса» дар охир ба вайронкор зарареҳоҳад овард.

Чунонки дар боло қайд шуд дар оини фалсафии Авастоӣ масъалаи инсон ва мақоми вай мавқеи махсусро ишғол мекунад. Зеро ахлоқе, ки Зардушт мехост он комилан ба фаъолият ва гуфтору рафтор ва аъмоли инсон нигаронида шуда, дар асоси он аввалан ростӣ ва пас аз он се рукн – «пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» бунёд гардидааст. Аз ин рӯ, дар таълимоти Зардуштия «Ростӣ», ки кодекси ахлоқии ин таълимот аст, асоси ин се рукни дар боло номбар шуда мебошад, яъне пиндору гуфтор ва рафтори нек бидуни «ростӣ» моҳияту арзише надоранд. Танҳо «ростӣ» метавонад

инсонро аз тамоми торикиҳою гумроҳиҳо наҷот бахшад. Пайдарҳамии ростӣ ва ин се рукни сегонаи оини Зардуштӣ тасодуфӣ набуда, балки нуктаи асосии ахлоқиёти ин оин мебошад. Маҳз риояти ин чаҳор рукн ҷаҳони батинии инсонро саршор аз рушноиҳою дунёи зиндагии ӯро пур аз дурахшишҳо мекунад.

Пиндори нек – ин яъне андешаи нек, ки инсон бояд пеш аз ҳама тинати пок дошта бошад ва дар тинати худ некиву накукориро пеша намояд. Гуфтори нек – ҳар он чи ки дар тинати инсон аст, бо гуфтори он баён мегардад ва ростфикрию қалби пок ростгуйиро ба миён меоварад. Рафтори нек – ин яъне амали нек, ки бояд инсон ҳар он андешаи мусбате, ки дорад бо сухани нек баён карда, дар амал низ онро татбиқ намояд. Танҳо бо ҳамин восита ва бо иродаи озоду қавии хеш инсон метавонад сарнавишти худро наҷот бидиҳад.

Ростқавлӣ мувофиқати байни пиндору гуфтор ва рафторро баён мекунад. Агар байни ростиву ин се рукн номувофиқатӣ ба миён ояд ҳақиқатро халалдор хоҳад сохт, чунки инсон метавонад, ки барои наҷот аз мушкилоти лаҳзагии хеш бо гуфтаҳои муқобил андешаҳояшро баён кунад, ё ин ки рафтораш ба гуфтораш мувофиқ наояд. Муҳаққиқи шинохтаи тоҷик М.Музаффарӣ дар асараш «Антропологияи ориёӣ» дар бораи ҷаҳонбинии ориёӣ баҳс намуда, оиди ин се мақулаи ахлоқӣ фармудааст: «Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек бевосита ба саломатии инсон таъсири мусбат мерасонанд. Аз ин рӯ, вобастагии саломатию ахлоқ равшан аст»[7, 97]. Яъне, ҳифз намудани таносуб байни пиндор, гуфтор ва рафтор ба инсон ва рӯҳу равони ӯ ҳаловат бахшида, таносуби саломатии ҷисмониву рӯҳии ӯро ба миён меорад.

Ҳамчунон ки гуфтем, дар матнҳои ахлоқии «Ведоӣ» ва «Авастоӣ» бештар дар бораи ростӣ, ростгӯӣ, росткорӣ сухан меравад, ки дар замони муосир низ ин масъала яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳим ба шумор меравад, ки он ҳам ин рафтору кирдори мардум ва шахсияти онҳо мебошад. Ва рӯи ин масъала кор кардан ва андешаҳои ниёгонамонро байни онҳо ҷорӣ кардану огоҳ намудан аз фарҳангу тамаддуни бостонӣ аз мубрамият ва аҳамият холӣ нест. Зеро дар замони ҳол таърихи башарият дар ҷараёни гузариш ва ивазшавианд ва байн хайру шар (р), сиёҳу сафед, хубу бад, росту дурӯғ, ҳақу ноҳақ, некиву бадӣ, рушноиву торикӣ, интихоби роҳу равиши зиндагӣ, касбу ҳунар, ҳувияту насабият ва амсоли инҳо нимаи дуроҳаанд ва дар ҳолати калавиш дар интихоби ину ононад. Инсони дар роҳи ҳақиқат сафарбаршуда, бояд ростқавлӣ, ростгӯӣ ва накукориро пешаи худ намуда, аз дурӯғ худдорӣ намояд. Дурӯғ ин суханҳои муқобили воқеият ва ростгӯӣ буда, инсонро ба роҳи хато ва торик бурда, ӯро аз ҳақиқати фалсафаи зиндагӣ дур меандозад.

Бояд гуфт, ки ахлоқ, (дар назар дорем ахлоқи амалиро) ҳамеша ахлоқи фардист. Аҳлоқи амалӣ ва ё ҳикмати амалӣ иборат аст аз илм ба ин ки рафтору кирдори инсонӣ, яъне афъолу аъмоли ӯ чигуна бояд бошад ва чигуна набояд бошад. Ҳадаф аз ҳикмати амалӣ ин аст, афъолу гуфтор ва рафтори инсон хуб ва ё бад аст. Аз ин ҷо ҳикмати амалӣ танҳо ба афъолу ихтиёр ва арзишҳои ахлоқии инсон хос аст. Аз ин ҷо, тобиши табиати фардии ҳар инсон тарзи амалӣ гаштани ахлоқро муайян мекунад. Бинобар ин таҳлил ва арзишгузории ҷузъиёти хислати инсон бе назардошти ҷанбаҳои ахлоқӣ нопурра боқӣ мемонад. Омӯзишу таҳлили хислатҳои инсон дар тарбияи насли муосир аз мубрамият кам нест, зеро ки хислати инсон сифатҳои ахлоқӣ, равонӣ ва ақлонии ӯро дар бар гирифта, мақоми вайро дар оила, ҷомеа ва муҳити зист нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, хислат маҷмӯи сифатҳои умумии табиати инсон аст, ки дар ҷараёни натиҷагирӣ аз ахлоқи инсон оғоз меёбад. Аз ин рӯ, хислат ин хиради инсон, ки дар якҷоягӣ ба сифатҳои ахлоқӣ, хислати инсонро ташкил медиҳанд.

Адабиёт

1. Абубакр Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. - Душанбе: Адиб, 1989 – 156 с.
2. Авасто. Ҷилди 1. – Душанбе: «Бухоро», 2014.-784 с.
3. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ. - Душанбе: «ЭР-граф», 2022 – 368 с.
4. Ахлоқиёти Эронӣ. https: //www. News-law/ net /
5. Гуйван П.Н., Инговатов В. Ю. Проблема человека в истории философии (Древняя Индия, Древний Китай, Древняя Греция,

Средневековая Европа). Учебное пособие. Изд-во Алт ГТУ. Барнаул, 2015 – 213 с.
6. Лоҳичӣ Шамсуддин Муҳаммад. Асрор-уш-шуҳуд фи маърифат ал-ҳақ-ул-маъбуд. Теҳрон, 1388 – 307 с.
7. Музаффарӣ М. Антропологияи ориёӣ. - Душанбе: «Дониш», 2006 – 124с.
8. Законы Ману. Манава дхармашастра. – М., 2002 – 496 с.
9. Ҷовидонхирад. Мероси хатии бостон. Китоби 11, ҷилди 2. – Душанбе, 2016 – С. 17-94.

НРАВСТВЕННЫЙ АСПЕКТ ХАРАКТЕРА ЧЕЛОВЕКА В ВЕДИЙСКОЙ И АВЕСТИЙСКОЙ ФИЛОСОФИИ

Муродова Т., Мухаммадиева С.

В статье речь идет об этических особенностях в характере человека. Этот вопрос рассматривается авторами на материале Ведийской и Авестийской философии. В ходе анализа авторы акцентировали внимание на проблемы, связанные с ролью и значением нравственности в духовной и социальной жизни человека.

Ключевые слова: *этика, человек, характер человека, благодеяния, справедливость, правдивость, праведная мысль, праведное слово, правильное поведение.*

MORAL ASPECT OF HUMAN CHARACTER IN VEDIC AND AVESTAN PHILOSOPHY

Murodova T., Muhammadieva S.

The article is about ethical features in the character of the human. This issue is considered by the authors on the basis of Vedic and Avestan philosophy. In the course of the analysis, the authors focused on the problems associated with the role and significance of morality in the spiritual and social life of the human.

Keywords: *ethics, human, human character, good deeds, justice, truthfulness, righteous thought, righteous word, righteous behavior.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

НАЗАРЕ БА ТАБИАТИ ИНСОН

Бандалиева Ш. Н. – н.и.ф., ходими калони илмии Шуъбаи онтология, гносеология ва мантиқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ

Шинохти ҷанбаи физикии табиати инсон яке аз масоили мубрами асоси андеша ва тафаккуроти донишмандони антропология, фалсафа, тиб, равоншиносӣ ва дигар илмҳо мебошад. Донишмандон ва мутафаккирону файласуфони ҳар давру замон атрофи он баҳс кардаанд ва нуқтаи назари худро рӯи ин масъала иброз намудаанд. Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки андеша ва орои мутафаккиронро, ки ҳар яке аз дидгоҳи худ ба ин масъала менигаранд ва фарзияҳои нав пешниҳод мекунанд, монанди фарзияи табиӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ ва фарзияҳои дигаре, ки то кунун вуҷуд доранд, ва муаммои инсонро бо бурҳону далелҳои яктарафа сарбастаю бунбаст гардонидаанд. Омӯзиши масъалаи инсон фарогиру доманадор ва дар айни замон, мубҳам ва мураккаб аст. Новобаста ба масъалаи мураккабии он, тавоҷуҳи олимонро дар ҳар марҳила бештар гардонидааст.

Калидвожаҳо: *ҷанбаи физикӣ, инсон, ҳаввос хирад, нафс, олами моддӣ, маънавӣ, табиати инсон, инсонмеҳварӣ, кайҳон, олами кабир.*

Масъалаи омӯзиши ҷанбаи физикии инсон яке аз умдатарин масоили ҷаҳони имрӯза ба шумор меравад, ки муҳаққиқони марҳилаҳои гуногуни таърихӣ доир ба он ақоиду андешаҳои мухталифро руи кор овардаанд. Шинохти асрори ҳастӣ ва ҳақиқати инсонро метавон чун меҳвари андеша ва тафаккуроти мутафаккирону файлсуфон ва соири дигар илмҳо қаламдод кард. Мавзӯи инсон мавзуест, ки тамоми макотиб ва ҷараёнҳои илмии дунё тули қуруни мутааддид атрофи он баҳс кардаанд ва назарҳои нав ба навро руи ин масъала ироа доштанд. Ягона масъалаи меҳварие, ки аз ибтидо то ба имрӯз файласуфон ба он посух меҷустанд ва талош карда истодаанд, ин кашф намудани асрори ҳастӣ ва мавҷудияти инсон аст. Маҳз ҳамин масъала ва посух ба он робитаи диалектикии ақоиди фалсафии тамоми файласуфонро оид ба масоили инсон дар таърихи фалсафа таъмин мекунад.

Масъалаи пайдоиш, табиат, моҳият ва мавҷудияти инсон, мунтазам шакл гирифтани таносуб байни ҷанбаҳои физикӣ ва иҷтимоӣ яке аз ҳадафҳои марказии пажуҳиш ва таҳқиқоти фанни антропология мебошад. Зеро дар миёни мавҷудоти олам мавҷуде ба андозаи инсон ниёзманд ба пажуҳиши илмӣ ва тавзеҳу тафсир нест.

Ҳангоми таҳқиқи масъалаи инсон ва табиат, инчунин таносуби инсон ба табиат ва ҳастии он, бояд андешид, ки инсон аз як тараф, мавҷуди табиӣ буда, пайдоиши табиӣ дорад ва бо тану бадан, ба қавли Азизуддин Насафӣ «колбад»-и худ ба табиати зинда мансуб аст.[1,57] Аз тарафи дигар, инсон аз табиати беруна ҷудо шуда, дар айни замон дар ҳудуди он зиндагӣ ва фаъолият мекунад, вале аркон ва анвоъи гуногуни зиндагӣ ва фаъолияташ сирф табиӣ набуда, балки ба олами фавқуттабиӣ низ мепайвандад.

Ба ғайр аз ин, инсон табиати «интегративӣ», яъне муштарак, байни табиати биологиву иҷтимоӣ ва равонӣ низ дорад. Табиати инсон дар пайвастагӣ ва таъсирҳои тарафайни омилҳои табиӣ -биологӣ ва иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Бояд қайд намуд, ки ҳолати равонӣ ва нафсоният, ки мавзӯи баҳси равоншиносӣ ҳастанд ва вуҷудашон барои мо мусаллам аст, аз ин рӯ барои мутоила ва баррасии онҳо бояд ҳамон равиши маъмулӣ дар улуми табиӣ ва физика, яъне мушоҳида ва таҷрибаро пеш гирифт. Ҳақиқати вуҷуди нафсоният ҳатто мусалламтар аст аз ҳақиқати вуҷуди хусусиятҳои физикии модда, аз қабили ранг, ҳарорат, муқовимат, ки мавзӯи баҳси илми физика ҳастанд. Дар вуҷуди инсон ба ғайр аз муносибат бо табиати беруна, инчунин мебояд, ки дар фаъолияти инсон низ онҳоро мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Огоҳие, ки мо аз ҳолати нафсонии худ дар даст дорем ва дар воқеъ ҷузъи зотии онҳо аст, шуур ва ё виҷдони нафсонӣ номида мешавад. Ин мафҳум ба ҳамаи он ҳамвора яксон нест, балки шиддат ва заъф дорад, чунон қисме аз онҳо равшан ҳастанд ва қисме дигар торик ва мубҳам ва аз ин рӯ дастаи аввалро «...виҷдонияти сареҳ ва дастаи дуввумро виҷдониёти мағфула мехонем ва шуурро ҳам дар сурате, ки ба дастаи аввал шомил шавад, шуури зоҳир. Чунончи нозир ба дастаи дуввум бошад, шуури ботин номидем. Ва чуноне, ки сариҳан нафсониёте, ки илми нафс бо онҳо сареҳ аст, афкор ва авотиф. Гуфта мешавад, ки дар замони ҳол оризи равон ҳастанд [2,42].

Тани биологии он дар раванди зиндагиву фаъолияташ дорандаю барандаи рӯҳу маънавият, иҷтимоиёт буда, дар фарҷом ифодакунандаи вазъияту ҳолатҳои мудом тағйиру инкишофёбандаи тану бадани он мешаванд. Таносуби онҳоро назарияи монистии инсоншиносӣ баррасӣ мекунад. Ин назария пеш аз ҳама онро ба асос мегирад, ки раоншиносии (психикаи) инсон вазъияту ҳолатҳои гуногуну тобеияти тафаккури он ба фаъолияти инъикоскунӣ ва мантиқии майнаи сари он вобаста аст ва ин узви асосии бадани тому ягонаи он, асоси материалии рӯҳу равон ва қобилияти пайдо кардани маънавият ва воқеият доштани он аст.

Новобаста аз ин, асоси бунёди моддигароӣ, ягон манбаъ ё роҳи дигари пайдоиши психика, тафаккур ва маънавияти инсонӣ вуҷуд надорад. Аммо барои дарки табиати физикии инсон хеле зарур аст, ки мо иллати пайдо шудани ҳаввоси табии инсон ва робитаи пайвастагии онҳоро бо руҳ пайваста дида бароем. Чуноне ки пеш аз ин ишора шуд, «бадани инсон дар маърази таҳрик ва натиҷаи авомили хориҷӣ, монанди иртишооти ҳаво ва амвоҷ асари бархурди фишори дигар чизҳо қарор дошта, ҳамвора аз онҳо беш ва кам мутаассир ҳаст»[1.42]. Ин таъсири бадан дар инъикос пайдо мешавад, ки эҳсос ном дорад. Пас, эҳсос ба ҷуз таҳрики хориҷӣ ва таъсири узве аст, ки на акси зеҳнӣ таъсире аст, ки яке аз аърози баданро ориз шудааст.

Аҳсоби эҳсосотро ба мағз мунтақил мекунанд ё ин ки мағзи эҳсосотро забт менамояд ва монанди он. Зеро он чи ба воситаи пайҳо (аҳсоб) интиқол меёбад ва дар мағз забт ва нигаҳдорӣ мешавад, таъсироти узве яъне тағйироти баданӣ ва моддӣ ҳастанд, на эҳсосот. Ҳар узве, аз бадан, ки таъсири он муҷиби эҳсоси маҳсус бишавад, узв ё андоми он ҳис ба шумор меравад.

Ҳукамо танҳо панҷ узвро дорои хосият медонистанд ва ин рӯ ба панҷ гуна эҳсос қоил буданд ва онҳоро ба панҷ ҳисси биноӣ («босира»), шунавоӣ («сомеа»), басовоӣ («ломиса»), ва чашоӣ («зоиқа») ва буёӣ («шомма») нисбат медиҳанд ва ба ҳамин ҷиҳат дар бисёр забонҳо ҳаввоси зоҳирро ҳаввоси хамса ва ё ҳаввоси панҷгона хонда ва ҳануз ҳам мехонанд. Дар сурате, ки ин баён бо воқеъ ва нафсу амр мутобиқат надорад, зеро шумораи ҳаввоси зоҳир хеле беш аз панҷ ҳис аст ва ҳақиқати ин нуқта пас аз пажуҳишҳои тоза, ҳам аз лиҳози колбадшиносӣ (илми ташреҳ), мусаллам гардида ва ҳам аз лиҳози илми равоншиносӣ.

Колбадшиноси (илми ташреҳ) ошкор сохтааст, ки он чӣ то кунун ҳисси ломисса хонда мешавад, дар воқеъ иборат аз чандин ҳисси мухталиф аст, ки ҳар кадом дар пусти бадан узви хоссе дорад.

Алиакбари Сийоси дар мавриди ин масъала андешаи ҷолибу тозае иброз намуда ба қавли ӯ “он чи мунҳасиран узви ҳисси сомеа ба шумор мерафт, яъне гӯш муштамил бар ду андом мутафовит аст, ки яке воситаи эҳсоси савт аст ва дигаре (маҷори ним доираи гуши дохилӣ) ҳисси таодул ва тавонро ба мо медиҳад”.[2.47]. Аз ин ру, аз нигоҳи ин донишманди асил дуруст нест, ки гуфта шавад: метавонем ё ҳавосси зоҳирро дах гуна дониста ва онҳоро ба қарори зер ишора кард: эҳсосоти басар, (ҳисси биноӣ), самъӣ («ҳисси шунавоӣ»), ламсӣ («басовоӣ»), сардӣ ва гармӣ («ҳисси сармо ва гармо»), аламӣ («ҳисси ранҷи ҷисмонӣ»), вазъӣ ва узлонӣ («ҳисси ҷунбиш»), таодул («ҳисси таодул ва ҷиҳатёбӣ»), завқӣ («ҳисси чашоӣ»), шамъӣ («ҳисси буёӣ»), дохилӣ («дарунӣ»). Албатта, набояд ин шумора ва тақсимро қатъӣ пиндошт.

Пас, роҷеъ ба арзиши маърифати эҳсос танҳо метавон гуфт, ки миёни ҳолоти нафсонӣ ва сифот чизи хориҷе, ки муқаддимаи ин ҳолат аст, иртиботе мавҷуд аст, ки бе он ки ҳамон (айният) ё ҳатто ҳамонанди (мушобиҳат) дар кор бошад. Ба иборати дигар, огоҳӣ ва илме, ки эҳсосот аз ашё, ба мо медиҳанд, марбут аст ба авориз ва сифоти завот на ба худи онҳо; илова бар ин дар

ташкили ин илм ва огоҳӣ ва чигунагии он ҳам ашё дахолат доранд ва ҳам худи зеҳн.

Бо ин ҳама тамоми илму дониш бунёдаш ҳамин машҳудоти ҳиссӣ аст ва ба ҳамин далел бояд дар парвариши ҳаввос таваҷҷӯҳи махсус мабзул дошт ва фаромуш накард, ки ҳар қадар ҳаввоси зоҳир амали худро беҳтар анҷом диҳанд, маълумоти аввалияи зеҳн зиёдтар ва дақиқтар буда ва ин амр дар камият ва кайфияти аъмоли нафсонӣ ва таркибот ва ибтикороти зеҳнӣ таъсири куллӣ хоҳад дошт.

Аз ин рӯ, моҳияти инсон, пайдоишу таъйинот ва мақоми он дар дунё яке аз масъалаҳои асосии таърихи андешаҳои фалсафӣ ба шумор рафта, мавриди омӯзиши соҳаҳои гуногуни дониш: антропология, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ , физиология, педагогика, тиб ва ғ. ба ҳисоб меравад. Аксари илмҳое, ки ба омузишу тадқиқи инсон машғуланд, аз нуқтаи назари ҳирфаӣ ба алоҳидагӣ ба фалсафа маълумоти муайян медиҳанд. Пас фалсафа маълумоти гуногуни илмҳои мазкурро баррасӣ карда, ба онҳо як хулосаи ба ҳақиқат наздикро бароварда, мазмуни нав мебахшад.

Таълимоти мактабу равияҳои мухталифи фалсафии Эрон, Ҳинд, Чин ва Юнони Бостон инсонро офарида аз нури азалӣ ва хок (Авесто), ҳамчун «олами сағир» (Суқрот), як бахши муҳимтарини Кайҳон, инъикосгар ва рамзи «олами кабир» тавсиф кардаанд, ки дар худ ҳамаи унсурҳо (об, оташ, хок ва ҳаво)-ро ҷой додааст, аз ду ҷанбаи воқеияти ягонадошта (Арасту) ва ду ҷавҳари гуногунҷинс (Афлотун) – ҷисму рӯҳ иборат аст. Инсон ва моҳияти он нахуст дар динҳои ибтидоӣ ва афкори фалсафии бостон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, инсоншиносӣ пас аз худошиносӣ муҳимтарин мавзӯъ ва масъала ба шумор рафта, аксарияти макотибу равияҳои фалсафию мазҳабии Ҳинд, Чин, Миср, Юнони қадим ва Эрони Бостон, таълимоти масеҳиву ислом, донишмандони асрҳои миёнаву давраи Эҳё ва даврони муосир ба шинохту баррасии инсон пардохтаанд.

Мутобиқи таълимоти Зардуштия инсон барои ба амал баровардани ҳамин хираду ҳадафҳояш зимни аъмоли мушаххаси худ дармеёбад, ки калиди асосии хайр ва шар ва нуру зулмат, донишу биниш ва дарки таҷрибаи андухтаи башар будааст. Одамӣ бо истифода аз интихоби фаъолияти худ ва малакаи дар амал қарор додани андешаву гуфтору рафтори нек, дар олами моддӣ, ки появу дарки онро ҳамчун маводи аввалия Ахурамаздо гузошта буд, бо корбурди ақлу андеша ва дигар мақулаҳо, аз ҷумла хираду тачриба тухми накӯкориро дар олами моддӣ пароканда месозад, уфуқи адлу додро тавсиа медиҳад, қонунҳои ашё ва мақулаҳои ақлро дар аъмоли худ истифода мебарад, олами барои худаш заруриро бо нерую фаъолияти созандагиаш бунёд хоҳад кард, нақши эҷодкоронаи худро иртико хоҳад бахшид ва сарои шодмониро дар табиату ҷомеа ва олами кайҳонӣ созмон хоҳад дод.

Асоситарин таълимот дар бораи мақоми маърифати инсон аз он иборат аст, ки агар бо мақсаду нияти пок ба олами моддӣ ва муҳити зисти хеш амал кунад, мавҷудоти олами моддӣ барои у беҳтару хубтар асрори ниҳонии худро ошкор хоҳанд кард. Натиҷаи ҳар кору амали созандаи инсон дар ҳадди ақлу андеша дар таълимоти маърифатии зардуштия ду тобиш дорад: «яке суду манфиате, ки зимни аъмоли нек насиби инсон мешавад ва дигаре ҷанбаи тарбиявӣ ва ахлоқии он ки дигарронро таҳти таъсир қарор медиҳад» [2,40].

Аз нигоҳи таълимоти Ведаҳои Ҳинди қадим, инсон мавҷуди иҷтимоист ва ҳадафи офарида шуданаш хидмат ба ҷомеа ва дастгирии низоми ҷаҳонӣ мебошад. Нахуст инсон – Пуруша бо Худованд муносибати наздик дошта, олам маҳз барои ӯ офарида шудааст. Инсон аз ҷисму равон ё рӯҳ, ки сарчашмаи шуур мебошад, иборат аст. Ҷисми инсон чор талабот дорад: хӯрдан, хобидан, дифоъ кардани хеш. Рӯҳ ё ҷони инсон талабгори ҷовидонагӣ, дониши фарогир ва хушбахтӣ аст.

Ҳар як инсон аз панҷ ҷиҳат қарздор аст: нахуст аз волидайни худ барои тарбияву ғамхорияшон; дуввум дар назди ниёгонаш; севум аз нимахудоён, ки низоми Кайҳонро нигоҳ медоранд; чорум аз устодонаш, ки аз онҳо дониш омӯхтааст ва панҷум аз тамоми рустаниву мавҷудоти зинда, ки барои ташаккули баданаш саҳм доранд. Агар инсон ин қарзҳоро адо намояд, ҳамаи қарзҳояшро дар назди Худованд адо кардааст. Тибқи Ведаҳо, оғози инсонро «Атман (ҷон, рӯҳ, «худӣ», мудрик) ташкил медиҳад, ки мувофиқи моҳияти ботинии худ

ба Худованди Мутлақ ё оғози умумиҳастӣ – Бараҳман шабоҳат дорад ва агар инсон раванди такомули ҷисмониву рӯҳониро пурра тай кунад, метавонад худ Бараҳман гардад» [3,27].

Дар таълимоти фалсафаи буддоӣ меҳвари асоси ҳастӣ ин шинохти инсон аст. Зеро ба қавли Буддо, дин ва идеология низ барои инсон тарҳрезӣ шудаанд. Бояд донист, ки маҳаки ҳамаи будишҳо инсон аст. Ва идеоли асосиеро, ки Буддо дар иҷро намудани даҳ фармони асосӣ тавсия мекунанд, иборатанд аз даст кашидан ва озод шудан аз тамоми лаззоти зиндагии моддӣ, аз ҷумла мамнуъ намудани мардум аз лаззоти ҷисмӣ, ба монанди майл доштан ба ҳарисӣ дар хурок, ҷавоҳирот, лаззоти моддӣ ва ғундоштани сарвати бебаҳо. Инсон дар фарҳанги ислом низ мақоми баланд дошта, “ашрафи махлуқот дониста шудааст». Аз нигоҳи Қуръон инсон мавҷудест, ки аз лиҳози зоҳирӣ зеботарин сурат, некутарин андоза, беҳтарин таносуб ва эътидолро дорост. Танҳо инсон аст, ки дорои рӯҳи илоҳӣ ва фитрати худоӣ мебошад. «Инсон ашрафи махлуқот шуморида шуда, Худованд пас аз офаридани инсон худро «Аҳсану-л-холиқин» (Қуръон, 23:14) хондааст. Инсон озод офарида шудааст ва қудрати интихоби роҳи саодату шақоват (бадбахтӣ)-ро дорад. Инсон неруи тавонои илмомӯзӣ дошта, зарфияти илмии ӯ бузургтарин зарфиятест, ки мумкин аст ягон махлуқи табиӣ надошта бошад. Инсон қудрати навиштан, ба забонҳои гуногун сухан гуфтан ва дарёфти матлаб аз тариқи дидану шуниданро дорад.

Инсон қувваи андешидану дарки масоили гуногуну навро дорад ва ин тавоноии фаҳму идрок ва таълим сабаби пайдоиши маҷмӯае аз маълумоти ҳиссӣ , хаёлӣ , ақлӣ , таҷрибавӣ ва нақлӣ мешавад. Инсон мавриди такрими хосси Худованд мебошад ва Худованд ӯро бо каромоти зотӣ офаридааст. Инсон бо илҳоми илоҳӣ қудрати тамйизи корҳои хубу бадро дорад ва ба ин гуна корҳои ҳидоят низ шудааст. Инсон соҳиби виҷдони ахлоқӣ (нафси лаввома) аст, ки ӯро пеш аз машғул шудан ба амали баду пас аз анҷоми он сарзаниш мекунад. Инсон сарсахтона пайгири манофеи худ аст ва аз дархости он чи хайр мепиндорад, хаста намешавад ва танҳо бо ёди Худо ором мегирад.

Инсон халифаи Худо дар замин, саҷдагоҳи малоика ва амонатдори он мебошад. Носири Хусрав дар китоби «Ваҷҳи дин» ишора кардааст, ки «Холиқ инсонро бо ҷисми хокӣ пайваста кард, то аз ин мураккаб, яъне инсон ду қувват, яъне илм ва феъл ба вуҷуд ояд, аз ин рӯ, ҳар кас, ки истифода аз ҷисм карда, ба илм ва амал саъй накунад, нафси у ҳайвоне мегардад ва агар боз илм амал кунад, нафси у ба фариштагон мерасад» [4.28]. Яъне ба қавли мутафаккир ҷанбаи физикии инсон низ яке аз масоили баҳсноки фалсафӣ дониста мешавад. Зеро ҷисми инсон аъмоли неки инсониро дар зиндагии моддӣ ба сомон мерасонад. Ақлу нафс дар бадани инсон метавонад фаъолияти худро иҷро намоянд. Аз ин рӯ, мо наметавонем танҳо ҷанбаи нуқсон ва касифи ҷисмониро гуфта диҳем, инчунин ҷанбаи латофати онро низ дида бароем. Хулосаи ин оро дар он аст, ки амали бо илму ҳикмат қадру манзалат дорад. Агар корҳои инсон бар асоси ақлу хирад анҷом мегардад, он гоҳ ахлоқи у «ҳасана мешавад» ва агар ғазабе тобеи шаҳвонӣ гардад, корҳо на бар мизони ақлу хирад сурат мегардад ва инсон ҳамеша дунболи аъмоли бад ва хилофи ақл мегардад [4, 42].

Аз ин ру, масъалаи омӯзиши ҷанбаи физикии инсон роҷеъ ба фарқияти инсон аз тамоми мавҷудоти дигари зиндаи табиат ва сифатҳои зотии он ҳамчун мавҷуди хосаи табиӣ аст. Табиати инсон хеле мураккабу зиддиятнок аст. Аз ин сабаб барои худшиносии худи инсон ҳамчун муаммо пеш меояд. Аз як тараф, инсон мавҷуди табиӣ-ҷисмонӣ , дорои бадани (тани) худ ва тобеи қонунҳои биологӣ -физиологӣ мебошад. Он дорои талабот, майлу рағбатҳои физиологӣ аст, инстинктҳои табиӣ дорад, ба тарсу ҳарос меафтад, ба қаҳру ғазаб меояд, ба беморию тоунҳо гирифтор мешавад, аз худ насл мегузорад, наслҳои он мутобиқи қонунҳои табиӣ-биологӣ паи ҳам пайдо ва иваз мешаванд.

Аз тарафи дигар, табиати инсонро бе шуур, ақл, қобилияти маърифату маънидодкунии олами атроф, худшиносӣ , худсозии иҷтимоиву мадании он тасаввур кардан мумкин нест. Ӯ мавҷуди бунёдкор аст, худ ва олами атрофашро тағйир медиҳад, бошуурона дигаргун месозад. ӯ метавонад қонунҳои объективии оламро маърифат

кунад, ҳатто вақте, ки ин қонунҳо бевосита талаботи биологии онро қонеъ намегардонанд. Ӯ дорои маънавият, одобу ахлоқ аст, қобилияти худдорӣ кардан аз майлу рағбатҳои инстинктивӣ-табиии худро дорад. Ин ё он тарзи рафтору амал кардани худро бошуурона интихоб ва муайян мекунад. Ақлу хирад, шуурнокӣ , мақсаднокӣ , маърифатнокӣ паҳлӯҳо ва ҳадду ҳудудҳои табиати он буда, онро аз тамоми мавҷудоти зиндаи дигари табиат фарқ мекунанд.

Мутафиккирони адвори мухталиф аз қабили Абу Закариё Яъё бини Ҳодӣ , Ҷолинус, Афлотун, Арасту, Абуали ибни Сино, Закариёи Розӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Носири Хусрав ва дигарон дар ашъори фалсафии худ доир ба ҷанбаи физикии инсон фикру андешаҳои ҷолибе гуфта доданд, ки муҳимтарини онҳо иборат аз он аст, ки нафси инсон ба ин ҷисми хокӣ, барои беҳтар шудан пайваста аст, то нафс ба василаи ҳаввоси зоҳир ва ботин касби илму ҳикмат кунад ва корҳои хайр анҷом диҳад ва худро доно созад, то битавонад ба асли хеш бирасад.

Абу Закариё Яҳё бини Ҳодӣ дар «Таҳзиб ал-ахлоқ»-и худ мегуяд: «Иллати ихтилофи ахлоқ нафс аст ва нафсро се нерӯ аст, ки он се неру низ нафс хонда мешаванд: нафси шаҳвонӣ, нафси ғазабӣ ва нафси нотиқа ва ҳамаи ихтилоф аз ин се неру содир ва ба онҳо бозгашт мекунад»[5,32]. Аммо нафси шаҳвония, ки ҳам барои инсон аст ва ҳам дар дигар ҳайвонот, нафсе аст, ки бо он ҳама лаззатҳо ва шаҳвоти ҷисмонӣ ҳосил мешавад, ва ин нафс чунон қавӣ аст, ки агар инсон онро таҳзиб накунад ва мақҳур нагардонад бар одамӣ муставалӣ ва мусалат мешавад, ки дигар чорапазир нест ва дар ин сурат аст, ки одамӣ ба чаҳорпоён бештар монандӣ дорад, то инсон. Яъне ба қавли ин мутафаккир ин нуфус дар ҷисми одамӣ бо ҳам пайваста, талоши он доранд, ки аз ҳадди қувва худро ба феъл бирасонанд.

Муҳаммад бини Закариёи Розӣ ва Афлотун низ муътақиданд, ки дар инсон се нафс вуҷуд дорад: яке нафси «нотиқа ва алҳияа» ва дигаре нафси ғазабия ва ҳайвония ва се дигар нафси наботия ва шаҳвония» [5,44]. Нафси наботӣ ва ҳайвонӣ барои нафси хотири нафси нотиқа ба вуҷуд омадаанд. Нафси наботӣ ба ҷисм ғизо мерасонад. Ва ҷисм барои нафси нотиқа ба манзили олот ва василае нафси ғазабия дар саркубии нафси шаҳвония ба нафси нотиқа мадад медиҳад ва намегузорад, ки нафси шаҳвония, бо зиёдатии шаҳвот нафси нотиқаро аз андешамандӣ, ки агар ба ҳадди камол расад, нафси нотиқаро аз бадане, ки онро дар бар гирифта аст, мераҳонад, боз дорад. Ин ду нафс, яъне нафси наботӣ ва нафси ғазабия ба назари Афлотун монанди нафси нотиқа дорои ҷавҳари хосе, ки пас аз фасоди ҷисм боқӣ бимонад, нестанд, балки яке аз онҳо, яъне нафси ғазабӣ мизоҷи қалб ва дигар, яъне нафси шаҳвонӣ мизоҷи ҷигар мебошад. Аммо мизоҷи димоғ нахустин олат ва василаи нотиқа аст. Тағзия ва рушду нумуи инсон зодаи ҷигар аст. Ҳарорат ва ҳаракати набз аз қалб аст. Ҳисси ҳаракати иродӣ ва тахайюлу фикр ва зикр низ аз димоғ содир мешавад. Аммо фаъолиятҳои охир аз мизоҷи димоғ нест, балки маълули ҷавҳарест, ки дар димоғ ҳулул карда ва онро чун абзор ва василае ба кор мебурд, мунтаҳо ин абзор ва васила беш аз дигарон ба ин фоил наздиктар аст. Афлотун бар он буд, ки «инсон бояд, барои таодули нахустин ба ин нафсҳо аз талаби ҷасадоне, ки ҳамон тиб маъруф аст ва тибби руҳонӣ, ки поя бар эҳтиҷоҷ ва истидлол дорад, суд ҷуяд, то нафсҳо аз он чи мавриди талаб аст, на фазу таҷуи кунад ва каму коса намояд» [6,55].

Тафсир ва костаи нафси наботӣ дар ин аст, ки ғизои баданро ба он нарасонад ва бар чанду чунӣ, ки тан бад-он ниёзманд аст, наафзоянд. Зиёда рӯи нафси наботӣ бар он аст, ки дар тағзияи бадан ифрот кунад ва беш аз он чи, ки мавриди ниёзи он аст, ба он хурок бирасонад ва аз ин роҳ баданро дар лаззот ва шаҳвот ғарқа созад. Зеро пайвастани нафс ба ҷисм аз баҳри беҳтар шудан аст, аз ин ру низоми вуҷуди ин ду ҷавҳар ба оғоз ба қавли Носири Хусрав ҷудо аст. Ба зарурияти ақл воҷиб аст, ки пайвастани нафс ба ҷисм аз баҳри он аст, ки то аз он беҳтар шавад, ки он ба оғоз бар он будааст ва ин беҳтарӣ мар ӯро ҷуз аз роҳ пайвастани ӯ ба ҷисм ҳосил наояд.

Абуалӣ Ибни Сино бошад, андар офариниш нафсу ҷисмро якҷо дониста, ба қавли ӯ ҷисм бо нафс дар якҷоягӣ амали инсонро нишон хоҳанд дошт. Масалан, Абуалӣ Ибни Сино нафсро чунин таъриф мекунад: «Дар мадҳи аввал нафс ин камолоти ҷисми табиӣ мебошад, ки ба ҳадди қувваи инсон мебарад» [7,129]. Яъне инсон

дорандаи ҷисму нафс буда, аъмоли неку бад низ аз худи инсон падид меояд. Табиати инсон мутаҳаррику тағйирёбанда аст. Инсон худро ҳамчун шахс, бунёдкор месозад ва тағйир медиҳад, тарзу шаклҳои зиндагии худро гуногунранг мегардонад. Табиати инсонро бо ин ё он зуҳуроти он маҳдуд кардан мумкин нест, зеро он тому ягона буда, ҳам мутаҳаррик аст ва ҳам зуҳуроти консервативӣ дорад. Мутаҳаррикӣ ва зуҳуроти консервативии он манбаи такомулёбию инкишофи он аст.

Дар атрофи мафҳуми «моҳияти инсон» низ аз қадимулайём баҳсу мунозираҳои зиёд давом доранд. Дар яке аз маънидодкуниҳои ин мафҳум онро ба асос мегиранд, ки моҳияти инсон дар маънавиёт ва қобилияти маърифативу оламшиносии он зоҳир мешавад. Вале чунин фаҳмиши моҳияти инсон маҳдуд ва яктарафа аст. Маҳдуд сохтани моҳияти инсон бо маънавиёте, ки дар таълимотҳои динӣ ва эзотерӣ ҷой дорад, онро аз ягон ҷиҳат айниятнок ифода карда наметавонад. Мувофиқи ин фаҳмиш, моҳияти асосии инсон бо оламе, ки дар он инсон вуҷуд дорад, ягон муносибате надорад.

Аз рӯи ин фаҳмиш, Худо ба инсон рӯҳ ва ҷон додааст, ки ба туфайли онҳо ӯ аз инстинктҳо (ғаризаҳо) ва талаботи бадани худ боло меистад, ҳаргуна васваса ва мафтуниҳои зиндагии материалиро паси сар мекунад, аз онҳо даст мекашад. Инсон доранда ва барандаи рӯҳ аст. Дар рӯҳи он моҳияти илоҳии он ниҳон аст. Мутобиқи таълимотҳои эзотерӣ , моҳияти инсон дар «монадаи рӯҳӣ » (воҳиди рӯҳӣ) будани он зоҳир мешавад. Ин монада аз як одам ба одами дигар, аз як зиндагӣ ба зиндагии дигар мегузарад, ҷисми одамиро такмил медиҳад, чунки воситаи ягонаи камолоту такмилдиҳии инсон аст. Ҳамаи омилҳои дигари зиндагии инсон фонӣ ва гузаро буда, барои инсони комил шудани он аҳамияти муайянкунанда надоранд.

Ҳамин тариқ, дар фарҷом ба чунин натиҷагирӣ хоҳем расид:

1.Шинохти асрори ҳастӣ ва ҳақиқати инсонро метавон чун меҳвари андеша ва тафаккуроти мутафаккирону файлсуфон ва соири дигар илмҳо қаламдод кард.

2.Баҳсу мунозираи донишмандонд, мутафаккирон ва файласуфони ҳар давру замон дар атрофи масъалаи ҷанбаи физикии табиати инсон ва иброз намудани нуқтаи назари худро руи ин масъала.

3. Ҳангоми таҳқиқи масъалаи инсон ва табиат, инчунин таносуби инсон ба табиат ва ҳастии он, бояд андешид, ки инсон аз як тараф, мавҷуди табиӣ буда, пайдоиши табиӣ дорад ва бо тану бадан низ сарукор дорад.

4.Бояд донист, ки инсон дорандаи ҳаввоси зоҳир ва ботин буда, дар байни зиндагии моддӣ ва маънавии ӯ бояд таъодул дошта шавад.

Адабиёт

1.Азизуддин Насафӣ. Китоб инсон-ал-комил-фи маърифат-ал-вофир. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи фаронсавии Мори Жан Моле. - Теҳрон, Нашр. Забон ва фарҳанги Эрон, 1403х. -608с.

2.Алиакбар Сийоси. Фалсафаи мабони. - Теҳрон 1058. -547с.

3.Маҳди Мухакик. Одоти таърихи фалсафа ва калому таърихи улум дар ислом. Теҳрон.1269.(1990).-434.

4.Авасто. Китоби1. - Душанбе: «Бухоро», 2014.-839с.

5.Рой М. История индийской философии. - М., 1958. -546с.

6.Фалсафаи ахлоқии Носири Хусрав ва решаҳои он. – Исломобод –Покистон. 1371 шамсӣ. 1992. 305 с.

7.Пименов А.В. Возвращение к дхарме. - М.: «Наталис», 1998. - 415 с.

8.Носири Хусрав. Ваҷҳи дин. - Душанбе: «Бухоро», 2017.-327с.

ВЗГЛЯД НА ЧЕЛОВЕЧЕСКУЮ ПРИРОДУ

Бандалиева Ш. Н.

Познание физического аспекта человеческой природы является одним из важнейших вопросов в размышлениях и размышлениях ученых антропологии, философии, медицины, психологии и других наук. Ученые, мыслители и философы всех времен обсуждали ее и высказывали свою точку зрения по этому вопросу. В данной статье автор попытался представить мнения и голоса мыслителей, каждый из которых смотрит на этот вопрос со своей точки зрения, и представить гипотезы, такие как существующие естественные, социальные, исторические и другие гипотезы, решающие проблемы

человечества. Если посмотреть на этот аспект с другой стороны, то изучение проблемы человека сложно, неоднозначно и многогранно.

Ключевые слова: *физический аспект, человек, мудрость, душа, материальный мир, духовный, человеческая природа, человекоцентричность, космос, великий мир, малый мир, материальный мир.*

A VIEW OF HUMAN NATURE

Bandalieva Sh. N.

Cognition of the physical aspect of human nature can be called one of the important issues in the basis of thought and thinking of scientists of anthropology and other sciences. All scientists-philosophers of the world in all epochs argued about this and expressed their point of view on this issue. In this article, the author has tried to present the opinions and voices of thinkers, each of whom looks at this issue from his own point of view, and to present hypotheses, such as the natural, social, historical and other hypotheses that still exist, that solve human problems. problem with one-sided evidence. they lead to a dead end. If you look at this aspect from the other side, then the study of the human problem is complex, ambiguous and multifaceted. ***Key words:*** *physical aspect, man, wisdom, soul, material world, spiritual, human nature, human-centeredness, space, great world.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХАВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ – POLITICAL SCIENCE

* * * * * *

«РАВАНДИ ОБИ ДУШАНБЕ» ҲАМЧУН ЗАМИНАИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ПЕШБУРДИ ДИПЛОМАТИЯИ ОБ

Қувватзода С. З. – н.и.с., дотсенти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
тел.: (+992) 907800071; e-mail: sqz_0085@mail.ru

Мақолаи мазкур фарогири таърихи пайдоиш ва марҳилаи таърихии амали «Раванди оби Душанбе» ҳамчун ниҳоди байналмилалии муколамаи об ва заминаи рушди дипломатияи об мебошад. Дар мақола чорабиниҳои муҳими байналмилалии дар доираи «Раванди оби Душанбе» баргузоршуда ва аҳамияти онҳо дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонии об ва пешбурди Рӯзномаи ҷаҳонии об мавриди таҳлилу арзёбӣ қаро дода шудаанд. Муаллиф «Раванди оби Душанбе»-ро ҳамчун ниҳоди байналмилалии пешбурди дипломатияи об арзёбӣ намуда, ҷойгоҳи онро дар ҳамгироии минтақавию байналмилалӣ дар соҳаи об муҳим шуморида, онро платформаи муттаҳидсозии талошҳои ҳамаи ҷонибҳо баҳри дастёбӣ ба натиҷаҳои назаррас ва ҳамоҳангшудаи байналмилалӣ дар соҳаи об маънидод намудааст.

Калидвожаҳо: *Тоҷикистон, об, «Раванди оби Душанбе», захираҳои об, оби ошомиданӣ, мушкилоти об, дастрасӣ ба об, ҳамкорӣ, ҳамгироӣ, муколама, дипломатияи об, ҷомеаи ҷаҳонӣ, конференсия, муносибатҳои байнидавлатӣ, тағйирёбии иқлим, минтақа, ҷаҳон, Осиёи Марказӣ, Созмони Милали Муттаҳид.*

Раванди оби Душанбе ҳамчун ниҳоди байналмилалии пешбарандаи муколама ва дипломатияи муосири об дар таҳкими заминаҳои сиёсӣ, институтсионалӣ, ҳуқуқӣ ва илмию таълимии масъалаҳои вобаста ба об дар рӯзномаи ҷаҳонӣ нақши воқеъӣ гузошта, раванди мунтазами пешбурди ташаббусҳои ҷаҳониро дар соҳаи об ба вуҷуд оварда, мавзуҳои оби тоза ва дастрасӣ ба он, об барои ҳаёт, ҳамкорӣ дар соҳаи об, коҳиши офатҳои табии марбут ба об, об-иқлим, амнияти об ва об барои рушди устуворро бо ҷалби таваҷҷуҳ ва иштироки ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди пайгирӣ қарор додааст.

Раванди оби Душанбе – маҷмуи чорабиниҳои мунтазам баргузоршавандаи сатҳи баланди байналмилалии Тоҷикистон дар доираи ҳамшарикӣ бо СММ, дигар ниҳодҳои байналмилалию минтақавӣ ва кулли кишварҳои ҷаҳон дар соҳаи пешбурди Рӯзномаи ҷаҳонии об ва сиёсати об дар арсаи байналмилалӣ, инчунин платформаи ҳамгироии минтақавию байналмилалӣ дар соҳаи об мебошад.

Ташаббуси нахустини ҷониби Тоҷикистон оид ба масъалаи об 1 октябри соли 1999 дар ҷаласаи 54-уми Маҷмаи Умумии СММ сурат гирифта буд, ки дар асоси он 20 сентябри соли 2000 дар иҷлосияи 55-уми Маҷмаи Умумии СММ соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза» эълон карда мешавад.

Дар доираи эълон гардидани соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза» 29 август – 1 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии оби тоза бо иштироки қариб 500 нафар вакил аз 53 кишвари ҷаҳон ва тақрибан 100 созмони байналмилалӣ доир гардид[1]. Маҳз дар доираи чорабинии мазкур ҷониби Тоҷикистон нишон дод, ки он натанҳо қодир ба ҳалли мушкилоти дохилии худ мебошад, инчунин омодааст дар ҳалли мураккабтарин мушкилоти ҷаҳонӣ саҳми арзишманд гузошта бошад.

Дар доираи кори форуми мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуда, таъкид месозад, ки вақте ки бо сабаби нарасидани оби тозаи нӯшокӣ аз панҷ як ҳиссаи аҳолии сайёра азият

кашида, ҳар сол тақрибан панҷ миллион одам аз истеъмоли оби ифлос ва бемориҳои вобаста ба он ҷони худро аз даст медиҳанд, мо - мардуми Осиёи Марказӣ, ки ин проблема алалхусус бароямон мураккаб аст, наметавонем мавқеи бетарафиро ихтиёр кунем.

Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои ҷиддӣ, ки Тоҷикистон дар назди худ гузоштааст, дар доираи муносибатҳои ҳамгироӣ ҷалб намудани таваҷҷуҳи кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои бонуфӯзи байналмилалӣ ба проблемаи таъминот бо оби тоза ва ҳифзи муҳити зист, ба масъалаи зарурати шадиди ҳифзи захираҳои об, истифода ва танзими оқилонаи онҳо мебошад. Сабаби асосии соли байналмилалии оби тоза эълон шудани соли 2003, ки ташаббускори он Тоҷикистон мебошад, ҳамин аст[2].

Маҳз дар доираи форуми мазкур масъалаи оби тоза ва дастарасии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он дар сатҳи байналмилалӣ мавридди арзёбии ҷаҳонӣ қарор дода шуд. Бо дарназардошти он, ки танҳо зиёда аз 1 фоизи захираҳои оби мавҷуда дар дунё барои истеъмол қобили қабул мебошанд ва он ҳам дар сатҳи сайёра нобаробар ҷойгир шудааст, қисми муайяни аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ дастрасӣ надоранд. Тибқи маълумотҳо ҳамасола шумораи нафароне, ки бо сабаби дастрасӣ надоштан ба оби тозаи нӯшокӣ мефавтанд аз шумораи нафарони дар натиҷаи амалҳои террористӣ ва тамоми амалҳои дигари ҷиноиву низоъҳо ба ҳалокат мерасида зиёд мебошанд. Аммо ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамасола барои мубориза бо терроризм ва дигар амалҳои ҷиноӣ миллиардҳо доллари амрикоӣ сарф менамояд, вале барои таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ амали ҷиддие сурат намегирад.

Дар ҷамъбасти форуми мазкур аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки аз соли 2005 то соли 2010 даҳсолаи байналмилалии оби тоза эълон карда шавад. Дар асоси пешниҳоди мазкур Маҷмаи Умумии СММ бо қатъномаи 58/217 аз 23 декабри соли 2003 солҳои 2005-2015-ро Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» эълон менамояд.

Дар пайи ин иқдоми Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои марбутаи СММ аз 30 май то 1 июни соли 2005 дар шаҳри Душанбе Конференсияи байналмилалии ҳамкориҳои минтақавӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзиро баргузор намуд.

Конференсияи мазкур ҳамчун пайвандгари Форуми III ҷаҳонии об дар соли 2003 дар Киото ва Форуми IV ҷаҳонии об дар соли 2006 дар Мехико гардид.

Ҳадафҳои асосии конференсияи мазкурро рушди муколама ва таҳкими ҳамкории кишварҳо оид ба идоракунии ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ, рушди шарикии об ва дастгирии мутақобила, табодули таҷриба дар соҳаи идоракунии захираҳои об, ташаккул ва татбиқи тадбирҳои амалӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ дар давраи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» ташкил намуд.

Дар конференсияи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуда, таъкид сохтанд, ки Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» инфрасохтори муассири институтсионалӣ барои таъмини пешрафти воқеии татбиқи рӯзномаи об, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул шудааст, бо роҳи муттаҳид намудани саъю кӯшишҳои тамоми шарикони манфиатдор – ҳукуматҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои низоми СММ, ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад[3].

Дар суханронии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба мушкилоти истифодаи об дар Осиёи Марказӣ дахл намуда, қайд менамоянд, ки муколамаи ҷонибҳои манфиатдор бояд ба консепсияи идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об асос ёбад ва мубоҳисаҳоро оид ба таҳияи сиёсатҳо ва тадбирҳои мушаххас дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникӣ ва экологӣ дар бар гирад. Барои таҳияи роҳҳои ҳалли барои ҳамаи мо қобили қабул, мо - ҳукуматҳо, муассисаҳои СММ, созмонҳои минтақавӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор бояд якҷоя кор кунем.

Дар доираи конференсияи мазкур аҳамият ва мавқеи дарёҳои фаромарзӣ дар ҳамгироии минтақавӣ ва рушди дипломатияи об муайян карда шуд. То ин вақт аксари коршиносон ва муҳаққиқон дарёҳои фаромарзиро ҳамчун сарчашмаи пайдоиши низоъ ва ихтилофҳо миёни кишварҳои ҳавзаҳои ягонаи обӣ арзёбӣ менамуданд.

Аммо, натиҷаи кори конференсияи мазкур ба ҷаҳониён нишон дод, ки дарёҳои фаромарзӣ воситаи табиии пайвандии ногусастании кишварҳо мебошанд ва давлату ҳукуматҳоро новобаста аз иродаи сиёсияшон ба ҳам мепайванданд. Ин ҳолат зарурати ҳамкориро ба вуҷуд меорад на заминаи ихтилофу низоъро. Аз ин рӯ, кишварҳои дорои дарёҳои фаромарзӣ ва ҳавзаи ягонаи обиро зарур аст, ки дар доираи ҳусни ҳамҷаворӣ ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ҷиҳати истифодаи муштараку мусолиҳаомези захираҳои оби чунин дарёҳо ба роҳ монанд. Конференсияи мазкур замина барои муайян намудани ҷойгоҳ ва мавқеи дарёҳои фаромарзӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ гардид.

Ҳамзамон, дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» санаҳои 27-29 июни соли 2008 дар шаҳри Душанбе Конференсияи байналмилалӣ оид ба коҳиш додани хавфи офатҳои табии марбут ба об доир гардид. Дар доираи Конференсияи мазкур ҷонибҳои иштироккунанда дарёфти роҳҳои натиҷабахши пешгирӣ ва паст кардани хавфи офатҳои табии марбут ба обро таҳлилу баррасӣ намуданд. Дар кори конференсияи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуда, қайд месозад, ки бехатарии об, аз ҷумла ҳимоят аз офатҳои табиии марбут ба об ба ҳалли проблемаҳои ҷиддитарини экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳамаҷониба мусоидат хоҳад кард[4].

Тавре маълум аст офатҳои табии марбут ба об аз мушкилотҳои мураккабтарини идоранашаванда маҳсуб ёфта, дарёфти роҳҳои коҳиш додани онҳо ва паст кардани пайомадҳои манфии чунин ҳодисаҳо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Ҳеҷ як кишвари дунё аз офатҳои табиӣ, махсусан офатҳои табии марбут ба об эмин буда наметавонанд. Дар ин радиф, об дар баробари он, ки барои ҳастии ҳаёт аҳамияти аввалиндараҷа дорад, инчунин дар сурати дуруст идора карда натавонистани он метавонад манбаи хатар барои ҳаёти ҷомеа бошад.

Аз 8 то 10 июни соли 2010 бо мақсади арзёбии раванди татбиқи ҳадафҳои дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» пешбинигардида дар шаҳри Душанбе Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Шарҳи миёнамӯҳлати ҳамаҷонибаи татбиқи фаъолиятҳо дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», 2005-2015 баргузор мегардад. Чорабинии мазкур заминаи мусоидро барои тақвияти ҳамкориҳо дар соҳаи об ба вуҷуд оварда ва намояндагони кишварҳо ва созмону ташкилотҳои иштироккунанда миёни ҳам мубоҳисаҳои муштаракро ба роҳ монданд. Доир ба ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар соҳаи об ва тақвияти дипломатияи об Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ қайд намуданд, ки тағйирот ва равандҳои глобалии даҳсолаҳои охир ба манбаъҳои обӣ таъсири бузург расониданд ва вобаста ба ин, об ба яке аз масъалаҳои асосии муносибатҳои байналмилалӣ ва сулҳ табдил ёфта истодааст. Тоҷикистон ҷонибдори он аст, ки ҳамаи тарафҳо дар ҷараёни танзими захираҳои об рӯҳияи ҳамкорӣ, сабру таҳаммул, шаффофият ва эҳтироми ҳамдигарро риоя кунанд. Чунин роҳи осоишта ба даст овардани рушди устуворро таъмин хоҳад кард[5].

Дар баромади худ Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки соли 2012 Соли байналмилалии дипломатияи об эълон карда шавад ва дар заминаи пешниҳоди ҷониби Тоҷикистон СММ Қатъномаи № 65/154 аз 20.12.2010 «Дар бораи эълон намудани соли 2013 ҳамчун Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» қабул менамояд.

Дар заминаи пешбурди муколамаи об ва Раванди оби Душанбе соли 2010 Эъломияи Душанбе қабул карда мешавад, ки уҳдадориҳои тамоми ҷонибҳои иштирокчиро дар роҳи татбиқи ҳадафҳои гузошташуда мушаххас месозад.

Дар доираи ҳадафҳои гузошташудаи «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» ва татбиқи амалии онҳо 20-21 августи 2013 дар шаҳри Душанбе Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об баргузор карда мешавад. Дар кори конференсияи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баромад намуда, қайд карданд, ки умед дорам, ки Конфронси Душанбе оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи

об ба фаъол сохтани ҷаҳду талошҳо дар ин самтҳо такони нав хоҳад бахшид. Ҳамзамон, Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки бо истифода аз фурсат баррасии имкони эълон гардидани даҳсолаи нави байналмилалиро оид ба ҳалли масъалаҳои марбут ба об пешниҳод менамоям ва чунин мешуморем, ки даҳсолаи нав бояд ба саъю талошҳо дар ҳамаи сатҳҳо такони нав дода, дар давраи баъди соли 2015 ба рушду тавсеаи шарикӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи об хизмат намояд[6].

Маҷмуи чорабиниҳои дар доираи Сол байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об амалигардида ба рушди ҳамаҷонибаи дипломатияи об мусоидат намуда, заминаҳои мусоидро дар ин самт фароҳам овард. Бори нахуст дар сатҳи ҷаҳон маҳз дар шаҳри Душанбе дипломатияи об ҳамчун самти нави муносибатҳои дипломатӣ ва байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор дода шуд ва он дар доираи сатҳи олии сиёсӣ баррасӣ гардид. Дар ин замина, моҳият, мазмун, зарурат ва ногузир будани дипломатияи об дар шароити муосир аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф карда шуд. Ҳамзамон, дарки моҳият ва зарурати дипломатияи муосири об аз дарки анъанавии он мавриди арзёбӣ қарор гирифта, дипломатияи муосири об ҳамчун шарти зарурии ҳаёти осоишта дар сайёра дониста шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дипломатияи обро фаъолона амалӣ намуда, дар назди худ ҳадаф гузоштааст, ки дар арсаи ҷаҳонӣ дар ҳалли мушкилоти марбут ба об нақши фаъол дошта бошад[7].

Соли 2015 низ Раванди оби Душанбе ба таври мутаассил идома ёфта, дар доираи ҷамъбаст гардидани чорабиниҳои марбут ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» 9-11 июни соли 2015 дар шаҳри Душанбе Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд доир ба ҷамъбасти раванди татбиқи амалии Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», 2005-2015 баргузор карда шуд.

Дар кори конференсияи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуда, қайд карданд, ки ҳадафи асосии эълони Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» мусоидат ба саъю талоши ҷомеаи байналмилалӣ ба хотири то соли 2015 иҷро намудани уҳдадориҳои сатҳи байналмилалӣ вобаста ба захираҳои об буд.

Имрӯз раванди амалисозии тадриҷии ибтикороти эълоншуда равшану возеҳ ба мушоҳида мерасад, ҳамгироии масъалаи об бо барномаву нақшаҳои рушд сурат мегирад, муттаҳидии ҳарчи бештари саъю талоши ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар роҳи расидан ба ҳадафҳои муштарак оид ба об ба вуқӯъ мепайвандад[8].

Доир ба нақши Тоҷикистон дар ҳамгироии минтақавию ҷаҳонӣ ва пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об, Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи обро дар рӯзномаи ҷаҳонӣ пайгиронаву фаъолона пуштибонӣ менамояд. Кишвари мо ташаббускори аксари қатъномаҳои Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид марбут ба об мебошад. Ибтикороти Тоҷикистон ба хотири дарки хубтари масъалаҳои об дар сатҳи ҷаҳонӣ ва эътирофи зарурати афзал донистани ҳалли онҳо ҷиҳати рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ, фароҳам гардидани тавозуну созгории экологӣ, сулҳу субот ва, умуман, рушди бемайлону солим хизмат кард.

Бо пешбурди Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт» Тоҷикистон тавонист ҷомеаи ҷаҳониро дар роҳи ҳалли мушкилот ва дигар масъалаҳои вобаста ба об мутта-ҳид созад ва иқдомоти натиҷабахшро амалӣ намояд. Бо муттаҳид сохтани талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ Раванди оби Душанбе ҳамчун платформаи сиёсати ҷаҳонии об дар пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об нақши ҳалкунанда гузошт.

Дар ин доира, соли 2016 низ Раванди оби Душанбе идома ёфта, 9-10 августи соли 2016 дар Душанбе Симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳадафи шашуми рушди устувор – «Таъмини дастрасии ҳамагон ба об ва беҳдошт» баргузор карда мешавад. Дар кори Симпозиум Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ҳамгироии минтақавӣ дар соҳаи об дар Осиёи Марказӣ таъкид менамояд, ки дар минтақа захираҳои об асосан дар қаламрави ду кишвар ташаккул меёбанд, вале истифодаи он дар кишварҳои дигар сурат мегирад. Чунин ҳолат ҳамкории боэътимодро дар соҳаи мудирият ва истифодаи захираҳои об ба нафъи рушди иқтисодию иҷтимоии та-

моми кишварҳои минтақа тақозо менамояд. Дар ин самт Тоҷикистон омодааст бо ҳамаи ҷонибҳо ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ монад[9].

Мазмуни аслии ҲРУ ҳамгироии вазифаҳои вобаста ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ бе таъсири манфӣ ба муҳити зист ва ҳифзи гуногунии биологӣ дар сайёраи Замин мебошад. Тавре маълум аст, рушди иқтисодию иҷтимоӣ, махсусан рушди саноат дар ҷаҳон боиси коҳиш ёфтани гуногунии биологӣ, пайдоиши мушкилотҳои мураккаби экологӣ ва ноустувор гардидани муҳити зист шудааст, ки хатари ҷиддиро барои ояндаи ҳаёт дар сайёра ба вуҷуд овардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои фаъоли татбиққунандаи ҲРУ ба ҳисоб рафта, пояҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишварро дар заминаи принсипҳои ҲРУ ба роҳ монда, дар роҳи ҳифзи захираҳои об ва таъмини дастрасии ҳамагон ба он, инчунин шароити хуби беҳдошт фаъолияти амалии худро ба роҳ мондааст.

Бо назардошти он, ки роҳи расидан ба ҲРУ доманадор аст Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Раванди оби Душанбе ҷиҳати расидан ба ин ҳадафҳо иқдомҳо ва ташаббусҳои худро пайгирона идома медиҳад. Дар ин доира бо ташаббуси Тоҷикистон 21 декабри соли 2016 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Қатъномаи 71/222 оид ба эълон намудани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 қабул менамояд.

Бо мақсади таъмини татбиқи амалии ҳадафҳои дар доираи Даҳсолаи мазкур пешбинигардида дар доираи Раванди оби Душанбе 20-21 июни 2018 дар шаҳри Душанбе Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028, баргузор крда шуд. Дар конференсияи мазкур доир ба тақвияти ҳамкориҳо дар самти истифодаи муштараки захираҳои оби фаромарзӣ дахл гардида, онро яке аз шартҳои асосии расидан ба ҲРУ арзёбӣ менамоянд[10].

Дар маҷмуъ дар рафти конференсияи мазкур ҳадафҳои дар доираи Даҳсола пешбинигардида мавриди таҳлилу баррасии ҳамаи ҷонибҳои иштирокчӣ қарор дода мешавад ва аз натиҷаи он вазифаву уҳдадориҳои минбаъда муайян мегарданд.

Бо мақсади идомаи Раванди оби Душанбе 6-9 июни соли 2022 Конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баландро дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028, таҳти унвони «Тақвияти амалҳо ва тавсеаи шарикӣ барои ҳалли масъалаҳои об дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ» баргузор карда шуд.

Бо назардошти воқеияти ҳолати захираҳои об ва мушкилоти об ҳадафҳои конференсияи мазкурро ба даст овардани натиҷаҳои нисбатан назаррас, пешниҳоди маълумот доир ба фаъолияти амалӣ вобаста ба татбиқи нишондодҳои Эъломияи ниҳоӣ ва хулосаи ҳамраисон ва шарикии Конференсияи якуми Душанбе доир ба татбиқи Даҳсолаи мазкур, тақвияти дастёбӣ ба ҳадафҳои мувофиқашудаи сатҳи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ, қабули қарорҳои илман асоснокшуда, шарикии муваффақ, таҳкими дониш, таҳсилот, табодули таҷрибаву иттилоот, ҳамкории гуногунсатҳҳа тавассути пешбурди муколама ташкил намуданд.

Дар асоси барнома, конференсияи мазкур дар доираи ду ҷаласаи умумӣ, дувоздаҳ панели мавзуӣӣ ва интерактивӣ, форумҳои махсус, намоишгоҳ, фестивали об, марафон ва дигар чорабиниҳои вобаста ба об баргузор карда шуд, ки дар онҳо зиёда аз ду ҳазор иштирокчиён, аз ҷумла намояндагони ҳукуматҳо, роҳбарони зерниҳодҳои СММ, мудирони кулли созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, коршиносони соҳавӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ ва дигар ҷонибҳои алоқаманд ширкат намуданд[11].

Ҳамзамон, қабл аз конфронси мазкур нишасти сеюми Пешвоёни Эътилофи обу иқлим баргузор гардид, ки дар он мушкилоти гуногуни вобаста ба об ва таъсири манфии раванди тағйирёбии иқлим ба захираҳои об мавриди таҳлилу баррасии иштирокчиён қарор гирифт. Дар ин нишаст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид сохтанд, ки «низоми ҳамгироишудаи ҳалли масъалаҳои об ва иқлим барои Тоҷикистон низ хеле муҳим аст, зеро захираҳои об дар рушди устувори кишвари мо нақши калидӣ доранд. Вале дар айни замон, ин захираҳои ҳаётан муҳим имрӯз зери таъсири шадиди

тағйироти иқлим қарор гирифтаанд. Дар Тоҷикистон танҳо дар якчанд даҳсолаи охир беш аз як ҳазор пирях аз байн рафта, ҳаҷми умумии пиряхҳои кишвар ба андозаи такрибан сеяк баробар кам гардидааст»[12].

Бо назардошти ҳолати мазкур пешниҳод ва ташаббусҳои нави ҷониби Тоҷикистон дар конференсияи мазкур эълон намудани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», муайян намудани санаи мушаххаси «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо» ва таъсиси «Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» мебошанд, ки пеш аз ҳама барои ҷалби бештари таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаи ҳифз ва пешгирии шиддати коҳишёбии босуръати пиряхҳо мебошад, ки онҳо сарчашмаи асосии оби тозаи нӯшокӣ маҳсуб меёбанд ва барои Осиёи Марказӣ ва дигар манотиқи ҳаммонанд бо он асоси ҳаёт маҳсуб меёбанд.

Дар ифтитоҳи конференсияи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва маърӯза намуда, таъкид сохт, ки ҳамкориҳои фаромарзӣ, хусусан, дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ дар соҳаи обу энергетика дар ҳалли бисёр масъалаҳо нақши калидӣ доранд. Тоҷикистон, ки дар қаламрави он 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ ташаккул меёбанд, ҳамеша хостори истифодаи самараноки онҳо ба манфиати кулли кишварҳои минтақа мебошад[13].

Зарфияти асосии чорабинии мазкур аз чорабиниҳои баргузоршавандаи ҳаммонанди он дар кишварҳои дигар дар он маҳсуб меёбад, ки иштирокчиёни он тавассути ташкили сайёҳат аз захираҳои пиряхҳо, ҳолати дарёҳои фаромарзӣ, иншооти соҳаи гидроэнергетика бевосита дидан намуда, ба мушкилоти захираҳои об дар Тоҷикистон аз наздик шинос карда шуданд. Бо пешбурди чунин усули кор Тоҷикистон тавонист натанҳо ба таври назариявӣ, ҳамзамон дар амалия воқеияти мушкилоти обро ба иштирокчиёни конфронси мазкур нишон диҳад ва таваҷҷуҳи бештари онҳоро ба ҳамгироӣ ва дарёфти абзорҳои муассири ҳалли мушкилоти об ҷалб созад.

Дар маҷмӯъ дар доираи Раванди оби Душанбе аз соли 2003 то соли 2022 9 конференсия, 1 форум ва 1 симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд баргузор гардидааст, ки роҳбарон ва намояндагони кулли кишварҳои дунё ва созмону ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро ба ҳам овардааст.

Раванди оби Душанбе тавонистааст дар пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об ва ба ҳам овардани талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти вобаста ба об дар арсаи байналмилалӣ нақши ҳалкунанда бозад. Дар ин замина Тоҷикистон ҳамчун кишвари пешоҳанг дар самти пешбурди сиёсати ҷаҳонии об эътироф гардида, чор ташаббуси байналмилалии он дар соҳаи об аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул ва эътироф гардидааст.

Қисми таркибии ҳадафҳои Раванди оби Душанберо дастгирии рушди устувор ва идоракунии маҷмуии захираҳои об, мусоидат ба ҳамкорӣ ва шарикӣ дар самти дастгирии ноил шудан ба мақсадҳо ва ҳадафҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда дар соҳаи захираҳои об, аз ҷумла ҳадафҳо ва вазифаҳои Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 ташкил менамояд.

Бо ин, Раванди оби Душанбе ба платформаи байналмилалии масъалаҳои вобаста ба об табдил ёфтааст ва дар пешбурди дипломатияи об ва ҳамгироӣ дар соҳаи об ҷойгоҳи махсусро касб намудааст.

Раванди оби Душанбе шароитҳои мусоидро барои дар доираи сиёсӣ -илмӣ омӯзиш ва баррасӣ намудани масъалаҳои вобаста ба об фароҳам сохта, силсилаи чорабиниҳои дар доираи он баргузоршуда, тамоми ниҳодҳои миллию минтақавӣ ва ҷаҳонии пешбаранда ва татбиққунандаи сиёсати обро ба ҳам муттаҳид намуд ва заминаи фарроҳи омӯзиши масъалаҳои вобаста ба обро дар сатҳи олии сиёсӣ ба вуҷуд овард.

Ҳамзамон дар доираи Раванди оби Душанбе институти дипломатияи об ба вуҷуд омада, заминаҳои ташаккули он дар шароити муосир таҳким бахшида шуд.

Имрӯз Тоҷикистон таҷрибаи бойи пешбурди Рӯзномаи ҷаҳонии обро доро гардидааст ва бо доштани шароитҳои мусоиди табиӣ, аз ҷумла захираҳои азими обӣ макони мусоиди ҳамгироиҳои минтақавию ҷаҳонӣ дар соҳаи об мебошад.

Зарур аст, ки бо истифода аз натиҷаҳои ба дастомада, Раванди оби Душанбе ҳамчун ниҳоди доимоамалкунандаи сатҳи байналмилалӣ ва платформаи ҳамгироии байналмилалӣ доир ба пешбурди Рӯзномаи ҷаҳо-

нии об эътироф карда шавад ва доираи фарогирии он аз баргузорнамудани чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ ба пешбурди лоиҳаҳои илмӣ-инноватсионӣ дар соҳаи об ва таҳқиқотҳои муштараки илмии сатҳи ҷаҳонӣ дар соҳаи об васеъ карда шавад.

Адабиёт

1. Душанбинский водный процесс [электроный ресурс]. Источник: www.dushanbewaterprocess.org (дата обращения: 05.01.2022).
2. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими кушодашавии Форуми байналмилалӣ оид ба масъалаҳои оби тоза, шаҳри Душанбе, 30.08.2003 [манбаи электронӣ] // Сарчашма: http://president.tj/ (санаи воридшавӣ: 11.04.2021).
3. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилаӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ, шаҳри Душанбе, 30 май-1 июни соли 2005 [манбаи электронӣ] // Сарчашма: http://president.tj/ (санаи воридшавӣ: 12.04.2021).
4. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конференсияи байналмилалӣ оид ба коҳиш додани хавфи офатҳои табии марбут ба об, шаҳри Душанбе, 27-29 июни соли 2008 [манбаи электронӣ] // Сарчашма: http://president.tj/ (санаи воридшавӣ: 12.04.2021).
5. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Шарҳи миёнамӯҳлати ҳамаҷонибаи татбиқи фаъолиятҳо дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», 2005-2015, шаҳри Душанбе, 8-10 июни соли 2010 [манбаи электронӣ] // Сарчашма: http://president.tj/ (санаи воридшавӣ: 15.04.2021).
6. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об, шаҳри Душанбе, 20-21 августи соли 2013 [манбаи электронӣ] // Сарчашма: http://president.tj/ (санаи воридшавӣ: 18.04.2021).
7. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об, шаҳри Душанбе, 20-21 августи соли 2013 [манбаи электронӣ] // Сарчашма: http://president.tj/ (санаи воридшавӣ: 18.04.2021).
8. Худоёрова М. Б. Водная дипломатия во внешнеполитическом приоритете Республики Таджикистан [электроный ресурс] // Источник: mo.tnu.tj/ru/vodnaja-diplomatija-vo-vneshnepoliticheskom-prioritete-respubliki-tadzhikistan/ (дата обращения: 20.06.2022).
9. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд доир ба ҷамъбасти раванди татбиқи амалии Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», 2005-2015, шаҳри Душанбе, 09-11 июни соли 2015 [манбаи электронӣ] // Сарчашма: http://president.tj/ (санаи воридшавӣ: 20.04.2021).
10. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳадафи шашуми рушди устувор – «Таъмини дастрасии ҳамагон ба об ва беҳдошт», шаҳри Душанбе, 09-10 августи соли 2016 [манбаи электронӣ] // Сарчашма: http://president.tj/ (санаи воридшавӣ: 25.04.2021).
11. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», 2018-2028, шаҳри Душанбе, 20-21 июни соли 2018 [манбаи электронӣ] // Сарчашма: http://president.tj/ (санаи воридшавӣ: 27.04.2021).

12. Душанбинский Водный Процесс. Вторая Международная конференция высокого уровня по Международному десятилетию действий «Вода для устойчивого развития», 2018-2028, 6-9 июня 2022 года [электроный ресурс]. Источник: www.dushanbewaterprocess.org/?lang=ru (дата обращения 11.06.2022).
13. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нишасти сеюми Пешвоёни Эътилофи обу иқлим, 04 июни соли 2022 [манбаи электронӣ] // Сарчашма: http://president.tj/node/28464 (санаи воридшавӣ: 10.06.2022).

«ДУШАНБИНСКИЙ ВОДНЫЙ ПРОЦЕСС» КАК ИНСТИТУЦИОНАЛЬНАЯ ОСНОВА ДЛЯ ПРОДВИЖЕНИЯ ВОДНОЙ ДИПЛОМАТИИ

Кувватзода С. З.

В данной статье освещается история возникновения и исторический этап «Душанбинского водного процесса» как международного института водного диалога и основы развития водной дипломатии. В статье анализируются и оцениваются важные международные мероприятия, проводимые в рамках «Душанбинского водного процесса», и их значение в решении глобальных водных проблем и продвижении Всемирной водной повестки дня. Автор оценил «Душанбинский водный процесс» как международный институт продвижения водной дипломатии, рассмотрел его место в региональной и международной интеграции в водной сфере, интерпретировал как площадку для объединения усилий всех сторон для достижения значительных и согласованные международные результаты в области водных ресурсов.

Ключевые слова: *Таджикистан, вода, «Душанбинский водный процесс», водные ресурсы, питьевая вода, водные проблемы, доступ к воде, сотрудничество, интеграция, диалог, водная дипломатия, международное сообщество, конференция, межгосударственные отношения, изменение климата, регион, мир, Центральная Азия, Организация Объединенных Наций.*

"DUSHANBE WATER PROCESS" AS AN INSTITUTIONAL FRAMEWORK TO PROMOTE WATER DIPLOMACY

Quvvatzoda S. Z.

This article highlights the history of the emergence and historical stage of the "Dushanbe Water Process" as an international institution for water dialogue and the basis for the development of water diplomacy. The article analyzes and evaluates important international events held within the framework of the "Dushanbe Water Process" and their importance in solving global water problems and advancing the World Water Agenda. The author assessed the "Dushanbe Water Process" as an international institution for promoting water diplomacy, considered its place in regional and international integration in the water sector, interpreted it as a platform for combining the efforts of all parties to achieve significant and agreed international results in the field of water resources.

Keywords: *Tajikistan, water, "Dushanbe water process", water resources, drinking water, water problems, access to water, cooperation, integration, dialogue, water diplomacy, international community, conference, interstate relations, climate change, region, world, Central Asia, United Nations.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

РЫЧАГИ ВОЗДЕЙСТВИЯ ПОСРЕДНИКА: ТЕОРИЯ И ПРАКТИКА

Муродов С. А. – к.п.н., зав. отделом политологии Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова НАНТ
Тел.: (+992) 918 41-40-86; e-mail: Subhonm@mail.ru

В статье рассматриваются рычаги воздействия, используемые посредником, в различных переговорных процессах. Автор анализирует взгляды исследователей на понятие, значение и типы мер воздействия посредника. В практическом аспекте особое внимание обращается на основные типы и меры воздействия посредника и на то, как они влияют на успех и неудачу посредничества. Автор констатирует, что почти все ученые сходятся во мнении об одинаковом воздействии посредника и рычагах его влияния, но расходятся в решении вопроса о их значении в мирном процессе. Влияние рычагов воздействия посредника (успех или неудача) сильно связано с такими факторами, как - «природа рычагов», «способности и возможности посредников и субподрядчиков» и «интересы стороны конфликта».

Ключевые слова: *посредничество, успех и неудача посредничества, посредник, рычаги воздействия посредника, власть, конфликтующие стороны, интересы сторон.*

Изучение рычагов воздействия посредника имеет важное теоретико-методологическое и практическое значение, причем осмысление их сущности и содержания остается одним «…из самых неуловимых элементов посредничества» [1,370].

Ученые - конфликтологи не имеют единого взгляда на многие теоретические аспекты рычагов воздействия. «Понятие», «значение», «типы» рычагов воздействия трактуются ими по-разному. Что же касается практики использования этих рычагов, то здесь много неясного. Например, очень сложно проследить позитивно или негативно они влияют на вес процесс посредничества. «Исследования в этом направлении противоречивы в своих выводах, и поэтому проблема необходимости использования рычагов посредничества в различных конфликтных ситуациях с целью достижения успеха сохраняет свою актуальность» [1,370].

Многие ученые (если не сказать все) утверждают, что четкого определения понятие «рычаги воздействия» до сих пор не разработано. Об этом пишет и известный западный конфликтолог М. Клоуберг. По эго словам, «мало, кто из аналитиков удосужился четко определить рычаги воздействия» [1,370].

Как выяснилось в процессе анализа этого вопроса, идеи ученых о рычагах воздействия в целом схожи, и расходятся они в основном во мнениях относительно значения рычагов воздействия в мирном процессе. Например, М. Клоуберг пишет: «В целом, как представляется, речь идет о способности оказать давление на одну или обе конфликтующие стороны для принятия предлагаемого урегулирования» [1,370]. Как видим, под рычагом воздействия он подразумевает, «способность посредника оказать давление на одну или обе конфликтующие стороны». Значение же в данном случае заключается в том, чтобы стороны приняли предлагаемое посредником решение.

В свою очередь конфликтолог Х.К. Муневер считает, что «в широком смысле, рычаги воздействия - это способность посредника оказывать давление на стороны с целью изменения их поведения» [2,70-93].

Таким образом, собственно М. Клоубергу и Х.К. Муневеру, рычаги воздействия в основе своей они трактуют как «способность посредника оказывать давление на одну или обе стороны конфликта». Однако их мнения разнятся относительно значения применения рычагов воздействия в мирном процессе. С точки зрения М. Клоуберга значение этого элемента, используемого посредником, заключается в том, чтобы с его помощью

заставить, стороны конфликта принят решение, именно предложенное посредником, между тем как Х.К. Муневер его значение видит в том, что он должен оказать давление на стороны - «чтобы они изменили свое поведение в мирном процессе». Из утверждения М. Клоуберга следует, что стороны конфликта не имеют альтернативы выбора, они должны, принять (во всяком случае это предпочтительнее) решение, на котором настаивает посредник. Из трактовки же Х.К. Муневера можно заключить, что даже при оказании давления на стороны в процессе, чтобы он прошел гладко и динамично, выбор у сторон конфликта остается за ними, т.е., стороны сами определяют предпочтительное решение.

Интересное определение рычагов воздействия предлагает В. Зертман. В своей статье «Международное посредничество: разрешение конфликтов и силовая политика», он отмечает, что: «часто рычагом воздействия называют власть или способность посредника использовать …стратегию (предоставление дополнительной привлекательности)…» [3,27-45]. Из этого утверждения следует, что власть посредника над определенными ресурсами, которые при необходимости используются, как дополнительное поощрение к миру и примирению, это и есть рычаги. Но в другом месте В. Зертман пишет: «Рычаги также можно рассматривать, как усиление способности посредника представить будущую альтернативу, более предпочтительную для настоящего конфликта» [3,27-45]. Соответственно этим словам, ученый рассматривает, и творческие способности и компетентность посредника в качестве рычагов воздействия. На наш взгляд, именно творческий и компетентный посредник способен представить альтернативу, которая в будущем для настоящего конфликта окажется выигрышной. «Стороны гораздо быстрее приходят к соглашению, когда заблокировано их собственное предпочтительное решение…», - пишет В. Зертман [3,27-45].

Как видим, этот ученый под рычагами воздействия понимает и материальные возможности - «стратегию предоставления дополнительной привлекательности», и нематериальные – «творческие способ-ности».

Таким образом, говоря о рычагах воздействия, ученые-конфликтологи в своих рассуждениях в чем-то расходятся, а в некоторых случаях сходятся во мнениях. Так, сходство заключается в том, что под рычагами воздействия они подразумевают «власть или способность посредника оказывать давление на одну или обе конфликтующие стороны». Различие же имеет место при объяснении значения рычагов воздействия в мирном процессе. Вернемся к сказанному выше: М. Клоуберг значение рычагов воздействия видит в том, чтобы заставить стороны конфликта принять решение предложенное посредником; Х.К. Муневер в том, чтобы изменить поведение сторон в мирном процессе; В. Зертман в представлении дополнительной привлекательности и в представлении будущей альтернативы, предпочтительной для настоящего конфликта.

На наш взгляд, выделенные учеными значения рычагов воздействия интересны и заслуживают внимания. Суть этих значений особенно хорошо проявляется в разных конфликтных случаях, и все они могут иметь место в реальной практике посредничества.

Уделив внимание сходству в понимании и различию в значении рычагов воздействия, рассмотрим вопрос их типоло-гизации.

Так, В. Зертман утверждает, что когда стороны заинтересованы в дополнительных платежах, то посредник: «может либо предложить («пряник»), либо удержать («кнут»)» [3,27-45]. «Пряник» - это ресурсы или дополнительные платежи, которые посредник может предложить сторонам, а «кнут» - это уже намек на применение давления, санкции, власти и силы по отношению к одной или обеим сторонам конфликта. В целом, «эта идиома подразумевает, что обещания вознаградить сторону за сотрудничество и угрозы наказать ее за неуступчивость, - это являются сходные стратегии…» [6, 9].

В отличие от В. Зертмана, ученый К. Дэвид отмечает, что рычаги воздействия могут применяться относительно «материальных аспектов (таких, как возможность удержать и поставить экономическую помощь) и нематериальных (возможность использовать моральное или психологические давление)» [1,371].

По утверждению этого ученого, при применении первого типа экономическое

положение стороны конфликта улучшается, при отказе же положение последних ухудшается. Когда применяется второй тип, посредник просто стремится подавить стороны.

По нашему мнению между классификациями рычагов воздействия ученых В. Зертмана и К. Дэвида есть сходство и различие. Сходство мы видим в стратегии «пряника», выделенной Зертманом, и в «материальном» аспекте, выделенном Дэвидом. Различие же состоит в стратегии «кнута» (В. Зертмана) и «нематериального» аспекта (К. Дэвида). На наш взгляд, классификация, предложенная Зертманом, шире, чем у Дэвида, потому, что она способна охватить самые разные меры влияния.

Как мы уже отмечали, разногласия между учеными существовали не только на теоретическом уровне, но и практическом. На практическом уровне до сих пор «…неясно, какие ресурсы имеют решающее значение» [1,370] в успехе или неудаче посредничества. Именно «отсутствие систематических исследований влияния …различных видов ресурсов вызывает разногласия в литературе относительно того, насколько важны рычаги воздействия для достижения успешных результатов посредничества» [1,370].

Так, конфликтолог М. Клоуберг, опираясь на мнения многих ученых, пишет, что «… рычаги являются необходимыми условиями для успеха посредничества» [1, 370], - что отмечают в своих работах и вышеперечисленные авторы. Необходимость и полезность рычагов для успеха утверждается и практикой посредничества, например, сотрудниками Организации Объединённых Наций. В «Докладе Генерального секретаря ООН об укреплении посредничества и поддержки посредничества», отмечается: «Рычаги воздействия могут оказаться полезными для посредничества, но использовать их надо эффективно» [6,12].

Однако, заявления вышеназванных ученых о полезности рычагов воздействия являются общими, т.е., о каких-то конкретных мерах или типах рычагов речи не ведется. «Общие заявления о полезности рычагов игнорируют ряд различий в отношении характера, времени и цели внешнего вмешательства»[6,9-10], и мы солидарный с этим утверждением. Наш небольшой анализ показал, что теоретики и практики посредничества, в целом связывают эффективность и полезность рычагов с такими факторами, как «природа рычагов», «способности и возможности посредников (или субподрядчиков)» и «интересы стороны конфликта».

Так, эффективность и полезность рычагов воздействия во многом зависят от их природы. Ученый, Н. Лори утверждает что «посредники могут многого добиться там, где они не имеют формальной политической власти, и их авторитет проистекает вместо этого из морального статуса и несомненной честности»[6, 9]. Как видим, Лори Н. убежден в том, что неформальная политическая власть посредника, основанная на его моральном статусе и несомненной честности, обусловливает успех посредничества. Сотрудники Фонда исследований мира и будущего в Швеции утверждают что «власть-это способность достигать собственных целей, а не наказывать других!» [4, 37].

В упомянутом выше докладе Генерального секретаря ООН указываются такие эффективные рычаги воздействия, как: «…отношения посредника с конфликтующими сторонами, моральный авторитет посредника и такие невещественные стимулы, как перспективы признания, помощи или получения легитимности. Жизнь показала, что своевременное подключение системы Организации Объединенных На-ций и сообщества доноров также может быть мощным рычагом воздействия, который позволяет сторонам увидеть блага усилий по достижению соглашения. Весомые стимулы создают и конференции по объявлению взносов, которые проводятся после подписания мирных соглашений» [8,12-13]. Как видим, эффективными рычагами, стимулирующими успех посредни-чества, считаются те, которые по существу направлены на поддержку сторон конфликта, мирного процесса и постконфликтной фазы.

Напротив, принудительные и карательные меры дают контрпродуктивные результаты, утверждают ученые. Например, Н. Лори считает, что «…успех принудительных мер вряд ли неизбежен», и: «карательные меры могут быть даже контрпродуктивными» [6, 9]. В другом месте он пишет, что «посреднический орган почти наверняка вызовет недоверие со стороны спорщика, против которого он угрожает или применяет санкции или военную силу»

[6,9-10]. В. Зертман в свою очередь тоже приходит к заключению, что ««…кнут любого рода вызывает возмущение, и сторона может решить, что она может с таким же успехом обойтись без моркови в своем рационе, а не уступать, чтобы добиться их доставки». Или: «…слишком интенсивное использование палок может привести к тому, что сторона откажется от посредничества и превратит посредника в стороны или вообще вытеснит посредника из роли»» [3,27-45]. Н. Лори в своей статье «Когда дело доходит до драки: неудача международного посредничества в африканских гражданских войнах» выделяет шесть стратегических принципов посредничества, пятый из них звучит так: «посредники не должны применять карательные меры» [5,1]. Об опасности угрозы и принудительных мер для мирного процесса говорится и в «Докладе Генерального секретаря ООН об укреплении посредничества и поддержки посредничества»: «Жизнь показала, что угрожать прекращением международной поддержки опасно, поскольку при таком подходе противники соглашения фактически получают право вето» [8,13].

Как мы убедились, и Н. Лори и В. Зертман, и упомянутый выше доклад Генерального секретаря ООН и сотрудники фонда исследований мира и будущего в Швеции четко подчеркивают, что принудительные меры угрожают мирному процессу и позитивных результатов здесь быть не может.

Можно утверждать, что рычаги, которые имеют непринудительную природу, (поддерживают стороны конфликта, мирную направленность переговоров и др.) влияют на активность сторон конфликта, способствуют прогрессу мирного процесса и успеху посредничества, карательные же меры имеющие принудительную природу, (вызывают недоверие сторон к посреднику, угрожают мирному процессу и в итоге вытесняют посредника из процесса урегулирования и др.).

Однако «это не означает, что карательные меры бездейственны по своей сути. Скорее, дело в том, что там, где это необходимо, это должно быть предпринято агентством, отличным от действующего или предполагаемого посредника» [6,9-10]. На наш взгляд, карательные меры противоречат тем миротворческим инициативам, которые, по сути, и стремятся реализовать посредник. Именно поэтому в последнее время конфликтологи (и теоретики и практики) заговорили о разделении труда в миротворческих инициативах. Например, Кент Арнольд «рассматривает необходимость соответствующего разделения труда в миротворческих инициативах как вопрос «ролевой целостности, которая не позволяет акторам взять на себя противоречивые роли, которые могут препятствовать или угрожать мирному процессу» [6,9-10]. Ученый Дж. Пико, предлагает управление силами ООН возложить не на Генерального секретаря, а на субподрядчика военного союза или коалицию государств, …это позволило бы Генеральному секретарю играть роль «хорошего полицейского» на переговорах, а Совету Безопасности - «плохого полицейского», если бы переговоры не увенчались успехом [6,9-10]. По словам К.Р. Митчела, «некоторое разделение труда, вероятно, неизбежно в сложных внутригосударственных конфликтах, поскольку виды деятельности, связанные с посредничеством, слишком многочисленны и разнообразны, чтобы их могло выполнять одно и то же агентство» [6, 9-10].

Как видим, ученые сходятся в том, что в посредничестве сила может быть использована там, где это необходимо, но роль «плохого полицейского» должен играть субподрядчик, а не посредник. Таким образом, еще раз подчеркнем, что эффективность и полезность рычагов во многом связаны с их природой, и этот фактор следует учитывать при подготовке и проведении посредником мирного процесса.

Еще одним фактором в ходе мирного урегулирования является ясность, слаженность и скоординированость работы посредника и его способности. Так, Гёльднер-Эбенталь и В. Дюдеэ утверждают, что «положительные стимулы или отрицательное давление могут быть эффективными только тогда, когда если государства-члены ЕС едины в своих внешнеполитических целях, и когда внутренние структуры ЕС работают вместе скоординированно и слаженно»[7,19]. Однако, страх неудачи ослабляет воздействие рычагов посредника, утверждает В. Зертман: «…поскольку они (посредники. - С.М.) боятся неудачи больше, чем стороны, они больше, чем

стороны, заинтересованы в прекращении конфликта, что на самом деле ослабляет их рычаги воздействия» [3, 27-45].

Говоря о качествах посредника, нельзя забывать и о том, что его действия должны быть аргументированными и стимулирующими. Ибо «…добавление аргументов и стимулов, …делает непривлекательные предложения привлекательными» [3,27-45], а это в свою очередь положительно влияет на мирный процесс.

Большое значение имеет и связь посредника со сторонами конфликта: «… чем больше связей у посредников со сторонами – и чем больше у них одноразовых товаров, которые ценит сторона, – тем больше у них возможностей оказывать давление на стороны... Это понимание неоспоримо и формирует основу для эффективного использования кнута – или, в действительности, скрытого пряника – в посредничестве» [3,27-45].

Если стороны конфликта нуждаются в соглашении, то необходимость использования рычагов усиливается, отмечает В. Зертман. Он пишет: «Рычаги зависят от мотивации сторон к урегулированию: чем больше стороны нуждаются в соглашении, тем более уязвимым становится давление со стороны посредника… Рычаги, …исходят, прежде всего, из … потребности сторон в решении, которое они не могут получить без помощи посредника. Восприятие этой потребности может быть усилено посредником, но не может быть создано из ничего. Таким образом, …за-дача посредника заключается в первую очередь в убеждении: выявить у сторон ощущение необходимости помощи и усилить… источник рычагов воздействия. Они должны развивать эту потребность, пробуждать ее, даже предвосхищать ее, чтобы, когда наступит момент, стороны, были готовы признать ее и воспользоваться ею» [3,27-45].

«Для применения рычагов воздействия самое главное – это понять интересы сторон и создать стимулы, которые учитывали бы их чаяния и надежды. Короче говоря, чем лучше мы понимаем интересы конфликтующих сторон, тем больше у нас будет шансов повлиять на исход переговоров» [8,12].

Подводя итоги нашего краткого анализа, констатируем, что изучение рычагов воздействия посредника имеет и теоретико-методологическое и практическое значение. Так, с теоретико-методологической точки зрения, следует более глубоко и всесторонне обосновать понятие «рычаги воздействия», конкретизировать их значение и типологизацию. В практическом же плане нужно выявить наиболее эффективные и полезные типы рычагов воздействия на успех и неудачу посредничества.

Наш небольшой анализ показал, что понятие «рычаги воздействия» ученые - конфликтологи определяют почти, одинаково, но их значение трактуются по-разному. Типологизация рычагов воздействия в основном делается на основе выявления материальных и нематериальных возможностей и способностей посредников.

Независимо от противоречивых взглядов ученых, на проблему рычагов воздействия мы можем говорить о том, что влияние рычагов воздействия посредника на успех и неудачу посредничества сильно связано с такими факторами, как - «природа рычагов», «способности и возможности посредников и субподрядчиков» и «интересы сторон конфликта».

Как выяснилось, рычаги, которые имеют непринудительную «мягкую» природу, положительно влияют на процесс урегулирования, т.е. успех здесь вполне ожидаем. Напротив, карательная и принудительная природа предлагаемых мер отрицательно влияет на возможности примирения сторон. Эффективность и полезность рычагов может быть и значительно усилена, если посредник целесообразен и организован в своих действиях, отличается компетентностью и т.п. Заинтересованность сторон в мирном урегулировании конфликта, учет их интересов и посредником, и другой стороной, крепкая связь с посредников тоже активизируют эффективность рычагов воздействия.

С нашей точки зрения, учет комбинаций взаимодействия всех указанных выше факторов способствует более глубокому изучению, влияния рычагов воздействия посредника на успех мирного процесса. Однако это не означает, что все эти факторы должны иметь место во всех реальных конфликтных случаях. На практике их может быть или меньше, или больше, но ясно одно – при их наличии весьма активизируются, и это доказывается и теорией, и практикой решения многих конфликтов.

При всем этом до сих пор вопрос осмысления сущности и содержания рычагов воздействия и их влияния на успех или неудачу посредничества остаётся открытым.

Литература

1. Kleiboer M. Understanding Success and Failure of International Mediation / M. Kleiboer // Journal of Conflict Resolution. – 1996. - Vol. 40. - No. 2. – P. 360-389.
2. Munévar J.C. A new framework for the evaluation of mediation success / J. C. Munévar // BSIS Journal of International Studies. - 2005. (2). - P. 70–93.
3. Zartman I.W. International Mediation: Conflict Resolution and Power Politics / I.W. Zartman., S. Touval // Journal of Social Issues. – 1985. - Vol. 41. - No. 2. – P. 27-45.
4. Бессемер Х. Медиация. Посредничество в конфликтах [Текст] / Х. Бессемер; пер. с нем. Н.В. Маловой. – Калуга: Духовное познание, 2005. - 176 С.
5. Nathan L. «When push comes to shove: The failure of international mediation in African civil wars» / L. Nathan // Track Two Vol.8 No.2. 1999. (CCR, Cape Town). – P. 1-23. Доступно на сайте https://peacemaker.un.org Последняя дата обращения. 28. 08. 2022.
6. Nathan L. A Case of Undue Pressure: International Mediation in African Civil Wars/ L. Nathan // Presented at the African Mediation Seminar, Independent Mediation Service of South Africa and Centre for Conflict Resolution, Johannesburg, 3-5 November 1998. – P. 1-15. Доступно на сайте https://peacemaker.un.org Последняя дата обращения. 28. 08. 2022.
7. Karin Göldner-Ebenthal. From Power Mediation to Dialogue Support: Assessing the European Union's Capabilities for Multi-Track Diplomacy / Karin Göldner - Ebenthal and Véronique Dudouet // – P. 51. Доступно на сайте https://ec.europa.eu Последняя дата обращения. 28. 08. 2022.
8. Доклад Генерального секретаря об укреплении посредничества и поддержки посредничества, 2009. – 30 С. Доступно на сайте www.researchgate.net Последняя дата обращения. 09. 02. 2022.

ФИШАНГҲОИ ТАЪСИРИ МИЁНАРАВ: НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

Муродов С. А.

Дар мақола фишангҳои таъсирасонии миёнарав дар равандҳои гуногуни гуфтушунид баррасӣ мешавад. Муаллиф назари муҳаққиқонро оид ба мафҳум, аҳамият ва навъҳои фишангҳои миёнравӣ таҳлил кардааст. Дар ҷанбаи амалӣ ба намудҳо ва чораҳои асосии таъсиррасонии миёнарав ва чӣ гуна онҳо ба муваффақият ва нокомии миёнравӣ таъсир мерасонанд, диққати махсус дода шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки қариб ҳамаи олимон дар бораи мафҳуми таъсири «фишангҳои миёнарав» ҳам ақида мебошанд, вале дар масъалаи аҳамияти онҳо дар раванди сулҳ ихтилофи назар доранд. Таъсири фишангҳои миёнарав (муваффақият ё нокомӣ) бо чунин омилҳо сахт алоқаманд аст: «табиати фишангҳо», «қобилият ва имконоти миёнаравҳо ва пудратчиён» ва «манфиатҳои ҷонибҳои даргир».

***Калидвожаҳо**: миёнравӣ, муваффақият ва нобарории миёнравӣ, миёнарав, фишанги миёнарав, ҳокимият, ҷонибҳои даргир, манфиатҳои тарафҳо.*

INTERMEDIARY LEVERAGE: THEORY AND PRACTICE

Murodov S. A.

The article, from a theoretical and practical point of view, examines the leverage used by the mediator in various negotiation processes. The author analyzes the views of researchers on the concept, meaning and types of intermediary measures. In the practical aspect, particular attention is paid to the main types and measures of influence of the mediator and how they affect the success and failure of mediation. The author states that almost all scientists agree on the same impact of the mediator and the levers of his influence, but disagree on the question of their significance in the peace process. The influence of the mediator's leverage (success or failure) is strongly related to such factors as - «the nature of the levers», «the abilities and capabilities of the mediators and subcontractors» and «the interests of the party to the conflict».

***Key words:** mediation, success and failure of mediation, mediator, mediator's leverage, power, conflicting parties, interests of the parties.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ МНОГОПЛАНОВОГО СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С РЕСПУБЛИКОЙ УЗБЕКИСТАН В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Алимов Б. Х. – к.и.н., доцент, докторант кафедры международных отношений, мировой политики и дипломатии Института международных отношений Казанского федерального университета

В статье автор рассматривает многоплановое сотрудничество между Республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан в современных условиях. Отмечается, что в регионе Центральной Азии важное место занимают межгосударственные отношения между Республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан. Исторически важным шагом в двусторонних отношениях стало установление стратегического таджикско-узбекского партнерства. В статье автор отмечает, что приоритетным направлением внешней политики Республика Таджикистан, с учетом географического и геополитического расположения, перспектив экономического развития, а также общности корней и исторически сложившихся связей между народами двух соседних стран, уделяется внимание дальнейшему развитию и углублению взаимовыгодного сотрудничества с Республикой Узбекистан.

Ключевые слова: *многоплановое сотрудничество, стратегическое партнёрство, основные принципы двусторонних отношений, геополитический прорыв, социально-экономические достижения, культурно-гуманитарное сотрудничество, укрепление безопасности.*

В современных условиях, когда формируется новое многополярное мироустройство, в Центральной Азии, где уже наметились признаки становления нового центра развития, динамично развиваются новые подходы к двустороннему и многостороннему сотрудничеству. Международные отношения в центральноазиатском регионе будут соответственно развиваться в соответствии с многополярностью и геополитически меняющейся конфигурацией. В регионе Центральной Азии важное место занимают межгосударственные отношения между Республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан.

Говоря о взаимоотношениях Республики Таджикистан и Республики Узбекистан нужно отметить, что наши страны одними из первых признали государственную независимость друг друга и положили начало новой истории отношений между двумя странами. Так, дипломатические отношения между РТ и РУ были установлены 22 октября 1992 года. Республика Таджикистан, с учетом перспектив своего экономического развития, географического и геополитического расположения, а также общности корней и исторически сложившихся связей между народами двух соседних стран, уделяет постоянное внимание дальнейшему развитию и углублению широкого спектра взаимовыгодного сотрудничества с Республикой Узбекистан.[1.С.78]

Правовую основу таджикско-узбекского сотрудничества составляют 256 документов, подписанных на разных уровнях. При этом 153 (60 процентов) приняты за последние пяти лет. Среди них Договор о дружбе, добрососедстве и сотрудничестве от 4 января 1993-года, Договор о вечной дружбе от15 июня 2000-года и Договор о стратегическом партнерстве 17 августа 2018-года, которые определяют основные принципы двусторонних отношений. Это взаимное уважение независимости и государственного суверенитета, равноправие, невмешательство во внутренние дела друг друга, стремление к взаимовыгодному экономическому партнерству как на государственном, так и на уровне субъектов хозяйствования.[2]

Историю взаимоотношений Республики Таджикистан и Республики Узбекистан

в новых условиях можно разделить на следующие этапы:

– пеервый этап начинается с 1991 по 1998 гг. – со дня приобретения Государственной независимости до установления мира и единства в Таджикистане;

– второй этап начинается с 1998 по 2016 гг. – от открытия Посольства Узбекистана в Таджикистане до президентских выборов в Республике Узбекистан;

– третий этап 2016 года по настоящее время – с момента прихода к власти Шавката Мирзиёева.

Значимым событием в истории таджикско-узбекских двусторонних отношений стал первый официальный визит Президента Республики Узбекистан И. Каримова в Душанбе в июне 2000 года. Итоги этого визита, в ходе которого был подписан пакет важных доку ментов, в том числе, Договор о вечной дружбе, а также принят Меморандум о делимитации границы, стали новой фазой активизации позитивных изменений в таджикско-узбекских отношениях [1.С.79].

Третий этап во взаимоотношениях между Таджикистаном и Узбекистаном особенно считается важным, поскольку развивалась активизация таджикско-узбекских двусторонних отношений с 2016 года. Причём, необходимо заметить, что политика открытости Республики Узбекистан внешнему миру заметно повлияло не только на таджикистанский вектор, но и в целом на геополитическую динамику в центральноазиатском регионе. Исторически важным шагом в двусторонних отношениях стало установление стратегического таджикско-узбекского партнерства. Договор о стратегическом партнерстве заключили главы Таджикистана и Узбекистана 17 августа 2018 года во время визита Президента Таджикистана Эмомали Рахмона в Ташкент. Президент Узбекистана Шавкат Мирзиёев 19 декабря 2018 года подписал Закон «О ратификации договора о стратегическом партнерстве между Республикой Узбекистан и Республикой Таджикистан». 17 мая 2019 года министры иностранных дел РТ и РУ обменялись в Ташкенте ратификационными грамотами о формальном завершении процесса заключения Договора о стратегическом партнёрстве. Международно-правовой документ предполагает дальнейшее укрепление добрососедских связей и дружбы, а также поднятие на более высокий уровень отношений между двумя государствами. В соответствии с договором стороны устанавливают и всесторонне развивают долгосрочные и стабильные отношения стратегического партнерства на основе принципов равенства и взаимной выгоды, мирного сосуществования и взаимного доверия.

Геополитическим прорывом можно считать налаживание конструктивного таджикско-узбекского диалога, которые прошли в Таджикистан и когда были подписаны 27 международно-правовых документов, регулирующих двусторонние отношения. Среди самых значимых соглашений между двумя республиками:

-изменение визового режима;

- открытие авиа-железнодорожного и автобусного сообщений;

-договоренности в сфере экономики, торговли, инвестиций, финансов, транспорта и транзита, сельского хозяйства, водно-энергетической отрасли, налогов, таможенного дела, туризма, образования и науки, здравоохранения, культуры, межрегионального сотрудничества, безопасности и противодействия преступности. Также был дан положительный отзыв Узбекистаном о строительстве Рогунской ГЭС.

Укрепление взаимовыгодных отношений дают реальные социально- экономические эффекты. Так, в современных реалиях Республика Таджикистан входит в десятку главных торгово-экономических партнеров Узбекистана. Объем внешнеторгового оборота между Таджикистаном и Узбекистаном за 2020 год составил более 300 млн. долл. США. Следует отметить, что объем взаимной торговли между двумя странами вырос по сравнению с 2015 годом в 30 раз. Главами государств поставлена приоритетная задача по доведению товарооборота до 500 млн. долларов США, а в перспективе выйти на планку в 1 миллиард.[5]

В 2021-м подписаны 92 соглашения и контракта на поставку товаров на 202,5 млн долларов. В частности, на экспорт узбекских товаров заключено 83 контракта на сумму около 162,2 млн. и пять импортных контрактов - на 40,3 млн. В результате объем двусторонней торговли в 2021-м по сравнению с 2016-м (196,8 млн. долларов) вырос больше чем в три раза. Это самый

высокий показатель за последний 25 лет. В 2021 году товарооборот составил 605,5 млн. долларов (+22,6 процента): экспорт - 501,9 млн. (+23,6), импорт - 103,6 млн. (+17,8).За январь - апрель 2022-го - 187,7 млн. долларов (+34,8 процента), из них экспорт - 138,5 млн. долларов (+13,8 процента), импорт - 49,2 млн. (+ 2,8 раза). Между Таджикистаном и Узбекистаном установлен режим свободной торговли, что позволит довести объем торговли до одного млрд. долларов. Стороны активно реализуют совместные инвестиционные проекты на 195,4 млн. долларов. Количество совместных узбекско-таджикских предприятий выросло. Они охватывают торговлю, производство строительных материалов, пищевую промышленность и другие сферы. В Узбекистане работают 219 компаний с участием таджикского капитала (119 СП и 100 ИП). На территории Таджикистана действует 51 компания с участием резидентов Узбекистана.[2]

Товарооборот между РТ и РУ [3]

(млн долларов США)

	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022 (4 мес)
Внешнеторговый оборот	69.3	126.4	281.6	341.2	320.9	452.7	199.1
Экспорт	35.6	57.1	155.3	172.0	82.4	126.7	63.1
Импорт	33.6	69.3	126.4	169.2	238.5	326.1	136.0

Таджикистан и Узбекистан активизировали сотрудничество в транспортной сфере, которая долгое время оставалась одной из наиболее проблемных в их отношениях. Стороны снизили тарифы и упростили правила трансграничных перевозок грузов и пассажиров автомобильным и железнодорожным транспортом, возобновили прерванные в 1990-х гг. регулярные автобусные и воздушные рейсы. Были открыты 17 контрольно-пропускных пунктов для пересечения границы вместо двух, действовавших до этого. Узбекистан восстановил демонтированный в 2011 г. участок железной дороги Галаба – Амузанг на границе Сурхандарьинской области РУ и Хатлонской области РТ, который заработал в качестве третьей железнодорожной линии между государствами. Для Таджикистана, который сильно зависит от транзита грузов через узбекскую территорию, эти меры оказались особенно важными. Они позволили сократить транспортные издержки и совокупную стоимость импорта, стимулировали мобильность населения и деловую активность.[7]

Одним из приоритетных направлений сотрудничества стороны особо выделили важность всестороннего расширения и углубления культурно-гуманитарных связей, которые в последние годы вышли на траекторию динамичного развития. Уже сегодня сотрудничество в этой сфере носит многоплановый и разноуровневый характер, в дело укрепления культурно-гуманитарных связей вовлечены деятели культуры, науки, парламентарии, институты гражданского общества, СМИ. И в ходе нынешнего визита главы государств договорились поддержать высокую динамику взаимодействия и придать ей дополнительный импульс. В частности, было подписано Соглашение между Министерством культуры Республики Таджикистан и Министерством культуры Республики Узбекистан о сотрудничестве в области культуры и искусства на 2022-2023 годы.

Растет взаимный интерес к взаимодействию и в образовательной сфере. С целью обмена опытом, повышения квалификации и участия в научно-практических конференциях в 2021-2022 гг. более 20 преподавателей таджикистанских вузов посетили Узбекистан и свыше 65 учителей и профессоров нашей страны побывали в Таджикистане.

Углублению отношений в образовательном секторе также способствуют установленные прямые контакты между высшими учебными заведениями, закреплённые более 60 соглашениями и меморандумами о сотрудничестве. В настоящее время 30 вузов Узбекистана (Бухарский и Самаркандский государственные мединституты, Ташкентский институт инженеров ирригации и механизации сельского хозяйства и др.) поддерживают связи с более 15 университетами и научно-образовательными организациями Таджикистана (Таджикский и Хатлонский государственные мединституты, Таджикский аграрный университет,

Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики и др.)[4]

Еще одним важным аспектом укрепления двусторонних отношений является взаимное культурно-духовное обогащение. Культурное наследие таджикского народа всегда почиталось узбекским народом, равно как и сокровища узбекской культуры бережно сохраняли таджики. В часы радости и невзгод наши народы всегда были вместе. В этом плане президент Республики Узбекистан Шавкат Мирзиёев на встрече с президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном отметил, что «народы Узбекистана и Таджикистана связывают особые узы братства. Испокон веков живя бок о бок, они связаны общностью исторических духовных корней, культуры, традиций, обычаев. Одна только попытка представить их друг без друга вносит боль в душу человека». В этих словах чаяния и мечты двух братских народов.[5]

В подтверждение этого Президенты наших стран объявили о необходимости продолжить традиции регулярного проведения взаимных Дней кино, культуры, «Вечеров дружбы» и различных фестивалей на территории двух стран.

Так, в рамках Дней культуры и искусства Узбекистана (май 2017 г., ноябрь 2019 г.), Дней кино Узбекистана (сентябрь 2018 г., март-апрель 2022 г.) в Таджикистане, Дней культуры и искусства Таджикистана (октябрь 2017 г.), Дней кино Таджикистана (апрель 2019 г., октябрь 2021 г.). Творческие коллективы и официальные лица Таджикистана в 2021 году приняли участие во Втором международном фестивале искусства Бахши (г. Нукус) и Международном культурном форуме «Центральная Азия - на перекрестке мировых цивилизаций» (г. Хива). В свою очередь, 2020 г. сотрудники Министерства культуры Узбекистана приняли участие в мероприятиях, посвящённых 5500-летию древнего г. Саразм Согдийской области Таджикистана, а также в международном форуме научной интеллигенции. Да и в страницах истории наших государств великие ученые и мыслители Абдурахмон Джами и Алишер Навои, Садриддин Айни и Абдурауф Фитрат, Мирзо Турсунзода и Гафур Гулям , Лоик Шерали и Абдулла Орипов воспели искреннюю и чистую дружбу узбеков и таджиков. Возведение памятников Абдурахмону Джами и Алишеру Навои в Душанбе и Самарканде встречено с большой радостью, как в Таджикистане, так и в Узбекистане.

На протяжении всего периода коронавирусной пандемии, несмотря на закрытие государственных границ и индивидуальной борьбы каждой страны с этим вирусом, Душанбе и Ташкент договорились вести сообща совместную борьбу с распространением «COVID-19». Стоит отметить, что Узбекистан является одним из главных «доноров» гуманитарной помощи Республике Таджикистан. В 2019 года Таджикистан получил из Узбекистана гуманитарную помощь на сумму всего около 160 тысяч долларов США.[6]

В современных условиях в истории таджикско-узбекских отношений в марте 2018 г. на правительственном уровне было подписано «Соглашение о сотрудничестве в области безопасности и противодействия преступности».

Этот принципиально важный документ – еще один шаг на пути к выстраиванию эффективного взаимодействия в данной сфере. Логическим продолжением в этом направлении стало возобновление многопланового сотрудничества между министерствами внутренних дел. Одним из значимых событий является создание Координационной рабочей группы по противодействию трансграничной преступности, незаконному обороту наркотиков, экстремизму и терроризму. Подписанное в 2018 г. Соглашение о сотрудничестве между Службой государственной безопасности Узбекистана и Комитетом национальной безопасности Таджикистана открыло новый этап в деле усиления кооперации против современных вызовов и угроз регионального характера. Одновременно наблюдается активизация сотрудничества между оборонными ведомствами. В 2018 году подписано «Соглашение о военном и военно-техническом сотрудничестве», внедрена практика принятия ежегодных Планов военного сотрудничества. Так, с 2018 года по сегодняшний день проведено 25 совместных мероприятий, в том числе 8 взаимных визитов высокопоставленных лиц оборонных ведомств, командно-штабные переговоры, совместные учения.

В 2018 году по приглашению Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона состоялся Государственный визит Президента Республики Узбекистан Шавката Мирзиёева в Республику Таджикистан. В ходе плодотворных переговоров, прошедших в открытой, дружественной и конструктивной атмосфере, главы государств обстоятельно обсудили ключевые вопросы современного состояния отношений между РТ и РУ, перспективы дальнейшего расширения и углубления двустороннего многопланового сотрудничества в политической, торгово-экономической, транспортно-коммуникационной, культурно-гуманитарной и других областях, а также актуальные региональные и международные проблемы, представляющие взаимный интерес.[6]

Президенты подтвердили готовность к укреплению сотрудничества в борьбе против терроризма и экстремизма, наркотрафика, транснациональной организованной преступности, незаконной торговли оружием, распространения оружия массового уничтожения, нелегальной миграции и других вызовов и угроз региональной и международной безопасности, как в двустороннем, так и в международном форматах, а также к недопущению осуществления противоправной деятельности, направленной против интересов национальной безопасности Сторон на своих территориях.

В ходе данной встречи Президенты братских государств определили важные приоритетные направления в деле укрепления безопасности:

- главы двух государств подтвердили готовность к развитию сотрудничества в военной и военно-технической областях, а также в сфере военного образования на взаимовыгодных условиях;

- президенты приветствовали создание совместной таджикско-узбекской рабочей группы по вопросу обезвреживания участков инженерных заграждений в приграничных территориях двух стран и отметили необходимость завершения данной работы в 2018-2019 годах;

- президенты отметили важность углубления сотрудничества, расширения практического взаимодействия и реализации конкретных мероприятий в сфере предупреждения и ликвидации чрезвычайных ситуаций;

- стороны подтвердили совпадение или близость позиций по актуальным вопросам обеспечения мира, стабильности, безопасности и устойчивого развития в Центральной Азии.

Исходя из вышесказанного, можно констатировать, безопасность в Центральной Азии во многом зависит от стабильного развития этих стран. Только совместными усилиями возможно устойчивое развитие центральноазиатского региона. В настоящее время новые геополитические реалии показывают повышения уровня таджикско-узбекского взаимодействия в двустороннем и многостороннем форматах.

Литература

1. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. В двух томах. Том 1. - Душанбе: «Ирфон», 2009. -296 с.
2. Узбекистан - Таджикистан: новые точки роста сотрудничества https://yuz.uz/ru/news/uzbekistan---tadjikistan-nove-tochki-rosta-sotrudnichestva
3. Шариф Рахимзода: «Экономическое сотрудничество между Таджикистаном и Узбекистаном имеет исторические корни и основывается на принципах добрососедства»
4. Узбекистан и Таджикистан: интенсификация культурно-гуманитарного сотрудничества // https://isrs.uz/ru/maqolalar/razvitie-kulturno-umanitarnyh-svazej-vaznyj-faktor-ukreplenia-otnosenij-mezdu-uzbekistanom-i-adzikistanom
5. Узбекистан - Таджикистан на пути к стратегическому партнерству // https://isrs.uz/ru/page/pdf/uzbekistan-tadzikistan-na-puti-k-strategiceskomu-partnerstvu
6. Отношения Республики Таджикистан с Республикой Узбекистан // https://mfa.tj/ru/main/view/145/otnosheniya-tadzhikistana-s-uzbekistanom
7. Минвнешторг Узбекистана обнародовал итоги внешней торговли за 2019 год // Новости Узбекистана. 2020. 17 января. URL: https://nuz.uz/ekonomika-i-finansy/46076-minvneshtorg-uzbekistana-obnarodoval-itogi-vneshney-torgovli-za-2019-god.html

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ГУНОГУНҶАНБАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Алимов Б. Х.

Муаллиф дар ин мақола ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор додааст. Гуфта мешавад, ки муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Иқдоми муҳими таърихӣ дар муносибатҳои дуҷониба таъсиси шарикии стратегии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон буд. Муаллиф дар мақола қайд мекунад, ки самти афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофию геополитикӣ, дурнамои рушди иқтисодӣ, инчунин решаҳои муштарак ва робитаҳои таърихан барқароршудаи байни халқҳои ду кишвари ҳамсоя, таваҷҷуҳи бештари ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Ӯзбекистонро барои рушди минбаъда амиқтар мегардонад.

Калидвожаҳо*: ҳамкории гуногунҷанба, шарикии стратегӣ, принсипҳои асосии муносибатҳои дуҷониба, пешрафти геополитикӣ, дастовардҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамкориҳои фарҳангӣ ва гуманитарӣ, таҳкими амният.*

FORMATION AND DEVELOPMENT OF MULTIFACETED COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE REPUBLIC OF UZBEKISTAN IN MODERN CONDITIONS

Alimov B. Kh.

In this article, the author examines the multifaceted cooperation between the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan in modern conditions. It is noted that interstate relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan occupy an important place in the Central Asian region. A historically important step in bilateral relations was the establishment of a strategic Tajik-Uzbek partnership. A historically important step in bilateral relations was the establishment of a strategic Tajik-Uzbek partnership. In the article, the author notes that the priority direction of the foreign policy of the Republic of Tajikistan, taking into account the geographical and geopolitical location, prospects for economic development, as well as the common roots and historically established ties between the peoples of the two neighboring countries, focuses on the further development and deepening of mutually beneficial cooperation with the Republic of Uzbekistan

Keywords: *multifaceted cooperation, strategic partnership, basic principles of bilateral relations, geopolitical breakthrough, socio-economic achievements, cultural and humanitarian cooperation, strengthening security.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪСИРИ ВАО-И ЭЛЕКТРОНӢ БА РАФТОРИ СИЁСИИ ШАҲРВАНДОН

Саидзода Ш. Ш. - н.и.с., дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ
Тел.: (+992) 939388866

Таҳлилу омӯзиши масъалаи таъсири ВАО-и электронӣ, ки он асосан дар даҳсолаи охир инкишоф пайдо намуд, таваҷҷуҳи бисёр муҳаққиқони илми сиёсиро ба худ ҷалб намудааст. ВАО-и электронӣ ба чигунагии тарзи рафтори оммаи мардум таъсири назаррас дошта, ба боло рафтани сатҳи фаъолнокии сиёсии шаҳрвандон мусоидат менамояд.

Сатҳи иштирок, амали қонунӣ ва ё ғайриқонунӣ ва дигар навъҳои рафтори сиёсии шаҳрвандон имрӯз зери таъсири сахти таргиботҳои сиёсие, ки тавассути технологияҳои иттилоотӣ сурат мегирад, қарор дорад. Давлатҳо ва созмонҳои гуногун талош менамоянд, бо истифода аз технологияи иттилоотӣ он тарзи рафтореро таблиғ намоянд, ки ба амалӣ гардидани барномаҳои сиёсиву геополитикии онҳо мусоидат намояд. Дар чунин шароит камфаъол будани ВАО-электронии дохилии давлат метавонад амнияти иттилоотӣ ва ташаккули носолими афкори шаҳрвандон таъсири манфӣ расонад. Дар шароити нави сиёсӣ Тоҷикистонро, ки самти рушди устувори сиёсиву иқтисодиро пеш гирифтааст, лозим меояд, ки нисбати ташаккули афкору рафтори солими шаҳрвандон тавассути ба талаботи замон ҷавобгӯ намудани фаъолияти ВАО-и электронии дохилӣ таваҷҷуҳ намуда, неруи инсонии шаҳрвандонро ба самти таҳкими соҳибистиқлолӣ ва рушди устувори кишвар сафарбар намояд.

Калидвожаҳо: *ВАО-и электронӣ, шаҳрвандон, амнияти иттилоотӣ, технологияи иттилоотӣ, интернет, ҷанги иттилоотӣ, рафтори сиёсӣ.*

Рушди давлат дар заминаи робитаи байни мардум ва ҳамкории мутақобилаи гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа пеш меравад ва сиёсат дар алоқамандӣ бо дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ вазифаи худро анҷом медиҳад. Аз ҷумла, воситаи ахбори омма дар амалисозии сиёсат ва ҳокимият, яъне дар таъмини ягонагӣ, суботи сиёсии ҷомеа ва сафарбарнамоии оммаи мардум ба самти муайяни фаъолият нақши назаррасро иҷро менамояд. Ба вижа нақши воситаҳои электронии ахбори оммавӣ дар дигаргунсозии афкори шаҳрвандон муассир буда, воситаҳои гуногуни иттилоотрасонӣ вобаста ба анвои гуногуни маълумот афкори мардумро шакл медиҳанд. Дар шароити рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ таъсири ВАО-электронӣ ба афкори шаҳрвандон ва дигаргунсозии ҳаёти ҷомеа торафт бештар мегардад.

Сол аз сол зиёд гардидани шумораи истифодабарандагони интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ боиси зери таъсири маводҳои таблиғотии созмону ташкилотҳо ва давалатҳои алоҳида, ки асосан бо мақсадҳои ғаразнок паҳн карда мешаванд, қарор гирифтани мардум ба миён омадааст. «Иттилооти ҳадафмандонаи берунӣ ба воситаи шабкаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои иттилоотӣ то дохили ҳар оила ва то мағзи ҳар шаҳрванди мо расонида мешавад» [1, с.178]. Шохаи чаҳоруми ҳокимият унвон намудани ВАО аз қудрати бузурги таъсиррасонии ниҳоди мазкур дар замони муосир шаҳодат медиҳад. Имрӯз ВАО дар фурсати кӯтоҳ қодир аст, афкори одамонро нисбати ҳаргуна масъала дигаргун созад. Ин аслиҳаи пуркудратро на танҳо ташкилотҳои давлатӣ, инчунин созмону қудратҳои сиёсии беруна барои амалӣ намудани мақсадҳояшон истифода мебаранд. Дар рушду инкишофи давлат ВАО нақши назаррас дошта, он воситаи ба ҳам наздик намудани манфиати мухталифи ҷамъиятӣ ва ягонагии мардум маҳсуб меёбанд. Имрӯз ахбор дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, ниҳодҳо ва дар муайян намудани самти пешрафти ҳаёти ҷомеа нақши муассир доранд.

Имрӯз таъсири ВАО-и электронӣ, Интернет ва шабакаҳои иҷтимоиро ба афкори мардум инкор кардан номумкин аст. Воситаҳои ахбори омма дар олами муосир воситаи тавонои ташаккул, паҳн гаштан ва умуман, инкишофи маданияти оммавӣ гардидаанд. Инкишофи шуури ҷамъиятиро бе иштироки фаъоли воситаҳои ахбори омма тасаввур кардан номумкин аст [2, с.53]. Шахсони истифодабарандаи интернет, яъне шаҳрвандони оддӣ аз сарчашмаҳои гуногун иттилоот мегиранд ва дар навбати худ барои қонеъ намудани талаботҳои маънавӣ аз он самаранок истифода мебаранд. Инчунин, мутахассисони соҳаи сиёсат барои амалӣ намудани мақсадҳои хеш аз ин воситаи муассир васеъ истифода менамоянд. «Интернет барои онҳо воситаи ташхиси фаврӣ ва ташаккули моделҳои рушди институтҳои ҷамъиятӣ, муносибатҳои сиёсӣ ва ҳатто, тасвири симои арбобони сиёсӣ ба шумор меравад» [7, с.134].

Имрӯз созмону давлатҳои ҷаҳон барои амалӣ намудани мақсадҳои хеш аз ВАО-и электронӣ, ки муассиртарин технологияҳои таъсиирасони афкору андешаи мардум ба шумор меравад, васеъ истифода менамоянд. Чуноне ки муҳаққиқ Маршалл Маклюен зикр менамояд: «Ҷангҳо ҳамеша бо пешрафтатарин технологияҳо пеш бурда мешавад» [5, с.391]. Ҳоло муассиртарин технологияи таъсиррасон ин иттилоот буда, бо ин роҳ дигаргун намудани афкори ҷамъият имконпазир буда, қудратҳои минтақавию ҷаҳонӣ дар роҳи расидан ба ҳадафҳои геополитикии хеш аз технологияи иттилоотӣ ба таври зарурӣ истифода мебаранд. Ба қавли муҳаққиқон «ҷанги сард ва фаъолияти васоити ахбори оммаи он давра намунаи классикии роҳандозӣ намудани ҷанги иттилоотӣ ба шумор мераванд» [3, с.81].

Технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ қудрати иваз кардани арзишҳои ҷомеаро соҳиб буда, бо ин восита дар муддати кӯтоҳ имконияти заиф ва камарзиш намудани расму оин ва анъанаҳоро низ дорад. «Таъсири ВАО ба шуури мардум вобаста ба фаъолияти он сурат мегирад ва маҳз он арзишҳоеро, ки ВАО таблиғу ташвиқ мекунад, ба зеҳни шахс таъсир расонида, андешаву таассуроти ӯ дар доираи ҳамон арзишҳо ташаккул меёбад” [11, с.152]. Дар ҷанги иттилоотӣ методи гуногуни таъсиррасонӣ мавриди истифода қарор мегирад. Афкори ҷомеа бо роҳи самтдиҳӣ ба масъалаҳои муайян банд карда мешавад, то ба самти дигари ҳаёти ҷомеа камтар таваҷҷӯҳ равона намоянд ва шароити ҳол ба манфиати ин ё он қудрати сиёсӣ ҳал гардад.

Дигаргун сохтани афкори мардум, камранг намудани фарҳанг, расму оини як ҷомеа яке аз омилҳои муассир дар роҳи хароб сохтани ҳуввияти шаҳрвандон, хоса насли ҷавон буда, он дар пойдории субот ва истиқлоли сиёсӣ таъсири манфӣ дорад. Махсусан, қисми зиёди ҷавонон нисбат ба калоносолон, ки дар марҳилаи инкишоф додани дониши сиёсӣ қарор доранд, на ҳамеша иттилооти сиёсиро дуруст таҳлил менамоянд. “Одамон бештар ба ҳиссиёти худ диққат дода, таҳлилу таркиб ва баровардани хулосаҳои мантиқиро ҳодисаи бегона меҳисобанд. Дар бисёр ҳолатҳо одамон кӯшиши муҳокимаи иттилоот ё расонаҳои дигарро ба миён намегузоранд” [2, с.60]. Дар воқеъ аксари шаҳрвандон, дониши расонаӣ надоранд, ноогоҳона ба фиреби сиёсии созмону қудратҳои сиёсии мухталиф меафтанд. Бархе аз ҷавонони ноогоҳ аз рӯи шавқу ҳавас ба ҳаргуна сарчашмаҳои иттилоотӣ рӯ оварда, он маълумотҳоеро ба даст меоранд, ки вобаста ба манфиати гурӯҳи муайян манзур гардидааст. На ҳамаи истифодабарандагони интернет курси махсуси малакаи таҳлилнамоӣ ва ё аз саводи расонаӣ бархӯрдор мебошанд. Аз сабаби он, ки фиреби сиёсӣ ба таври пинҳонӣ сурат мегирад, на ҳамеша таъсири он дар зоҳир падидор мегардад.

Дар раванди шиддат ёфтани ҷангҳои иттилоотӣ, ки асосан ба самти манфӣ тағйир додани афкор ва рафтори мардум нисбат ба ҳокимияти хеш равон мегардад, ба суботи сиёсӣ ва соҳибистиқлолии давлат хатари ҷиддӣ мебошад. Чуноне мутахассисон зикр намудаанд: «Технологияҳои муосири ҷангҳои иттилоотӣ, ки бо роҳи назарфиребӣ қодиранд шуури сиёсӣ ва рафтори шаҳрвандонро тағйир диҳанд, хеле хатарнок мебошанд. Мақсади асосии ҷангҳои иттилоотӣ чунин аст: ба қишрҳои гуногун ҷудо намудани ҷомеа, дар муқобили ҳамдигар қарор додани онҳо ва дар муносибат ба ҳамдигар ба вуҷуд овардани кинаю адо-

ват, ташкил намудани низоъҳо ва ё инқилобҳои ранга, дар муқобили ҳокимияти давлатӣ сафарбар намудани шаҳрвандони кишвар ва ғ. [10, С.180]. Дар ҳар маврид он ба зарари мухотабони муайян равона гардидааст.

Ҳоло технологияи иттилоотию коммуникатсионии замони муосир ба афкору эҳсоси шахс нисбат ба воситаҳои анъанавии хабаррасонӣ даҳсолаҳои пеш якчанд маротиба таъсири бештар дорад. Маҳз технологияи аудиовизуалӣ бо воситаи ворид намудани унсурҳои гуногун, аз ҷумла, фонҳои махсус, мусиқӣ ва махсусияти сифати сабт ва ғайра, ки дар технологияҳои насли охирин имконпазир гардидааст, ба тамошобин, шунаванда ва умуман, ба афкору равони истеъмолкунандаи иттилоот таъсири фавқулода дорад. Маводҳои ба тамошобинон пешкашшаванда аз ҳар ҷиҳат ба афкори мардум таъсирбахш омода мегарданд, то мақсади гӯянда ва тарафи пешниҳодкунандаи мавод амалӣ гардад. Зеро дар қафои ҳар як ВАО шахсе ва ё гурӯҳи муайяни манфиатҷӯ қарор доранд ва фаъолияти расонаҳои хабарӣ аз рӯи мақсади муайян таъсис дода мешаванд ва ҳадафмандона амал менамоянд. «Яке аз омилҳои маҳдудкунандаи мустақилияти ВАО ин пурзӯр гардидани ҳукумати сармоя мебошад. Имрӯз бештар вақт асосан рекламадиҳандагон ва соҳибони ВАО – магнатҳои молиявӣ мебошанд, ки онҳо самти сиёсии ин ё он ВАО, инъикоси ҳодисаҳои сиёсӣ, махсусан соҳаи сиёсат, интихоби маводҳо ва маҳдуднамоии пинҳонии ВАО-ро муайян месозанд» [4, с.165]. Дар шароити муосир шакли сурату ҳаракат ва тарзи интиқоли маводҳои аудиовизуалӣ дар раванди пешкаш намудани маводҳои иттилоотӣ ҷойи махсусро касб намудааст. Яъне, ҳоло моҳияти масъала асосӣ набуда, асосан худи хабар аҳамият пайдо карда, чигунагии он зери пасманзари он қарор мегирад.

Кишварҳои ҷаҳон махсусан дар самти сиёсати хориҷӣ аз технологияи иттилоотӣ самаранок истифода бурда, барои ба мақсадҳои геополитикии хеш расидан иттилоотро муассиртарин восита меҳисобанд. Иттилоот муассиртарин яроқ барои ба даст овардан ва ҳифзу нигоҳдошти қудрати сиёсӣ, амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлату созмонҳо ба шумор меравад. Имрӯз на танҳо дар сиёсат, балки дар дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ВАО-и электронӣ барои муаррифӣ, ҳифзу ҳимояи манфиатҳо ва пешбурди фаъолияти тиҷоративу иқтисодӣ истифода мегарданд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар шароити рушди рӯзафзуни ВАО-и электронӣ ҳифзи амнияти иттилоотӣ ба шумор меравад. Саволи асосӣ ин аст, ки то кучо давлат иқтидори ҳимоя намудани манфиатҳои миллии худро дорад? Чӣ бояд кард, ки шаҳрвандон зери таъсири манфии иттилоотҳои бар муқобили манфиати мардум ва давлат равон гардида қарор нагиранд? Чуноне, ки ба мо маълум аст, афкори солим, ҳисси баланди ватандӯстӣ ва андешаи созанда доштани шаҳрвандон яке аз омилҳои асосии таҳкими суботу оромии ҷомеа ва амалигардии ҳадафҳои милливу давлатӣ ба шумор мераванд. Барои он, ки шаҳрвандон манфиатҳои миллиро ҳимоя намоянд, онҳо бояд маърифати зарурии сиёсӣ дошта бошанд. Вақте шаҳрвандон оид ба таъриху сиёсат ва ҳадафҳои давлат маърифати кофӣ ва мавқеи созанда дошта бошанд, он гоҳ ҳар навъ иттилоотҳои бардурӯғ дар ҷомеа камтар асар менамояд. Шаҳрвандони огоҳ ва дорои мафкураи баланди миллӣ аз мавқеи манфиатҳои миллӣ ба масъалаҳо назар намуда, суботу амният ва пешрафти давлатро дар мақоми аввал қарор медиҳанд.

Падидаи дигаре, ки бо рушди иттиллот ба миён омадааст, то ба ҳадде дур шудани одамон аз масъалаҳои ҷомеа, бепарвоӣ ва бетарафӣ нисбати тақдири аъзои дигари ҷомеа, заиф гардидани алоқаи иҷтимоӣ бо одамони дигар мебошад. Паст шудани майлу рағбат ба сиёсат, бефарқӣ нисбати тақдири фардои ҷомеа, даст кашидан аз ӯҳдадориҳои шаҳрвандӣ ва коста шудани алоқаи ҷамъиятӣ, аз як ҷониб, самараи идеологияи либералӣ бошад, аз тарафи дигар торафт рӯ овардани мардум, махсусан ҷавонон ба ҳаёти виртуалӣ мебошад. Чунин шароит зарурати ҷустуҷӯ намудани роҳҳои муассиртарини ҳимояи арзишҳои миллӣ, расму оинҳо, ба замони муосир мутобиқ сохтан ва дар ҳаёти имрӯз наздик намудани моҳияту аҳамияти онҳоро тақозо менамояд. Дар ин росто сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти эҳёи расму оинҳои миллӣ, ҳифзи ёдгориҳои моддиву ғайримоддӣ, муаррифии шоистаи онҳо амали са-

ривақтӣ буда, он ба боло рафтани ҳисси худшиносии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон таъсири назаррас дорад.

Масъалаи дигар дар шароити рушди иттилоот ҳарчи бештар таъмин намудани шаҳрвандон ба сарчашмаҳои иттилооти худӣ ва эмин нигоҳ доштани онҳо аз таъсири идеологияҳои бегона, пурранг ва вобаста ба талаботи истеъмолкунандагон омода ва пешкаш намудани маводи ВАО мебошад. «Муқовимати иттилоотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ Тоҷикистонро ба он водор месозад, ки як низоми муассири муқовимати давлатиро ба амалиёти ҷанги иттилоотӣ ва равонӣ таъсис диҳад» [8, с.104]. Имрӯз дар раванди омода намудани маводҳои гуногуни телевизионӣ назару талаботи шаҳрвандон-бинандагон ба эътибор гирифта шавад. На танҳо ба муфиднокии мавод, ҳамчунин, ҷолиб ва ба талаботи рӯз мувофиқ будани он низ диққат дода шавад.

Рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва дастрасии озод ба интернет ба ҳамагон имкони васеи аз худ намудани донишҳои сиёсиро фароҳам овард. Имрӯз барои дарки моҳияти масъалаҳои сиёсӣ аз ҳаргуна навъи сарчашмаҳо истифода бурдан мумкин аст. Тавассути интернет шакли электронии қариб ҳамаи намуди китобҳо, аудио ва видеонаворҳо оид ба масъалаҳои гуногуни иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиро ба осонӣ пайдо намудан имконпазир аст. Ҳамчунин, барномаҳои гуногуни сиёсӣ дар шакли офлайн ва онлайн ба истифодабарандагони интерент дастрас буда, ҳар нафар метавонад, дар дилхоҳ вақт аз онҳо истифода барад. Барои мисол, ҳамаи баромаду суханрониҳои роҳбари давлатҳои ҷаҳон, ташкилотҳои байналмилалӣ, ҷаласаҳои саронӣ давлатҳо, гузоришҳои онҳо, баромади сарварони давлатҳо дар Созмони милали Муттаҳид дар шакли матну наворҳои видеоӣ мавҷуд буда, чорабиниҳои сиёсии сатҳи давлативу байналмилалӣ дар шакли онлайнӣ намоиш дода мешаванд. Чунин ҳолат имкон фароҳам овард, ки шахс на танҳо аз охирон ахборҳои сиёсии дохил ва хориҷии давлат, ҳамчунин аз ҳодисаҳои сиёсии замони муосир бо истифода аз сарчашмаҳои гуногун маълумот пайдо намояд. Чунин шароит гарчанде шахсро дар зери ҳаҷми зиёди иттилоот қарор диҳад ҳам, аммо имконияти ӯро барои ба даст овардани маълумоти саҳеҳ имконпазир намудааст.

Умуман, пайдоиши интернет ва рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ барои инкишофи маърифати сиёсии шахс аз чанд ҷиҳат имкон фароҳам овард:

1. Дар фурсати кӯтоҳ бохабар гардидани шахс аз ҳодисаҳои сиёсии дохил ва хориҷии давлат;

2. Бо истифода аз сарчашмаҳои гуногун огаҳӣ пайдо намудан аз равандҳои сиёсии ҷомеа;

3. Бо истифода аз шаклҳои мухталиф (матн, аудио, видео) огоҳ шудан аз хабарҳои сиёсӣ ва инкишофи маърифати сиёсӣ;

4. Бо забонҳои гуногуни ҷаҳон ба даст овардани маълумот ва донишҳои сиёсӣ;

5. Дар иртиботи бевосита қарор доштан бо шахси интиқолдиҳандаи маълумоти сиёсӣ (дар барномаҳои сиёсии онлайнӣ);

6. Ба ҳайси маърӯзачӣ ширкат намудан дар чорабиниҳои илмиву сиёсии сатҳи давлатию байналмилалӣ;

7. Изҳор намудани нигоҳи хеш нисбати масъалаҳои гуногуни иҷтимоиву сиёсии дохилӣ ва ҷаҳонӣ ба доираи васеъ одамон.

Бо назардошти рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ торафт ҷои шакли чопии хабарҳои сиёсиро шакли электронӣ мегиранд. Ҳоло аксарияти воситаҳои ахбори омма кӯшиш доранд, ки маълумот дар шакли электронӣ пешниҳоди хонандагон намоянд, зеро аксарият мардум ҳамчун истифодабарандагони технологияи иттилоотии замонавӣ буда, асосан аз шакли электронии иттилоот истифода менамоянд. Ва яке аз омилҳои торафт кам гардидани рӯзномаҳо, махсусан хусусӣ дар дӯконҳои рӯзномафурӯшӣ низ маҳз дар ҳамин мебошад. Дар навбати худ воситаҳои ахбори омма сомонаи худро ташкил дода, ҳоло қисми онҳо, асосан, маводҳои худро дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод менамоянд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ таъсири манфии интернет, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ ба назар мерасад. Бо назардошти он, ки субъектони интиқолдиҳандаи маълумот манфиатҳои муайян доранд, на ҳамаи маводҳои пешниҳодшавандаи онҳо объективӣ мебошанд. Бинобар ин, баъзе аз истифодабарандагони интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ноогоҳона аз маълумоти ғаразнок

бархӯрдор гардида, ба доми фиреби сиёсии ин ё он гурӯҳ меафтанд. Дар чанд соли охир қисми назарраси шахсон тавассути интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба доми фиреби созмонҳои ифротиву террористӣ афтоданд. Аз нигоҳи Маҳмадов А.Н., Ибодов А.Ҳ. «дар бештари мавридҳо дар шабакаи интернет иттилооте ҷойгир карда мешавад, ки ба таври нодуруст ва беасос тартиб дода шудаанд. Маҳз ба воситаи чунин иттилоот барои пайдоиши низоъҳои гуногуни иҷтимоӣ ва сиёсӣ заминагузорӣ карда мешавад. Интернет ба як гурӯҳ одамон имкон медиҳад, ки иттилооти барои дигарон дастнорасро ба дигарон интиқол диҳанд ва аз ҷавобгарии он низ эмин бимонанд» [7, с.135].

Рушди технологияи иттилотию коммуникатсионӣ ба созмонҳои ифротӣ ва террористӣ барои ба доми фиреби хеш ҷалб намудани ҷавонони ноогоҳ имконияти хуб фароҳам овард. Ба андешаи Якубов Ҷ.К., Солиев Ш.Х. «гурӯҳҳои террористӣ ва ҳам ВАО аз таваҷҷуҳи зиёди ВАО ба терроризм нафъ мебаранд. Нафъи созмонҳои террористӣ аз ҷалби таваҷҷуҳи ВАО ин иттилоотонидани мақсадҳояшон ва хусуматҳояшон ба доираи васеи мухотабон мебошад» [13, с.140]. Гарчанде мақомоти махсуси давлатӣ пеши фаъолияти сомонаҳои ғайриқонуниро мегиранд, аммо набудани маҳдудият барои фаъолияти ғайриқонунӣ дар интернет боиси таъсис ва фаъолияти сомонаву шабакаҳои барои амнияти ҷомеа хатарнок гардидааст.

Бо назардошти ба суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеа воқеан хатарнок будани ҷангҳои иттилоотӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ВАО-и кишвар чунин зикр намуданд: Шабакаи ҷаҳонии интернет ва ихтироъоти техникиву технологии муосир, ба мисли дастгоҳҳои коммуникатсионию иттилоотӣ имкониятеро ба вуҷуд овардаанд, ки кишварҳои алоҳида ва гурӯҳҳои манфиатдор тавассути ВАО-и худ ба сокинони кишварҳои гуногун, аз он ҷумла, Тоҷикистон пайваста иттилоотрасонӣ мекунанд. Фаромӯш набояд кард, ки ҳар як ВАО-и кишвари хориҷӣ ё созмону ташкилоти гуногун бо ҳадафи таблиғу ташвиқи манфиатҳои шахсии худ фаъолият менамоянд ва барои кишварҳои дигар хатари воқеиро ба миён меоваранд [12]. Чунин таъкидҳои Роҳбари давлат асоси воқеӣ дошта, шаҳрвандонро водор месозад, ки бо истифода аз тамоми роҳу воситаҳо маърифати сиёсии худро баланд бардоранд ва ба иттилоот аз нигоҳи тафаккури интиқодӣ назар намоянд. Бештар он давлату миллатҳое пеш мераванд ва ба ҳадафу ормонҳои худ мерасанд, ки агар роҳ барои тафаккури интиқодӣ ва ошкорбаёнӣ кушода бошанд. Рӯйпӯш намудан, бетарафӣ, нодида гирифтан ва кӯркӯрона тақлид кардан ба ин ё он шакли рафтор ҷомеаро ба нобудӣ бурда мерасонад. Тавассути тафаккури интиқодӣ бисёр торикиҳо равшан, камбудиву пинҳонкориҳо ошкор, нотавониҳои ҷомеа аён, воқеият ба таври аслаш намоён мегардад [9, с.132].

Имрӯз рушди интернет ва технологияи иттилоотӣ, аз як ҷониб, имкон фароҳам намудааст, ки шаҳрвандон бо истифода аз сарчашмаҳои гуногун аз масъалаҳои сиёсӣ огоҳии дуруст пайдо намоянд, аз тарафи дигар, онҳоро водор месозад, ки ба ҳодисаву падидаҳои сиёсӣ дуруст сарфаҳм раванд. Инчунин, дар низоми сиёсии демократии замони муосир, ки шахс ҳамчун субъекти сиёсӣ эътироф карда мешавад, аз ҳар нафар сатҳи баланди дониши сиёсӣ, яъне огоҳии сиёсӣ тақозо карда мешавад. Дониши сиёсӣ, аз як тараф, барои фаъолияти ҳаррӯзаи шаҳрванд лозим бошад, аз тарафи дигар, сатҳи зарурии маърифати сиёсӣ имкон медиҳад, ки шахс ба доми фиреби сиёсии шахсон ва гурӯҳҳои ғайриқонунии ифротӣ ва идологияҳои бегона дода нашавад. Ба андешаи Маҳмадов А.Н. «дар ҳолати дар тафаккури мардум пайдо гардидани холигӣ, намояндагони дигар идеологияҳо кӯшиши пур кардани онро намуда, барои таъсир расонидан ба мафкураи мардум аз тамоми имкониятҳо истифода мебаранд» [6, с.45].

Хулоса, бо мақсади ҳимояи амнияти иттилоотӣ ва поён бурдани сатҳи таъсири манфии иттилооти барои ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон хатарнок мунтазам тақвият бахшидани фаъолияти агентиҳои иттилоотии дохилӣ, умуман васоити ахбори омма, сатҳи касбияти мутахассисони соҳа ва омода намудани контентҳои маърифатии ба талаботи замони муосир мувофиқ бисёр зарур мебошад. Бо боло бурдани сатҳу сифати фаъолияти ВАО на танҳо амнияти

иттилоотӣ ҳифз карда мешавад, ҳамчунин он ба ташаккули афкори солиму созандаи шаҳрвандон, ки он ба таҳкиму рушди истиқлоли давлатӣ алоқамандии зич дорад, мусоидат менамояд.

Адабиёт

1. Абдуллоҳ, Р. Дидгоҳи давлатмеҳвар . – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 248с.
2. Абилов, С.А. Васоити ахбори омма дар раванди дигаргуниҳои ҷомеа // Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. Қисми VIII. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – С.53-60.
3. Абилов, С.А. Ҷангҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи ҳимояи манфиатҳои геополитикии давлат // Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. Қисми VIII. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – С.78-85.
4. Ализода, Х. Роль средств массовой информации в формировании общественного мнения // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИҶТ. – 2017. – №4-1. – С.162-166.
5. Маклюен, Г.М. Понимание Медиа: Внешние расширения человека. – М.: Канон-пресс-Ц, 2003. – 464 с.
6. Маҳмадов, А.Н. Маърифатнокӣ омили муҳимтарини амнияти миллӣ // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИҶТ. – 2015. – №2.– С.45-50.
7. Маҳмадов, А.Н.Ибодов А.Ҳ. Нақш ва мавқеи интернет дар сиёсат // Паёми ДМТ. – 2014. – №3-8. Қисми 1. – С. 132-136.
8. Обидов, О.С. Историко-политические особенности СМИ в условиях приобретения независимости // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИҶТ. – 2017. – №1.– С.100-104.
9. Саидзода, Ш.Ш. Тарбия – рисолати муқаддаси омӯзгор. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 192 с.
10. Холиқов, Ф.А. Таҳдидҳои иттилоотӣ ва шаклҳои зоҳиршавии онҳо // Паёми ДМТ. – 2021. – №1. – С. 173-182.
11. Ҳайдаров, Р.Ҷ., Махсумова М. Таъсири ВАО ба ташаккули афкори ҷомеа дар ҶТ // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИҶТ. – 2019. – №2. – С.152-157.
12. Эмомалӣ, Р. Мулоқот бо намояндагони васоити ахбори оммаи давлатӣ. ш. Душанбе. 20.02.2019 // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – URL: https://www.president.tj (санаи мурочиат: 06.04.2022). – [Манбаи электронӣ]
13. Якубов, Ҷ.К., Солиев Ш.Х.Мухтассоти вежаи алоқамандӣ ва ба ҳам таъсирбахшии воситаҳои ахбори омма ва терроризму экстремиз // Ахбори ДДҲБСТ. – 2019. – №4. – С.136-146.

ХАРАКТЕРИСТИКА ВЛИЯНИЯ ЭЛЕКТРОННЫХ СМИ НА ПОЛИТИЧЕСКОЕ ПОВЕДЕНИЕ ГРАЖДАН

Саидзода Ш. Ш.

Анализ и изучение влияния электронных СМИ, развившееся в основном в последнее десятилетие, привлекло внимание многих исследователей политической науки. Электронные СМИ оказывают существенное влияние на поведение народных масс и способствуют повышению уровня политической активности граждан.

Уровень участия, законных или неправомерных действий и других видов политического поведения граждан сегодня находится под сильным влиянием политических кампаний, осуществляемых посредством информационных технологий. Различные государства и организации пытаются использовать информационные технологии для продвижения образа поведения, который будет способствовать реализации их политических и геополитических программ. В таких условиях бездействие внутренних электронных СМИ государства может негативно сказаться на информационной безопасности и нездоровом формировании мнений граждан.

В новых политических условиях Таджикистану, взявшему курс на стабильное политическое и экономическое развитие, необходимо уделить внимание формированию здорового мнения и поведения граждан путем удовлетворения потребностей времени в деятельности отечественных электронных СМИ, и человеческие силы граждан в направлении укрепления независимости и устойчивого развития мобилизовать страну.

Ключевые слова: *электронные СМИ, граждане, информационная безопасность, информационные технологии, интернет, информационное противоборство, политическое поведение.*

CHARACTERISTICS OF THE IMPACT OF THE ELECTRONIC MEDIA ON THE POLITICAL BEHAVIOR OF CITIZENS

Saidzoda Sh. Sh.

The analysis and study of the influence of electronic media, which has developed mainly in the last decade, has attracted the attention of many researchers in political science. Electronic media have a significant impact on the behavior of the masses and contribute to an increase in the level of political activity of citizens.

The level of participation, legal or illegal actions and other types of political behavior of citizens today is strongly influenced by political campaigns carried out through information technologies. Various states and organizations are trying to use information technology to promote a way of behavior that will contribute to the implementation of their political and geopolitical programs.

Under such conditions, the inaction of the internal electronic media of the state can adversely affect information security and the unhealthy formation of citizens' opinions.

In the new political conditions, Tajikistan, which has taken a course towards stable political and economic development, needs to pay attention to the formation of a healthy opinion and behavior of citizens by meeting the needs of the time in the activities of domestic electronic media, and the human resources of citizens in the direction of strengthening independence and sustainable development to mobilize the country.

Key words: *electronic media, citizens, information security, information technology, Internet, information confrontation, political behavior.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ЭРОН ДАР ШАРОИТҲОИ НАВИ ГЕОПОЛИТИКӢ ВА ЗАМОНИ ҶАҲОНИШАВӢ

Нусратзода С. Н. – н.и.с., докторанти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ,
Тел.: (+992) 931 47 50 55

Муаллиф дар мақолаи маазкур сиёсати хориҷии ҶИЭ дар шароитҳои нави геополитикӣ дар замони ҷаҳонишавӣ, мавриди таҳлиу таҳқиқ қарор додааст. Дар мақола нақши омилҳои ҳимояи манфиатҳо ва зарурияти ҳамбастагиҳои тарафайн дар заминаи низоми геополитикии абарқудратҳо дар минтақаи Шарқи Наздик, мақсаду мароми кишварҳо, аз ҷумла мавқеи ҶИЭ дар замаинаи сиёсати хориҷӣ таҳлил ва баррасӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: *сиёсати хориҷӣ, низоми геополитикӣ, абарқудратҳо, даврони ҷаҳонишавӣ, минтақа, Шарқи Наздик , ҶИЭ.*

Сиёсати хориҷӣ аз нигоҳи имрӯз ҳамчун авмоҷи ҳаракат ва фаъолияти нозук дар раванди муносибатҳои байналмиллалӣ маҳсуб ёфта, дарки дуруст ва муайяннамоии раванди мушкилот дар заминаи даққиқият, тассавуроти нодурустро аз байн бурда, ҳалли имконоти реалии сатҳи паҳнои проблемаҳои сиёсиро возеҳу равшан менамояд. Аз ин хотир муайяннамоии сиёсати хориҷии ҳар як давлат банизомдарорандаи муносибатҳо дар заминаи сиёсат, иқтисодиёт, тиҷорат, маданият ва ҳусни тафоҳум ҳисоб ёфта, он маҳаки асосии тамоми самтҳои фаъолияти давлатҳо дар муносибатҳои байналхалкӣ мебошад. «Сиёсати берунӣ сиёсатест баҳри ба низом даровардани муносибатҳои байни давлатҳо ва халқҳо дар микёси байналхалкӣ. Роҳи интихобкардаи сиёсати берунии кадом давлате, ки набошад, давоми сиёсати дохилии ин ё он давлат буда, хусусият, сохти давлатӣ ва ҷамъиятии онро ифода менамояд». [4.с.265.]

Дар айни ҳол, дар раванди татбиқи алоқамандиҳои глобалӣ вобаста ба муносибату мақсадҳо, тамоилҳои демократикунонӣ ва эҳтироми ҳуқуқи инсон дар шаклгирӣ қарор дорад. Ин нишондод то андозае раванди муътадили муносибатҳоро дар арсаи ҷаҳонӣ дар муносибати давлатҳо ба миён овардаистодааст. Аз ин хотир, афзудани мақоми ҳуввияти давлатӣ, ҳамчун мафҳуми бунёдии идеологияи ҳокимият дар заминаи сиёсати хориҷӣ рӯзафзун гардида, сиёсат дар мадди аввал дар дохил ва хориҷ бо азму ирода, муҳим ва калидӣ маҳсуб меёад. Зеро маҳз сиёсати дурусту оқилона, нарму дурбинона умри идеалогия ва пояндагии давлатҳоро дароз месозад. Аз ин лиҳоз дастгоҳҳои корбурди давлатҳо мавриди амалинамоии мақсаду ҳадафҳо дар сиёсати хориҷии хеш ҷузьиёти хурд ва масоили глобалиро вобаста ба иқтисодиёту иҷтимоиёт, дину фарҳанг, таьрих ва имиҷи миллатҳоро омӯхта, мақсадҳои хешро амалӣ менамоянд.

Имрӯз як умумияте дар заминаи сиёсати хориҷии кишварҳо дар ҷарраён аст, ки онро ба ду қисмат ҷудо намудан ҷоиз аст. Аввалан сиёсати муқтадири стратегӣ ва дувум сиёсати тактикии ивазшаванда. Дар ҳар ду ҷабҳа дар амалишавии сиёсат нақши асосиро иқтисодиёти муқтадир бо роҳандозӣ ва назорату вобастагиҳо ҳалу фасл намуда, маҳз он муайянкунандаи муносибатҳо дар тамоми самтҳо маҳсуб меёбад. Дуруст аст, ки дар ин раванди бисёр муҳим ва тақдирсоз дигар омилҳо низ нақшофар ҳастанд.

Муҳимияти омӯзиши сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шароитҳои нави геополитикӣ ва даврони ҷаҳонишавӣ муҳим буда, ин давлат аз лиҳози ҷойгиршавии мавқеи географӣ, минтақаи даргир ва ҷойгоҳои бамиёноии низоҳо чи дар дохил ва чи дар беруни ин мавзеъ ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир мавқеи ҶИЭ дар шароитҳои печидаи ҷаҳонишавӣ фарқунанда

буда, вобаста ба таъсиротҳои геополитикии давлатҳои қудратманд мавриди таваҷҷуҳ ва хосагиро молик аст. Омӯзишу таҳқиқи он барои минтақа ва ҷаҳони имрӯз арзишманд буда, тавозуни андешаҳоро дар ҷаҳони сиёсат, метавонад мусбӣ роҳандозӣ намояд. Сиёсати хориҷии давлати Эронро метавон ба ду қисмат; то инқилоби исломӣ ва баъди он тақсимбандӣ намуд. Аз нуқтаи назари мо, омӯзиш ва таҳқиқи сиёсати хориҷии ҶИЭ аз лиҳози муносибатҳои печ дар печи ҷаҳони имрӯза ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд.

Дар давоми солҳои бистуми асри XX мавқеи давлатҳои Англия, ИМА ва Россия барои ишғол ва тасарруфи марзи Эрон ҷаҳду талош намуда, мавқеи хешро дар ин сарзамин мустаҳкам менамуданд. Он солҳо ба ҳокимияти марказӣ тобеъ кунонидани хонҳо ва ҳокимони вилоятҳоро нерӯҳои ҳарбӣ зери роҳбарии Ризохон ба иҷро расонид. 12 декабри соли 1925 Маҷлиси Муассисон Ризохонро ҳамчун «Ризошоҳи Паҳлавӣ» шоҳи меросии Эрон эълон намуд.

Солҳои 30-юм Ризошоҳи Паҳлавӣ дар заминаи сиёсати хориҷии хеш робитаро бо ИҶШС маҳдуд намуда, муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсиро дигар намуд. Дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Эрон дар сиёсати хориҷиаш бо Германия наздик гашта, 40-45 фоизи тиҷоратро дар ҳамкори бо ин давлат роҳандозӣ намуд. Пас аз итмоми ҷанг сиёсати хориҷии Эрон тағйир ёфта, ҳамкориҳои вай бо ИМА, Англия зиёд гардид. Тӯли солҳои 70-уми асри XX ҳукумати Эрон, бо сарварии Ризошоҳи Паҳлавӣ, сиёсати иртиҷоӣ ва мусаллаҳшавии низомиро пеш гирифт. Эрон зери нуфузи мақсадҳои геополитикии ИМА ба иттиҳоди ҳарбии СЕНТО дохил гардида, маблағҳои зиёдеро сарф менамояд. Дар ин замина ИМА бо сарпарастиву ҳамкориҳои доираҳои ҳукмрони Эрон, пеш аз ҳама хонадони шоҳ ба тороҷнамоии боигарии кишвар машғул гардиданд. Эрон дар нитаҷаи пешгирифтани сиёсати нодурусти сиёсиву иқтисодӣ гирифтори буҳрони шадид гардид, ки онро ба се қисмат ҷудо намуданд: буҳрони адолат, буҳрони мутлақият ва буҳрони ахлоқӣ-маънавӣ.

1.Буҳрони адолат. Муҳимтарин манбаҳои даромад дар Эрон ба гурӯҳи хурд ва хешовандони шоҳ таалуқ дошта, фурӯши нафту газ ва манбаҳои даромад ноодилона тақсимот ва тасарруф карда мешуд.

2.Буҳрони мутлақият. Дар кишвар якқаҳукмрони ва яккаҳизбӣ ҳукмфармо гардида, вазъи мутлақияти Эронро ба ҳолати барҷомонӣ расонида, зимоми ҳокимияти худхоҳонаи шоҳ фалаҷ ва корношоям мегардид.

3.Буҳрони ахлоқӣ ва маънавӣ. Ризошоҳи Паҳлавӣ зери таъсир ва таваҷҷуҳи фарҳангу тамаддуни Ғарб монда, ба тағйир додани бунёди ахлоқи ҷомеаи Эрон майл намуд, ки он норозигии умумро ба миён оварда.

Омилҳои мавҷуда сабаби низову даргирӣ ва муборизаи аҳзобу гурӯҳҳои мухталифи зидди ҳукуматӣ гардида, шаҳодат аз режими шоҳ - Ризошоҳи Паҳлавӣ дар равнди идоранамоии давлат ва сиёсати нодурусти пешгирифтаи дохила ва берунаи давлати Эрон дар он давра ба ҳисоб меравад. Маҳз ҳамин нобасомониҳо боиси аз байн рафтани ҳокимияти Муҳаммад Ризошоҳи Паҳлавӣ гардида, сабаби ба сари қудрат омадани Имом Ҳумайнӣ дар заминаи инқилоби исломӣ гардид.

Мавриди сиёсати хориҷии имрӯзаи Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳаққиқон фикру мулоҳизаҳои мухталиф дошта, заминаҳои инкишоф ва раванди онро ба тағйиротҳои дохила ва беруна вобаста медонанд. Табдил гардидани кишвар аз моҳият ва мазмуни ғарбиасос ба раванд ва низоми исломӣ худ як падидаи нав дар саҳифаҳои муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб мерафт. Ин тағйирот на танҳо таваҷҷуҳ балки муносибати воқеии фаъолро дар байни кишварҳои абарқудрат ба маротиб зиёд намуд. Худи сарнишинони ҶИЭ ин таҳаввулоти сиёсиро дарк намуда, барои нигоҳдории давлат ва пойдории он кӯшишҳои зиёдро ба харҷ доданд. Онҳо мавриди амал ва роҳандозии сиёсати хориҷии худ аз роҳу усулҳои гуногун истифода намуда, ба муқобили таҳдид ва талабҳои ҷаҳони муосир муқовимат намуданд.

Дар ин росто омилҳои дигар аз қабили ҷаҳонишавӣ ҳамчун муқтадиртарин равандӣ таъсиррасон наметавонист ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҶИЭ бе таъсир бошад. Аз ин хотир таҳлили сиёсати хориҷии дилхоҳ давлати олам дар шароити ҷаҳонишавӣ танҳо мавриди омӯзиши ҷанбаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҳаёти давлат дар сатҳи миллӣ имконпазир гардида, инчунин таъсироти мухталиф ба ҳаёти давлатдорӣ

аз қабили омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва мадании сатҳи байналхалқӣ муҳим ба ҳисоб мераванд. [5.с.1052.]

Таърихи сиёсии ҷаҳон бозгӯи он аст, ки вобаста ба тағйиротҳои ҷаҳон ва сенарияҳои бофтаи муаллифони қудратманд, лаҳн ва мақсадҳои бозиҳои сиёсӣ ва бозингаронашон низ тағйир меёбанд. Амалишавии ҳамин нуқтаи муҳим дар сиёсати хориҷии ҶИЭ баъди таъсиррасониҳои мақсадноки Ғарб бараъло намоён гардид.

Ҷои баҳс нест, ки мамолики қудратманди Ғарб аввал мушкилотро тавлид месозад, баъдан онҳоро парвариш ва мавриди ҳаллу фасли хеш қарор медиҳад. Маҳз раванди инкишоф ва бамиёноии сиёсати дохила ва хориҷии ҶИЭ дар ҳамин замина дар инкишоф аст. Барои дастандаркорони Ғарб вуҷуд доштани чунин давлат ва сохтор дар заминаи кишвари Эрон ниҳоят зарур аст. Зеро дар раванди инкишофи муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодиву фарҳангии ҷаҳон, бо дарназардошти муҳимоти инкишофи ҷаҳонишавӣ такя ба аснодҳои таърихӣ, ду кишвари ҷаҳон Эрон ва Туркия давлатҳоеанд, ки бо қабули дини ислом ва асимилятсияи халқҳо бо тамаддуни Ғарб ҳамоҳанг шуда, як навъ маданияти фарқкунандаи Аврупо-Шарқиёнаро ба миён оварданд. Солиёни дароз муҳоҷирати сокинони ин кишварҳо ба Ғарб ва бараъкс аз Ғарб ба Шарқ ин алоқамандиро афзун менамуд. Вобаста ба ин сиёсати хориҷии давлатҳои қудратманд сол ба сол густариш ёфта, мақсаду маромҳои нав ба миён меомаданд. Дастандаркорон дар заминаи дигар гардидани муносибатҳо дар арсаи байналхалқӣ тадбирҳо ҷӯста, бо мақсадгузориҳои мухталиф дар назди давлатҳо вазифаҳо мегузоранд. Дар ин замина ҶИЭ сиёсати хориҷии хешро вобаста ба шароит тағйир дода, роҳҳои нави ҳамкорӣ ва муколаммаҳоро пайдо намуд. Ин раванд дар кишвари Эрон то инқилоби исломӣ бо шаклу муносибатҳои фарқкунанда арзи вуҷуд дошт ва баъди ба сари қудрат омадани исломиҳо низ, ин тамоюл бо рангҳои нав ва муносибатҳои ҷадид дар заминаи аҳкоми демократӣ рӯи кор меомад.

Дар ин замина қадами аввалин мавриди муайянсозии сиёсати хориҷӣ бо кишварҳо, ҳамкориҳои судман маҳсуб ёфта, алоқаи ҳамаҷониба бо ҳусни тафоҳум калиди осоишу ҳамгироӣ баҳри рушд ҳисобида мешавад. Маҳз сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон бо дарки вазъи ниҳоят вазнин ва пурпечутоби ҷаҳони муосир, дар заминаи вобастагиҳои зичи муносибатҳои байналхалқӣ ва пайдоишу густариши низоми бисёрқутба, ки нақши як қатор давлатҳои абарқудрат бо ҳадафу мақсаднокӣ ҷаҳонро идора менамоянд, муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар заминаи дигаргун шудани муносибатҳо дар арсаи байналмилалӣ ҶИЭ сиёсати хориҷии хешро вобаста ба шароит тағйир дода, роҳҳои нави ҳамкорӣ ва муколаммаҳоро пайдо намуд. Баъд аз ғалабаи инқилоби исломӣ дар соли 1979 дар сиёсати хориҷии ҶИЭ як қатор дигаргуниҳо ба миён омаданд, ки муҳаққиқон онро ба даврaҳои зайл ҷудо намудаанд:

1.Давраи муносибати реалистона, ҳамчун давраи ҳимояи мақсадҳо (ғояҳо) солҳои 1979-1982.

2.Давраи муносибати идеалистона «зиёдшавии мақсадҳо (ғояҳо) солҳои 1982-1990.

3.Давраи муносибати идеалистона «мақсадҳои иқтисодӣ» солҳои1990-1998.

4. Давраи муносибати идеалистона «сиёсати мақсадҳо»,1998-2006.

5.Давраи муносибати реалистона «принсипнокии мақсадҳо» аз соли 2006 то шароити имрӯза. [6.с.75.]

Идома ёфтани сиёсати бисёрсамта дар заминаи вазъияти геополитикӣ мавқеъ ва вазъи ҶИЭ-ро мушкил намуда, онро ба интихоби мушаххастарини самти стратегӣ маҷбур сохт. Вобаста ба ин ҶИЭ маҷбур гардид, ки моҳияти бисёрсамтаи сиёсати хориҷии худро дар сатҳи расмӣ нигоҳ дошта, вобаста ба таъсиррасониҳо дар заминаи «интихоби ногузир» дар шароити бисёр муракаб ва ҳассос инкишоф ёбад.

Дар равандҳои сиёсӣ мавқеъ ва нақши сарварони сиёсӣ бениҳоят бузург аст. Сарварон бо муносибат, дарки вазъ, муайяннамоии сиёсати оқилонаи дохилӣ ва хориҷии кишварҳо ҳамчун раҳнамову раҳкушо натанҳо ба миллатҳои хеш, балки ба манотиқ ва равандҳои сиёсии ҷаҳон метавонанд хизмати содиқона намоянд. Дар таърихи сиёсии ҶИЭ ба сари қудрат омадани Ҳошимӣ Рафсанҷонӣ мавқеъ ва муносибати ин кишварро новобаста аз таъсироти дохила ва беруна, тавонист роҳи мин-

баъдаи Эронро дар муносибатҳои байналхалқӣ мусбӣ равона намояд. Ин сиёсат консепсияи нави муносибатҳоро дар дохил ва хориҷи кишвар ба миён овард. Яке аз ин навгониҳо пайдо гардидани мухолифатҳои ақидавӣ дар дохили кишвар ба ҳисоб мерафт. Аслан вазъи бамиёномада дар заминаи воқеоти Халиҷи форс давлатдорон ва рӯҳониёнро маҷбур сохт, ки мавриди муайянсозии сиёсати хориҷии Эрон тадбирҳо ҷӯста, ҳамкориҳоии судмандро барои сулҳу суббот дар минтақа ҷӯстуҷу ва роҳандозӣ намоянд. Аз ҷониби дигар, вазъи бамиёномада дар заминаи муносибатҳои глобалии ҷаҳони муосир намегузошт, ки давлатҳои миллӣ бо роҳу равиши кӯҳна фаъолият ва арзи вуҷуд намоянд. Дар ин давра новобаста аз душвориҳо дар кишвари Эрон тағйирот дар муносибатҳои дохил ва берунии кишвар рӯ ба беҳбудӣ намуданд. «Ҳамаи ин дигаргуниҳо, натиҷаи таъсиротҳои ҷадид ва ҳолати воқеии муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳисоб мерафт. Маҳз натиҷаи ҳамин таъсиррасониҳо буд, ки дар даврони дар сари қудрат будани Муҳаммад Ҳотамӣ сиёсати хориҷии ҶИЭ ба куллӣ тағйир ёфт. Пеш гирифтани роҳи нави ҳамкориҳо дар заминаи муносибатҳои байналмиллалӣ инкишоф ва рушди манфиатҳои миллро барои мардуми Эронзамин ба миён овард. Дар ин замина сиёсати хориҷӣ бо пешниҳоди М.Ҳотамӣ бояд дар заминаи дарк ва набзи равандҳои ҷаҳони муосир роҳандозӣ гардад. «Қабули қарорҳо дар доираи маҳдуд, бе баҳисобгирии мулоҳизаҳо ва ҳодисаву равандҳо дар ҷаҳон метавонад, боиси нокомии сиёсатмадор дар заминаи рад намоии ҳаводиси воқеии ҷаҳон гардад». [7.с.1012.]

Маҳз дар давраи сари қудрат будани Муҳаммад Ҳотамӣ бо пешниҳодоти сиёсати нарми «гуфтугӯии тамаддунҳо» косташавии шиддатнокии вазъи Эрон бо давлатҳои Ғарб ба миён омад. Вале чуноне, ки таърих шоҳид аст, баъди ба сари ҳокимияти ҶИЭ омадани Муҳаммад Аҳмадинаҷот вазъ тағйир ёфта, то андозае сиёсати хориҷии пешгирифтаи Муҳаммад Ҳотамӣ зери танқид қарор дода шуд. Дар ин даврон гузашкуниҳо нисбати аҳком ва сиёсати абарқудратҳо кам гардида, сиёсати кушод ва радкунанда нисбати Ғарб ба миён омад. Дар ин замина нақши ҶИЭ мавриди ҳаллу фасли масоилҳои байналхалқӣ ва пайдо гардидани роҳи нави сиёсати ҳамкориҳои судманди бисёрҷонибаи давлатҳо, муносибату ҳамкориҳои навбатиро на танҳо дар Шарқ балки дар миқёси давлатҳои Ғарбу Америка низ ба миён овард. Вале, чуноне мусаллам аст, ҷаҳонишавӣ бо суръати баланд, зери нуфузи мақсадмандон қарор гирифта, васоитҳои таъсиррасон ҳадафҳои хешро дар дилхоҳ манотиқ амалӣ менамоянд. Тақдири талхи давлатҳои Ироқ, Сурия, Либия имрӯз метавонад дар ҶИЭ такрор шавад. Агар ба саҳифаҳоти таърихи чилсола аз замони ба миёноии инқилоби исломӣ ба таърихи муносибатҳои сиёсии Эрон таваҷҷуҳ диҳем, пас аён мегардад, ки ин давлат ягон рӯз бе санксияҳои иқтисодиву сиёсӣ ва таъсироти мақсадмандонаи дипломатӣ орӣ набуда, пайваста зери таъсирот қарор дошт. Аз тарафи дигар, ин таъсирот ва маҷбурнамоиҳо Теҳронро водор намуд, ки иқтисодиёти муқтадири миллӣ ва маҷмӯи истеҳсолоти ҳарбиро дар заминаи ресурсҳои дохила барпо намояд. Дар ин ҷода ҶИЭ то дараҷае муваффақ низ шуд. Ва ҳар қадаре, ки Эрон иқтидор ба даст меовард, ҳамон дараҷа мавқеъ ва муносибати давлатҳои Ғарб нисбати он манфӣ арзёбӣ мегардид.

Дар рӯихати ташкилот ва гурӯҳҳои террористӣ ҷой додани Корпуси дифои инқилоби исломии Эрон (КДИЭ) мавриди корбариҳо дар Вашингтон на танҳо вазъро дар минтақа балки дар миқёси ҷаҳон кулан муташанниҷ сохт. Вобаста ба маълумотҳо, дар ҳайати корпуси дифои инқилоби исломии Эрон қисмҳои хушкигард, ҳарбӣ-баҳрӣ ва ҳарбӣ-ҳавоӣ, аз он ҷумла қушунҳои ракетӣ, инчунин гурӯҳҳои зудамали «Қудс» ва «Басиҷ» бо теъдоди 10-миллон нафар размандагон дар омодабошӣ қарор доранд. Корпуси дифои инқилоби исломии Эрон (КДИЭ) аз лиҳози муқобили кашофӣ ва ҷамъоварии маълумот на танҳо дар ҶИЭ, балки берун аз он низ нуфуз дорад. Аз ин хотир, ин раванд барои ИМА мушкилотзо ба ҳисоб рафта, дар сиёсати байналмилалӣ таваҷҷуҳро ҷалб кардааст.

Вобаста ба ин ҳукуматдорони Вашингтон Корпуси дифои инқилоби исломии Эрон (КДИЭ)-ро сарчашмаи асосии пайдоиши таҳдидҳои террористӣ элон намуданд. Дар яке аз баромадаш Доналд Трамп изҳор намуд, ки ҳар гуруҳе бо КДИЭ ҳам-

корӣ ва робита барпо менамояд, он ҳамчун маблағгузор ва хайрхоҳи террористон ҳисоб меёбад». [8]

Президенти ҳамонвақтаи ҶИЭ Ҳасани Руҳонӣ дар яке аз ҷаласаҳои Кабинети вазирон баромади Трампро таҳлил намуда, онро «аблаҳона ва бехирадона» маънидод намуд. Номбурда бо боварӣ изҳор намуд, ки иттиҳоди байналхалқӣ ин пешниҳододти президенти Амрико Доналд Трампро дастгирӣ нахоҳанд кард. Аз тарафи дигар, ин муколамаҳои сиёсӣ метавонанд, ба размандагони ИМА дар Ироқ, Сурия, Яман, халиҷи Форс ва Афғонистон хатарҳоро эҷод намоянд. Зеро тарафдорони ҶИЭ дар дар ин минтақаҳо хеле зиёданд.

Аз ҷониби дигар, Шӯрои олии бехатарии миллии Эрон Қувваҳои мусаллаҳи ИМА-ро дар Осиёи Ғарбӣ ҳамчун ӯрдугоҳи марказии фармондеҳии ташкилотҳои террористӣ эълон намуд. Ин навъ муттаҳамнамоӣ аз ҳар ду ҷониб боз як қадам суи ҷанги давомдоштаи идеологӣ ва оғози набардҳои навбатии ҶИЭ ва ИМА дар шароити кунунӣ ба ҳисоб меравад. Ба назар чунин менамояд, ки муқобилияти Вашингтон бо Теҳрон бо сужа ва ҳадафу мақсадҳо даврaҳои навро оғоз намуда, муносибати мувафақшавии сюжетҳои тарҳрезишударо дар заминаи васеъи роҳҳои гуногуни ҷанги психологии мансуб ба сиёсати пешгирифтати амрикоиҳо дар ин митақа амалӣ хоҳад кард. Дар ин замина маҷаллаи туркии «Milliyet» ҳисоб менамояд, ки «ИМА гуё майлнокиаш мавриди оғози ҷанг бо Эрон зиёд аст, аммо бо он ҷанг кардан намехоҳад». Аз ин рӯ вобаста ба ин печ дар печии муносибатҳо ба хулосае омада, дар маҷмуъ ин раванро давоми спектакли тарҳрезишудаи бо-зиҳои геополитикӣ номидан хато нест. Ҳам-замон таъсири бошиддати равандҳои ҷаҳо-нишавӣ дар ҳаёти тамоми давлатҳои ҷаҳон, алалхусус дар ҶИЭ наметавонад низоми якҳизбӣ ва якидеологиро пурра таъмин намояд.

Имрӯз собит гаштааст, ки ду омили муҳим, яке мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ ва дигаре муҳайё будани ресурсҳои табиии энергетикӣ Эронро ба муҳимтарин обекти рақобати давлатҳои абарқудрат табдил додааст. Ин тадбир дар шаклҳои нав, бо дид ва мақсадҳои сиёсӣ амалӣ шудаистодааст. Бешубҳа, маҳз ҳамин мушкилот дар заминаи муайяннамоии сиёсати хориҷии ҶИЭ саҳмгузор ва муайянкунандаи он гардида, аз дигар тараф, ба инкишофу рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар заминаҳои воқеӣ ба миён меоварад.

Инқилоби исломии солҳои 1978-1979 на танҳо давлати шакли идорадоштаи исломиро ба миён овард, инчунин барои давлатдорон зарурияти раванди нави муносибатҳоро дар арсаи байналмилалӣ замина гузошт. Пайдо гардидани «Ғояи инқилоби маданӣ ва интихоби роҳи сеюм новобаста аз мамолики Ғарб ва интихоби ислом ҳамчун қувваи бузурги пешбарандаи давлат, ҷаҳониёнро ба ташвиш андохт». [9.с.78-80.]

Сиёсати хориҷии Теҳрон аз рӯзҳои авали ғалабаи инқилоби исломӣ то имрӯз зери нишондод ва таъсири омилҳои махсус аз қабили идеологияи исломӣ, ки дар заминаи консепсияҳои имом Ҳумайнӣ ва таҷрибаҳои олами ислом таҷассум ёфтаанд, роҳандозӣ карда мешавад. Дуруст аст, ки имрӯз олами ислом наметавонад бо умдатарин масоилҳои раванди инкишофи инсонӣ монеа эҷод намояд. Аз ин хотир, дар заминаи ташкили давлати исомӣ давлатдорони Теҳрон мақсадҳои беҳ гардонидани шароити осоишта ва зиндагии воқеан созгору солими иҷтимоиро вазифаи хеш интихоб намуданд. Ин омил то дараҷае дар ҶИЭ роҳандозӣ гардид, ки он муносибати давлатҳоро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ то дараҷае дигар намуд.

Такя ба ҳуқуқҳои умумибашарӣ дар заминаи аҳкоми ислом яке аз равандҳои асосии сиёсати хориҷии ҶИЭ маҳсуб ёфта, ин шакли мубориза ва паҳннамоии идеология дар заминаи қонунҳои шариат як навъи шакли идора мебошад. Аз ин хотир, таҳлили муҳаққиқ Агаев С.Л. мавриди сиёсати хориҷии ҶИЭ дар заминаи риояи ҳуқуқҳои инсон возеҳу равшан аст. «Эрон талаботҳои байналмилалии ҷомеаи ҷаҳониро дастгирӣ намуда, мавриди амалинамоии он, таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро ба бартараф намудани манфиатҷӯии бузургдавлатон равона месозад». [10.с.46-48.]

Сиёсати хориҷии ҶИЭ-ро таҳлил намуда, ба хулосаҳое омадан мумкин аст, ки муҳтавои он аз омилҳои дохила ва беруна вобастагӣ.

Аввалан, бамиёноии инқилоби исломии Эронро на ҳамаи давлатҳо интизор буданд.

Аз рӯзҳои аввали ҳокимияти исломӣ он зери фишор ва таҳлилу назарбинии давлатҳои бузург қарор дошт. Бо вуҷуди ин, Эрон тавонист на танҳо истиқлолияти хеш, балки сиёсати хориҷии худро зери нигоштаҳои намояндагони ислом дар минтақа ва ҷаҳон амалӣ намояд.

Дувум, сиёсати хориҷии ҶИЭ баъди инқилоб тарзе роҳандозӣ гардид, ки дар заминаи истифодаи равияҳои исломӣ, хусусан мардуми шиа, сиёсати пешгирифтаи давлати исломиро пурра дастгирӣ намуданд. Ин раванд дар асоси риоя намудани аҳкоми шариат ва қонунҳои байналмилалӣ амалӣ гашт.

Сеюм омили аслии пешрафти сиёсати хориҷии ҶИЭ дар ин солҳо аз он иборат буд, ки инқилоби исломӣ дар ҷаҳони ислом бо риояи принсипҳои ҳамзистии осоишта ҷаҳони ғарбро муваззаф сохт, ки нисбати ислом фикру ақидаашро тағйир диҳад. ҶИЭ дар ҳама самтҳо хусусан мавриди пешгириҳои терроризм ва экстремизм на танҳо мавқеъи худро муайян намуд. Дар заминаи муколама новобаста аз сохти давлатдорӣ ҳал намудани мушкилотҳо асоси сиёсати хориҷии ин давлат маҳсуб ёфт. Шояд ҳамин шакли роҳи ҳали масоилҳо тақдири минбаъдаи ҶИЭ-ро дар минтақа ва ҷаҳон муайян намуда, он натанҳо арзи вуҷуд намудани ин давлатро новобаста аз худхоҳиҳои кишварҳои ғарб нигоҳ дошт, инчунин ба мавқеъ ва будубоши ин давлат заминаи рушд ва тараққӣ ба миён оварда.

Чорум омили муҳими сиёсати хориҷии ҶИЭ дар солҳои минбаъда дар он зоҳир мегашт, ки Эрон вобаста ба вазъи сиёсии ҷаҳон аз «экспорт намудани инқилоби исломӣ» даст кашид. Мавқеи Эрон дар заминаи муайяннамоии сиёсати хеш бештар дар халиҷи Форс роҳандозӣ мегардад.

Аз ин хотир дар заминаи таҳлилу омузишҳои сиёсати хориҷии ҶИЭ ба ин хулоса омадан мумкин аст, ки ин сиёсат дар маҷмӯъ якранг ва якмаъно нест.

Дар шароити кунунӣ нақш ва мавқеи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон на танҳо дар Шарқи наздик, балки дар ҷаҳони имрӯза мавқеъ ва мазалати хосса дошта, он муайянкунандаи сиёсати дурбинонаи ин кишвар маҳсубёб муайян гардида, дар паҳнои масоилҳои глобалӣ барои имрӯз ва фардо дар ҷараён қарор дорад. Давлатҳои абарқудрати ҷаҳон аз қабили ИМА, Чин, Россия, Ҷопон, Англия дар ҳамгироӣ бо ҶИЭ дар раванди амалишавии сиёсати хориҷии ин кишвар дар муколама ва ҳамкориҳо қарор доранд. Таърихи даҳсолаҳои охири ин муносибатҳо собитгари он аст, ки ҶИЭ дар мубориза алайҳи ҳуҷумҳои мақсадмандонаи кишварҳои Ғарб, чи аз лиҳози муҳосираҳои иқтисодӣ, таҳдидҳои ҳарбии коалитсияҳои муштарак на танҳо истодагарӣ карда тавонист, балки дар равандҳои гуногуни сиёсати хориҷии хеш муваффақ ба як қатор дастовардҳо низ гашт, ки ин барои ғарбиён ғайри чашмдошт буд. Аз ин хотир, сиёсати ҶИЭ дар шароитҳои нави геополитикӣ ва даврони ҷаҳонишавӣ сиёсати фарқкунанда ва пешгӯинашаванда маҳсуб ёфта, он дар заминаҳои ниҳоӣ мавриди густариши исломи сиёсӣ дар қаламрави минтақаи мусулмоннишин ва берун аз он, бо мақсаду ниятҳои тарҳрезишуда пайваста таъсиргузор мебошад.

Адабиёт

1. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. - Душанбе, 1991. - С.207.
2. Вебер М. Избранные произведения. - М., 1990. - С.646.
3. Муҳаммад А. Донишномаи мухтасари сиёсӣ. - Душанбе, -2016. С.265.
4. Муҳаммад А.. Донишномаи мухтасари сиёсӣ. - Душанбе, -2016. С.265.
5. Пураҳмади Х. Иқтисоди сиёсӣ, таомули давлат ва низоми ҷаҳонӣ дар тадвини сиёсати хориҷӣ: зарурати пажуишҳои ҷадид дар сиёсати хориҷӣ // Фаслномаи сиёсати хориҷӣ 1381, №4 (16). –С. 1052.
6. Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои ҶТ. -№2. -2018. - с.75.
7. Асади Б. Эрон ва халиҷи Форс: сиёсати танизшуда ва гуфтугӯи тамаддунҳо, муносибати ҷадид дар сулҳ ва амнияти минтақа // Фаслномаи сиёсати хориҷӣ. 1379. № 4. – С. 1012.
8. Фонди маданияти стратегӣ. https://centrasia.org/newsA.php?st=1555067940
9. Агаев С.А. Иран: внешная политика и проблемы независимости 1925-1945 гг. - М.: Наука, 1971 с. 78-80.
10. Агаев С.Л. Иранская ревалюция, США и международная безопасность: 444 дня в заложниках. - М.: Наука, 1986. С. 46-48.

ВНЕШНЯЯ ПОЛИТИКА ИРАНА В НОВЫХ ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ И В ЭПОХУ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

Нусратзода С. Н.

В статье автор рассматривает внешнюю политику ИРИ в новых геополитических условиях в эпоху глобализации и на основе изучения данного вопроса анализирует внешнеполитическое положение этой страны. Также анализируется и обсуждается роль факторов защиты интересов и необходимость взаимного сотрудничества в контексте геополитической системы сверхдержав Ближнего Востока, цели и задачи стран, в том числе внешнеполитическая позиция ИРИ.

Ключевые слова: *внешняя политика, геополитическая система, сверхдержавы, глобализация, регион, Ближний Восток, Иран.*

IRAN'S FOREIGN POLICY IN THE NEW GEOPOLITICAL CONDITIONS AND IN THE AGE OF GLOBALIZATION

Nusratzoda S. N.

In the article, the author examines the foreign policy of Iran in the new geopolitical conditions in the era of globalization and, based on the study of this issue, analyzes the foreign policy position of this country. It also analyzes and discusses the role of factors protecting interests and the need for mutual cooperation in the context of the geopolitical system of the superpowers of the Middle East, the goals and objectives of the countries, including the foreign policy position of Iran.

Key words: *foreign policy, geopolitical system, superpowers, globalization, region, Middle East, Iran.*

МИНБАРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ҶАВОН
ТРИБУНА МОЛОДЫХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ
ROSTRUM OF THE YOUNG RESEARCHERS

** ** **

ВЛИЯНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА МИРОВОЗЗРЕНЧЕСКУЮ КУЛЬТУРУ ЛИЧНОСТИ

Саидова З. З. – ассистент кафедры «Общественные науки» Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции г. Худжанда

В статье рассматриваются теоретические и практические аспекты процесса трансформации мировоззренческой культуры личности в условиях информационного общества. По мнение автора статьи, в современных условиях важнейшим детерминантом трансформации мировоззренческой культуры личности выступают инновация и информация, которые изменяя сущность и содержание социальных отношений, обуславливают становления качества другого уровня общества – информационного. Глобализация информационных процессов, внедрение в жизнедеятельность человека новейших информационных технологий, развитие личности в современных условиях неизбежно влечет за собой потребность в переосмыслении возникших проблем. Именно необходимость социологического осмысления этого феномена определяет актуальность настоящего исследования.

Информационные технологии, проникая в ткань общественных отношений, меняют не только социально-экономические формы организации деятельности людей, но и объективно обуславливают необходимость изменения сознания и мировоззрение людей. В этом отношение сама социальная реальность становится катализатором активного приобщения людей к требованиям информационного общества.

Ключевые слова: *трансформация, мировоззрение, мировоззренческая культура, религия, традиционное, экстремизм, терроризм, деструктивные идеи.*

Информация, как важнейший продукт становления информационного общества является основой жизнедеятельности. Её производство, использование и распространение выступает основным фактором для развития общества, а вновь развивающиеся информационные технологии становятся источником качественно новых механизмов развития в XXI веке. Сравнительно-исторический подход подтверждает тот неоспоримый факт, что на каждом этапе общественного развития люди постоянно адаптировались к новым природным и социокультурным условиям.

Закономерность данного процесса заключается в том, что на протяжении всей истории человеку всегда приходилось постоянно адаптироваться к более совершенным формам социальной организации. Однако, это было не простое приспособление человека к новым условиям, а каждый переход означал процесс удаления человека от чисто простого, живого созерцания окружающего мира и приближения его к рациональному её восприятию. На более совершенным и дифференцированном уровне общества для того чтобы, организовать свою быт, деятельность и безопасность ему недостаточно было лишь живое созерцание, ибо более совершенные формы социальной организации требовали определенного уровня знания, опыта и навыков.

Данная закономерность преследует человека на протяжении всей истории. В этом плане современность не является исключением, поскольку в условиях быстроменяющейся действительности под натиском бурного развития науки, техники и технологии общественная жизнь все более усложняется и рационализируется. Как от-

мечает известный социолог П. Штомпка «наиболее разительной чертой современного мира является его революционное поступательное движение, или социальные изменения. Никогда прежде привычный мир не изменялся так быстро для подавляющего большинства человечества. Изменилось все – искусство, наука, религия, мораль, образование, политика, экономика, семейная жизнь, даже внутренний мир человека. Ничто не избежало изменений» [4, стр. 237].

В этом контексте следует подчеркнуть, что в современных условиях важнейшим детерминантом социальных изменений является инновация и информация, которые трансформируют содержание социальных отношений и обуславливают становление качества другого уровня общества – информационного. Информационные технологии, проникая в ткань общественных отношений, меняют не только социально экономические формы организации деятельности людей, но и объективно обуславливают необходимость изменения сознания и мировоззрение людей. В этом отношение сама социальная реальность становится катализатором активного приобщения людей к требованиям информационного общества. Если взглянуть на генезис становления информационного общества можно увидеть, что во второй половине прошлого столетия информационные технологии и средства телекоммуникации рассматривались как один из элементов совершенствующего общества, однако в последствие данный сегмент превратился в доминант характеристики развития социального бытия. Если до недавнего времени информация рассматривалась как способ получения знания, то теперь она сама преворатилась в субстанциальную основу бытия. Это означает, что современное общество невозможно исследовать без рассмотрения таких феноменов как инновация и информация, посколько эти два сопутствующих явления стали определяющими факторами уровня развитости или отсталости общества.

Разумеется, сформировавшейся мозаичный фон информационного пространства актуализирует проблему формирования информационной культуры в структуре мировоззренческой культуры личности и общества. Этот контент становится актуальным в связи с тем, что информационные технологии могут придать как позитивные, так и отрицательные импульсы для формирования духовного мира человека.

Позитивный аспект проблемы в плане формирования мировоззренческой культуры выражается в том, что человек посредством интернета и телекоммуникационных средств, находясь на расстоянии, получает возможность приобщится к истории и культуре других народов, совершить виртуальную экскурсию в другие страны, посещать музеи и библиотеки, театры и т.д. Можно утверждать, что интернет и телекоммуникационные средства дают возможность расширить границы социального общения, в ходе которого на информационном поле сталкиваются люди с различными идеологиями, мировоззрением и уровнем развития мышления. И в этой связи возникает вопрос: насколько люди, особенно в традиционных обществах, где постоянно происходит апелляция к истории и традициям, люди оказались готовы к новому информационному восприятию происходящих процессов в объективном мире?

Методологический контекст ответа на данный вопрос заключается в идее о том, что человек недооценив ценности наличного бытия, как бы перескакивает в виртуальный и «потусторонний» мир, и, с его позиции к более «совершенному» бытию. Если исходить из этого концепта любой человек, приобщающий интернет сообществу должен четко понимать, что представляет собой «совершенное» и «несовершенное» бытие.

Таким образом, в условиях, информационного общества новые технологии проникая в ткань общественных отношений, детерминируют инновационные формы организации деятельности людей, вследствии чего стал аксиомой тот факт, что человек с ограниченной мировоззренческой культурой и необладающей определенной суммой технического и гуманитарного знания не только не может управлять, но и вряд ли может быть деятельным субъектом происходящих общественных процессов. Это во-первых, а во-вторых, в условиях идеологического плюрализма мировоззренческие

предпочтения человека приобрели актуальный характер, ибо без научного восприятия и осмысления происходящих в социокультурном пространстве процессов и событий, человек может запутаться в “паутине” различных идеологем. В частности в последние годы в общественной жизни не только Таджикистана, но и всего постсоветского пространства значительно активизировались идеи деструктивных сил, которые серьёзно расшатывают социально-политические и духовно нравственные устои общества и личности. В связи с этим, как отмечает Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в условиях глобализации и усиления идеологической борьбы за геополитические интересы исследования экстремизма, терроризма и религиозного суеверия как механизма разрушающих мировоззренческие основы безопасности общества является важнейшей задачей общественных наук в целом, социальной философии в частности [3].

Отсюда вытекает, что с точки зрения обеспечения экзистенциальной безопасности общества и государства это крайне важная задача, ибо в условиях усиления идеологической борьбы мировоззренческая культура личности становится тем плацдармом овладев которым, можно совершить любые действия или противодействия, по меткому выражению Ламметри, когда индивид превращается в “человек-машину” можно совершить любые действия. Понятно, что в этих условиях значимость изучения условий, предпосылок и механизмов формирования научного мировоззрения как феномен и важный ресурс противодействия деструктивным идеям неизмеримо возрастает.

Литература

1. Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. - М.: Академия, 1999; Тофлер О. Шок будущего. - М.: АСТ, 2001. 557 с.; Турен А. Возвращение человека действующего. Очерки социологии. - М.: Научный мир, 1998. 203 с.; Ясперс К. Истоки истории и ее цель // Смысл и назначение истории. - М.: Наука, 1991.
2. Денисова А. Б. Информационные и телекоммуникационные технологии как фактор социализации молодого поколения // Философские проблемы информационных технологий и киберпространства. 2016. № 1 (11). С. 25
3. Речь Основоположника мира и национального единство – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан на встрече с интеллигенцией страны. 18.03.2020, г. Душанбе. // Источник: mts.tj
4. Штомпка П. Социология социальных изменений. Перевод с английского под редакцией профессора В.А. Ядова. – с. 237.
5. Шакирова А.Ю. Информационно-культурное пространство в формировании ценностей современной сельской молодежи / Гуманизация информационного пространства в контексте диалога культур: материалы междунар. науч.-практ. конф. - Казань, 2016. - С. 223-229.

ТАЪСИРИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ БА ФАРҲАНГИ ҶАҲОННИГОРИИ ШАХС

Саидова З. З.

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии раванди табдили фарҳанги ҷаҳоннигории шахсият дар ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ шудааст. Ба андешаи муаллифи мақола, дар шароити муосир муҳимтарин омили тағйири фарҳанги ҷаҳоннигории фард навоварию иттилоотист, ки бо тағйир додани моҳият ва мазмуни муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккули сифати фарҳанги дигарро муайян мекунад. Ҷаҳонишавии равандҳои иттилоотӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ дар ҳаёти инсон, рушди шахсият дар шароити муосир ҳатман зарурати аз нав дида баромадани мушкилотеро, ки вобаста ба ин ба миён меоянд, тақозо менамояд.

Технологияҳои иттилоотӣ, ки ба сохтори муносибатҳои ҷамъиятӣ ворид шуда, на танҳо шаклҳои иҷтимоию иқтисодии ташкили фаъолияти одамонро тағйир медиҳанд, балки зарурати тағйир додани шуур ва ҷаҳонбинии одамонро низ ба таври объективӣ муайян мекунанд. Аз ин лиҳоз, худи воқеияти иҷтимоӣ омили фаъолонаи одамон бо талаботи ҷомеаи иттилоотӣ мегардад.

Калидвожаҳо: *дигаргунсозӣ, ҷаҳонбинӣ, фарҳанги ҷаҳоннигорӣ, дин, анъанавӣ, ифротгароӣ, терроризм, гояҳои харобиовар.*

INFLUENCE OF INFORMATION TECHNOLOGIES ON THE WORLD VIEW CULTURE OF THE PERSON

Saidova Z. Z.

The article discusses the theoretical and practical aspects of the process of transformation of the worldview culture of the individual in the information society. According to the author of the article, in modern conditions, the most important determinant of the transformation of the ideological culture of the individual is innovation and information, which, changing the essence and content of social relations, determine the formation of the quality of another level of society - information. The globalization of information processes, the introduction of the latest information technologies into human life, the development of the individual in modern conditions inevitably entails the need to rethink the problems that arise in connection with this. It is the need for a sociological understanding of this phenomenon that determines the relevance of this study. Information technologies, penetrating the fabric of social relations, change not only the socio-economic forms of organizing people's activities, but also objectively determine the need to change the consciousness and worldview of people. In this regard, the social reality itself becomes a catalyst for the active familiarization of people with the requirements of the information society.

Keywords: *transformation, worldview, worldview culture, religion, traditional, extremism, terrorism, destructive ideas.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРҲИЛАИ МУОСИР

Заҳруддинов И. З. – муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи милили Тоҷикистон
тел.: (+992) 917-17-70-82; e-mail: falsafa-tnu@mail.ru

Дар мақола мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз пошхӯрии ИҶШС ва ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шудани он, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Барои ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва таҳкими ояндаи он нақши муҳимми ҳаводиси таърихӣ, нақши сарвари сиёсӣ дар муттаҳидкунии давлат, фарҷоми ҷанг ва бадастории сулҳ, қабул ва такмили конститутсияи нав, ҷойгоҳи рамзҳои давлатӣ ва дурнамои давлат, ташкили парламенти касбӣ, шакли мувофиқи идоракунии давлатӣ, барқароркунӣ ва рушди иқтисодиёт, ҷойгоҳи фарҳанги миллӣ дар рушди давлат, муаррифии давлат барои ҷаҳониён, иштирок дар ҳалли масъалаҳои умумиҷаҳонӣ ба шумули омилҳои асосӣ дохил карда мешаванд.

Калидвожаҳо: *Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқлолияти давлатӣ, сарвари сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, Иҷлосияи XVI, Конститутсия, фарҳанги миллӣ, рамзҳои давлатӣ, парламенти касбӣ, рушди иқтисодӣ.*

Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 августи соли 1990 дар Иҷлосияи дуюми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум қабул карда шуд, ки ба рушди давлати муосири тоҷик бунёд гузошт [10]. Соли 1991 Иҷлосияи ғайринавбатии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябро ҳамчун Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон ва тасдиқ кард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди соҳибистиқлолӣ ба буҳрони сангини сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дучор гардид. Ин ҳолат ба он оварда расонид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд.

Барои бартараф намудани буҳрони сиёсӣ ва хотима додани ҷанги шаҳрвандӣ аз ҳукумати расмӣ, ки дар он замон парлумон ҳисоб мешуд, талаб карда шуд, ки ба ин вазъият дахолат намояд. Аз сабабе ки дар шаҳри Душанбе таъмин намудани амният ва гузаронидани иҷлосия қариб ки номумкин буд, қарор шуд, ки Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум дар шаҳри Хуҷанд баргузор карда шавад. Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби хоҷагии Саидхӯҷа Ӯрунхӯҷаеви ноҳияи Хуҷанд гузаронида шуд, ки дар он раисони кумита ва комиссияҳои Шурои Олӣ, Раиси Шурои вазирон ва аъзои ҳукумат аз нав интихоб карда шуданд.

Иҷлосияи мазкур бисёр қарорҳоро қабул намуд ва яке аз онҳо баргардонидани гурезагон ба макони сукунати онҳо буд. Баъдан дар давоми ҳафт сол, аз соли 1993 то соли 2000 дар маҷмуъ 950 ҳазору 599 шаҳрвандӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи нооромиҳои вазъи сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, маҳалли истиқомати доимии худро тарк карда буданд, баргардонида шуданд [5].

Иҷлосияи XVI-ум барои таърихи давлатдории навини тоҷикон арзиши гаронбаҳо дошта, дастовардҳои онро ҳар мутахассис ва мактабҳое, ки масъалаи ҷанги шаҳрвандӣ ва гузаштаю ояндаи давлатро таҳлил намуда, ба таври худ ёдрасӣ мекунанд ва ҳамаи онҳо нақши тақдирсози он дар сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва бунёди давлатдории миллӣ махсусан қайд мекунанд. Фарҳод Раҳимӣ чунин баён мекунад: «Муҳимтарин дастоварди Иҷлосияи XVI он буд, ки шахсияти миллию мардумиро дар симои Эмомалӣ Раҳмон ба арсаи роҳбарӣ ва давлатдорӣ дар марҳилаи навини таърихӣ овард. Ин марди майдони сиёсати минтақавӣ ва башарӣ бо руҳи қавии миллӣ на танҳо вазъро ба эътидол оварда, созиши миллиро дар сатҳи иҷтимоӣ таъмин намуд, балки дар эъмори давлат, таҳкими Истиқлолияти давлатӣ ва сиёсати миллӣ дар миқ-

ёси байналмилалӣ саҳми сазовор гузошт» [8, с.60].

Замоне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанги беадолати бародаркуш шуруъ шуд, дар ҷомеа навмедӣ ба ояндаи давлат пайдо гашт. Барои аз нав муттаҳид намудани давлати тозаистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онро хатари парокандагӣ ва азбайнравӣ таҳдид мекард, зарурат ба шаҳрвандони содиқ ва сарвари сиёсие ба миён омад, ки тавонад дар атрофи худ мардумро муттаҳид намуда, ҷомеаро аз ҷанги шаҳрвандӣ ва буҳрони сиёсию иқтисодӣ раҳоӣ намояд. Соли 1992 бо баргузор шудани Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба вазифаи Раиси Маҷлиси Олӣ интихоб гаштани Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов саҳифаи нави таърихи давлатсозии миллати тоҷик шуруъ гашт [2]. Эмомалӣ Раҳмон дар як лаҳзаи вазнини таърихӣ ба сиёсати бузурги давлат ворид гашта, истиқлолияти давлатиро ҳифз намуд ва тавонист ба ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар хотима бахшад. Яъне, дар лаҳзаҳои ҳасоси таърихии ҳар як давлат ва миллат мақоми шахсиятҳои таърихӣ бузург мебошад ва ин тамоюл дар давлатҳои шарқӣ бештар зуҳар мегардад. Аслан, имрӯз дар ҷаҳон ҳамон давлатҳое мавқеи устувор доранд, ки онҳоро шахсиятҳои бузург, мустақил, боирода идора мекунанд.

Ҳукумати навтаъсисшудаи онвақтаи ҷумҳурӣ барои фарҷом бахшидани ҷанги шаҳрвандӣ чораҳои заруриро андешида, бо дастгириии давлатҳои ҳамсоя ва сарпарасти СММ бо мухолифини тоҷик гуфтушунидҳоро оғоз намуд, ки дар охир самараи мусбатро ба бор оварданд. 7 июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. Бо имзои ин Созишнома раванди гуфтушунидҳои байни тоҷикон дар бораи расидан ба оштии миллӣ, ки моҳи апрели соли 1994 миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик таҳти сарпарастии СММ оғоз ёфта буд, бомуваффақият ба анҷом расид. Ҳамин тариқ, ба моҷарои мусаллаҳона дар Тоҷикистон, ки соли 1992 боиси ҷанги хунини шаҳрвандӣ гардида буд, расман хотима гузошта шуд [4]. Бо ҳамин Ваҳдати миллӣ барқарор гашт ва Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти давлатии худро ҳифз намуда, роҳи барқарорнамоии устувории давлатро оғоз намуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ҷойгоҳи Ваҳдати миллиро дар ояндаи давлат мусбат баҳогузорӣ намуда, зикр мекунад, ки «Ин санаи воқеан таърихӣ барои халқи азизи мо бисёр муҳим мебошад, зеро он давлати ҷавону соҳибистиқлоли тоҷиконро аз хатари нобудӣ ва миллатро аз парокандагӣ раҳо намуд ва ибтидои раванди барқарорсозии харобиҳои ҷанги таҳмилӣ ва созандагии Ватани маҳбубамон гардид. Ваҳдат дар сурате бегазанду абадӣ мемонад, ки ҳар як шаҳрванди кишвар манфиати милливу давлатиро аз ҳама манфиатҳои дигар боло гузорад, барои иттиҳоду ягонагии ҷомеа талош намояд, ба қадри сарзамини аҷдодии хеш расад ва онро чун модари худ азизу муқаддас шуморад» [1, с.3-11]. Воқеан, барои расидан ба суботи ҷомеа, таъмини амнияти давлатӣ, рушди ояндаи давлат, муаррифии он дар саҳнаи сиёсати байналмилалӣ ва ҳифзи истиқлолияти давлатӣ дар чунин вазъияти мушкили таърихӣ аз шаҳрвандон ҳисси баланди миллию меҳанпарастӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллиро талаб мекунад. Ҳайдаров Р.Ҷ. ҷойгоҳи Ваҳдати миллиро чунин арзёбӣ мекунад: «… ваҳдати миллӣ на танҳо дар таърихи муосири тоҷикон, балки дар воқеияти сиёсии минтақаи мо бисёр як падидаи нодир ба ҳисоб меравад. Ин арзиш дар зеҳни мардуми тоҷик тасаввуротро оид ба арзиши олии ҳар як миллат – истиқлоли сиёсии Ватан такмил дод. Ватан ҳамчун арзиши олии ҳар як тоҷик, маънии ҳастии тоҷикро муайян мекунад, яъне ҳар як тоҷик баҳри Ватан зиндагӣ дорад ва агар лозим шавад, худро қурбони ин Ватан мекунад» [9, с.24].

Баъди таъмини сулҳу субот дар ҷумҳурӣ барои рушди ояндаи давлат, гузаронидани ислоҳотҳои сиёсӣ ва устувор намудани сохти сиёсӣ ҳадафҳои аввалиндараҷа гаштанд. Яке аз омилҳои муҳимми ташаккули ҳаёти сиёсӣ дар кишвар қабул намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки он 6 ноябри соли 1994 дар натиҷаи раъйдиҳии умумихалқӣ қабул карда шуд, ки дар моддаи аввали он дарҷ шудааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, деморкатӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад» [3]. Баъдан, бо баробари дигаргуниҳои ҷомеа ва зарурати пешрафти давлатдорӣ 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли

2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки он боз мукаммалтар гашта, то имрӯз дар давлат амал мекунад ва сиёсати дохилию хориҷӣ ва тамоми муносибатҳои давлатӣ вобаста ба он танзим мегарданд.

Дар баробари Конститутсия дар рушди давлат қабули рамзҳои давлатӣ низ муҳим мебошанд. Дар моддаи сеюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «Рамзҳои давлатии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ аст» [3]. Қабул шудани Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ ифодагари истиқлолияти давлатӣ гардиданд

Минбаъд, барои ташаккули раванди соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурат ба такмили парлумон пайдо гашт. Мувофиқи моддаи 48-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Маҷлиси Олӣ – парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад» [3]. Дар асоси тағйиру иловаҳои соли 1999 ба Конститутсия вориднамуда, Маҷлиси Миллӣ соли 2000 шакли худро дигар кард. Маҷлиси Олӣ дар шакли пештара рисолати таърихии худро иҷро намуд ва барои ояндаи он Маҷлиси Олӣ ба парлумони касбии 2 палатагӣ: Маҷлиси намояндагон – палатаи поёнӣ (доимоамалкунанда ва касбӣ) ва Маҷлиси миллӣ – палатаи болоӣ (даъватӣ) ҷудо карда шуд, ки сохтори сиёсии давлатро комил намуд. Маҷлиси Олӣ дар давлат қарорҳои муҳимми сиёсиро ба тасвиб мерасонад, ки барои пешрафти давлат, баланд намудани сатҳи қонунгузорӣ ва риояи қонун, таъмини амният ва бехатарӣ дар давлат ва ба рушди ниҳодҳои демократӣ мусоидат мекунад.

Омили дигар дар ташаккули истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор намудани шакли идоракунии мувофиқ ба давлат ба ҳисоб меравад. Мувофиқи моддаи аввали Конститутсия дар ҷумҳурӣ шакли идоракунии президентӣ муқаррар шудааст. Барои таъмини сулҳу субот дар кишвар дар замони ҷанги шаҳрвандӣ ва умуман дар замонҳои ноорому ҳассос дар давлатҳо, махсусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтарин шакли идоракунии мувофиқ президентӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз президенти тавоно метавонад дар вақтҳои ҳассос идораи дурусти давлатро ба роҳ монад. Гузашта аз ин, ҳаводиси охир дар ҷаҳон исбот мекунанд, ки маҳз дар давлатҳое, ки шакли идоракунии президентиро ҷорӣ намудаанд, давлат самаранок идора карда мешавад. Дар роҳбарони давлатҳои шакли идоракунии президентӣ нисбат ба шаклҳои дигари идоракунии давлатӣ мустақилият бештар дида мешавад. Дар давлатҳои шарқӣ ва фазои пасошӯравӣ ин боз бисёртар зуҳур мегардад. Давлатҳое вуҷуд доранд, ки ҳатто ба конститутсия ва дигар қонунгузориҳои худ тағйиру иловаҳо ворид намуда, шакли идоракунии президентиро интихоб мекунанд, то суботро дар давлат таъмин намоянд. Аз ин рӯ, аз нав барқарор намудани ниҳоди президентӣ дар Тоҷикистон (соли 1992 дар Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохти президентӣ дар кишвар як муддат бартараф карда шуда буд) ин кафили суботи сиёсӣ ба ҳисоб рафта, бартарияти худро ҳама вақт дар лаҳзаҳои вазнини таърихӣ исбот намудааст.

Баъд аз татбиқи ислоҳотҳои сиёсӣ барои таҳкими истиқлолияти давлатӣ таъмин ва такмили истиқлолияти иқтисодӣ қадами асосӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, барои самаранок фаъолият намудани давлат ва аз буҳронҳои сиёсиву иқтисодӣ берун шудан, зарурат ба пеш бурдан ва рушди иқтисодиву иҷтимоӣ дар давлат пайдо гашт, ки вобаста ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон соли 2009-ум дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи якуми стратегии давлат – Таъмини истиқлолияти энергетикиро эълон намуд. Дар натиҷаи он НБО-и «Сангтуда-1», хатҳои интиқоли барқи 500 кВ «Ҷанубӣ-Шимол», 220 кВ «Лолазор-Хатлон», хати интиқоли барқи 220 кВ Тоҷикистону Афғонистон (Сангтуда – Пули Хумрӣ) бунёд ва ба истифода дода шуданд. Таъмину азнавсозиҳои НБО-и мухталифи ҷумҳурӣ идома дошта, роҳҳои алтернативии истеҳсоли барқ коркард шуда истодаанд ва бунёди пурраи НБО «Роғун» Тоҷикистонро ба истиқлолияти энергетикии комил бурда мерасонад. «Бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши қувваи барқ дар даврони соҳибистиқлолӣ 287 неругоҳи барқӣ-обии хурду бузург, 1,5 ҳазор километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддат, 50 зеристгоҳи баландшиддати барқӣ бунёду таҷдид ва дар маҷмуъ, 75 фоизи инфрасохтори энергетикии

кишвар азнавсозӣ гардид. Дар ин давра мо беш аз 2000 мегаватт иқтидорҳои энергетикии иловагӣ бунёд кардем. Дар натиҷа соли 2011 дар таърихи навини Тоҷикистон системаи ягонаи энергетикӣ ба вуҷуд оварда шуд ва устувории фаъолияти соҳа таъмин гардид» [7].

Ҳадафи дуюми стратегӣ – баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ мебошад, ки дар заминаи он сохтмони роҳҳо, пулҳо, нақбҳо, таҷдиди иншоотҳои нақлиётӣ ба нақша гирифта шуд, ки як қисматашон ба анҷом расидаанд ва қисмати дигарашон идома доранд. Роҳҳои автомобилгарди Кӯлоб-Хорӯғ-Қулма-Қароқурум, роҳи автомобилгарди Душанбе-Айнӣ-Хуҷанд-Чанок, роҳи автомобилгарди Душанбе-Турсунзода-сарҳади Ӯзбекистон, роҳи автомобилгарди Айнӣ-Панҷакент, нақбҳои «Шаршар», «Чормағзак», «Шаҳристон», «Истиқлол», «Хатлон», «Дӯстӣ» ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд. «Барои таъмин намудани рафтуомади бемамониати мусофирон ва ҳамлу нақли молу маҳсулот дар тамоми фаслҳои сол байни минтақаҳои кишвар, инчунин, раҳоӣ бахшидани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он 59 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 24 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, 2400 километр роҳ, 326 пул, 6 нақби мошингузар ва 219 километр роҳи оҳан сохта, ба истифода дода шуд» [7]. Аз ин рӯ, таъмиру истифодаи роҳҳо, фурудгоҳҳо, беҳтар намудани фаъолияти нақлиёт, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва ғ. ба роҳ монда шудааст, ки дар фарҷоми онҳо ин ҳадафи стратегӣ низ иҷро гашта, рушди давлат ва истиқлолияти он устувор мегардад.

Ҳадафи сеюми стратегӣ – таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад, ки масъалаи истифодаи оқилонаи замин, баланд бардоштани ҳолати мелиоративӣ ва ҳосилнокии он, содироти меваю сабзавот дар сарҳати талаботҳои асосӣ ҷойгир мебошанд. Имрӯз деҳқонони тоҷик аз пайи иҷроиши супориши мазкур заминҳоро дуруст истифода намуда, дар як сол ду-се бор ҳосил ҷамъоварӣ мекунанд. Гузашта аз ин, заминҳои бекорхобидаро барои истифодаи самаранок омода намуда, аз онҳо низ ҳосил гирифта истодаанд, ки ин амал низ барои иҷроиши стратегияи мазкур натиҷаи мусбат мебахшад. Дар мамлакат «… дар соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати истифодаи самараноки обу замин ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ мамлакат бори аввал дар таърихи давлати соҳибихтиёрамон ислоҳоти куллӣ гузаронида шуда, истифодаи замин ба соҳиби аслии он – деҳқон вогузор гардид, ки яке аз дастовардҳои муҳимтарини даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад. Ҳанӯз дар солҳои оғози истиқлолият, яъне дар солҳои бисёр вазнини 1992-1998 Ҳукумати мамлакат бо мақсади таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти озуқа ва пешгирӣ кардани гуруснагӣ 75 ҳазор гектар заминро ҳамчун заминҳои президентӣ тақсим намуд. Илова бар ин, дар бист соли охир 138 ҳазор гектар замин, аз ҷумла 52 ҳазор гектар аз ҳисоби заминҳои обӣ ба 1 миллиону 400 ҳазор оила барои бунёди манзили истиқоматӣ ҷудо карда дода шуд. Яъне 8 миллиону 800 ҳазор нафар аҳолии кишвар имконият пайдо карданд, ки шароити истиқоматии худро беҳтар намоянд. Хотирнишон месозам, ки дар 70 соли то замони истиқлолият барои бунёди манзили истиқоматӣ ҳамагӣ ба 530 ҳазор оила 77 ҳазор гектар замин дода шуда буд. Дар ин давра дар кишвар 54 ҳазор гектар заминҳои нав обёрӣ гардида, ҳамзамон бо ин, ҳар сол дар майдони қариб 200 ҳазор гектар замини обӣ кишти такрории зироатҳо амалӣ шуда истодааст. Дар натиҷа дар замони истиқлолият маданияти истифодабарии замин куллан беҳтар гардида, аз як қитъаи замини обӣ гирифтани 2-3 ҳосил ба ҳукми анъана даромад, ки барои бамаротиб зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат карда истодааст. Бо ҳамин роҳ афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъмин гардида, аз 11 миллиарди сомонӣ соли 1992 ба 40 миллиард сомонӣ дар соли 2021 расонида шуд, яъне қариб 4 баробар афзоиш ёфт. Бояд гуфт, ки имрӯзҳо зиёда аз 90 фоизи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба бахши хусусӣ рост меояд» [7].

Ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар мебошад, ки дар Паёми Президенти мамлакат чунин баён гашт: «… бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи саноати дохилӣ ба 22 фоиз расонида

шавад» [6]. Мувофиқи ин, дар сурати амалӣ гаштани ин ҳадафи стратегӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давлати аграрию саноатӣ ба давлати саноатию аграрӣ табдил меёбад. Дар натиҷаи татбиқи ҳамаи ҳадафҳои стратегӣ бошад иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҷаҳиши сифатии рушдро соҳиб гашта, пешрафти давлат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар хоҳад гашт.

Дар баробари омилҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ташаккули истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои фарҳангӣ низ ҷойгоҳи хосро касб мекунанд, чунки дастовардҳои фарҳангӣ ва муаррифии онҳо мақоми давлатро чун давлати соҳибихтиёр дар муносибатҳои байналмилалӣ мустаҳкам мекунанд. Барои такмили унсурҳои давлатдории миллӣ, баргаштан ба асли хеш, ки бидуни эҳёи хотираи таърихӣ, худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, ифтихор аз миллат будану давлат доштан имконнопазир аст, эҳё ва тарғиби васеи таъриху фарҳанги миллӣ, баҳогузории он аз рӯйи меъёрҳои миллӣ муҳим мебошад. Барои ин, дар ҷумҳурӣ соли 1996 675-солагии Камоли Хуҷандӣ, соли 2004 1000-солагии Носири Хусрави Қубодиёнӣ, соли 2007-ум 800-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, соли 2008-ум 1150 солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (6-7 сентябри соли 2008 дар шаҳри Душанбе бахшида ба 1150-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Симпозиуми байналмилалии илмӣ дар мавзуи «Рӯдакӣ ва фарҳанги ҷаҳон» баргузор гардид), соли 2009 таҷлили 1310-солагии пешвои мазҳаби ҳанафӣ, «Соли бузургдошти Имоми Аъзам – Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит» (5-6 октябри соли 2009 дар шаҳри Душанбе Симпозиуми байналмилалии «Мероси Абуҳанифа ва аҳамияти он дар муколамаи тамаддунҳо» баргузор гардид), 900-солагии Умари Хайём, соли 2014-ум 600-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ, соли 2015-ум 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, соли 2015-ум 150-солагии Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ, соли 2018 400-солагии суханвари бузурги тоҷик Миробид Сайидои Насафӣ, соли 2020 700-солагии Камоли Хуҷандӣ, 150-солагии Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ва ғ. таҷлил гирифта шуданд. Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат» дар соли 2023 ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров ҷашн гирифта мешавад. Инчунин дар ҷумҳурӣ 5-9 сентябри соли 1994 ҳазораи «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, 10 сентябри соли 2002 2500-солагии шаҳри Истаравшан, соли 2006 «Соли тамаддуни Ориёӣ», соли 2006 ҷашни 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, соли 2015 3000-солагии шаҳри Ҳисор, соли 2020 5500-солагии Саразми бостонӣ, Соли бузургдошти забони тоҷикӣ, 2700-солагии таълифи «Авесто» ва 3000-солагии фарҳанги зардуштӣ, 80-солагии шаҳри Душанбе ва ғ. таҷлил карда шуданд, ки ҳамаи инҳо дар ташаккули истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбат расониданд.

Дар пояи давлатдории миллӣ барои ташаккул додани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар даврони муосир муаррифии давлат муҳим мебошад. Барои ин, соли 1999 ҷашни 1100-солагии Давлати Сомониён аз 6 то 13 сентябр баргузор гашт. Аҳамияти Ҷашни 1100-солагии Давлати Сомониён барои ҷаҳониён ва барои худи халқи тоҷик дар он мебошад, ки бори дигар исбот шуд, ки миллати тоҷик куҳанбунёд буда, дар таърихи давлатдорӣ мавқеи худро соҳиб мебошад. Гузашта аз ин, ҷашни 1100-солагии Давлати Сомониён ба худшиносию худогоҳии мардуми тоҷик дар даврони истиқлолият таъсири мусбат расонид. Тоҷикон аз ойини давлатдорӣ воқиф буда, миллати тоҷик дар таърихи ҷаҳонӣ шакли давлатдории бузургро соҳиб буд ва низоми сиёсии он то ҳол мавриди омӯзиш қарор дорад. Дар Давлати Сомониён вуҷуд доштани дах девони идоракунӣ имрӯз аз худ вазоратҳоеро мемонанд, ки бидуни он давлатҳо дуруст фаъолият карда наметавонанд. Дар асоси онҳо соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар давлат самаранок амал мекарданд. Бигзор дар охири асри XX ва ибтидои қарни XXI ҷумҳурӣ ба мушкилиҳои истиқлолияти давлатӣ рӯ ба рӯ шуд, аммо инро миллати тоҷик бартараф мекунад ва ойинҳои давлатдории миллиро эҳё намуда, истиқлоляити давлатиро таҳким медиҳад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ рӯзҳои санъату адабиёти Тоҷикистон дар Федератсияи Россия, Фаронса, Олмон, Полша, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва дигар давлатҳо, инчунин рӯзҳои маданияти давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегарданд, ки ҳамаи ин ҷумҳуриро барои ҷаҳониён шинос намуда, мавқеи давлатро дар арсаи бйналмилалӣ устувор мекунад.

Баъди соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ низ фаъолона иштирок мекунад. Масалан, бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 ташаббуси бузург – соли 2003 “Соли байналмилалии оби тоза”, соли 2005-2015 “Даҳсолаи амал “Об барои ҳаёт”, соли 2013 “Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об” ва солҳои 2018-2028 “Даҳсолаи байналмилали амал “Об барои рушди устувор” аз ҷониби СММ дастгирӣ карда шуданд. Имрӯз ҷумҳурии барои пешбурди ташаббус дар самти пешгирии обшавии пиряхҳо «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро коркард карда истодааст, ки аз устуворшавии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир дарак медиҳад.

Дар баробари ин, бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии СММ Наврӯз ҷашни ҷаҳонӣ эълон гардид. Маҷмааи умумии СММ бо содир намудани 1 қатънома ҷашни миллии тоҷикон – Наврӯзи Аҷамро ҷашни байналмилалӣ эълон кард ва он дар иҷлосияи 64-уми Маҷмааи Умумии СММ дар чаҳорчӯбаи «тамаддуни ҷаҳонӣ» сурат гирифт. Инчунин дар даврони соҳибистиқлолӣ мероси мусиқии «Шашмақом» ва «Фалак», ҷашнҳои Меҳргон, Тиргон ва Сада дубора эҳё шуданд.

Умуман, ҳамаи роҳҳои таҳлилшуда дар ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ нақши назаррасро бозидаанд ва дар сурати татбиқи воқеии чораҳои қабулшуда Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми худро дар саҳнаи байналмилалӣ устуворона муаррифӣ хоҳад кард…

Адабиёт

1. Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди XXIX. – Душанбе: Истеъдод, 2018. – С. 3-11.
2. Заҳруддинов, И.З. Нақши лидери сиёсӣ дар ташаккулёбии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои глобализатсионӣ // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. – Душанбе, 2022. – № 1. – С. 147-153.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 84 с.
4. Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 1997. – 54 с.
5. Маҳмудзода М. Аҳамияти таърихии Иҷлосияи XVI // Ваҳдат, Давлат, Президент. – Душанбе: Истеъдод, 2018. – С. 183-189.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 [манбаи электронӣ] URL: http://president.tj/node/13739 (санаи истифодабарӣ: 20.11.2021).
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2021 [манбаи электронӣ] [Текст] URL: http://president.tj/node/13739 (санаи истифодабарӣ: 05.01.2022).
8. Раҳимӣ Ф. Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими давлати миллӣ // Ваҳдат, Давлат, Президент. – Душанбе: Истеъдод, 2018. – С. 57-63.
9. Ҳайдаров, Р. Ҷ. Ваҳдати миллӣ ва ватандӯстӣ – ҷавҳари идеяи миллии тоҷикон // Рушди давлатдории миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ. – Душанбе, 2021. – С. 24.
10. Эъломияи Истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон // Ведомостҳои Совети Олии Республикаи Советии Тоҷикистон, 1990. – № 15; Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1991. – № 18.

ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

Захруддинов И.З.

В статье рассматривается статус Республики Таджикистан после распада СССР и ее вовлеченность в гражданскую войну. Основными факторами при защите государственной независимости и ее дальнейшего укрепления важную роль играют: те или иные исторические события, роль политического лидера в объединении государства, прекращение войны и поддержание мира, принятие и совершенствование новой конституции, роль государственных символов в перспективе государства, создание профессионального парламента, оптимальня форма государственного управления, восстановление и развитие экономики, место национальной культуры в развитии государ-

ства, представление государства мировой общественности, участие в решении глобальных проблем.

Ключевые слова: *Республика Таджикистан, государственная независимость, политический лидер, гражданская война, XVI сессия, Конституция, национальная культура, государственные символы, профессиональный парламент, экономическое развитие.*

PERCULIARITIES OF THE DEVELOPMENT OF THE STATE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE MODERN PERIOD

Zahruddinov I. Z.

The article discusses the status of the Republic of Tajikistan after the collapse of the USSR and its involvement in the civil war. The main factors in the protection of state independence and its further strengthening play an important role: certain historical events, the role of a political leader in uniting the state, ending the war and maintaining peace, the adoption and improvement of a new constitution, the role of state symbols in the perspective of the state, the creation of a professional parliament, the optimal form of public administration, the restoration and development of the economy, the place of national culture in the development of the state, the representation of the state to the world community, participation in solving global problems.

Key words: *Republic of Tajikistan, state independence, political leader, civil war, XVI session, Constitution, national culture, state symbols, professional parliament, economic development.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ВКЛАД ЖЕНЩИН В РАЗВИТИИ СОЦИАЛЬНОГО КАПИТАЛА В ТАДЖИКИСТАНЕ

Точидинова М. И. – младший научный сотрудник Отдела социальной философии ИФПП НАНТ (тел.: (+992) 918101419)

Социальный капитал формировался и развивался с самого начала для регулирования общественных отношений в рамках определённой политической и экономической системы, чтобы удовлетворить растущие потребности граждан, которые смогли бы самостоятельно найти источники своего существования. В современную эпоху происходят серьезные изменения в структуре социального капитала, расширяется количество его элементов, в связи с чем, деятельность субъектов социального капитала не ограничивается в пределах определённых групп населения (занятых в производстве и безработных).

Практически многие демографические и социальные группы, в том числе и женщины, выступают непосредственными субъектами социального капитала, эффективная деятельность которых способствует его развитию во всех типах общества. Проблема определения женщин как важной составляющей компонентой социального капитала, к сожалению, до сих пор в обществоведческой науке почти не разработана в обществоведческой науке, и её можно отнести к категории малоизученной.

В этой связи возникает необходимость в рамках познавательных возможностей социально-философской науки изучить и раскрыть некоторые аспекты вопроса вклада женщин в формировании и развитии социального капитала в современных условиях развития таджикистанского общества. С этой целью мы осуществляем попытку в краткой форме выдвигать основные тезисы, раскрывающие сущность, выбранной нами, темы анализа.

Ключевые слова: *женщины, социальный капитал, Республика Таджикистан, общество, экономика, образование, семья и др.*

Прежде чем приступить к изложению содержания проблемы вклада женщин в формировании и развитии социального капитала в Республике Таджикистан, считаем необходимым констатировать следующее:

1. Как отмечают многие исследователи, на протяжении долгого периода развития истории человечества наблюдалось неравенство, низкий статус женщины в семье и обществе, отсутствие признания её как полноценной личности, проявление невежества по отношению к ней, признание женщин собственностью, что не отвечало требованиям самых элементарных естественных прав человека [4, 215].

2. Даже после возникновения в мире демократической системы управления власти и правовых государств положение и роль женщин во многих обществах кардинальным образом не изменились. Осталось ещё достаточно много нерешённых проблем, связанных со статусом женщин в обществе и государственном управлении, что нередко приводит возникновению новых социально-политических и нравственных противоречий, требующих своего неотлагательного решения.

При этом парадокс жизни состоял в том, что мужчина, рожденный и воспитанный женщиной, естественно, имел все политические права, а тот, кто воспроизводил и сформировал эту личность, таких прав не имел. Именно поэтому женский протест за обретение своих естественных прав создал интенсивное движение в мире, которое стало началом стремления женщин к активному участию в общественной и политической жизни разных стран, и смогло показать их возможность, способность и силу решении возникших актуальных проблем в жизни социума.

Стоит отметить, что важнейшим историческим событием, способствовавшим росту участия женщин в социально-политической жизни таджикского общества,

стала победа Октябрьской революции 1917 года в России и Бухарской революций в 1920 году, после которой женщины получили свободу и добились равноправия с мужчинами. В период Советской власти, с принятием ряда законов и признания международных документов, положение женщин ещё более улучшилось во всех союзных республиках, в том числе и в Таджикистане. Таджикские женщины, активно участвующими наравне с мужчинами в различных сферах жизни общества, ломая старые стереотипы и представления, реально ограничивавшие их роль в управлении государством, стали созидателями новых ценностей, и заложили благоприятную базу для формирования нового образа мышления членов общества о них.

Как известно, после распада Советского Союза, в сентябре 1991 года, Республика Таджикистан провозгласила свою независимость, и это означало, что страна должна решать теперь и в дальнейшем свои проблемы самостоятельно. Суверенный Таджикистан одним из первых среди стран СНГ уделил первостепенное внимание вопросу повышения статуса женщин в обществе, и 27 декабря 1993 года признал и ратифицировал Международную конвенцию «О ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин и прав детей».

По данным Агентства по статистике при Правительстве Республики Таджикистан, к лету 2022 года численность населения страны достигла 10 млн. человек, 51,8% которой составляют женщины, что представляет собой больше половины объёма социального капитала общества, и они играют действенную роль в развитии различных секторов экономики страны. При этом среднегодовое количество работниц достигает около 500 тыс. человек. Из них в сельском, охотничьем и лесном хозяйстве работает 194 800. женщин, в финансовой деятельности - 7 000 женщин, в государственном и обязательном социальном страховании – 13 500 женщин, в образовании – 150 000 женщин, здравоохранении и социальном обслуживании - 75 000 и в гостиницах и рестораны - работают 3 000 женщин [5].

В настоящее время во всех городах и районах страны женщины и девушки бизнесменов значительную часть их образованного населения. Примечателен тот факт, что, если в начальном периоде независимости количество женщин-предпринимателей составляло всего 64 человека, то на данный момент количество женщин и девушек-руководителей малых и средних предприятий в Республике Таджикистан достигло 2220 человек. Сегодня 126 000 женщин и девушек занимаются самозанятостью. Только в 2021 году банки и другие кредитные организации страны выдали женщинам-предпринимателям кредитов почти на два с половиной миллиарда сомони. Участие женщин в экономической жизни Таджикистана (где работают 60 процентов женщин) выше, чем в других отраслях, и страна в этом плане в мировом рейтинге занимает 40-ую позицию [2].

Они также активно осуществляют свою деятельность в сферах образования, здравоохранения, предпринимательства, и их число в государственных структурах управления с каждым годом увеличивается.

Как показывает практика, за годы независимости роль и статус женщины в Таджикистане приобрели огромное значение для общества, поскольку в этот период любая социальная, политическая проблема, возникшая в стране, невозможно решить без непосредственного участия женщин, без учета их мнений и предложений. В современном цивилизованном таджикистанском обществе очень высока роль женщин, и они работают во всех структурах государственного управления. Думается, в этих целях своевременными были Указ Президента Республики Таджикистан от 3 декабря 1999 года «О мерах по повышению положения женщин в обществе», а также Государственная программа подготовки, подбора и расстановки руководящих кадров Республики Таджикистана из талантливых женщин и девушек за 2007-2016 годы. Другим, не менее важным документом повышения роли женщин в таджикистанском обществе, принятым Правительства Республики Таджикистан, является Постановление от 29 мая 2010 года - «Национальная стратегия активизации роли женщин в Республике Таджикистан на 2011-2020 годы» и десятки других документов. Все они направлены на улучшение социально-экономического культурного и духовного статуса домохозяйств, повышение статуса женщин в обществе, их активное

участие в управлении государством, подготовка талантливых кадров за счет девушек, повышение правовых знаний и улучшение состояния здоровья матерей и детей. Разумеется, претворения в жизнь этих указов и постановлений позволяют увеличить вклад женщин страны в накоплении и развитии социального капитала в таджикистанском обществе.

В целях реализации вышеназванных государственных документов в период независимости постоянно поддерживались женские инициативы, и регулярно принимаются конкретные меры. В современном Таджикистане женщины работают в сферах народного хозяйства, особенно в сфере образования, здравоохранения и т.д., и они составляют 23 % от общего числа государственных служащих, что составляет немалую часть социального капитала общества. Значима также степень участия женщин в формировании гражданского общества в Республике Таджикистан, где они возглавляют 35% неправительственных организаций [8, 12].

Всё это свидетельствует о том, что женщины являются гарантом дальнейшего развития социального капитала и таджикистанского общества на пути обретения независимости в сферах политической, социальной, экономической и культурной жизни. Подтверждением этому служат такие показатели, как, например, в 2015 году в министерствах, ведомствах, организациях, учреждениях и центральном аппарате, а также в исполнительных органах государственной власти областей, городов и районов Таджикистана работает более 8000 женщин и девушек, из них 500 человек в управленческих позиции. Из 193 000 работающих в сфере образования 54,9% или 106 000 человек, в сфере здравоохранения 66,5% или 60 000 из 88 000 работающих составляют женщины [1].

По статистике, в 1991 г. только 52% из 95 тыс. работников системы образования страны, которая является одной из основных предпосылок формирования социального капитала, составляли женщины и девушки. В 2018 году этот показатель достиг 70%, что является признаком внимания государства к данному сегменту общества.

Также уместно напомнить, что в 1998 году 25 тысяч специалистов из 45 тысяч работников здравоохранения Таджикистана составляли женщины. В 2022 году этот показатель достиг 53 тысячи от общего числа занятых в отрасли, что составляет 80 тысяч человек.

Согласно данным источников, в 1991 г. только 52% из 95 тыс. работников системы образования страны составляли женщины и девушки. В 2018 году этот показатель достиг 70 процентов, что является признаком внимания государства к данному сегменту общества [6].

В этой связи нельзя не согласиться с утверждением местного таджикского исследователя Саидова А.С., что в этой сфере необходимо «обратить внимание на такие не решённые пока основные задачи, как ровное обеспечение образовательных учреждений необходимыми средствами обучения, создание современных негосударственных учебных заведений, организация сотрудничества государства с частным сектором…» [7, 37]. Решение вышеперечисленных проблем, на наш взгляд, объективно способствует активному участию женщин Таджикистана в развитии одного из основных элементов социального капитала в стране – сферы образования.

Следует подчеркнуть, что Правительство Республики Таджикистан и местные органы государственного управления, начиная с 2010 года, организуют центры профессионального обучения девушек и домохозяек во всех городах и районах страны. Кроме того, объявление 2019-2021 годов Годами развития села, туризма и народных промыслов даёт сельским жителям, в том числе женщинам, возможность развивать свои навыки и зарабатывать деньги своей профессией и ремесла не трудными способами, что, естественно, повышает уровень их жизнь.

Безусловно, повышение статуса и положения женщин в демократическом обществе, подготовка совместных программ по охране здоровья матери и ребенка, урегулированию семьи, всестороннему развитию сферы образования, вовлечение как можно большего числа молодых женщин в сфере образования обеспечат достойный их вклад в развитии социального капитала в таджикистанском обществе. Несомненно, стратегия улучшения положения малообеспечен-

ных семей, повышение уровня и качества грамотности женщин, ликвидация безработицы среди них, создание человеческих ресурсов за счет молодых женщин, сотрудничество с неправительственными и международными организациями, базирующимися в Таджикистане, способствуют развитию социального капитала в республике.

Совершенно очевидно, что наряду с детерминантами, содействующими позитивному влиянию женщин на развитие социального капитала в Республике Таджикистан, существуют и такие факторы, которые становятся препятствием этому процессу. Так, к числу таковых можно отнести всё ещё до конца не решённые в стране вопросы гендерного неравенства. Причиной наличия данной проблемы является, прежде всего, слабый уровень образования молодых женщин, изжитые себя стереотипы отношении мужчин к женщинам, препятствующем поступлению их дочерей в учебные заведения, а также в отсутствии достаточного количества решений со стороны властей назначить женщин на руководящие должности.

Тем не менее, невзирая на имеющиеся преграды, женщины всё более активно участвуют в политической жизни страны, честно и с большой ответственностью они выполняют задачи, поставленные перед ним Правительством Республики Таджикистан. В законодательстве РТ статьи, предусматривающей дискриминацию женщин, отсутствует, поэтому они имеют полное право участвовать в формировании государственной власти, и в этом отношении национальным законодательством принят ряд мер. Согласно статье 5 Закона Республики Таджикистан «О государственных гарантиях равных прав мужчин и женщин и равных возможностей их реализации» государство гарантирует равное участие мужчин и женщин в государственном управлении.

Глава II настоящего Закона посвящена государственным гарантиям обеспечения равных возможностей мужчин и женщин в реализации избирательного права, что выражается в следующем: «Избирательная система в Республике Таджикистан обеспечивает мужчинам и женщинам равные избирательные права и гарантии за участие в политическом процессе. При формировании Центральной комиссии по выборам и референдуму Республики Таджикистан, областных, городских, районных, окружных и участковых избирательных комиссий за основу берется конституционный принцип равноправия и равных возможностей мужчин и женщин» [3].

Гарантии равных возможностей мужчин и женщин в сфере государственной службы устанавливает глава III данного закона. При поступлении на государственную службу, а также при её прохождении не допускается установление каких-либо прямых или косвенных ограничений или предпочтений по половому признаку. Примечательно, что в настоящее время 6 женщин-депутатов Национального собрания и 13 женщин-депутатов Маджлиси намояндагон вносят свой вклад в разработку и принятие нормативно-правовых актов страны, что, естественно, положительно влияет на развитие социального капитала в современном Таджикистане.

Принятие Семейного кодекса в Республике Таджикистан (13 ноября 1998 года, № 682) также позволило обеспечить поэтапное решение ряда проблем, связанного с повышением роли женщин в развитии социального капитала в стране. Действие данного Кодекса, главным образом, направлено на сохранение генофонда нации и обеспечение её здоровья на должном уровне. Бесспорно, здоровая жизнь нации вытекает именно из здоровой атмосферы семьи, которая, как первичная социальная ячейка общества, играет центральную роль в его развитии. Каким бы высоким ни был социально-экономический, культурный и нравственный статус семьи, он способствует развитию и прогрессу государства и нации. Укрепление и обеспечение благосостояния семьи в любом цивилизованном обществе считается гуманным и одним из основных столпов государственного строя.

Не менее существенное значение в процесс внесения вклада в увеличении социального капитала в таджикистанском обществе со стороны женщин страны имеет, принятый в марте 2013 года принятый в марте 2013 года, Закон РТ «О предупреждении насилия в семье». Дело в том, что в современном Таджикистане проблема на-

силия по отношению к женщинам в семье, учитывая масштабы этого явления в обществе, считается важной социальной проблемой, поскольку они часто становятся объектом насильственных действий со стороны своих мужей. Примечательно, что в Таджикистане предприняты серьёзные меры на политическом и законодательном уровне по искоренению насилия в отношении женщин в семье, и они будут осуществляться вперед. Однако эта политика может дать позитивные результаты только в том случае, если в ней будут активно вовлечены все возможные общественные институты, семья и общество.

Таким образом, подводя итог вышеизложенному краткому анализу, можно заключить, что женщины, как особый демографический слой населения и составляющая социальной структуры общества, играют важную роль в увеличении и развитии социального капитала в любой стране. В суверенном Таджикистане, благодаря поддержке государства и институтов гражданского общества, повышен статус женщин в демократическом и правовом социуме, что позволяет им внести свой посильный вклад в развитии социального капитала в стране.

Литература

1. В органах управления работают более 8 тыс. женщин. Интернет-ресурс: https://www.dialog.tj/news/... (Дата обращения: 18.10.2022).
2. Гендерная оценка ЦАРЭС - Asian Development Bank. Дополнительный документ к гендерной стратегии ЦАРЭС 2030 (январь 2021). - С. 5.
3. Закон Республики Таджикистан «О государственных гарантиях равноправия мужчин и женщин и равных возможностей их реализации». - Душанбе, 1 марта 2005 года, № 89.
4. Козыч С. С. Актуальные проблемы прав женщин в современном мире // Молодой ученый. - 2021. - № 51 (393). - С. 213-216.
5. Население Таджикистана. Интернет-ресурс: https://countrymeters.info/ru/Tajikistan... (Дата обращения: 20.08 2022.).
6. Культура и образование. Интернет-ресурс: http://president.tj/... (Дата обращения: 7.10.2022.).
7. Саидов А. С. человеческий капитал и структуризация новых общественных отношений в Таджикистане: социально-философские аспекты // Известия ИФПП им. А.Баховаддинова НАНТ. - 2021. - № 1.
8. Шарипова С. М. Женщины Таджикистана в новых социально-исторических условиях первого десятилетия независимости: автореф. дисс. … к. истор. н. - Худжанд, 2007. - 25с.

САҲМИ ЗАНОН ДАР РУШДИ САРМОЯИ ИҶТИМОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Тоҷидинова М. И.

Сармояи иҷтимоӣ сараввал барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар доираи низоми муайяни сиёсию иқтисодӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни шаҳрвандоне, ки мустақилона сарчашмаҳои рӯзгори худро пайдо карда метавонистанд, ташаккул ва инкишоф ёфт. Дар замони муосир дар сохтори сармояи иҷтимоӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омада, шумораи унсурҳои он васеъ мегардад ва аз ин рӯ, фаъолияти субъектҳои сармояи иҷтимоӣ дар доираи гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ (дар истеҳсолот машғулбуда ва бекорон) маҳдуд намешавад.

Дар амал бисёр гуруҳҳои демографӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла занон, субъектҳои бевоситаи сармояи иҷтимоӣ мебошанд, ки фаъолияти самараноки онҳо ба рушди он дар дилхоҳ ҷомеа мусоидат мекунад. Мушкилоти муайян кардани маъалаи зан ҳамчун ҷузъи муҳими сармояи иҷтимоӣ, мутаассифона, то ҳол дар илми ҷомеашиносӣ қариб ки таҳлил нашудааст ва онро метавон ҳамчун мавзӯи нокифоя омӯхташуда баҳодиҳӣ кард.

Аз ин лиҳоз, зарурати дар доираи имкониятҳои маърифатии илми фалсафӣ-иҷтимоӣ омӯхтан ва ошкор намудани баъзе ҷанбаҳои масъалаи саҳми занон дар ташаккул ва рушди сармояи иҷтимоӣ дар шароити кунунии рушди ҷомеаи Тоҷикистон ба вуҷуд меояд. Бо ин максад мо кушиш менамоем, ки дар шакли мухтасар тезисҳои асосиеро ба миён гузорем, ки моҳияти таҳлили мавзӯи интихобкардаамонро ошкор мекунанд.

Калидвожаҳо: *занон, сармояи иҷтимоӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷомеа, иқтисод, маориф, оила ва ғ.*

THE CONTRIBUTION OF WOMEN TO THE DEVELOPMENT OF SOCIAL CAPITAL IN TAJIKISTAN

Tojidinova M. I.

Social capital was formed and developed from the very beginning to regulate social relations within a certain political and economic system in order to satisfy the growing needs of citizens who could independently find sources of their livelihood. In the modern era, there are serious changes in the structure of social capital, the number of its elements is expanding, and therefore, the activities of social capital subjects are not limited within certain groups of the population (employed in production and the unemployed).

In practice, many demographic and social groups, including women, are direct subjects of social capital, the effective activity of which contributes to its development in all types of society. The problem of defining women as an important component of social capital, unfortunately, is still almost not developed in social science in social science, and it can be classified as understudied.

In this regard, there is a need, within the framework of the cognitive capabilities of sociophilosophical science, to study and reveal some aspects of the issue of women's contribution to the formation and development of social capital in the current conditions of development of the Tajik society. To this end, we are making an attempt in a brief form to put forward the main theses that reveal the essence of the topic of analysis we have chosen.

Key words: *women, social capital, Republic of Tajikistan, society, economy, education, family, etc.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ЗАРУРАТ ВА МАҚОМИ НИЗОМИ ДУНЯВИЯТ ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР

Ҳақназар И. – унвончӯи Маркази тадқиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
(e-mail:i.haqnazar@gmail.com)

Дар мақола зарурати воқеии низоми дунявият/секуляризм дар давлат, бартарии он дар замони постекуляризм ва постмодернизм, дар такя бар далелу бурҳонҳо ва сарчашмаҳои таърихӣ, бо дар назардошти воқеиятҳои ҷаҳони муосир, таҳлил шудааст. Муаллиф мафҳуми секуляризми сиёсиро ҳамчун яке аз ниёзмандиҳои появии ҷаҳони муосир нишон дода, нақши онро дар таъмину ҳифзи ҳуқуқҳои появии шаҳрвандон, новобаста аз мансубияташон ба адёну мазоҳиб, бовару эътиқододи мухталиф, ба миллату халқиятҳо, бо далелҳои муътамад шарҳ додааст.

Калидвожаҳо: *секуляризми сиёсӣ, постсекуляризм, постмодернизм, фародинӣ, падидаҳои номатлуб, "сиёсати шаръӣ ва урфӣ", муносибат ва тафкики байни ниҳодҳо, қавонини маданӣ, бархурди тамаддунҳо, таҳаммулгароӣ, чандандешӣ.*

Рақобатҳои шадидтаршуда ва корбурди равишҳову стандартҳои мухталиф аз ҷониби абарқудратон, дар раванди "аз нав тақсимкунии ҷаҳон", ҳамчунон таҳаввуллотҳои бузурги охири қарни 20, барои "бозгаштани эътиқодоти мухталифи динӣ ва шибҳа динӣ" дар ҷомеа, ки онро даврони постсекуляризм низ меноманд, ҷиддан мусоидат карданд. Фазои постсекуляризм истифодаи васеътари динро ҳамчун абзори сиёсӣ дар муборизаҳои ақидатӣ-сиёсӣ, барои тасаллути мафкураи одамон бештар фароҳам карда, ба ин тариқ, онро ба яке аз чолишҳои пуртазодди замони муосир табдил додааст. Бо дарназардошти пайомадҳои чунин сиёсатҳои пешгӯишаванда, таъмину ҳифзи тафкик ва таодули солими қонуниву мантиқӣ байни низоми дунявӣ ва ниҳодҳои гуногуни динӣ яке аз масъалаҳои асосии ҷомеаҳои муосир, аз ҷумла ҷомеаи мо низ мебошад.

Мафҳуми "дунявият" (асосан ҳаммаънои истилоҳи "секуляризм") бо маъноҳои ибтидоии "зидди зуҳд, дунёгароӣ" ва бо мурури замон ба маънои асосӣ ва дақиқи худ, яъне "фародинӣ", "фаротар аз ҷаҳонбинӣ ва доираи динӣ" расида аст. Бояд таъкид шавад, ки барои дарки дурусти ин мафҳум, онро лоақал ба ду навъ, яъне "секуляризми сиёсӣ" [1] ва "секуляризми фалсафӣ" ҷудо кардан зарур аст, ки аввалӣ ҳамчун яке аз асосҳои платформаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷаҳони муосир, дорои мавқеи махсус мебошад.

Ин падида, новобаста аз тафовутҳои кӯчаки мантиқӣ, дараҷаи густариш ва сатҳи ҳамзистӣ бо ниҳодҳои динӣ, дарку тафсироти мухталиф ва ҳадафмандонаи рақибони он дар таърихи ҷомеаҳои гуногунфарҳанг, алҳол дар тамоми кишварҳои ҷаҳони муосир, ба унвони "секуляризм", яъне фародинӣ пазируфта шудааст. Бояд илова шавад, ки шарти таъинкунандаи ҷараёни секуляршавӣ фароянди ақлонӣ шудан аст, ки пешшарти ҷомеаҳои саноатии муосир низ мебошад.

Файласуфи канадагӣ, Чарлз Тейлор, дар тадқиқоташ, секуляризмро "ҳамчун интихоби замон" ва асли онро ба се усули гуногунрангӣ устувор медонад: озодии максималӣ дар изҳори ҳама гуна эътиқодоти динӣ, (озодии виҷдон); сатҳи воқеии пазириш ва эҳтиром миёни ақидаҳои мухталифи динӣ, ғайридинӣ, дунявӣ (фародинӣ) ва ғайра; саҳми ду усули зикршуда (озодии комили виҷдон, эҳтироми гуногунақидатӣ), дар фароҳам сохтани фазои гуфтушунид, созиши байниҳамдигарӣ дар ин муколама[2, 204].

Дар таърихи афкори миллати мо, "дунявият" ("секуляризм"), на бо шаклу мазмуни муосир, балки ҳамчун мафҳум ба ҳар тарзу сатҳ амалан вуҷуд доштааст. Дар осори адабӣ ва фалсафии классикони форсу тоҷик онро аз қарнҳои 11-12 бо ифодаи во-

жаҳои “даҳронӣ”, “даҳрӣ”, “тарсо”, “дунёгароӣ”, “гетигароӣ” ва ғайра, ҳатто ба маънои “ғайридинӣ” дучор омадан мумкин аст. Дар арабӣ онро “ъалмоният”, мегуфтанд, ки иддае аз решаи “илм” (илмият) ва қисми дигар аз “олам, иноламӣ” медонанд.

Яке аз хусусиятҳои хоси дунявиятва ин ба тамоми зуҳури ифротгароӣ, аз ҷумла, динӣ ва зидди динӣ, ба шумули секуляризми ифротӣ ва атеизм комилан мухолиф будани он аст. Бо вуҷуди он, динҳои “сиёсӣ”, бахусус, ҳизбу ҳаракатҳо ва сохторҳои гуногуни ифротиву террористии шаклан динӣ ва моҳиятан сиёсӣ дунявиятро, ки ҷузъи ҷомеаи демократӣ, плюралистӣ ва шаҳрвандӣ мебошад, ҳанӯз ҳам пазируфтанӣ нестанд. Аз тарафи худ низоми демократӣ ва дунявии муосир, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки плюрализм, тафкики қонунии байни ниҳодҳо ва танзими онҳо моҳияти онҳоро ташкил медиҳад, ба хотири ҳифзу таъмини суботу амният ва рушди ҷомеаҳо “ҳокимияти динӣ”-ро ҳамчун намунаи “дуҳокимиятӣ” пазируфта наметавонад. Дарки нодуруст ва фосилагирӣ аз ҳамдигар яке аз чолишҳои асосии аксари ҷомеаҳои динӣ ба шумор рафта, ба хотири ба ҳам наздикшавии мавқеъҳо, аз ҳар ду тараф тақвияи фарҳанги муколамаи баробарро тақозо мекунад.

Дар фарҳанги классикии тоҷику форс оид ба бартарияти “ҷудо будани умури динӣ аз давлат” аз ҷониби бузургон таъкиди зиёд мавҷуд аст. Масалан ҳаким Фирдавсӣ “маҳз пайванди “шаҳриёрӣ” ва “мӯъбадӣ”, ё ба истилоҳ, “як кардани дин бо давлат”-ро яке аз сабабҳои инқирози давлати сосониён тасвир кардааст. Хилофати араб низ дар тақлид аз давлати сосониёнӣ, “амируламро (роҳбари қудрати давлатӣ)-ро бо амирулулмӯъминин (роҳбари динӣ) як кард”, вале чунин ваҳдати максималӣ пойдории давлатдориро таъмин карда натавонист.

Албатта таърих ва фалсафаи тафкики байни ниҳодҳои давлатӣ ва динӣ, таносуби он дар ҷомеа, дар мисоли ҷаҳони Ғарб, ки ҳамчун раванди такомули таърихӣ ба миён омада буд, равшантар ва ҳамзамон омӯзандатар аст. Дар Ғарби то асримиёнагӣ ҳокимияти мутлақ дар дасти рӯҳониёни калисо (таҳти Калисои муқтадири Рум) буд. Пас аз замони Эҳё ва пайдо шудани таҳаввуллотҳои фикрӣ, дастовардҳои раднопазири илмӣ ва ҳунарӣ, ҳокимияти мутлақу максималии калисо бо амволи он батадриҷ бо ҳокимияти ғайридинӣ “тақсим” шуда, байни ниҳодҳо бунёди тафкик гузошта шуд. Дар натиҷаи такомули таърихии ин тафкик, дар аксари кишварҳои ҷаҳони муосир, он ба ҳайси зарурати замонӣ, аз роҳи татбиқи низоми қавонини маданӣ (демократӣ), тарғибу таҳкими фалсафаи таҳаммулгароӣ, дастовардҳои илмӣ, чандандешӣ, ҳамчунон мушаххас шудани доираи “вазоиф”, ҳуқуқу масъулияти ҷонибҳо амалӣ мешавад.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол тавозуни солими давлат ба дин ҳанӯз ҳам яке аз масъалаҳои муҳим боқӣ мемонад. Зеро аз як ҷониб, хатару таҳдидҳои вобаста ба он ҳанӯз фазои кишварро тарк накардаанд ва аз ҷониби дигар, ҷомеаи Тоҷикистони кунунӣ маҳсул ва таъсирпазири фарҳангҳои мухталиф мебошад, ки барои равшантар шудани моҳияти мавзӯъ, онҳоро ба се гурӯҳи таъсиргузортар ҷудо мекунем.

Гуруҳи якум, ба истиллоҳ “фарҳанги шарқӣ”, бо мақому таъсири бузургтари фарҳанги исломӣ дар он; гурӯҳи дуввум фарҳанги ба унвони умумии ғарбӣ, урупоӣ ва дар намунаи кишвари мо, фарҳанги русӣ низ шомили он мебошад; ва ниҳоят гурӯҳи сеюм, фарҳанги миллии тоҷикона, ки фарҳанги бумии дар муҳити хос ташаккулёфта мебошад. Ҳамаи ин фарҳангҳо, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистони таърихӣ ва кунунӣ, аз ҷумла дар робита ба мақом ва хусусиятҳои хоси дунявият, таносуб ва робитаи он бо дин, таъсири хос дошта, дар айни замон, зарурати мақоми дунявиятро дар низоми давлатдории кишварамон бори дигар таъкид мекунад.

Афзоишу фаъолтар шудани ҳизбу ҳаракатҳои ифротию терррористӣ дар кишварҳои исломӣ пас аз нимаи дуввуми қарни 20, бисёре аз мунақидони исломро дар ҷаҳон ба натиҷагириҳои баҳсбарангез водор кардааст. Аз ҷумла, ба назари иддае аз онҳо, ифротгароӣ ва терроризм гӯё “хоси (табиати) исломи муосири беш аз пеш сиёсӣ шуда” мебошад ва аз “оғози таърихи он” сарчашма мегирад”[3]. Албатта ислом аз адёни дигар тафовут дорад, аммо нақши омилҳои зиёди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ дар тӯли таърихи ислом рухдода, ба хусус бархурду рақобати фарҳангҳои муайянкунандаи ғарбӣ, шарқӣ ва омехта низ сарфи назар шуда наметавонад. Дар ин ҷо китоби Саму-

ел Хангинтон “Бархурди тамаддунҳо”-ро ба хотир овардан ба маврид аст, ки ҳамаи падидаҳои номатлуби замони муосир, аз ҷумла терроризму ифротгароии исломиро ба натиҷаи чунин бархурди “ногузир”-и тамаддунҳои мухталиф иртибот доданӣ мешавад, ки омӯзиши дақиқтарро тақозо мекунад.

Воқеан ҳам падидаҳои номатлуби ифротгароӣ бо оқибатҳои гаронтараш дар ҷомеаҳои исломӣ бештар ба назар мерасанд, ки боиси нигаронии муҳаққиқон, равшанфикрон ва сиёсатмадорон гардидааст. Иддае зиёде аз онҳо ба натиҷа расидаанд, ки дар низоми ақидатии мусулмонон нисбат ба таълимоти появии исломи анъанавӣ зарурати ислоҳоти ҷиддӣ ва появӣ ба миён омадааст. Ба асоси чунин ақида, ин ислоҳот пеш аз ҳама, дар калом, шариат ва фиқҳи чанд қарн пеш “таҳия шуда” ва дар тӯли таърих бо сарбориҳои зиёди ғайри хоси рисолати он “гаронборшуда” анҷом дода шавад, то дарку бардошт ва дидгоҳи худи мусулмонон ба тамоми он, ба таври куллӣ тағйир шуда тавонад[4].

Аз ин рӯ, аз тариқи танзими таодули ниҳодҳо ва ба категориҳои “замон ва макон мутобиқ кардани таълимоти бунёдии исломӣ”, дар паст кардани тазод ва шиддати ташаннуҷи он бо фарҳангҳои мухталиф ва замони муосир дар маҷмӯъ, яке аз масъалаҳои появӣ дар таъмини суботи сатҳи ҷаҳонӣ боқӣ мемонад.

Профессор Ш. Шоисматулллоев дар робита бо нақши калидии фарҳанги маънавӣ дар ҷомеа таъмини таҳаммулпазирӣ, фазои ризояту ваҳдати комили миллӣ, таъкид менамояд: “Бештари масъалаҳои муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии кишварамон на танҳо ба ҳолати саноат, нақлиёт, инфраструктураи иттилоотӣ, балки ба омилҳои гуманитарӣ вобастагӣ доранд, ки дар байни онҳо муҳимтаринашон фарҳанги маънавии ҷомеа ва ваҳдати милии кишвар ба ҳисоб меравад ”. Инчунин “...фарҳанги маънавӣ ба фаҳмишу дарки ҳастӣ дар ягонагию алоқамандӣ ба ҳолати амнияти миллӣ таъсири назаррас мерасонад [5, 25].

Яке аз хусусиятҳои дигари хоси ҷомеаи кишвари мо, ки дар он таъсири кишварҳои мусулмонии дигар бештар эҳсос мешавад, ин бардошт ва бархурд ба худи мафҳум ва ибораҳои “дунявият”, аз ҷумла, “ҷудоии ниҳодҳои давлатӣ аз ниҳодҳои динӣ” мебошад. Аксари аҳли ҷомеа, зери таъсири рақибони асосии низоми дунявият (секуляризм), бахусус ҳукуматҳои режими исломӣ, ходимони динии ҷомеаҳои мухталиф, мафҳум ва вожаи “секуляризм” ва “ҷудоии ниҳодҳо”-ро ҳадафмандона, сирф ба маънои “ҷудоии дин аз давлат, аз сиёсат” ва ё “зидди динӣ” таъбиру таблиғ мекунанд ва ба ин васила, барои манофеи худ, дар ҷомеа ташаннуҷи равониро нигоҳ медоранд.

Ба назари мо, ҷудоии комили дин аз давлат, ба хусус аз сиёсат, амалан ҳам ғайриимкон аст. Зеро дин ҳамчун яке аз институтҳои ҷомеа дар таблиғи маънавӣ, рӯҳонӣ буда, ба “охирати одамон сару кор дорад, вале масъули ҳаёти модии аҳли ҷомеа намебошад”. Дар робита бо ҳифзи мувозинати солиму мантиқӣ байни ниҳодҳои давлатӣ ва динӣ, фазои озоди василаҳои гуногуни иттилоотӣ, нақши хос, вале хеле мутазод дошта (ҳам мусбату ҳам манфӣ) дар айни ҳол ба таваҷҷӯҳи махсус зарурат дорад.

Селаи иттилоотии аксаран ҷаълӣ (фейк) бо таблиғоти манфиатҷӯёна, фишорҳои равонӣ, ифротӣ, ки алҳол шумораи чунин сомонаҳо ба 10 ҳазор расидааст, амнияту суботи иддае аз кишварҳо, аз ҷумла ҷумҳурии моро осебпазиртар нигоҳ медорад. Гурӯҳҳои ифротӣ, ки ба ҷузъ аз низоми исломии бунёдӣ, ягон тарзи дигари давлатдорӣ, ба хусус низоми демократиро комилан намепазиранд, ҳамчунон ҳадафҳои бо роҳи зӯрӣ аз байн бурдани онро ошкоро пайгирӣ менамоянд.

Ба ақидаи Ғ. Мирзоев, “...бо вуҷуди ин ҳама, (тадбирҳои муассири сатҳи давлатӣ, И.Ҳ.) сатҳи тафаккури диниву мазҳабӣ то ба акнун ҷавобгӯи манофеи миллӣ нагаштааст ва дар бисёр маврид, он ба арзишҳои миллӣ ба рақобат ва мухолифати рӯирост мепардозад”[6,24].

Раванди мудохилаи манфиатҷӯёнаи кишварҳои абарқудрат ба кишварҳои аз ли-ҳози иқтисодӣ заъифтар аз роҳи суиистифода аз сатҳи баланди эътиқодоти динии ба тааассубу хурофот омезиш дода шудаи нуфуси онҳо, падидаҳои номусоиди ифротиро бештар таҳрик мекунад. Таври мисол, мудохилаи низомии ИМА ба корҳои дохилии Ироқу Ливия ё воридшавӣ он ба Афғонистон ва пас аз 20 соли фаъолияти ноком, ба дасти гурӯҳҳои террористии

зери пӯшиши динӣ амалкунандаи “Толибон” таслим додани он нишонаи сиёсати “норавшану” чандстандартии вобаста ба манофеи замони мушаххас мебошад. Биноан барои давлати мо, ки роҳи дурусти озмудашударо интихоб кардааст, дар низоми қавонин нигоҳ доштани ниҳодҳои ҷомеа фаъолияти ҳатмӣ мебошад. Ба назар мерасад, ки сабаби асосии дар сатҳи ноогоҳии наздик, дар ҳадди таассубу хурофот қарор доштани иддае аз аъзои ҷомеаи Тоҷикистон, набудани дониши появи динӣ ва маҳдуд будани ҷаҳонбинӣ, бахусус дар байни худи табақаи ходимони динӣ, бахусус муллоҳои худомӯзу “ғайрирасмӣ”-и хурофотӣ ва беслоҳияту таассубгаро, дар сатҳҳои гуногун мебошад.

Дар робита бо ин масаъала, Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар, ки моҳи июни соли 2021 доир гардид, махсус таъкид доштанд, ки “...яке аз сабабҳои асосии майл пайдо кардани одамон ба хурофот, ифротгароӣ ва радикализми динӣ маҳз бесаводист... такроран таъкид менамоям, ки хурофот ҷаҳолат аст ва ҷаҳолат ба инсон ғайр аз бадбахтӣ чизи дигаре дода наметавонад” [7].

Бо назардошти воқеияти замони муосир, сиёсати давлати Тоҷикистон аз оғози Истиқлолияти давлатии он, ки ба замони душвори “гузариш” рост омад. Бо вуҷуди он, давлати ҷавон ба эҳё ва таҳкими фарҳанги асили миллӣ ва исломӣ ва дар заминаи он, ба таъмини суботу мавқеи муносиби кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, диққати аввалиндараҷа равона намуд, ки яке аз мушахасоти хоси низоми дунявии он ба шумор меравад. Аз ҷумла, дар таъмини таодул ва муносибати солими байни ниҳодҳои динӣ ва давлатӣ фаъолиятҳои муассиру қобили эътирофи махсусро анҷом дод.

Дар такя ба таҷрибаи кишварҳои мухталиф, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози истиқлолияти давлатӣ Конститутсияи кишвари мустақил қабул гардид, ки тибқи он, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон гардид [8]. Минҷумла, дар он заминаи асосии ҳуқуқии муносибати солими таносуби байни ниҳодҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ бо ниҳодҳои динӣ, ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, озодии эътиқод ва ғайра поягузорӣ шуданд. “Ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида, ё якҷо бо дигарон динеро пайравӣ намоянд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим динӣ иштирок намояд”[8].

Агар қабл аз истиқлолият дар Тоҷикистон ҳамагӣ 34 иттиҳодияҳои динӣ мавҷуд буданд, алҳол теъдоди онҳо 4058-ро ташкил медиҳанд. Ба хотири танзими ҳамкории манфиати умумиҷомеавӣ дошта, дар байни мақомотҳои давлатӣ бо ниҳодҳои динӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба дин - “Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва барои омӯзиши равандҳои мухталифи ҳаёти динӣ ва таъсири он дар ҳаёти кишвар Маркази исломшиносии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис шуданд. Ба мақсади ҳифзу таҳкими ҳуқуқу озодиҳои динӣ ва эътиқодии инсон ва шаҳрванд, таҳкими пояҳои давлати дунявӣ, фалсафаи таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба тамоми адёну мазоҳиб, таъмини амният ва ҳамдигарфаҳмиву ризоят дар фазои диниву ақидатии ҷомеаи кишвар “Консепсия сиёсати давлатии ҶТ дар соҳаи дин” қабул гардид. Ба ҳадафи ташаккули фазои солими динӣ ва ақидатӣ дар кишвар, соли 2019 маҷалаи динӣ ва иҷтимоиву фарҳангии “Дин ва ҷомеа ” таъсис дода шуд. Бо ташаббуси бевоситаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, китоби муқаддаси Қуръон ба забони тоҷикӣ тарҷима ва ба тамоми сокинони кишвар ҳадя шуд.

Соли 2009 бо ташаббуси Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон соли бузургдошти Имоми Аъзам Абу Ҳанифа эълон шуд. Президенти мамлакат санги асоси Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абу Ҳанифаро гузошта, ба он мақоми давлатӣ дода шуд. Ба манзури ба сатҳи баландтар бардоштани низоми тарбияи маънавиву ахлоқии ҷомеа, бо Фармони Президенти ҶТ барои ходимони динӣ маош таъйин гардид.

Ба ҳадафи ҳифозати расму оинҳо аз таъсироти манфии хурофоту таассубгароӣ ва ҷилавгирӣ аз сарфиёти изофии буҷети оилавӣ, Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ” қабул шуд. Ҷиҳати танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба озодии виҷдон ва озодиии пайравӣ ба дин, ҳамчунон ҳуқуқу масъулияти иттиҳодияҳои динӣ, Қонуни ҶТ

“Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ” қабул гардид. Ҳукумати мамлакат беш аз 4 ҳазор ҷавонро аз таҳсилоти динӣ, ки аз ҷониби доираҳои ғайрирасмӣ ва ифротӣ, ки ба тариқи қочоқӣ дар хориҷа фаро гирифта шуда буданд, ба кишвар баргардонда, барои онҳо дар Донишкадаи исломии Тоҷикистон шароити таҳсили касбӣ муҳайё гардид. Ба мақсади ҷилавгирӣ аз воридшавии маводи шубҳанок ва ифротӣ ва пешгирии мухолифатҳо дар фазои эътиқодӣ, ба хусус байни андешаҳои динӣ ва дунявӣ, ба асоси қонунгузории кишвар ташхиси адабиёти динӣ ва маводи ба он робита дошта ташкил шуд.

Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон аз тамоми минбарҳои баланд, аз ҷумла минбарҳои байналмилалӣ ва СММ, бори нахуст надоштани робитаи ислом ва зуҳуроти зиддиинсонии ифротгароӣ ва терроризмро баён намуда, арзишҳои исломи асилро дифоъ карданд. Барои муаррифии шоистаи дини исломи асил Президенти Тоҷикистон бори 6-ум ба феҳристи “500 мусулмони соҳибнуфузи олам” шомил гардид. Ин намунаи фаъолият баёнгари арҷгузорӣ ба фарҳанги миллӣ, ба шумули дини ислом ҳамчун як рукни асосии он буда, сиёсати дурусти давлатиро дар ин самти муҳими ҷомеа инъикос мекунад.

Бо вуҷуди он, бояд дар мадди назар дошт, ки “ноадолатӣ ва нобаробариҳои ҷаҳони пешрафтаи сармоядорӣ”, рақобатҳои замони муосир, проблемаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва демографиро дар аксари кишварҳои исломӣ шадидтар карда, барои “ҳалли” онҳо исломро ҳарчи бештар ба даргириҳои сиёсӣ такон медиҳанд, ки дар ҳар кишвар, вобаста ба сатҳи рушди он, аз ҳам тафовут дорад.

Тавре дида мешавад, андешаҳои гуногун ва хилофи ҳам дар ҷомеаҳо, бахусус дар ҷомеаи мо, раванди муқаррарӣ ва доимӣ бошад ҳам, зарурати омӯзишу зери назорати доимии давлат қарор додани он, яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлат дар самти таъмини суботу амнияти ҷомеа, рушди кишвар мебошад.

Фалсафаи муосир ва пешқадами ғарбӣ дар симои Ю.Хабермас барои таъмини субот ва ҳалли ҳар гуна каҷфаҳмиҳо дар ҷомеаҳо, назарияи “муколамаи комил” (perfect dialogue, communication)-ро дар фазои “демократияи машваратӣ” (deliberative democracy) (ки ҳар дуи ин мафҳум ихтирои худи ин олими машҳур мебошанд), “бо ҷалби тарафи дигар”, ин ду мафҳумро ҳамчун воқеият ва зарурати появӣ дар фазои даврони модерн ва постмодерн ҷамъбандӣ ва тавсия намудааст[9].

Таърихи башар гувоҳӣ медиҳад, ки тафаккури дунявӣ (секулярӣ) новобаста аз тамоми воқеияту тазодҳои ҷаҳони муосир, бо риояи усулҳои асосии худ, бахусус таъмини таодули солими байни ниҳодҳо, таъмини эҳтирому эътирофи байниҳамдигарии эътиқодоти мухталиф ва муколамаи миёни онҳо, ҳамчун роҳи ягона ва муассиртарини ҳамзитӣ, дар масири таҳкими суботу амнияти ҷомеаҳои замони муосир боқӣ мемонад, зеро дар ҷомеаи башарӣ, тафаккури беҳтар аз он ҳанӯз кашф нашудааст.

Адабиёт

1. Абдулкарим Суруш, Секуляризми сиёсӣ ва фалсафӣ, Мадрасаи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ / Румӣ, 2018 // https://soundcloud.com/school -of-rumi
2. Чарлз Тейлор. Эпоха секуляризма. (The Secular Age), М.: 2007.
3. Воронцов С.А., О некоторых подходах к определению понятий «исламский экстремизм» и «исламский терроризм», Кибер Ленинка-научная электронная библиотека, 2008.
5. Шоисматуллоев Ш., Нақши фарҳанги маънавӣ дар ҷомеа //Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятштносӣ”. 2017, № 3 (247). – С. 26
6. Мирзоев Ғ., Терроризми муосир ва нақши омили динӣ дар шаклгирии он // Маҷалаи “Дин ва ҷомеа”№6, 2021, - С. 24
7. Эмомалӣ Раҳмон, Суханронӣ дар мулоқот бо ҷавонони кишвар, июни с. 2021, телевизиони Тоҷикистон, www.tvt.tj# Tajikistan#Dushanbe#Akkhbori Tojikiston
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Модаи 1. Душанбе, 2003. - С. 6
9. Томас Диез ва Ҷилл Стианс. Муколамаи муфид? Хабермас ва муносибатҳои байналмилалӣ (A Useful Dialogue? Habermas and International Relations) //https: //www.jstor.org / stable / 40072075

НЕОБХОДИМОСТЬ СВЕТСКОГО ПОРЯДКА И ЕЁ СТАТУС В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ

Хакназар И.

В статье, на основе исторических свидетельств и источников, так же с учетом реалий современного мира, всесторонне анализируется вопрос о реальной необходимости системы секуляризма в структуре государственной власти, его преимуществе в эпоху постсекуляризма и постмодернизма. Автор показывает понятие "политического секуляризма" как одну из потребностей современного мира, разъясняет его положительную роль в обеспечении и защите основных прав граждан внутри одного государства, вне зависимости от их принадлежности к разным религиям, сектам, верованиям, нациям и народам.

Ключевые слова: *политический секуляризм, постсекуляризм, постмодернизм, нежелательные явления, религиозная и светская политика, законы демократии, столкновение цивилизаций, толерантность, плюрализм.*

THE NEED FOR A SECULAR ORDER AND ITS STATUS IN THE MODERN WORLD

Haqnazar I.

The article, based on historical evidence and sources, also taking into account the realities of the modern world, comprehensively analyzes the question of the real need for a system of secularism in the structure of state power, its advantage in the era of post-secularism and postmodernism.The author, with evidence, shows the concept of "political secularism", as one of the emerging needs of the modern world, explains its positive role in ensuring and protecting the fundamental rights of citizens within one state, regardless of their belonging to different religions, sects, beliefs, nations and peoples.

Keywords: *of "non-religiousness", secularism, undesirable phenomena, religious and secular politics, the laws of democracy, the clash of civilizations, tolerance, pluralism.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ТАНОСУБИ ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ ВА ҶОМЕАИ ДИНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муҳаммадқодири Н. - ассистенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
тел: (+ 992) 935-44-90-91; e-mail. najmiddinzoda90@mail. ru

Дар мақола мафҳум, моҳият ва хусусияти давлати дунявӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додашудааст. Инчунин муаллиф дар бораи муносибати давлати дунявӣ ба дин дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон вобаста ба сарчашмаҳои илмӣ ва мушоҳидаву тадқиқотҳо андешаҳои худро иброз намудааст. Аз таҳлили бешумори афкори ҷомеашиносони ин соҳа чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дунявият мухолифи талаботҳои динӣ набуда, балки ҳамчун роҳи прогресивии рушди ҷомеа ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад. Нисбати нуқтаи дигар, ба афкори одамоне, ки дунявиятро дар ҳаёти иҷтимоии мо бегона медонанд, гуфтанием, ки дунявият ҳамчун саъю талош баҳри расидан ба саодат ва хушбахтӣ дар рӯи замин мебошад. Раванди баҳсҳо оиди падидаи дунявият ва диният собит сохт, ки давати дунявӣ хусусияти зиддидинӣ надошта, балки яке аз омилҳои рушди дин ба ҳайси падидаи фарҳангӣ мебошад.

Калидвожаҳо: *дунявият, диният, давлати дунявӣ, ҷаҳонишавӣ, ҳувияти динӣ, ҷаҳонбинии динӣ, иҷтимоишавии динӣ, ташкилотҳои динӣ, арзишҳои динӣ, эътиқоди динӣ.*

Раванди ҷаҳонишавӣ дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа дигаргуниҳои куллиеро ба вуҷуд овардааст, ки яке аз чунин тағйироти назаррас дар сохтори давлатдории ҷаҳонӣ ворид шудани падидаи дунявият мебошад. Ин падида ҳанӯз дар низоми идоракунии иҷтимоии аксарияти давлатҳои мутараққӣ, аз ҷумла Аврупо ошкор гардида, дар дигар давлатҳои ҷаҳон дар арафаи болоравӣ мебошад. Шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва барҳӯрди манфиатҳо, ки боиси низоъҳои шадиди иҷтимоӣ гаштааст, ки дар ин даргириҳо бештари гурӯҳҳои иҷтимоӣ аз дин ва эътиқодоти динӣ, махсусан, дини Ислом самаранок истифода мебаранд. Баъдан, дар заминаи шикасти ҳувиятҳои миллӣ одамон ба ҳувиятҳои динӣ-мазҳабӣ майл менамоянд, ки чунин шакл гирифтани сохтори арзишии ҷомеа барои фаъолгардии гурӯҳҳои ифротгаро ва террористӣ ҳамчун заминаи маънавии муборизаҳои сиёсӣ васеъ истифода бурда мешаванд.

Инсон ҳангоми муносибат ба ҷаҳон ва арзишҳои иҷтимоӣ ба ҷаҳонбинии асотирӣ, динӣ ва илмӣ-фалсафӣ такя менамояд. Дар ин ҳангом бештар ба кадом ҷаҳонбинӣ такя кардани инсон аз сатҳи иҷтимоишавӣ ва сатҳи рушди тафаккури ӯ вобастагӣ дорад. Дунявӣ будани инсон аз муносибати ӯ ба арзишҳои иҷтимоӣ ҳувайдо мегардад. Ҳарчанд солҳои охир дар Тоҷикистон ҷаҳонбинии динӣ аз нав маъмул гардида, махсусан, ҷаҳонбинии ҷавононро фаро мегирад, аммо ҷаҳонбинии дунявӣ низ ҳамчун муқовимат ба он ташаккул меёбад. “Имрӯз, ки ҳаёти маънавии ҷомеа дигаргун гардида, ҷаҳонбинии динӣ ҳарчӣ бештар ва ошкортар аз худ дарак медиҳад, мавқеи дунявият низ ҳамчун василаи муқовимат аз худ дарак дода истода аст. Ҷаҳонбинии мазкур на танҳо дар шакли муносибати одамон ба арзишҳои мавҷуда, балки дар шакли ғоя ва ҳатто мафҳуми комилан ташаккул ёфта низ дучор меояд”[2, с. 80].

Мавқеи дунявият доштан маънои онро дорад, ки дар ҷаҳонбинии шахс арзишҳои дунявӣ нисбати арзишҳои динӣ афзалият доранд ва майли дунёгароии ӯ бештар аст. Дар ин ҳолат субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ на ба дин, балки ба илм, дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ такя менамояд. Натиҷаҳои мушоҳидаҳо ва тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто ҳамон одамоне, ки худро диндор меҳисобанд ва тамоми зуҳуроти иҷтимоиро аз нуқтаи назари ҷаҳонбинии динӣ баҳогузорӣ менамоянд, дар ҳолати зарурӣ рафтори дунявӣ со-

дир менамоянд, аз дастовардҳои илму техника истифода мебаранд.

Мафҳуми “дунявият” дар адабиёти илмӣ гуногун шарҳ дода шудааст, аз ҷумла баъзе аз донишмандон зери ин мафҳум муносибати бетарафона ва ҳатто хусусияти атеистии мунсибати давлатро ба дин ва ташкилотҳои динӣ фаҳмидаанд. Дунявият ба мазмуни луғавӣ ҳаммаънои калимаи лотинии “saecularis” (секуляризм) буда, ба маънои дунёӣ ва инҷаҳонӣ будан истифода мешавад. Ҳамчун истилоҳи илми мафҳуми “дунявият” ба маънои ҷудошавии давлат аз ташкилотҳои динӣ, раҳоии ҷомеа аз таъсири фарогири дин ва фароҳам омадани шароити озодандешӣ ва ҳамзистии осоиштаи намояндагони динҳои гуногун истифода мешавад. Давлати дунявӣ ягон дин ва низоми ҷаҳонбиниро ба сифати идеологияи расмӣ ва асосӣ дида намебарояд.

Баъзе аз муҳаққиқон надониста ё огоҳан мафҳуми “дунявият” ва назарияи “секуляризм”-ро айнан як чиз дониста, онҳоро ҳаммаъно мефаҳманд. Чунин муносибат моҳияти дунявияти давлатро тағйир медиҳад, давлатро аз маънавиёт, анъанаҳои фарҳангӣ ва ҳаёти воқеии ҷомеа дур намуда, барои дин дар ҳаёти иҷтимоӣ ҷойгоҳ намегузорад, ҳарчанд ягон ҷомеа комилан аз дин ҷудо буда наметавонад. Секуляризм дуршавии дин аз ҷомеа, камшавии таъсири дин ба ҳаёти иҷтимоӣ ва аҳамияти иҷтимоии худро аз даст додани динро ифода менамояд, аммо дунявият маънои ҷудоии ташкилотҳои динӣ аз давлат, дар нисбати дин мавқеи бетарафиро ишғол намудани давлат ва бакори шахсӣ табдилёфтани динро ифода мекунад. “Дар шароити секуляризм динҳо тадриҷан аз фарҳангҳои худ дур мешаванд: онҳо ғайриҳудудӣ гашта, объекти қарорҳои шахсӣ табдил меёбанд, дар натиҷа одамон аз ҳама анъанаҳо дур шуда, заминаи фарҳанги анъанаҳои динии худро аз даст медиҳанд. Ҳоло хатар на дар ҷудо кардани фарҳанг аз эътиқод, балки дар ҷудоии имон аз фарҳанг аст, ки бунёдгароии берешаро ба вуҷуд меорад” [2, с. 43-60].

Баъзе муаллифон мафҳуми дунявиятро маҳсули тафаккури Ғарб ба қалам дода, онро барои ислом комилан бегона арзёбӣ менамоянд. Тибқи андешаи онҳо дунявият ба маънои ҷудоии калисо аз давлат буда, дар ислом калисо несту нақш ва мақоми калисо аз масҷид фарқ дорад. Бояд зикр намуд, ки як нависандаи британиягӣ Ҷоркерҷ Ҳулбук дар хусуси дунявият андешаеро пешниҳод менамояд, ки хело ҷолиби диққат аст. «Дунявиятро зидди масеҳият фаҳмидан мумкин нест. Вай танҳо аз он мустақил аст. Дунявият принсипҳо ва ҳудудҳои худро барои шахсе, ки худро тобеи он намеҳисобад, фарз намегардонад. Маърифати дунявӣ ба ҳамин ҳаёт таваҷҷуҳ зоҳир месозад ва барои пешрафту накӯаҳволӣ дар ҳамин ҳаёт саъй менамояд ва натиҷаи худро дар ҳамин ҳаёт месанҷад»[3, с. 80]. Муҳаққиқи тоҷик Абдулҳаев К, дар мақолаи худ мафҳуми дунявиятро чунин шарҳ додаст:Вожаи «дунявият» аз лиҳози забонӣ худ исми маънист. Он тавассути суффикси исмсозии «-ят» пайдо шуда, ҳамчун мафҳум маҷмӯи падидаҳо, робитаҳо, муносибатҳо ва арзишу меъёрҳоеро ифода менамояд, ки инъикоскунандаи ҳаёти заминӣ ва дунёиянд. Сифати дунявӣ аз исми моддии дунё тавассути суффикси сифатсози «-явӣ» сохта шудааст. Вай тамоми сифату аломатҳои марбут ба дунё (на уқбо), ҳаёти заминӣ (на ухравӣ)-ро тавсиф менамояд[8, с. 149-150].

Таваҷҷӯҳ ба маънои нави дунявият аз он ҷиҳат зарурӣ гардидааст, ки ҳам дар фаъолияти зиёиён ва ҳам дар фаъолияти ходимони динӣ ба чашм мерасад. Хусусан, манфиатҷӯёни динӣ дар фаъолиятҳои одамон ҳукмрон гардидани принсипи дунявиятро эҳсос намуда, барои барқарор намудани мавқеи аздастрафтаашон даст ба эътирозҳо зада истодаанд. Бинобар ин, равшанӣ андохтан ба мафҳуми дунявият барои тамоми қишрҳои ҷомеа ҳам аҳамияти амалӣ ва ҳам назариявӣ дорад. Давлати дунявӣ аз дин ҷудо нест, зидди дин нест, дин муҳимтарин зуҳуроти фарҳангии давлати дунявӣ мебошад, шаҳрвандони давлати дунявӣ пурра ба фаъолияти динӣ ва анҷом додани маросимҳои динӣ машғул шуда метавонанд.

Ба андешаи Н.Ф. Козирев давлати дунявӣ “яке аз муҳимтарин фазилатҳои ҷамъиятӣ, маҳсули худшиносии шаҳрвандӣ ва эҷодиёти ҷамъиятии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад”[7, с. 90-91]. Ҳадафи ҷудо намудани ташкилотҳои динӣ аз давлат ин пеш аз ҳама фароҳам овардани имкони мавҷудияти озоди динҳо дар давлат ба ҳисоб мерафт, ки ҷомеашинос У. Маклафлин ин ҳолатро “на озод намудани инсон аз эътиқод, балки

озод намудани дин аз таъсирҳои берунӣ”[4, с. 386-387] баҳо додааст.

Албатта, дунявият шарти муҳимтарини мавҷудияти дин ва равияю мазҳабҳои динӣ мебошад, аммо дар тамоми динҳо ба арзишҳои дунявӣ баҳои воқеӣ ва сазоваор дода намешавад. Дар бештари таълимоти динӣ дунё ва дунявият дуюмдараҷа ва беаҳмият нишон дода мешавад, ҳол он ки барои рушди дин аз нерӯҳо ва воситаҳои дунявӣ фаровон истифода мегардад. Барои паҳншавии дин одамон, моликият ва дигар арзишҳои дунявӣ лозиманд, рӯҳониёни динӣ ба воситаи дин зиндагии шоистаи заминӣ ва мақоми арзишманди дунявиро соҳиб гардидан мехоҳанд, аммо боз ба дунявият мухолифат меварзанд.

Баъдан, рӯҳониён барои мустаҳкам кардани ҷойгоҳи дин дар ҷомеа ба арзишҳои дунявӣ рӯй меоранд, аз онҳо пурра рӯй гардонида наметавонанд ва тавассути меъёрҳои динӣ корҳои дунявиро низ ба танзим даровардан мехоҳанд. Аслан дунё ва арзишҳои дунявӣ дар динҳо аз мақоми сазоворе бархӯрдор нестанд, агарчанде дин, худ бидуни дунё арзи вуҷуд карда наметавонад. Ба қавли дигар, дунё шарти ҳастии дин асту аммо дин, баръакс дунёро ҷойгоҳи сазоворе қоил нест.

Дар воқеъ, аз қадимулайём то ба имрӯз дар ҳеҷ гӯшае аз олам аз тарафи муҳаққиқон дине бидуни оламу одам ва дунёи ӯ зикр нашудааст. Пас, барои он ки дин вуҷуд дошта бошад, бояд оламу одам вуҷуд дошта бошад. Аммо дин сарчашмаҳои ҳастии худро пасту ҳақир шуморида, аз эътирофи воломақомию пуразришии онҳо рӯ метобад. Хеле тааҷҷубовар аст, ки дин худ барои дунё вуҷуд дорад, аммо беинсофона онро хуш надорад, дин наметавонад, ки аз арзишҳои дунявӣ пурра даст кашад, зеро дар чунин ҳол вай шарти ҳастии худро аз даст медиҳад. Ҳамзамон дин наметавонад, ки ба дунё арзиши воло қоил шавад, зеро дар чунин ҳолат дунёи офаридаи ӯ бе арзишҳо гардид. Дин чун дарк менамояд, ки бидуни арзишҳои дунявӣ, ки шакл ва шарти ҳастии олам мебошанд, вуҷуд дошта наметавонад, онҳоро дар дунёи офаридаи худ низ ҷой медиҳад, то одам пойбанди онҳо гардида, пурра аз зиндагӣ ноумед нашавад.

Ҳамин тариқ, дини аз дунё безор боз ҳам арзишеро барои дунёву арзишҳои он қоил аст. Дунявӣ будани ҷаҳонбинии шахс маънои муқобил баромадан ба ҷаҳонбинии диниро надорад. Дар ин ҳолат шахс дорои ҷаҳонбинии динӣ буда метавонад, яъне динро инкор накарда, ба арзишҳои дунявӣ бартарӣ медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дин қисми таркибии равандҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд доир ба масъалаи таносуби дин ва давлат дар Тоҷикистон мақолаҳои илмӣ-тадқиқотӣ зиёд навишта шудаанд, аммо асосҳои назариявӣ-методологии таносуби дин ва давлат ва муносибати дину дунявият мавриди тадқиқоти фарогири илмӣ қарор нагирифтаанд. Бинобар ин, таҳқиқи ҷойгоҳи дин дар давлати дунявӣ ва таносуби дин ва давлати дунявии Тоҷикистон дар шароити имрӯза аҳамияти бузурги илмӣ-назариявӣ дорад.

Баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон давлати дунявӣ эълон гардид, дар моддаи 1-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми “дунявӣ” ворид карда шуд,дар масъалаи муносибатҳои диннию дунявӣ тағйироти ҷиддӣ ба миён омад. Тоҷикистон давлати мусулмоннишин мебошад ва дунявӣ эълон гардидани кишварӣ мо ва эътироф гардидани ҳамзистии баробари дин ва дунявият дар таърихи давлатдории тоҷикистониён ва умуман, олами ислом падидаи нави сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳарчанд Тоҷикистони шӯравӣ мазмунан давлати дунявӣ ба ҳисоб мерафт, аммо ҳокимияти давлатӣ ва зиёиёни расмӣ динро ба сифати падидаи фарҳангӣ ва институти иҷтимоӣ эътироф намекарданд ва ташвиқотҳои зиддинӣ ва атеистӣ хеле пурзӯр карда шуда буданд.

Дар тафсири илмӣ-оммавӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: “давлати дунявӣ чунин давлатест, ки дар он ҳеҷ як дину мазҳаб ҳатмӣ ё худ афзалиятнок ҳисобида намешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон дин ба ҳайси динӣ давлатӣ ва расмӣ шинохта нашудааст, ҳама дину мазҳабҳо дар доираи муқарарот ҳуқуқи баробари мавҷудият доранд” [9, с. 46-47]. Ташкилотҳои динӣ ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд. Эътиқоди динӣ кори хусусии ҳар шахс буда, ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё

пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсия ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии амалкунанда ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро барои эътиқоди динӣ маҳдуд намекунанд. Тибқи қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон давлат ва мақомоти он танҳо бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ, манфиатҳои шаҳрвандон, низому суботи сиёсӣ ва амнияти иҷтимоӣ ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дахолат мекунад.Он иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ манъ карда мешавад, ки онҳо хусусияти миллатгароӣ, нажодпарастӣ, хусумату бадбинии иҷтимоӣ ва бо роҳи зӯрӣ ба несту нобуд кардани сохти конститутсионӣ ва ба ташкили гурӯҳи мусаллаҳ даъват менамояд давлат манъ менамояд. Бояд гуфт, ки давлати дунявӣ усули эътирофшудаи модели давлатдории муосир буда, ҳеҷ гоҳ бар зидди дин нест, балки озодсозии дин аз олудагиҳое аст, ки ба дин таҳмил мешаванд. Дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеаи кишвар фармуда буданд: “Таҷрибаи бисёр кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон як нуқтаро собит менамояд: маҳз дунявият шароит фароҳам меорад, ки фарҳанги миллӣ бо арзишҳои динӣ вобаста ба ниёзҳои ҷомеа рушду такомул ёбанд ва мардум расму оинҳоро озодона риоя карда, ниёзҳои эътиқодии худро қонеъ созанд”[10, с.19].

Тамоюли дуруст баҳо додан ба масъалаи таъсири низоми дунявии давлатдорӣ ба дин дар миёни сокинони кишвар рӯ ба афзоиш қарор дорад. Тибқи натиҷаи пурсишҳои сотсиологии 2015, ки дар он 1584 нафар мавриди назарсанҷи қарор гирифтанд, 27,8% мусоҳибон муносибати давлати дунявии Тоҷикистонро ба дин мусбат ва хайрхоҳона, 39,6% - қаноатбахш ва 8,3% мусоҳибон мунсибати давлати дунявиро мутобиқ ба талаботу тақозои замони муосир ҳисобидаанд, ки он динамикаи аз ҷониби шаҳрвандон мусбат арзёбӣ гардидани муносибати давлати дунявӣ ба динро нишон медиҳад [2, с. 36-37]. Яке аз роҳҳои мусоидат ба таҳкими давлатдории миллӣ дар зеҳну шуури мардум ташаккул додани тафаккури давлатӣ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ифтихор аз давлатдории миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва мусоидат ба рушди илму маориф дар кишвар мебошад, ки бояд дар қалби ҳар сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз миллат, дину маҳзаб ва мавқеи сиёсиву иҷтимоии ӯ ҷой гирифта бошад.

Адабиёт

1. Абдулҳаев, К. Мавқеи дунявият: моҳият ва хусусиятҳои он[манбаи электронӣ]. URL: https://mit.tj/article (санаи истифодабарӣ: 29.09.2022)
2. Баротзода, Ф. Вазъи динӣ-сиёсӣ да Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2017. –128 с.
3. Абдухалилзода, К. Андешаҳо перомуни таносуби дин ва дунё [манбаи электронӣ]. URL: https://mit.tj/article (санаи истифодабарӣ: 30.09.2022).
4. Гараджа, В.И. Сотцология религии. Учеб пособие для студентов и аспирантов гуманитарных специальностей. – М.: ИНФРА, 2005. – 328 с.
5. Гидденс, Э. Ҷомеашиносӣ // бо забони форсӣ тарҷумаи Манучеҳри Сабурӣ. – Теҳрон, 1989. – 885 с.
6. Демидов Г.В. **Светскость и религия: трансформация понятия «религиозное образование» в современном мире** // Вестник РГГУ Серия «Философия. Социология. Искусствоведение». – **2016. – №4. – С. 43-60.**
7. Козырев Ф.Н. Религиозное образование в светской школе. Теория и международный опыт в отечественной перспективе: Монография. - СПб., 2005.
8. Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Мусъаб-1, 2019. – 297 с.
9. Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳрири д.и.ҳ., М. А. Маҳмудов. – Душанбе, 2009. – 780 с.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Дин ва ҷомеа. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 672 с.

ВЗАИМООТНОШЕНИЯ СВЕТСКОГО ГОСУДАСТВА И РЕЛИГИОЗНОГО СООБЩЕСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Мухаммадкодири Н.

В статье исследуются и обсуждаются понятие, природа и признаки светского государства. Также автор высказал свое мнение об отношении светского государства к религии в современном обществе Таджикистана

на основе научных источников, наблюдений и исследований. Из анализа многочисленных мнений социологов в этой области можно сделать вывод, что секуляризм не противоречит религиозным требованиям, а является прогрессивным путем развития общества как в теоретическом, так и в практическом плане. Другое дело мнению людей, считающих секуляризм чуждым в нашей общественной жизни, что секуляризм есть стремление к достижению благополучия и счастья на земле. Процесс дискуссии о феномене секуляризма и религии доказал, что секуляризм не имеет антирелигиозной природы, а является одним из факторов развития религии как культурного феномена.

Ключевые слова: *секуляризм, религия, светское государство, глобализация, религиозная идентичность, религиозное мировоззрение, религиозная социализация, религиозные организации, религиозные ценности, религиозные убеждения.*

THE RELATIONSHIP BETWEEN THE SECULAR STATE AND THE RELIGIOUS SOCIETY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Muhammadqodiri N.

The article explores and discusses the concept, nature and features of a secular state. The author based on scientific sources, observations and research expressedhis opinion on the relationship between the secular state and religion in the modern society of Tajikistan From the analysis of many opinions of sociologists in this area, we can conclude that secularism does not contradict religious requirements, but is a progressive way for the development of society, both in theoretical and practical terms. Another thing is the opinion of people who consider secularism to be alien to our social life, that secularism is the desire to achieve well-beingand happiness on earth. The process of discussion about the phenomenon of secularism and religion proved that secularism does not have an anti-religious nature, but is one of the factors in the development of religion as a cultural phenomenon.

Key words: *secularism, religion, secular state, globalization, religious identity, religious worldview, religious socialization, religious organizations, religious values, religious beliefs.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

МАСЪАЛАИ МОҲИЯТИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Исомадинова Ф. М. - унвонҷӯи кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Муаллиф дар мақолаи мазкур дар асоси такя ба маводи муътамад қайд мекунад, ки ба хотири ташкили ҷомеаи иттилоотӣ ва ворид шудани Тоҷикистон ба муҳити иттилоотӣ зарурат пеш омад, ки вазифаҳои зерин иҷро карда шаванд: ташкили механизми самаранок ва такмили идоракунии давлатии захираҳои иттилоотӣ; таъмини талаботи иттилотии ҷомеа ва афрод; ташкили заминаҳои иттилоотии рушди ҷамъиятии устувор ва босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба ақидаи муаллифи мақола амалигардонии ин тадбирҳо ба он мусоидат менамояд, ки ташкилоту муассисаҳо бо воситаҳои техникӣ таъмин карда шуда, системаи ягонаи автоматикунонидашуда қабул ва интиқоли маводро таъсис диҳанд. Иштироки бевоситаи шаҳрвандон, муассисаҳо ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба раванди ташаккул ва ташхиси қарорҳое, ки дар ҳама сатҳи идоракунии давлатӣ қабул карда мешаванд ва ҳамзамон амнияти иттилоотии кишвар таъмин карда шавад то он, ки аҳолии минтақаҳои гуногуни кишвар новобаста аз қаламрави зисти худ тавонанд маълумотро дастрас кунанд ва ё иттилои худро ба мақомоти дахлдор интиқол диҳанд.

***Калидвожаҳо**: консепсия, рушди сиёсӣ, амнияти иттилоотӣ, муҳити иттилоотӣ, бунёди ҷомеа, захираҳои моддӣ, технологияҳо, коммуникатсионӣ, ҳукумати электронӣ, робототехника.*

Вобаста ба рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 дар самти роҳандозӣ кардани сиёсати давлатии иттилоотӣ ҷиҳати таъмини амнияти иттилоот, танзим ва ҳифзи он консепсияи сиёсати давлатии иттилотӣ [2] таҳия ва қабул карда шуд. Дар доираи консепсияи мазкур ҳадаф вазифа ва объектҳои сиёсати иттилоотии давлатӣ, самт ва механизмҳои асосии амалӣ намудани онҳо ҷиҳати таъмини рушди сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккул ва баланд бардоштани ҷойгоҳи байналмилалии ҶТ муайян гардида, идоракунии тамоми соҳаҳоро тавассути технологияи иттилоотӣ ба роҳ монд. То бо ин васила манфиатҳои миллӣ ба эътибор гирифта шуда, амнияти иттилоотӣ таъмин гардад.

Тибқи муҳтавои консепсияи мазкур, ҳадафи сиёсати давлатии иттилоотӣ ин бунёди ҷомеаи иттилоотӣ ва воридшавии ҶТ ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар доираи ин консепсия зарурат пеш омад, ки барои мувофиқи талабот ва меъёрҳои байналмилалӣ ташаккул додани ҷомеаи иттилоотӣ самтҳои сиёсати давлатии иттилоотӣ ба таври зайл мушаххас карда шаванд: ташкил, рушд ва таъмини амнияти захираҳои давлатии иттилоотӣ; истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ ва дар идораи системаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ғайра; эҷод, дастгирӣ ва такмили нуфузи иттилоотии ҶТ бо роҳи истифодаи босамари технологияҳои иттилоотӣ; ҳифзи манфиатҳои иттилоотии давлат, таъмини амнияти иттилоотии давлат, дифоъ аз ҳамлаҳои иттилоотӣ, таҳдидҳо ва амалиёти дигар, бартарафсозии онҳо; воридшавӣ ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ.

Ҳамзамон, ба хотири ташкили ҷомеаи иттилоотӣ ва ворид шудани Тоҷикистон ба муҳити иттилоотӣ зарурат пеш омад, ки вазифаҳои зерин иҷро карда шаванд: ташкили механизми самаранок ва такмили идоракунии давлатии захираҳои иттилоотӣ; таъмини талаботи иттилотии ҷомеа ва афрод; ташкили заминаҳои иттилоотии рушди ҷамъиятии устувор ва босуботи ҶТ.

Ё худ назди ҷомеа баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои афзалиятноки сиёсати давлатии иттилоотии зерин гузошта шуд, ки бо

амалисозии чунин роҳҳо имконпазир буданд: иттилоотонии сохторҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, созмону муассиса ва корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликияташон; ташкил ва истифодаи самараноки захираҳои иттилоотии давлатӣ ва таъмини дастёбии васеъ ва озод ба онҳо, инчунин таъмини шаҳрвандон бо иттилооти дорои аҳамияти ҷамъиятидошта; рушди воситаҳои ахбори оммаи мустақили дорои тамоюли иҷтимоӣ; такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии бунёди ҷомеаи иттилоотӣ. Заминаи идоракунии иттилоотии давлат ва бунёди ҷомеаи кушодаро захираҳои иттилоотӣ, яъне маҷмӯи маълумоте, ки дар раванди рушд ва фаъолияти амалии одамон барои истифодаи гуногунчанбаи он дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва идоракунӣ андӯхта мешавад, ташкил менамояд. Захираҳои иттилоотӣ ҳамчун захираҳои моддӣ иқтидори иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбии давлатро муайян менамоянд. Захираҳои иттилоотӣ такрористеҳсолшаванда буда, метавонанд объектҳои воридоту содирот, рақобат, инчунин объектҳои тасарруфи сиёсӣ ва иқтисодӣ бошанд.

То таҳия ва қабули консепсияи мазкур вазъи иттилоотии кишвар ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ ҷавобгӯ набуд. Ин ҳолатро метавон бо чанд далел муайян намуд: номувофиқии сатҳи рушди инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионии кишвар ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ; ҷудо нагаштани маблағгузории буҷетии захираҳои иттилоотии мавҷуда ва бунёди захираҳои иттилоотии нав; вуҷуд надоштани саноати истеҳсоли воситаҳои техникӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ дар кишвар; набудани мутахассисони соҳавӣ ҷиҳати васли таҷҳизоти электронӣ, аз ҷумла комютерҳо, аз ҳисоби қисмҳои воридотӣ; дар сатҳи паст қарор доштани донишҳои техникӣ ва ташаккул наёфтани тафаккури техникии шаҳрвандон вобаста ба фазои технологии ҷомеаи иттилоотӣ; дар сатҳи зарурӣ муҷаҳҳаз гардонида нашудани идораҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ниҳодҳои гуногун, муассиса ва ташкилотҳои давлатӣ бо технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва ғайра.

Аз ин рӯ, дар он давра назди ҳукумати кишвар вазифа гузошта шуд, ки нисбати таҳияи барномаи компютеркунонии тамоми сохторҳо, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилотӣ тадбирҳо андешанд, компютерикунонии оммавиро, ки яке аз шартҳои зарурии рушди фазои иттилоотӣ мебошад вусъат бахшад. Бо ин роҳ дастёбии васеи мардумро ба захираҳои иттилоотӣ таъмин намуда, заминаи муошрати аҳолиро бо ҳокимият ба роҳ монад.

Аз ин давра баъд дар Тоҷикистон бозори технологияҳо, маҳсулот ва хизматрасонии иттилоотию коммуникатсионӣ тадриҷан ташаккул ёфта, шумораи компютерҳои шахсӣ ва муштариёни шабакаҳои озоди ҷаҳонӣ рӯ ба афзоиш ниҳод. Шабакаи миллии алоқа ва шабакаи моҳворавӣ босуръат вусъат ёфта, таъминоти аҳолӣ бо воситаҳои мобилии алоқа амалӣ гардид. Иттилоотонии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, бахши бонкӣ ва соҳаҳои иқтисодиёт, нақлиёт, алоқа, маориф, фарҳанг ва ғайра зина ба зина рушд мекард. Аммо бо вуҷуди ин муваффақиятҳо ҶТ ҳанӯз маблағҳои кофӣ ва имконияти истеҳсолӣ барои тавлид ва рушди мустақили инфрасохтори иттилоотию коммункатсионии миллиро дар ихтиёр надошта, бо ин технология ва маҳсулоти барномавии кишварҳои дигарро ҷалб менамуд. Чунин вазъ андешидани тадбирҳои таъҷилиеро тақозо кард, ки ба рушди афзалиятнок ва ҳифзи захираҳои иттилоотии кишвар дар шароити васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ равона карда шавад.

Умуман, таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки зарурати таҳияи «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3] ва «Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет» [3]-ро ҷиҳати вусъат бахшидани ҷомеаи иттилоотӣ дар кишвар, амалинамоии Стратегияи давлатии "Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» [4], «Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3], «Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [2], ва «Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [5],

ки таъминкунанда ва танзимгари фазои иттилоотии мамлакат мебошанд, пеш овард.

Чунки дар доираи татбиқи талаботи санадҳои мазкур ба таври зарурӣ низоми иттилоотии кишвар рушд накард, камбудиҳо дар самти муҷаҳҳаз кардани идораҳои мақомоти ҳокимияти давлатию маҳаллӣ, муассисаю ташкилотҳо бо воситаҳои технологияи иттилоотӣ бартараф нагаштанд, дониши техникии кормандон ҷиҳати истифодабарӣ аз ин воситаҳо барои қабул ва интиқоли иттилоъ такмил наёфтанд ва норасоии кадрҳои баландихтисоси маҳаллӣ барои рушд додани ҷомеаи иттилоотии кишвар монеа эҷод карданд. Ҳамаи ин мушкилот ва монеаҳои дигар боис гардиданд, ки консепсияи ҳукумати электронӣ ва қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет ба тасвиб расида, ин камбудиҳоро бартараф созанд. Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, сатҳу сифат ва дастрас будани хизматҳои иҷтимоие, ки ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо расонида мешаванд, мусоидат намояд. Қоидаҳо ва кам кардани муҳлатҳои расонидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ, инчунин кам кардани хароҷоти маъмурӣ, ки ба расонидани ин хизматрасониҳо вобастагӣ доранд, сода карда шавад. Сатҳи дастрасии аҳолӣ ба иттилоот таъмин гардида, системаи ягонаи табодули иттилоотӣ бо истифода аз захираҳои иттилоотии электронӣ ва пайвастшавии доимӣ ба система ва шабакаҳои маҳдуди баҳисобгирии алоқаи ҳамаи истифодабарандагон ташкил дода шавад. Ҳамзамон, ҳавасмандкунии иқтисодии истифода аз Интернет ва технологияҳои муосири технологӣ дастгирӣ ёбад.

Амалигардонии ин тадбирҳо ба он мусоидат менамуд, ки ташкилоту муассисаҳо бо воситаҳои техникӣ таъмин карда шуда, системаи ягонаи автоматикунонидашуда (портали ягона) - и қабул ва интиқоли маводро таъсис диҳанд. Иштироки бевоситаи шаҳрвандон, муассисаҳо ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба раванди ташаккул ва ташхиси қарорҳое, ки дар ҳама сатҳи идоракунии давлатӣ қабул карда мешаванд ва ҳамзамон амнияти иттилоотии кишвар таъмин карда шавад то он ки аҳолии минтақаҳои гуногуни кишвар новобаста аз қаламрави зисти худ тавонанд маълумотро дастрас кунанд ва ё иттилои худро ба мақомоти дахлдор интиқол диҳанд. Бояд зикр кард, ки дар Консепсияи мазкур зери мафҳуми ҳукумати электронӣ шакли нави ташкил намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби истифодаи васеи ТИК сатҳи нави фаврият ва муносиби аз ҷониби шаҳрвандон ва муассисаҳо дарёфт намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва иттилоот дар бораи натиҷаҳои фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъмин мекунад, фаҳмида мешавад. [3]

Натиҷаи амалӣ намудани Консепсия, беҳтар гардидани сифат ва кӯтоҳкунии муҳлатҳои пешниҳоди хизматрасониҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба шаҳрвандон ва муассисаҳо ба ҳисоб рафта, боиси таъмини дастрасӣ ба захираҳои иттилоотии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ шуда ва дар оянда бошад, бо дарназардошти такмилёбии системаи маъмурӣ - ба таъсиси дастгоҳи давлатии самаранок ва аз нигоҳи таркиб муносиб, оварда мерасонад. Ҳадаф аз таъсиси ҳукумати электронӣ он буд, ки давлат барои тақвият бахшидани ҷомеаи иттилоотӣ ва созгор кардани фазои иттилоотии кишвар бояд тамоми зинаҳои идоракуниро аз ҳамкориҳои мутақобилаи байниидоравӣ то ба ҳамкориҳои мутақобилаи байни давлат ва шаҳрвандон азнавсозӣ карда, инкишоф диҳад.

Ахлоқи муосири иттилотӣ ва компютерӣ мавзӯъҳои анъанавӣ, аз қабили ҷиноятҳои иттилоотӣ-компютерӣ, махфӣ ва пинҳон будани иттилоот, озодӣ, ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, масъулияти касбӣ ва амсоли онҳоро вобаста ба масъалаҳои нави ахлоқӣ баррасӣ менамояд. Рушди технология боиси пайдоиши мушкилоти нав дар соҳаҳои номбаршуда ва намудҳои комилан нави мушкилот мегардад. Навовариҳои технологӣ маъмулан масъалаҳои ахлоқиро на дар як, балки якчанд соҳаҳо матраҳ месозад. Инчунин имкон дорад, ки масъалаҳои ахлоқи иттилоотӣ-компютериро ба маънои анъанавии ин истилоҳ ба майдони баҳс кашид, зеро онҳо ба ҳамкории инсон

ва компютер, ба дастгоҳҳои иттилоотӣ-компютерӣ, робототехника ва ғайра иртибот доранд. Дар тӯли таърихи рушди Интернет мафҳумҳо ва истилоҳоти нави вобаста ба он арзи вуҷуд кардан гирифтанд, ки яке аз онҳо Интернети ашё (ба англ. – “Internet of Things” ва ба русӣ – “Интернет вещей”) мебошад (дар илми муосир шакли мухтасари онро бо ҳарфҳои IoT ишора мекунанд ва минбаъд мо низ ҳамин ихтисораро ба кор мебарем). Асосгузори Шӯрои аврупоии “Интернети ашё” Р. ван Краненбург дар ҳамроҳӣ бо А. Басси тасдиқ мекунанд, ки мушкилоти вобаста ба Интернети ашёро наметавон бо механизмҳои мавҷудаи сиёсат ва барномаҳои тадқиқотӣ ҳаллу фасл кард, зеро суръати кории онҳо хеле суст ва хусусияти абзорӣ доранд [10, 1-5]. Ба ҳамин монанд, Д. Попескул ва М. Георгеску масъалаҳои ахлоқии IoT -ро, ки ба ҳассосияти маълумот, иттилоот ва донишҳои интиқолшаванда иртибот доранд, таъкид мекунанд. Бо фаъолияти IoT истифодаи васеъ аз дастгоҳҳои сенсорӣ (ҳассосӣ) зич алоқаманд аст. Низомҳои электронии сенсорӣ (камераҳо, детекторҳои инфрасурхи ғайрифаъол ва ғайра) дар низомҳои амниятӣ ба таври васеътар маъмуланд, аммо онҳо муддати тӯлонӣ ба интернет ё шабакаҳои дигар пайваст нашуда буданд. Дар иртибот бо ин чунин ду навъи техникаи сенсориро ҷудо кардан мумкин аст: дастгоҳҳои сенсории устувор (статикӣ), ки дар ҷои муайян насб карда шудаанд ва дастгоҳҳои сенсории мобилӣ, ки дастгоҳҳои шахсӣ буда, бо соҳиби он фаъолият мекунанд. Дар баробари сенсорҳои анъанавӣ, намудҳои нави дастгоҳҳои сенсории шабакавӣ мавҷуданд, ки ҳатто дар утоқҳои истиқоматӣ низ насб карда шудаанд - масалан, Microsoft Kinect. Истифодаи васеи ин дастгоҳҳо саволҳои навро дар бораи дахолатнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ ба миён овардааст.

Ҳамчунин дар тӯли рушди Интернет шумораи афзояндаи дастгоҳҳои нави сенсории мобилӣ / интиқолшаванда ба вуҷуд омаданд, ки аксари онҳо ба интернет бо ин ё он тарз мустақиман ё тавассути телефони мобилии шабакавӣ ё компютери фардӣ пайваст мешаванд. Ин дастгоҳҳои сенсории интиқолшаванда маълумоти марбут ба саломатии инсон ва маълумоти биометрӣ (масалан, шумораи афзояндаи “дастпонаҳо-фитнес”) ё пайваста маълумоти аудиовизуалӣ ба монанди Google glass ё “экшн-камераҳо”-ро сабт мекунанд.

Бо сенсорҳои нав таҳҳизоти навтарин ва мушкилоти робототехника низ иртибот доранд. Яке аз масъалаҳои мубрами имрӯза технологияи пайдоиш ва рушди ҳавопаймоҳои бесарнишин мебошад. Таҳқиқоти зиёди ахлоқӣ ба масъалаи истифодаи дронҳо барои ҳадафҳои низомӣ бахшида шудаанд. Масалан, М. Коэкелберг таҳлил мекунад, ки ҷанги дронҳои бесарнишин на танҳо масофаи ҷисмонӣ, балки ахлоқиро ба вуҷуд меорад, ки он “нобуд кардани рақибро осон мекунад”. Истифодаи ҳавопаймоҳои бесарнишин барои ҳадафҳои ғайриҳарбӣ таҳти санҷиши мураккаби ахлоқӣ дучор намегардад. Дар ин раванд, ба андешаи муаллиф, дар истинод бар «Ахлоқи Никомаха”-и Арасту, байни ду шарти масъулият фарқ гузоштан мумкин аст: ба ақидаи Арасту шахс набояд ба иҷрои коре маҷбур карда шавад (шарти озодӣ / назорат) ва набояд дар бораи коре, ки иҷро мекунад, бехабар намонад, ба иброаи дигар, ӯ бояд донад, ки чӣ кореро анҷом медиҳад [1, 93]. М. Коэкелберг дар идомаи ин матлаб қайд мекунад, ки муҳокимаи шарти аввал дар нисбати бесарнишин (дрон) бо дар назардошти рушди бесарнишинҳои нисбатан мустақилпарвоз хеле ҷолиб аст, Шарти дуюм шарти мантиқии эпистемӣ буда, ҳолати аз ҷониби инсон идора шудани ҳавопайморо дар назар дорад [3, 88-89].

Интернет инчунин асъори пулии рамзпоя (криптовалюта)-и маҷозиро ба вуҷуд овард. Пайдоиши асъори маҷозие ба монанди биткоин низ масъалаҳои ахлоқии таҳқиқнашударо ба миён меорад ва ин масъала махсусан дар байни иқтисоддонҳои муосир таҳти баҳсҳои амиқ қарор гирифтааст. Иқтисоддони амрикоӣ П.Р. Кругман тамоми низоми пардохти арзии рамзпояро ба он муттаҳам мекунад, ки биткоин “шарр” аст [9, 12-14]. Иқтисоддонҳои дигари амрикоӣ Ҷ.Ҷ. Энгел ва Д. Маккаби шаклҳои пардохт – асъори коғазӣ, пластикӣ ва маҷозиро муқоиса карда, ба хулосае омадаанд, ки байни пардохткунанда ва қабулкунандаи ин асъор аксаран муносибатҳои ғайримутавозӣ вуҷуд доранд ва аз ин рӯ, адолатро дар ин шаклҳои пардохт зери шубҳа мегу-

зоранд. Ба ақидаи онҳо, механизмҳои пардохт аз ҷиҳати ахлоқӣ бетараф боқӣ мемонанд ва метавонанд ба таври ахлоқӣ ё ғайриахлоқӣ мавриди истифода қарор гиранд [6, 1-9]. Дар муқоиса бо ақоиди иқтисоддонҳо мутахассисони соҳаи коппютер ин масъалаҳоро аз диди худашон баррасӣ мекунанд. Масалан, олимони даниягии соҳаи компютер Ҷ.А. Бергстра ва К. де Леу дар таҳлили худ бо дарки моҳияти худи биткоин маҳдуд нашудаанд. Онҳо биткоинро ҳамчун пулҳои иттилоотии техникӣ (ПИТ) тасниф намуда, мафҳуми пулҳои иттилоотиро, ки коркард кардани онҳо имкон дорад, таҳқиқ мекунанд ва он пулҳои сирф иттилоотӣ (ПСИ) мебошанд. Онҳо як таҷрибаи фикриро пешниҳод мекунанд, ки ба битгюлдер (bitguilder), нусхаи маҷозии биткоин, ки ба ПИТ мувофиқат мекунад, баррасӣ менамоянд. Дар мақолаи онҳо инчунин таҳлили ахлоқи тиҷоратии биткоин, ки як қатор мушкилотро эҷод мекунад, оварда шудааст [7].

Адабиёт

1. Аристотель. Сочинения: В 4-х т. Т. 4. - М.: Мысль, 1983. С. 93
2. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008 № 451
3. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643.
4. Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344.
5. Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, № 1713.
6 . Angel, J. J., & McCabe, D. (2014). The Ethics of Payments: Paper, Plastic, or Bitcoin?. Journal of Business Ethics, 1-9
7. Bergstra, J. A., & de Leeuw, K. (2013). Bitcoin and Beyond: Exclusively Informational Monies. arxiv preprint arxiv:1304.4758. URL: http://arxiv.org/pdf/1304.4758v3.pdf. Рӯзи руҷуъ 23.03.2020
8. Coeckelbergh M. Drones, information technology, and distance: mapping the moral epistemology of remote fighting // Ethics Inf Technol (2013) 15: 88-89
9. Krugman, P. R. (2013). Bitcoin is evil. New York Times, December 28, 2013
10. van Kranenburg, R., & Bassi, A. (2012). IoT challenges. Communications in Mobile Computing, 1(1), 1-5

К ВОПРОСУ О СУЩНОСТИ ИНФОРМАЦИОННОГО ОБЩЕСТВА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Исомадинова Ф. М.

Автор данной статьи опираясь на достоверный материал отмечает, что для создания информационного общества и вхождения Таджикистана в информационное пространство необходимо было выполнить следующие задачи: создание эффективного механизма и совершенствование государственного управления информационными ресурсами; обеспечение информационных потребностей общества и личности; организация информационных баз устойчивого и стабильного социального развития Республики Таджикистан.

По мнению автора статьи, реализация этих мероприятий помогает организациям и учреждениям быть обеспеченными техническими средствами и наладить единую автоматизированную систему приема и передачи материалов. Непосредственное участие граждан, институтов и организаций гражданского общества в процессе формирования и экспертизы решений, принимаемых на всех уровнях государственного управления, и одновременно обеспечение информационной безопасности страны с тем, чтобы население различных регионов страны могло получать доступ к информации независимо от территории проживания или передавать информацию в соответствующие органы.

Ключевые слова: *концепция, политическое развитие, информационная безопасность, информационная среда, общественная основа, материальные ресурсы, технология, коммуникация, электронное правительство, робототехника.*

ON THE QUESTION OF THE ESSENCE OF THE INFORMATION SOCIETY IN MODERN CONDITIONS

Isomadinova F. M.

The author of this article relies on reliable materialnotes that in order to create an information society and Tajikistan's entry into the information space, it was necessary to complete the following tasks: creating an effective mechanism and improving the state management of information resources; ensuring the information needs of society and the individual; organization of information bases for sustainable and stable social development of the Republic of Tajikistan.

According to the author of the article, the implementation of these measures helps organizations and institutions to be provided with technical means and to establish a unified automated system for receiving and transmitting materials. Direct participation of citizens, institutions and organizations of civil society in the process of formation and examination of decisions taken at all levels of government, and at the same time ensuring the information security of the country so that the population of different regions of the country can access information regardless of the territory of residence or transfer your information to the relevant authorities.

Key words: *concept, political development, information security, information environment, public construction, material resources, technologies, communications, e-government, robotics.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ: МУНОСИБАТҲОИ НЕКИ ҲАМСОЯГӢ ВА ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ

Изатов У. – докторант (PhD)-и Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ

Муаллиф дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва геополитикии ҷаҳони муосир, тағйиротҳои сиёсиву иқтисодӣ бо суръат, боиси тағйиротҳои ҷиддӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мегарданд, ки, дар мақола баррасӣ мекунад. Воқеаҳои даҳсолаҳои охири асри XXI баёнгари он аст, ки рушди муносибатҳои байналмилалӣ дар давраи гузариш қарор дошта, низоми ҷаҳонии бисёрқутбӣ дар ҳоли рушду инкишоф мебошад. Муалиф дар мақола эътимоди мутақобилаи сиёсӣ заминаи муҳими муносибатҳои Тоҷикистон ва Хитой дар шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ муарифи намуда, ҷонибҳо дастгирии тарафайнро дар масоили монанди соҳибихтиёрии давлатӣ, амният ва тамомияти арзӣ идома медиҳанд ки муалиф дар таҳқиқоти худ нишон медиҳад. Муаллиф дар асоси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои Тоҷикистон ва Хитойро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии ду кишвар меҳисобад. Онҳо дар доираи консепсияи ҳамкорӣ ва пешрафти Тоҷикистону Хитой муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва шарикии стратегиро рӯз то рӯз равнақу ривоҷ медиҳанд.

Калидвожаҳо: *Ҷумҳурии Тоҷикитон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, шарикии стратегӣ, геополитика, геоиқтисод, 天下-Тянся, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамкорӣ, муносибатҳои дипломатӣ, Осиёи Марказӣ.*

Дар равандҳои геополитикии ҷаҳони муосир, тағйиротҳои амиқи сиёсиву иқтисодӣ суръат гирифта, боиси дигаргуниҳои ҷиддӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мегарданд. Воқеаҳои даҳсолаҳои охири асри XXI баёнгари он аст, ки рушди муносибатҳои байналмилалӣ дар давраи гузариш қарор дошта, низоми ҷаҳонии бисёрқутбӣ дар ҳоли рушду инкишоф мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон авзалиятҳои сиёсати хориҷии худро бо дарназардошти ҳадафҳо ва манфиатҳои миллӣ муайян ва амалӣ менамояд. Хусусиятҳои геополитикӣ ва геоиқтисодии таҳаввулоти ҷаҳони имрӯза тақозо менамоянд, ки ин афзалиятҳо пайваста мавриди бозбинӣ қарор дода шаванд. Онҳо бо дарназардошти сатҳ ва муҳтавои муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои алоҳида ё гурӯҳи давлатҳо, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, инчунин бино ба ниёзҳои манфиатҳои милливу давлатӣ метавонанд ва тағйир пазиранд.[4] Раванди ташакулёбии босуръати геоиқтисодии замони муосир ва тамоюлҳои инкишофи иқтисодиёти ҷаҳонӣ сабаби аҳамияти беш аз пеш пайдо кардани пешравии иқтисодӣ ва пайваста афзудани нақши унсури иқтисодии масъалаҳои умдаи сиёсати байналмилалӣ гардиданд. Аз ин сабаб истифодаи муассир ва самараноки усулу василаҳои дипломатияи иқтисодӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегии миллию давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон аст.

Дар ин замина, дар пасманзари вазъияти мураккаби байналмилалӣ, чолишҳо ва таҳдидҳои доимо тағйирёбанда дар ҷаҳон ва минтақаи Осиёи Марказӣ аҳамияти муносибатҳои Тоҷикистону Хитой объективона меафзояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой ҳамсоягони хуб ва шарикони наздиканд, ки ҳамдигарро дастгирӣ мекунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушд ва пешрафти ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Халқии Хитой аҳамияти калон медиҳад.

Натиҷаҳои таъсирбахши ислоҳоти иқтисодӣ дар Хитой, дар нимаи дуюми садаи XX, моро водор сохт, ки дар бораи ин кишвар ҳамчун як нерӯи ҷиддии иқтисодӣ ва сиёсӣ ҳарф занем. Ин пас аз Русия ва Канада сеюмин кишвари калонтарини Осиёӣ аст ва бо ҳамсоягонаш робитаи зич дорад.

Ислоҳот рушди иқтисодиёти Хитойро хеле суръат бахшид. Суръати афзоиши он баландтарин ба ҳисоб меравад ва ба ҳисоби миёна 10% дар як сол. Дар тӯли 30 соли охир ММД ҳашт баробар афзоиш ёфт, Хитой дар соҳаи истеҳсоли ғалладона, гӯшт, тухм, пахта, матоъҳои пахтагӣ, телевизорҳо, истихроҷи ангишт ва ғайра дар ҷаҳон ба ҷои аввал баромад. Рушди муносибатҳо бо Хитой афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон аст ва Душанбе ин кишвари дӯстро ҳамчун шарики боэътимоди стратегӣ дар арсаи байналмилалӣ мешуморад. Ҳамкории Тоҷикистону Хитой бо динамикаи баланди тамосҳо дар сатҳи олӣ ва заминаи таъсирбахши ҳуқуқӣ тавсиф карда мешавад.

Муносибатҳои дипломатии байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози соли 1992 бо имзои изҳороти дахлдори дуҷониба 4 январи соли 1992 таъсис ёфтанд. Мувофиқи муқаррароти изҳорот, ҳарду давлат ваъда доданд, ки муносибатҳои худро дар асоси дӯстӣ, эҳтироми тарафайн ба соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзӣ, истисно кардани таҷовуз, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, баробарӣ, манфиати тарафайн ва ҳамзистии осоишта. Душанбеи расмӣ ҳукумати ҶХХро ҳамчун мақомоти ягонаи қонунӣ дар қаламрави Хитой ва Тайванро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи Ҷумҳурии Халқии Хитой эътироф кард.[1]

Асоси ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба зиёда аз 200 қарордод ва созишномаҳоро дар соҳаҳои гуногун дарбар мегирад. Аз ҷумла, Эъломияи муштарак дар бораи принсипҳои асосии муносибатҳои ҶТ ва ҶХХ (Пекин, 9 марти 1993).[13. С.272] Соли 1999 байни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой созишнома оид ба нақлиёти овтомобили ба имзо расид. Яке аз созишномаҳои асосии соҳаи амниятро метавон созишномае номид, ки 24 апрели соли 1997 дар Маскав сарони Тоҷикистон, Хитой, Русия, Қирғизистон ва Қазоқистон дар бораи коҳиши мутақобилаи нерӯҳои мусаллаҳ дар минтақаҳои наздимарзӣ ба имзо расиданд. Пойгоҳи ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистону Хитой идома ва такмил меёбад. Танҳо дар соли 2008 байни ду кишвар 17 санади байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расид. То моҳи январи соли 2009 шумораи умумии ҳуҷҷатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой ба 118 адад расидааст.[10] Аҳдномаи ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкорӣ, ки 15 январи соли 2007 дар Пекин ба имзо расидааст.

Моҳи ноябри соли 2010, ду кишвар имзо гузоштанд як эъломияи муштарак, ки мувофиқи он ҶХХ ва Тоҷикистон муносиботро дар соҳаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, инчунин дар самти амният, аз ҷумла дар мубориза бо терроризм, экстремизм ва сепаратизм амиқтар мекунанд.[15] Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҳамтои чинии худ дар моҳи июни соли 2011 гуфт, ки Тоҷикистон ба густариши робитаҳои дӯстона бо Хитой манфиатдор аст ва таъкид кард, ки кишвараш ҳамеша муносибатҳо бо 天下-Тянся (Хитой) яке аз афзалияти сиёсати хориҷӣ худ медонад.[15] Эъломияи муштараки сарони давлатҳои ҶТ ва ҶХХ дар бораи барқарор намудани муносибатҳои шарикии стратегӣ (Пекин, 20 майи соли 2013), инчунин Эъломияи муштараки Хитойю Тоҷикистон дар бораи барқарор намудани муносибатҳои ҳамаҷонибаи шарикии стратегӣ (Пекин, августи 2017).[13. С.272]

Тибқи иттилои Сарраёсати гумруки ҶХХ, ҳаҷми умумии мубодилоти тиҷории байни Хитой ва Тоҷикистон дар соли 1992 $2,75 млн, ташкил додааст, ки аз он ҳиссаи содироти Хитой $1,95 млн., ва воридот $0,28 млн-ро ташкил медиҳад. савдои байни ду кишвар якбора афзуда, $12,36 млн. ташкил дод (содироти Хитой - $6,48 млн., воридот - $5,88 млн). Дар соли 1994 ҳаҷми мубодилоти мол беш аз 74% коҳиш ёфта, $3,18 млн-ро ташкил дод. Дар соли 1995 гардиши савдо байни ду кишвар $23,8 млн. ташкил дод, ки ин 651% ба қайд гирифта шудааст. Содироти Хитой $14,6 млн ва воридот - $9,2 млн. Дар соли 1996 ҳаҷми мубодилоти мол боз ҳам коҳиш ёфта ба $11,7 млн расид. 1997 сол ҳаҷми савдои тарафайн аллакай афзоиш ёфта $20,23 млн-ро ташкил дод. 1999 ҳаҷми мубодилоти мол $8 млн ташкил дод, дар соли 2001 ҳаҷми савдои дуҷониба $10.76 млн. [9] Дар охири соли 2008 мубодилаи мол байни ду кишвар аз марзи $1,25 миллиард гузашт ва Хитой бо қатъият ба се шарики савдо ва сармоягузорони асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуд.[14. С.11] Дар ҳамин ҳол, тақрибан тамоми мубодилаи мол миёни Тоҷикис-

тон ва Хитой ба ноҳияи мухтори Шинҷон-Уйғур рост меояд. Дар солҳои охир хиссаи муомилоти мол ҶАШУ бо Тоҷикистон 72% ҳаҷми умумии муомилоти моли байни Чин ва Тоҷикистонро ташкил медиҳад.[6.] Дар соли 2010 мубодилаи мол байни ду кишвар $685,2 млн-ро ташкил дод, ки қариб 17,8% ҳаҷми умумии савдои хориҷии Тоҷикистонро ташкил дод.[13. С.272] Дар соли 2010, Хитой пас аз Русия дуввумин шарики тиҷории Тоҷикистон шуд. Ҳаҷми гардиши савдои Тоҷикистону Хитой дар соли 2011 беш аз $660 млн ташкил дод ва 天下 -Тянся (Хитой) дубора ҷои дуюмро ишғол намуда, боз ба Русия ҷои якум дода шуд. [12.с.147-149.] Чунин вазъ дар соли 2012 низ мушоҳида шуда буд. 天下 -Тянся (Хитой) дубора шарики асосии тиҷорати хориҷии Тоҷикистон шуд, баъд аз Русия. Ҳаҷми табодули мол миёни ду кишвар тақрибан $670 млн-ро ташкил додааст. [11.С. 225,226.] Дар соли 2014 гардиши савдои хориҷӣ байни ду кишвар $770 млн ташкил дод ва ҶХХ мақоми худро ҳамчун дуввумин шарики тиҷории Тоҷикистон пас аз Русия нигоҳ дошт. [12]

Ғайр аз ин, имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ зиёда аз 2/3 қарзи Хитойро соҳиб аст. [7] Аз ҳаҷми умумии қарзҳое, ки Хитой ба кишварҳои узви СҲШ медиҳад, ба маблағи $900 миллион доллар, ки $634 млн [2] ё беш аз 70% гирифтааст, ба даст овард. Империяи осмонӣ айни замон бузургтарин қарздиҳандаи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Маблағи умумии қарзи хориҷии Тоҷикистон дар аввали моҳи январи соли 2012 ба беш аз $2 миллиарду $124 млн расид, ки $878,47 млн он ба Бонки содиротии кредитии Хитой рост меояд.[3]

Дар моҳи июни соли 2013 лоиҳаи интиқоли технологияҳои муосир аз ҷониби ширкати чинии Shondong Tonga Textile Machinery Limited ба фабрикаи ресандагии Ресандаи Қӯрғонтеппа ба маблағи умумии $4,5 млн амалӣ карда шуд.

Моҳи майи соли 2013 дар ноҳияи Ваҳдат як корхонаи муштараки коркарди чарм ва пашм, Тоҷик-Хуа-Ши Тай таъсис дода шуд. Ҷониби Хитой барои муҷаҳҳазгардонии ин корхона ба маблағи умумии $60 ҳазор маблағ ҷудо кардааст. Ин корхонаи муштарак танҳо дар 10 моҳи соли 2014 ба Чин ба маблағи умумии $989 ҳазор ашёи хоми чармӣ ва пашмин содир кардааст.

Моҳи сентябри соли 2013 дар ноҳияи Шаҳритус як корхонаи муштараки ҶДММ “Дюк” барои парвариши кирмак ва коркарди абрешим таъсис дода шуд. Ин корхона дар заминаи технологияҳои муосири ҶХХ тавассути кумаки ройгон ба маблағи умумии $290 ҳазор кор мекунад. Ҳарду кишвар дар соҳаи фарҳангӣ ва маориф дар марҳилаи кунунӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунанд. Масалан, шумораи донишҷӯёни тоҷик, ки дар 天下-Тянся (Хитой) таҳсил мекунанд, сол аз сол меафзояд. Тибқи баъзе маълумот, агар дар соли 2009 дар 95 донишгоҳи Хитой 539 донишҷӯ аз Тоҷикистон таҳсил мекарданд, пас дар соли хониши 2010/2011 - 923 нафар дар 111 донишгоҳ ва пас аз қабули Хитой дар соли 1994 донишҷӯёни тоҷик қариб афзудаанд 250 маротиба. [5] Тибқи маълумоти дигар, то охири соли 2011 шумораи донишҷӯёни тоҷик, ки дар Хитой аз ҳисоби давлат таҳсил мекунанд, аз 400 нафар, аз ҳисоби худи онҳо - тақрибан 1000 нафар буд. Воқеаи муҳим дар рушди муносибатҳои дуҷониба дар соҳаи маориф кушодашавии Донишкадаи Конфутсий дар соли 2008 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ва дар Донишгоҳи омӯзгории Шинҷон - Маркази омӯзиши мероси Рӯдакӣ мебошад. Воқеан, дар Донишгоҳи омӯзгории Шинҷон 168 нафар донишҷӯён ва аспирантҳои тоҷик таҳсил мекунанд ва танҳо дар солҳои 2009-2011 шумораи донишҷӯёни Тоҷикистон дар ин донишгоҳ чор маротиба афзудааст.[6] Ба гуфтаи сафири Ҷумҳурии Халқии Хитой, дар ҳоли ҳозир Донишкадаи Конфутсий дар Тоҷикистон 7 маркази таълими забони чиниро таъсис додааст.[2] Табиист, ки амиқтар шудани муносибатҳои ду кишвар дар соҳаи илм ва маориф мусбат аст ба муносибатҳои Тоҷикистон ва Хитой таъсир мерасонад.

Бояд қайд кард, ки Тоҷикистон номзадии ҶХХ-ро дар ташкилотҳои байналмилалӣ дастгирӣ кард ва ба баъзеи онҳоро пешниҳод намудааст:

1. Шӯрои ҳуқуқи инсон дар давраи солҳои 2017-2019 (UNHCR, 2016);

2. Кумитаи барҳам додани табъиз нисбати занон дар давраи солҳои 2017-2020 (CEDAW, 2016);

3. Мақоми Роҳбарикунанда ва Шӯрои Амалиёти Почта (UPU, 2016);

4. Созмони Байналмилалии Авиатсияи граждани барои давраи солҳои 2016-2019 (ICAO, 2016);

5. Комиссияи байналмилалии ҳуқуқ барои давраи солҳои 2017-2021 (ILC, 2016);

6. Кумитаи пешгирии шиканҷа дар давраи солҳои 2018-2021 (CAT, 2017);

7. Кумитаи иҷроияи ЮНЕСКО дар давраи солҳои 2017-2021 (UNESCO, 2017);

8. Кумитаи СММ оид ба ташкилотҳои ғайриҳукумати (интихобот моҳи апрели соли 2018 дар Ню-Йорк баргузор шуда буд).

Дар доираи СҲШ, мо омодаем, ки бо Ҷумҳурии Халқии Хитой ва дигар давлатҳои СҲШ ба манфиати ноил шудан ба ҳадафҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои оинномавии ташкилот муайян шудаанд, ҳамкорӣ кунем. Бояд қайд кард, ки кишвари мо ба Вазорати корҳои хориҷии як кишвари дӯст муроҷиат намуда, изҳори нияти роҳбарии Конфронси ҳамкорӣ ва тадбирҳои эътимод дар Осиёро (CICA) дар давраи солҳои 2018-2020 кардааст [14].

Дар маҷмӯъ, бояд тазаккур дод, ки эътимоди мутақобилаи сиёсӣ заминаи муҳими муносибатҳои Тоҷикистон ва Хитой дар шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ мебошад. Ҷонибҳо дастгирии тарафайнро дар масоили монанди соҳибихтиёрии давлатӣ, амният ва тамомияти арзӣ идома медиҳанд. Тоҷикистон ва Хитой муносибатҳои дуҷонибаро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии ду кишвар меҳисобанд. Онҳо дар доираи консепсияи ҳамкорӣ ва пешрафти Тоҷикистон ва Хитой муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва шарикии стратегиро рӯз то рӯз равнақу ривоҷ медиҳанд.

Адабиёт

1. Бабаян Д.К. Политика Китая в Центральной Азии, на Кавказе и в северном Прикаспии в конце XX – начале XXI вв. дисс. д.п.н. - М. -2016. с.135.
2. Двадцатилетие добрососедства и дружбы // Бизнес и политика [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://gazeta-bip.net/society/3596-dvadcatiletie-dobrososedstva-i-druzhby (дата обращения: 04.02.2019).
3. Китай намерен наращивать экономическое сотрудничество с Таджикистаном // Avesta.tj. Режим доступа: http://www.avesta.tj/business/11360-kitay-nameren-naraschivat-ekonomicheskoesotrudnichestvo-s-tadzhikistanom.html (дата обращения: 01.03.2019).
4. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Электронный ресурс]. https://mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston. (дата обращения: 25.10.2020)
5. Отмечается повышенный интерес таджикской молодежи получить образование в Китае.
6. Отношения между Китаем и Таджикистаном выросли из саженца в большое дерево // China.org [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://russian.china.org.cn/exclusive/txt/2012-01/04/content_24321646_5.htm (дата обращения: 04.01.2012).
7. Парамонов В., Строков А., Столповский О. Экономическое присутствие Китая в Таджикистане. Часть 2 // Центральная Евразия [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://ceasia.ru/ekonomika/ekonomicheskoe-prisutstvie-kitaya-v-tadzhikistane.-chast-2.html (дата обращения: 18.08.2010).
8. Подробнее о товарообороте между двумя странами за 2010 год см., в частности, Таджикистан в цифрах. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2011. - С.127, 129, 130, 131.
9. Подробнее о товарообороте между Таджикистаном и КНР за 1992-2001 гг. см., напр.: China and Tajikistan // Ministry of Foreign Affairs of the People's Republic of China. Op. cit.
10. Посол Таджикистана в Китае об итогах таджикско-китайского сотрудничества в 2008 году // Международное радио Китая [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://russian.cri.cn/841/2009/01/24/1s274971.htm. (дата обращения: 24.02.2019).
11. Социально-экономическое положение Республики Таджикистан за январь-декабрь 2012 года // Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе. - 2013. - С. 225, 226.
12. Социально-экономическое положение Республики Таджикистан за январь – декабрь 2014 года // Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе. - 2015. - С. 242.

13. Таджикистан в цифрах 2012. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе, 2012. - С. 147-149.
14. Таджикистан и Китай: от исторической дружбы к стратегическому партнерству. Под общей редакцией: Академика Академии наук Республики Таджикистан Назарова Талбак Назаровича. Руководители редакционной коллегии: Кодирзода Диловар Бахриддин, Ван Фушэн, Чэнь Фужун., Душанбе . Эр-граф. 2019. С.272.
15. Blank S. Revising the Border: China's Inroads into Tajikistan // The Jamestown Foundation. China Brief. Volume 11. - Issue 14. - July 29. - 2011. - P.11.
16. China, Tajikistan sign joint communique to promote ties, cooperation. // Xinhua [Electronic resource]. Available at: http:// news.xinhuanet.com/english2010/china/2010-11/26/c_13622716.htm (Mode of access: 25.11.2010).

РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН И КИТАЙСКАЯ НАРОДНАЯ РЕСПУБЛИКА: ДОБРОСОСЕДСКИЕ ОТНОШЕНИЯ И СТРАТЕГИЧЕСКОЕ ПАРТНЕРСТВО

Изатов У.

В системе международных и геополитических отношений современного мира политические и экономические изменения стремительно приводят к серьезным изменениям в системе международных отношений, которые автор рассматривает в статье. События последних десятилетий XXI века показывают, что развитие международных отношений находится в переходном периоде, развивается многополярная мироси стема. В статье автор представляет политическое взаимодоверие как важную основу отношений между Таджикистаном и Китаем в рамках всестороннего стратегического партнерства, и стороны продолжают поддерживать друг друга в таких вопросах, как государственный суверенитет, безопасность и территориальная целостность, как показывает автор в его исследования. Опираясь на внешнюю политику Республика Таджикистан, автор считает отношения между Таджикистаном и Китаем одним из приоритетных направлений внешней политики двух стран. В рамках концепции сотрудничества и развития Таджикистан и Китай изо дня в день развивают отношения добрососедства и стратегического партнерства.

***Ключевые слова**: Республика Таджикистан, Китайская Народная Республика, добрососедские отношения, стратегическое партнерство, геополитика, геоэкономика, 天下-Тяньсь, международные отношения, сотрудничество, дипломатические отношения, Центральная Азия.*

REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA: NEIGHBORHOOD RELATIONS AND STRATEGIC PARTNERSHIP

Izatov U.

In the system of international and geopolitical relations of the modern world, political and economic changes are rapidly leading to serious changes in the system of international relations, which the author considers in the article. The events of the last decades of the 21st century show that the development of international relations is in a transitional period, a multipolar world system is developing. In the article, the author presents political mutual trust as an important basis for relations between Tajikistan and China within the framework of a comprehensive strategic partnership, and the parties continue to support each other on issues such as state sovereignty, security and territorial integrity, as the author shows in his research. Based on the foreign policy of the Republic of Tajikistan, the author considers relations between Tajikistan and China to be one of the priorities in the foreign policy of the two countries. Within the framework of the concept of cooperation and development, Tajikistan and China are developing relations of good neighborliness and strategic partnership every day.

***Key words:** Republic of Tajikistan, People's Republic of China, good neighborly relations, strategic partnership, geopolitics, geoeconomy, 天下-Tianxia, international relations, cooperation, diplomatic relations, Central Asia.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

МУБОРИЗАҲОИ ГЕОПОЛТИКӢ ДАР ФАЗОИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ

Расулов Қ. С. - унвончӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ (E-mail: kurbon66@mail.ru)

Дар мақолаи мазкур мафҳум ва моҳияти амнияти иттилоотӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф таъмини амнияти иттилоотиро дар шароити муосир таҳлил намуда, паёмадҳои онро нишон медиҳад. Махсусан, таҳдидҳои иттилоотии равандҳои ҷаҳонишавиро ба амнияти миллӣ қайд намудааст. Иттилоот ҳамчун омиле баррасӣ мегардад, ки баҳри ҳифзи мавқеи геополитикии кишварҳо мусоидат менамояд. Хусусан, падидаҳои экстремизм ва терроризми иттилоотӣ, инқилобҳои ранга объекти таҳлили мақолаи мазкур мебошанд.

Калидвожаҳо: *муборизаи геополитикӣ, амнияти иттилоотӣ, экстремизм, терроризм, кибертерроризм, глобализатсия, таҳдидҳо, инқилобҳои ранга*

Мавриди қайд аст, ки аз оғози асри нав зуҳури терроризми байналмилалӣ, дар заминаи рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба амал баровардани тарғибу ташвиқи ақидаҳои тундгароӣ ва ифротгароии динию сиёсӣ, ба вуҷудоии инқилобҳои ранга ва табадуллоти давлатӣ, ҷангҳои шаҳрвандӣ ва низоъҳои мусаллаҳона омилҳое мебошанд, ки суботи кишварҳои тозаистиқлолро халалдор намуда, дар самти ташаккули давлатдории миллии онҳо ба таври ҷиддӣ монеа эҷод менамоянд.

Пешвои миллат дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки «хоинони миллат ва хоҷаҳои хориҷии онҳо то ҳанӯз аз нақшаҳои нопоку ғаразноки худ, ки ибтидои солҳои 90-ум доштанд, даст накашидаанд. Онҳо то ба ҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роҳу воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ҷомеаи моро ноором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд» [10]. Тавре маълум аст, ташкилотҳои террористию экстремистии «Ҳизби наҳзати исломӣ», «Гурӯҳи 24» ва «Паймони миллии Тоҷикистон» ҳамарӯза тариқи шабакаи интернет дар муқобили давлату ҳукумат ҳуҷумҳои иттилоотӣ анҷом дода, кӯшиши ташкил намудани инқилоб ва ё табаддулоти давлатиро карда истодаанд.

Онҳо, аз технологияи назарфиребӣ истифода намуда, бо паҳн намудани хабарҳои бардурӯғ ва иғвоангез мехоҳанд шаҳрвандони кишварро дар муқобили сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат сафарбар намоянд. Чунин ҳолат, таҳдид ба суботи сиёсӣ, вайрон намудани сохтори конститутсионии давлат, аз байн бурдани оромии ҷомеа ва зери хавфу хатар қарор додани манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад [7].

Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки барои паст намудани таъсири манфии иттилоотии шабакаи интернет ба ҳалли як қатор масъалаҳо таваҷҷуҳи зарурӣ додан лозим аст. Пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳу сифати иттилоотонии аҳолӣ, огоҳ намудани онҳо аз таҳдиду хатарҳои замони муосир, назарфиребӣ ва мағзшӯӣ нагардидани онҳо аз ҷониби террористону экстремистон, баланд бардоштани маърифати сиёсию ҳуқуқии шаҳрвандон, огоҳӣ аз арзишҳои динӣ ва ғайра масъалаҳое мебошанд, ки метавонад барои коҳиш додани таъсири чунин падидаҳои манфии ақидатӣ дар ҷомеа мусоидат намоянд.

Зеро таҷрибаи рӯзгори сиёсии кишварҳои мусулмоннишин нишон медиҳад, ки агар дар ҷомеа ихтилофи шадиди ақидатӣ сар занад ва ҷаҳонбиниҳо ба манфиати сохти давлатдории миллӣ ҳаллу фасл нашаванд, ин раванд оқибат бо низои мусаллаҳонаву хунбор анҷом меёбад [8].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муборизаҳои геополитикӣ на танҳо дар соҳаи ҳарбӣ мавҷуданд, балки дар фазои сиёсӣ, дипломатӣ, иттилоотӣ, психологӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва ғайра низ ба назар мерасанд, ки онҳо чи дар шароити ҷангӣ ва чи дар шароити осоиштагӣ ба амал бароварда

мешаванд. Дар раванди амалишавии муборизаи геополитикӣ муайян намудани самаранокии воситаҳои истифодашуда аз рӯйи амалишавии мақсади геополитикӣ баҳогузорӣ мегардад. Яъне, заиф гардонидани давлат, халалдор намудани суботи сиёсӣ, ноустувор намудани системаи сиёсӣ, тағйир додани режими сиёсӣ, барҳам додани давлату давлатдорӣ ва ғайра метавонанд бе ёрии қувваҳои ҳарбӣ ва бо истифода аз воситаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва маънавӣ амалӣ карда шаванд [5, с.146].

Бо туфайли технологияҳои муосир бисёр гурӯҳҳои террористию экстремистии ҷаҳон мавқеи худро рӯз то рӯз дар арсаи байналмилалӣ муайян намуда истодаанд. Онҳо ба воситаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, махсусан, истифодаи шабакаҳои интернет корҳоеро ба анҷом мерасонанд, ки таъсирашон ба сиёсати дохилию хориҷии кишварҳо мерасад. Дар бисёр мавридҳо мушоҳида намудан мумкин аст, ки чунин равандҳо аз ҷониби як қатор давлатҳои манфиатдор барои амалӣ намудани ҳадафҳои геостратегии худ ва мустаҳкам кардани мавқеи геополитикии онҳо моҳирона истифода бурда шудаанд. Ба андешаи муҳаққиқон ҷангҳои иттилоотӣ ҷойгузини ҷангҳои классикӣ мебошанд ва бо мақсадҳои зерин ба амал бароварда мешаванд:

- паст намудани имиҷи байналмилалии давлат ва вайрон намудани муносибати он бо давлатҳои дигар;
- мушкилӣ эҷод намудан дар раванди қабули қарорҳои ҳаётан муҳими сиёсӣ;
- ташкил намудани фазои ноором ва ноустувор гардонидани ҷомеа;
- бадном намудани мақомоти ҳокимияти давлатӣ;
- дар байни оммаи мардум ташкил намудани эътирози иқтисодӣ (корпартоӣ, коршиканӣ);
- вайрон намудани фаъолияти муназзами низоми идоракунии қувваҳои мусаллаҳ, объектҳои ҳарбӣ ва дорои аҳамияти стратегӣ;
- паст намудани сатҳи маърифатнокии ҷомеа ва дар муқобили фарҳанги худӣ равона намудани онҳо [4, с.39].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз масъалаҳои муҳимтарини соҳаи амнияти иттилоотӣ ин роҳандозӣ гардидани ҷангҳои иттилоотию психологӣ мебошад. Таъсири таҳдидҳои мазкур ба он хотир хатарнок арзёбӣ мегарданд, ки маҳз онҳо боиси ба амал омадани шиддати иҷтимоию психологӣ, бедор гардидани ҳиссиёти манфии одамон, вайрон гардидани меъёрҳои ахлоқ, тағйир ёфтани рафтори сиёсию ахлоқии шаҳрвандон ва дар ниҳояти кор, боиси ба амал омадани рафторҳои номувофиқ ва ношоистаи онҳо мегардад. Дар зери таъсири таҳдидҳои мазкур шуури фардӣ, гурӯҳӣ ва оммавӣ ба таври ҷиддӣ тағйир ёфта, ба муҳити иҷтимоию психологӣ ва сиёсию ахлоқии ҷомеа таъсири манфӣ расонида мешавад.

Вобаста ба ин сиёсатшиноси ватанӣ, профессор Ятимов С.С. менависад, ки: “Дар хотир бояд гирифт, ки омили психологияи ҷамъиятӣ, тавъам бо шуури рӯзмарра – сатҳ, сифат, мундариҷа ва майлони он дар муносибат бо манфиатҳои миллӣ, аз мавзӯъҳое мебошанд, ки мадди назари доимии мухолифони давлатдории миллии мо ҳастанд. Кӯшишҳои сӯиистифода аз нуқтаҳои заъфи он тавассути душманони давлатдории миллӣ ба тарзи доимӣ мадди назар гирифта мешавад. Ин падидаро дар муқобили ҳар зуҳурот ва ташаббусе, ки метавонад ба рушди миллӣ, сулҳу субот дар ҷомеа созгор бошад, мушоҳида кардан мумкин аст”[9]. Чунин ҳуҷумҳои иттилоотию психологиро чӣ дар рафтори давлатҳои алоҳида ва чӣ дар амалу гуфтори ташкилотҳои террористию экстремистӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Воқеан, масоили амнияти иттилоотӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавию бархӯрди тамаддунҳо аз мубрамтарин паҳлӯҳои амнияти миллии кишварҳо гардидааст. Бояд гуфт, ки муҳаққиқони илмҳои сиёсӣ амниятро дар аксар маврид ҳолати ҳимоятшавандагӣ аз таҳдиду хатарҳо муаррифӣ менамоянд. Дар муносибат бо амнияти иттилоотӣ низ чунин шарҳу тавзеҳ истифода мегардад.

Дар Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон «амнияти иттилоотии ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иттилоот» муаррифӣ мегардад[2].

Тазаккур бояд дод, ки зиёд шудани шумораи истифодабарандагони он ба ташкилотҳои террористӣ имкон медиҳад, ки дар фазои иттилоотӣ ақидаҳои худро ба таври осон тарғибу ташвиқ намоянд ва ба сафҳои худ одамони навро ҷалб созанд. Инчунин,

дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотию компютерӣ анҷом додани зӯроварии сиёсӣ низ имконпазир гардидааст, ки чунин падидаро кибертерроризм номидан мумкин аст. Айни замон кибертерроризм ба давлатҳое бештар таҳдид менамояд, ки системаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои компютериро дар сатҳи баланд истифода менамоянд. Аммо масъалаи паҳн намудани ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ тариқи шабакаи интернет ба ҳамаи кишварҳои олам метавонад таҳдид намояд.

Ба андешаи Г.Вейман террористон шабакаи интернетро бо мақсадҳои зерин истифода менамоянд:

- анҷом додани ҷангҳои психологӣ;
- ҷустуҷӯ и иттилооти нав ва зарурӣ;
- ба омӯзиш фарогири террористон;
- ҷамъоварии маблағ;
- тарғибу ташвиқи ғояҳои террористию экстремистӣ;
- мағзшӯӣ намудани одамон;
- ташкили шабакаҳои террористӣ;
- банақшагирӣ ва ташкил намудани амалҳои террористӣ [7].

Махсусан, “инқилобҳои ранга” дар фазои геополитикӣ яке аз нишонаҳои вусъатёбии иттилоот дар шароити муосир мебошад. Сабабҳо ва омилҳои ба вуҷудоварандаи инқилобҳои ранга дар кишварҳои гуногун аз ҳам фарқкунанда мебошанд, вале роҳҳо ва василаҳои татбиқи онҳо ба ҳамдигар хело монанд мебошанд. Масалан, дар Гурҷистон баъди даврааи дурударози идоракунии Э.Шеварднадзе, дар Қирғизистон идоракунии А.Акаев ки ҳарду ҳам кадрҳои тарбиянамудаи даврааи Шӯравӣ буданд, новобаста ба татбиқи ислоҳотҳои гуногун як қатор мушкилиҳои иқтисодию иҷтимоӣ боқӣ монда буданд, ки боиси таҳрик додани неруҳои дохилӣ ба сарнагун сохтани қудрат, ташаккули рӯҳияи эътирозӣ дар ҷомеа ва ташкили норозигии дохилӣ гаштанд[1]. Аз ин ҷо, хулоса баровардан мумкин аст, ки баҳри роҳандозӣ намудани инқилобҳои ранга заминаҳо ҷустуҷӯ карда мешаванд.

Таҷрибаи бадастомада дар ин самт нишон дода истодааст, ки дар раванди инқилобҳои ранга яке аз технологияҳои васеъ истифодашаванда ин технологияи назарфиребии омма мебошад, ки тавассути амалӣ намудани таъсиррасониҳои гуногуни психологию иттилоотӣ дар омма эҳсоси боварӣ ба қудрати худ ташаккул дода шуда, онро дар қадамҳои минбаъда роҳнамоӣ мекунад.

Ба майдон баровардани оммаҳои бузург, дар зеҳн ва тафаккури онҳо ҷой намудани тағйири ҳокимият, дар шуури онҳо мустаҳкам намудани образи шахси мазлум ва эҳсоси ин аз ҷониби онҳо, ваъдаи ояндаи дурахшон тавассути сарнагун кардани режими мавҷуда амалҳои саҳл набуда, танҳо дар натиҷаи татбиқи стратегияҳои қадам ба қадам ва ғофилгир кардани режими ҳукмрон ба даст оварда мешавад [6, с.127].

Бояд тазаккур дод, ки таҳдиду хатари шабакаи интернет ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бинобар сабаби рушди бемайлони онҳо рӯз то рӯз зиёд мегардад ва чунин ҳолат назорати онро низ душвор мегардонад. Масалан, ҷамъоварии иттилоот дар бораи истифодабарандагони интернет, назорат намудани рафтори одамон, дуздидани иттилооти дорои сирри давлатӣ, ҳатто рабудани иттилооти тиҷоратӣ хеле зиёд гардида истодаанд. Барои амалӣ намудани ин мақсад аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдор ва киберҷиноятқорон барномаҳои махсуси компютерӣ, ки онҳоро вирусҳои компютерӣ меноманд, сохта истифода бурда мешаванд. Чунин ҳолатро ҳуҷумҳои кибернетикӣ номидан мумкин аст, ки он ба воситаи вирусҳои компютерӣ анҷом дода мешаванд ва мақсад аз чунин амалҳо дуздидани иттилооти махфӣ, вайрон намудани системаҳои иттилоотӣ ва зарару зиён расонидан ба рақибон мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки қабули Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ оид ба рушди сиёсати иттилоотӣ, қонунҳои соҳаи иттилоотӣ дар ташаккули мундариҷаи ягонаи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот, муайян намудани таҳдидҳои иттилоотӣ, роҳу усулҳои муқовимат бо таҳдидҳои мазкур ва низоми таъмини амнияти иттилоотии кишвар заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Махсусан, Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мутобиқсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати амалисозии манфиатҳои иттилоотии кишвар ва ҳифзу ҳимояи онҳо аз таҳдидҳои дохилию беруна заминаи сиёсию стратегӣ муҳайё намудааст [7].

Консепсияи амнияти иттилоотӣ низ ҳадафҳои таъмини ин навъи амниятро аз

махфият, дурустӣ ва дастрасии иттилоот вобаста медонад. Дар аксари системаҳои иттилоотӣ ва дар фаъолияти ташкилоту идораҳои гуногун ҳаҷми муайяни иттилоот махфӣ нигоҳ дошта мешавад ва чунин ҳолат арзиши онро хеле боло мебарад. Субъектҳои гуногун бо ҳар роҳу восита мехоҳанд ба таври ғайриқонунӣ иттилооти махфиро дастрас намоянд ва барои амалӣ намудани манфиатҳои худ истифода баранд. Дар аксар маврид иттилооти махфӣ бо роҳи ҳуҷумҳои кибернетикӣ дастрас гардонида мешаванд.

Бояд гуфт, ки дар муқаррароти асосии Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Самтҳои стратегии сиёсати давлатии иттилоотӣ чунин муайян шудааст:

- ташкил, рушд ва таъмини амнияти захираҳои давлатии иттилоотӣ;

- истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ ва дар идораи низомҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ғайра.

- ташкил, ҳимоят ва такмили имиҷи Тоҷикистон аз тариқи истифодаи босамари технологияҳои иттилоотӣ;

- ҳифзи манфиатҳои иттилоотии давлат, таъмини амнияти иттилоотии давлат, дифоъ аз ҳамлаҳои иттилоотӣ, таҳдидҳо ва амалиёти дигар, бартарафсозии онҳо;

- воридшавӣ ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ [2].

Воқеан, роҳандозии дипломатияи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар пояи истифодаи густурдаи имкониятҳои фановариҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ сурат мегирад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори таҳияи маҷмӯи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар мавриди таъмини амнияти иттилоотӣ ва риояи ҳамаҷонибаи он меъёрҳо дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи мубориза бо киберҷиноятҳо баҳри пешгирӣ намудани истифодабарии ғайримақсаднок и воситаҳои иттилоотӣ- коммуникатсионӣ ва ҳифз намудан аз кибертерроризм ва дигар ҷиноятҳое, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ба роҳ монда мешаванд, амри воқеӣ мебошад. Зеро дар фазои ягонаи иттилоотӣ, ҳимояи маълумот омили асосии муайянкунандаи системаи амнияти иттилоот ба шумор меравад.

Яке аз роҳҳои таъмини амнияти иттилоотӣ ин нигоҳдории ҳуввият ва анъанаҳои миллӣ мебошад. Маҳз ҳувияти миллӣ метавонад барои истодагарӣ алайҳи ҳама гуна таҳдидҳо дар раванди глобализатсионӣ бошад. Воқеан ҳам дар шароити муосир зарурати ҳифз ва ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот ва таъмини амнияти он ба миён омадааст. Махсусан, тӯли солҳои охир аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ дар муносибат ба афкори ҷамъиятии мамлакат ҷангҳои психологӣ роҳандозӣ гардидаанд, ки онро ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии кишвар донистан мумкин аст.

Хусусан, ҳодисаҳое ки дар сарҳади кишвар ба амал омада истоданд, аз мо дониши амиқро тақозо менамояд. Мо бояд ба ҳар гуна таҳдиду бухтонҳо ҷавоби дақиқи илмию таҳлилӣ дошта бошем. Зеро ҷаҳонишавии ВАО ва рушди технологияи нави электронӣ (интернет) имрӯз аз тарафи ВАО-и хориҷӣ мушкилоти экспансияи фазои иттилоотии ҷумҳуриро ба вуҷуд меорад. Масъалаи экспансияи ВАО - и хориҷӣ, хусусан, дар ноҳияҳои сарҳадии ҷумҳурӣ ба вуҷуд омада истодааст.

Адабиёт

1. Кара-Мурза С., Телегин С., Александров А., Мурашкин М. Экспорт революции. Саакашвили М., Ющенко... [Электронный ресурс]. URL: http://www.kara-murza.ru/books/export/index.htm (Санаи мурочиат: 12.10.2022).
2. Консепсияи сиёсати давлатии иттлоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2008.
3. Морозов И.Л. Информационная безопасность политической системы // Полис. Полит. исследования. -2002. -№5. - С.134-145.
4. Проценко Е.В. Информационная безопасность политической коммуникации в современной России: дис. … канд. полит. наук. – Ставрополь, 2009. – 199 с.
5. Сафарализода Х.Қ. Таҳдидҳо ба суботи сиёсии ҷомеа ва шаклҳои зоҳиршавии онҳо // Ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои нави замони муосир: Маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 05.12. 2019). – Душанбе: ДМТ, 2019.- 411 с.
6. Сафаров Б.Р. Технологияҳои сиёсӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити дигаргу-

ниҳои ҷаҳони муосир (таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) Дис… барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.с. - Душанбе, 2022.-164 с.
7. Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дис… барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.с. -Душанбе, 2022.-192 с.
8. Ятимов С.С. Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат. Манбаъи электронӣ: https://radiotoj.tj/?p=15019. Санаи мурочиат: 14.10.2022
9. Ятимов С.С. Равоншиносӣ ва амнияти ҷамъиятӣ (Дар доираи шуури муқаррарӣ). Манбаъи электронӣ: http://javonon.tj/ news/ politics/ ravonshinos-va-amniyati-amiyat-dar-doirai-shuuri-mu-arrar-/ Санаи мурочиат:10.10.2022
10. Address on key aspects of Tajikistan's domestic and foreign policy by the President of the Republic of Tajikistan, the Leader of the Nation Emomali Rahmon to the Parliament of the Republic of Tajikistan 26.01. 2021, Dushanbe city // http://president.tj/en/node/25007

ГЕОПОЛИТИЧЕСКАЯ БОРЬБА В ПРОСТРАНСТВЕ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Расулов К. С.

В данной статье рассматриваются понятие и сущность информационной безопасности. Автор анализирует обеспечение информационной безопасности в современных условиях и показывает его последствия. В частности, он отметил информационные угрозы процессов глобализации национальной безопасности. Информация рассматривается как фактор, помогающий защитить геополитическое положение стран. В частности, предметом анализа данной статьи являются явления экстремизма и информационного терроризма, цветных революций.

***Ключевые слова**: информационная безопасность, экстремизм, терроризм, кибертерроризм, глобализация, угрозы, цветные революции.*

GEOPOLITICAL STRUGGLES IN THE SPACE OF INFORMATION SECURITY

Rasulov K. S.

This article considers the conception and essence of information security. The author analyzes the ensuring of information security in modern conditions and shows its consequences. In particular, he noted the information threats of globalization processes of national security. Information consideres as a factor of assisting to protect the geopolitical position of countries. In particular, the object of analysis of this article are extremism and information terrorism, color revolutions .

***Key words**: information security, extremism, terrorism, cyberterrorism, globalization, threats, color revolutions.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ЭВОЛЮЦИЯ КОНЦЕПЦИЙ ИНТЕГРАЦИИ ГОСУДАРСТВ В ИСТОРИИ ПОЛИТИЧЕСКИХ УЧЕНИЙ

Одилов Ф. Р. – соискатель Отдела политических проблем международных отношений ИФПП им. А.Баховаддинова НАНТ
Тел.: (+992) 907 809 066

В статье обсуждается теоретическое значение теорий и концепций интеграции государств в истории политических учений. В ней, в частности, рассматриваются основные теории западных исследователей. Проводя сравнения различных концепций интеграции государств, можно сделать вывод, что на Западе в этом плане все больше преобладают такие теории, как функционализм, неофункционализм, конструктивизм и другие теории.

В тоже время, точка зрения представителей функционализма и неофункционализма противоречат друг другу по вопросу глобальной и региональной интеграции.

Поэтому исследование и методология феномена «интеграция» в западной политической мысли целом разделяется на сторонников глобализма и регионализма, в рамках которых создаются остальные концепции интеграции.

Ключевые слова: *интеграция, Запад, политика, функционализм, неофункционализм, теория, концепция.*

Первые формы интеграции уже были заметны в формирование сатрапских союзов городов и государств эпохи Ахменидов. Позднее союз городов и их интеграционные связи распространились в Древней Греции и в Древнем Риме. В эпоху позднего средневековья народы начали разделяться по принципу своей работоспособности. Как отмечал один из представителей «производственного» меркантилизма Томас Мен (1571-1641) трудолюбие делает некоторые страны, более богатыми и сильными за счет менее трудолюбивых народов [1, 56].

Данная теория положила основу идеям «функционализма», которая отражает интересы глобальной интеграции. Функционалисты сосредотачиваются на общих интересах и общих потребностях, разделяемых через государства, в процессе глобальной интеграции, вдохновленной эрозией национального суверенитета. Цель функционализма, как теории может быть отождествлена с потенциальным установлением сетевых наднациональных институтов.

В результате работы в сети между государствами установилась бы взаимозависимость, которая явилась бы гарантией достижения и поддержания мира между этими странами. Подструктура функционализма – неофункционализм – делает еще один шаг вперед в объем межгосударственного сотрудничества, с конечным пунктом назначения, полное межправительственное слияние, в виде наднациональной структуры.

Неофункционализм был популярной теорией европейской интеграции в 1950-х и 1960-х годах. Самым выдающимся представителем нео-функционализма был Эрнст Хаас, который в своей книге «Объединение Европы» ставил вопрос о том, каким образом сотрудничество в конкретных секторах экономической политики ведет к большему экономическому росту? В ответ на этот вопрос была выдвинута концепция перелива, имеющая две формы. Во-первых, функциональное распространение используется для объяснения того, каким образом интеграция в одной области политики, создает потребность в интеграции в других областях. Во-вторых, политический перелив используется для объяснения важности наднациональных и субнациональных акторов в интеграционном процессе, поскольку они создают дополнительное

давление для большей интеграции и достижения своих интересов. Группы давления и политические партии также считаются важными действующими лицами.

В результате этих процессов неофункционалисты видят европейскую интеграцию, как самоподдерживающийся процесс, который завершится созданием нового государства с центром в Брюсселе. Эрнст Хаас объявил теорию интеграции «устаревшей» в середине 1970-х гг. (Haas 1976), Эндрю Моравчик (2007) теперь говорит о стабильном «конституционном урегулировании» в системе интеграции [5, 156].

Один из теоретиков функционализма, Дэвид Митрани, считал, что преимущества наднационализма состоит в благосостояние народа. Он считал, что региональная интеграция является ответом на коллективные выгоды от расширения территориальной сферы. Неофункционалисты напротив были озадачены скоростью и широтой региональной интеграции и предложили реформировать наднациональные формы власти для получения экономических выгод [2, 116].

Карл Дойч в своем исследовании сообществ определил трансформацию идентичностей, как ядро интеграции и обусловил совместимость ценности (вместе с взаимной отзывчивостью), как неотъемлемые условия функционирования «плюралистического» сообщества (1957) [5, 156].

Таким образом, Дойч подчеркивал интерсубъективные предпосылки интеграции. Напротив, неофункционалисты сосредоточились на интерсубъективных последствиях интеграции. Они утверждали, что европейская интеграция приведет к социализации акторов, вовлеченных в процессе разработки политики и переносу идентичности и лояльности от национального государства к Европейскому сообществу. Поэтому можно прийти к выводу о том, что идентичность и социализация являются ключевыми понятиями конструктивистского анализа европейской интеграции, центральными механизмами, которого являются социальные механизмы. Чекель (2001:562-3) и Джонстон (2001: 498-9) составили каталог условий, при которых эти механизмы, будут эффективными.

Согласно же теории «неофункционализма» целью процесса является достижение региональной интеграции, представляемой, как создание наднациональных институтов в определенных секторах, с помощью метода «поэтапного подхода». Теория «неофункционализма» означает «синтез теоретического функционализма Дэвида Митрани и прагматического подхода управления Жана Монне [3, 47].

В отличие от функционализма, теория неофункционализма соответствует региональной интеграции. Наднациональная структура или наднациональная организация в неофункционализме становится политическим союзом (Майкл 2012, 30), который представляет собой финал политической системы государства. Ключевым элементом теории неофункционализма является эффект, который Маджоне (2009 год) назвал эффектом перелива [3, 47].

Функционально ориентированная на эффективность форма интеграции подрывает национальные полномочия и национальные механизмы защиты прав человека. Практика евроинтеграции показывает, что массовое отношение к европейской интеграции и ее политизация привели к подрыву «разрешительного консенсуса» в пользу европейской интеграции, восстановление территориальной и национальной идентичности и разделений, а также распространение и усиление партии евроскептиков.

Согласно Алкуин Келликер (2001,2005) функционалистский подход, объясняет дифференцированные процессы интеграции и ее центростремительные эффекты в теории общественных благ [2, 111].

Теория неофункционализма идет на компромисс между полной интеграцией и стремлением государства к сохранению своего суверенитета и независимости. В отличие от теории федерализма, которая предвосхищает политическое интеграция исключительно как статус, быстро устанавливаемый высшим правовым актом – Конституцией, теория неофункционализма с ее инкрементальным подходом воспринимает политическую интеграцию, как процесс.

С ростом интеграционных процессов, по мнению ряда исследователей, исчезло чувство национальной идентичности внут-

ри европейской системы управления. Мортен Эгеберг (1999, 2002) и Ярле Трондаль (2002) утверждают, что национальные бюрократы, участвующие в комитетах Комиссии и Совета, разрабатывают новые ролевые концепции, но их первичная верность остается со страной их происхождения. Роджер Скалли показывает, что взгляды на интеграцию членов Европейского парламента мало чем отличаются от членов национальных парламентов [2, 111].

В соответствии с теорией «неолиберального институционализма», которым придерживался Моравчик, интегрирующие общества и страны, по сути, являются «международными режимами координации политики». Они, во-первых, упорно торгуются, чтобы реализовать интересы могущественных внутренних социальных групп и, во-вторых, делегируют свои полномочия наднациональным организациям с целью обеспечивать их взаимную приверженность к совместным решениям. Тем не менее, в соответствии с общими межправительственными принципами, результаты интеграции по-прежнему связываются с констелляциями предпочтениями и властью. Моравчик (1991) в своем «межправительственном» объяснении подчеркивает структурные экономические тенденции и конвергенцию национальных экономических обществ. Моравчик понимает интеграцию формальное введение новой (в основном экономической) политики и компетенций посредством договорных обязательств. Теория же наднационализма концентрируется на том, что происходит после того, как договоры вступают в силу. Кроме того, оценка Моравчика относится главным образом к межгосударственному подходу. При условии, что интеграция, как таковая – а, следовательно, и любая форма «конституционного урегулирования» – изменит предпочтения и отношения и несет в себе семена будущих институциональных изменений. Напротив наднационализма и конструктивизм приводят к гораздо менее пессимистичным выводам об актуальности интеграции.

В своем «наднационалистическом» объяснении Сандхольц и Зисман (1989) предусматривают сочетание изменений в структуре международной экономической власти, политики лидерство с благоприятным (рыночным) внутренним контекстом [5, 166].

В этом отношении конструктивистская теория интеграции разделяет трансформалистские предположения наднационализма – хотя стабилизация и усиление европейской интеграции создает не столько институциональную зависимость, сколько трансформации идеи и идентичности. Более того, конструктивистская теория интеграции опирается на идеи, предложенные ранними интеграционными теориями.

Рационалистические объяснения расширения на Восток также привело к разделению концепции интеграции. Эндрю Моравчик и Милада Вачудова (2003-2005) утверждают, что затраты на расширение на восток скромны и создают серьезные проблемы с распределением для старых государств-членов. Напротив, Томас Плюмпер и Кристина Шнайдер (2007-2008) начинают с предположение, что выгоды и убытки от расширения были неравномерно распределены между членами организации. Как следствие, некоторые государства-члены понесли чистые потери и поэтому выступили против расширения организации на Восток. Эти государства-члены, однако, могли бы получить компенсацию за «дискриминационную членство»: ЕС мог бы использовать крайне асимметричную взаимозависимость между старым и новыми государствами-членами.

Однако необходимо сделать два сильных предположения. Во-первых, противники расширения согласились на расширение еще до того, как переговоры о распределении были завершены. Следовательно, они должны были быть уверены, что получат достаточную компенсацию. Во-вторых, объяснение предполагает, что временная дискриминация стран несогласных с принятием новых членов, компенсируют потенциально выигравшие от принятия страны члены организации. Ларс Скальнес (2005) утверждает, что государства-члены были преимущественно заинтересованы в безопасном и стабильном соседстве. Например, когда вспыхнули войны в бывшей Югославии, ЕС пошел вперед с расширением на Восток даже несмотря на возможные экономические потери. Географическое распределение преференций государств-членов совместим с этой точкой зрения, потому что самые восточные страны ЕС

были первыми, кто пострадала от нестабильности.

Сторонники теории межправительственности же подчеркивали роль национального государства в интеграции и утверждали, что национальное государство не устаревает в связи с европейской интеграцией. Алан Милворд, писатель-интерправительственнист, утверждал, что национальные правительства государств-членов были главными действующими лицами в процессе европейской интеграции не были ослаблены им, поскольку только часть их суверенитета была делегирована в ЕС.

В настоящее время неореализм является теоретической парадигмой, в рамках которой возможно обосновать деятельность международных политических объединений [4, 105]. Неореализм заключается в повышение роли регионализма над ролью ООН при решении вопросов глобального масштаба.

Таким образом, можно прийти к выводу о том, что вышеуказанные теории отражают степень их влияния на научную среду по исследованию концепта интеграции. Согласно этим теориям, интеграционные процессы выражаются в форме военно-политической интеграции, формирования экономического сообщества, механизмов политических стратегий и их исследование вполне применимо в контексте региональной безопасности стран Центральной Азии.

В качестве итогового заключения можно отметить, что для стран Центральной Азии, важным фактором интеграции является «межправительственный» аспект, при котором структурные экономические тенденции и конвергенция экономики национальных обществ происходят на основе договорных обязательств. Однако стоит избегать на практике наднационализма и конструктивизма, которые приводят к гораздо менее пессимистичным выводам об актуальности интеграции.

Литература

1. Гусейнов Р.М., Горбачева Ю.В., Рябцева В.М. История экономических учений. - М.: ООО «Издательский Дом ИНФРА-М». - 2000. - С.142
2. Хуге Л., Маркс Г. и др. // Постфункционалистская теория европейской интеграции: от разрешительного консенсуса к сдерживающему разногласию // Британский журнал политической науки. - 2009. - № 39 (01). - С. 91-195.
3. Илиевский Н.Л. Концепции политической интеграции. Перспективы неофункциональной теории // Журнал свободы и международных отношений. Том. 1. - 2015. - № 1 // www.e-jlia.com
4. Чернов В.А. Организация договора о коллективной безопасности как институт межгосударственной военно-политической интеграции на постсоветском пространстве: автореферат дисс. ... к. полит. н. - М., 2010.
5. Фрэнк Шиммельфенниг. Теория интеграции. - Высшая техническая школа Цюриха, январь 2010 год. // https://www.researchgate.net ...

ИНКИШОФИ КОНСЕПСИЯИ ИНТЕГРАТСИЯИ ДАВЛАТҲО ДАР ТАЪРИХИ АФКОРИ СИЁСӢ

Одилов Ф.Р.

Дар мақолаи мазкур аҳамияти методологии феномени «интегратсия» дар таълимоти олимони гарбӣ дар доираи тадқиқоти сиёсӣ мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Аз ҷумла дар он консепсияҳои асосии олимони Ғарб доир ба феномени «интегратсия» баррасӣ гардида, назарияҳои олимони гуногунро муқоиса карда мешаванд. Дар ин хусус қайд мегардад, ки дар асри ХХ баъзе аз тадқиқотчиёни гарбӣ ба назарияҳои функсионализм ва неофункционализм пайвастанд ва ин сабаби рад кардани омилҳои объективии интегратсияи сиёсӣ аз тарафи онҳо шуд.

Муаллиф инчунин нуктаи назари неофункционализмро бо интегратсияи регионалӣ пайваст мекунад ки принсипҳои глобализмро рад карда, назарияи функционализмро дар раванди интегратсионӣ инкор мекунанд. Ҳамин тавр, тадқиқотҳои илмӣ доир ба феномени «интегратсия» дар назарияҳои олимони гарбӣ дар маҷмуъ ба ду равияи асосӣ тақсим мешаванд, ки аз онҳо як қисм ба глобализм (функсионализм) ва қисми дуввум ба регионализм (неофункционализм) ҳамроҳ шуданд. Тақсимшавии ин равияҳо бо

таъсири идеяҳои мухталиф огоз шуд, ки ба таҳлили раванди интегратсионӣ дар Ғарб асос гузоштанд.

Калидвожаҳо: *интегратсия, Ғарб, политика, функсионализм, неофункционализм, назария, консепсия.*

THE EVOLUTION OF THE CONCEPTS OF INTEGRATION OF STATES IN THE HISTORY OF POLITICAL DOCTRINES

Odilov F.R.

The article discusses the theoretical significance of theories and concepts of the integration of states in the history of political doctrines. In particular, it examines the main theories of Western researchers. By comparing various concepts of state integration, we can conclude that in the West in this regard, such theories as functionalism, neo-functionalism, constructivism and other theories are increasingly prevalent.

At the same time, the point of view of representatives of functionalism and neo-functionalism contradict each other on the issue of global and regional integration.

Therefore, the study and methodology of the phenomenon of "integration" in Western political thought is generally divided into supporters of globalism and regionalism, within which other concepts of integration are created.

Key words: *integration, West, politics, functionalism, neo-functionalism, theory, concept.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ТАШАККУЛИ ДОНИШҲОИ СИЁСИИ ҶАВОНОН

Ҳайдаров М. К. - муаллими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ
Тел.: (+992) 905.66.83.55

Муаллиф дар мақолаи мазкур инкишофи донишҳои сиёсии ҷавононро дар раванди ҷаҳонишавӣ мавриди тадқиқ қарор дода, нақши донишҳои сиёсии ҷавононро барои пешрафти фаъолнокии сиёсии онҳо дар мадди аввал гӯзошта, дар бобати паст задани манфиат ё зери фишор қарор гирифтани онҳо, ҷиҳати ҳимояи манфиат ва ҳуқуқҳои хеш даст ба фаъолияти сиёсӣ задани онҳо як навъ ҷавоб пешниҳод намудааст.

Калидвожаҳо: *донишҳои сиёсӣ, таҳаввулот, фаъолияти сиёсӣ, муборизаи сиёсӣ, системаи сиёсии ҷомеа, ваҳдати миллӣ, идеологияи дини, рафтори сиёсӣ, демократия, андешаи миллӣ, идеологияит миллӣ.*

Истиқлолияти миллӣ дар ҳар як мамлакат барои ворид шудан ба арсаи муносибатҳои сиёсӣ дар раванди ҷаҳоншавӣ масъалаҳои гуногунро дар байни гурӯҳҳои мухталиф ба вуҷуд меоварад. Ба сифати яке аз субъектҳои муҳими фаъолнокии сиёсӣ – ҷавонон ҳамчун гурӯҳи махсуси иҷтимоӣ – демографӣ маҳсуб ёфтаанд ва таълиму тарбияи ҷавонон ҳамчун қисми таркибии ин гурӯҳи ҷамъиятӣ ҳамеша дар маркази таҳқиқу омӯзиш қарор дорад. Фаъолнокии сиёсии ҷавонон дар мадди аввал як навъ ҷавоб ба паст задани манфиат ё зери фишор қарор гирифтани онҳо мебошад.

Аз ҷониби дигар, таҳаввулотҳои гуногуни ҷомеа – ислоҳотҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва тағйирёбии системаи сиёсии ҷомеа, пастравии сатҳи зиндагӣ ва ғайраҳо низ метавонанд дар фаъолтар гаштани ҷавонон таъсир расонанд ё онҳоро дар маркази муборизаҳо, муқовиматҳо ва рӯ ба рӯ истоданҳо қарор диҳанд. Аз ҷониби сеюм бошад, донишҳои сиёсии барои татбиқи амалии қарорҳои ҳаётан муҳими ҷомеа, пешрафту такомул ва ҳиссагузорӣ дар он зоҳир мешавад. Ҳамзамон ҷавононии метавонанд дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, бунёди давлат ва ҷомеасозӣ, омӯзиш ва азхудкунии илм ва технологияи муосир ва татбиқи амалии онҳо дар раванди ҷомеасозӣ мавқеи хосаи худро дошта бошанд.

Ҷавонон дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон зиёда аз 70%-и аҳолии мамлакатро ташкил дода, синни миёнаи аҳолии кишвар 24 сол мебошад. Фаъолияти сиёсии ҷавононро имрӯзҳо аз майл ва рафтори сиёсӣ, иштироки сиёсии онҳо дар маъракаҳои муҳими сиёсии сатҳи ҷумҳуриявӣ, семинару конференсияҳои илмиву оммавӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳамзамон ҷавонони имрӯза кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки фаъолияти сиёсии худродар раванди фаъолияти сиёсии ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди озмоиш қарор диҳанд ва аз ин хотир онҳо хоҳиши иштирок дар маъракаҳои сиёсӣ ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ иштирок карданро мақсади наздики худ қарордода, ба фаъолияти онҳо худро наздик кардан мехоҳанд. Иртиботи қавии ҷавонон бо ҳизбҳои сиёсии ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон мавриди зикр аст. Зеро имрӯзҳо ҳизбҳои сиёсии фаъоли Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки таъсир ва нуфузашонро дар байни ҷавонон зиёд намоянд. Бо талошҳо ва ташаббусҳои роҳбарияти Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон аз ҳисоби ҷавононии донишҷӯ меафзояд ва таъсис ёфтани Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Созандагони Ватан» тасдиқи андешаҳо дар боло зикрёфта мебошад. Аз ҷониби дигар, барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ онҳо ҷиҳати таъсис додани иттиҳодияҳо ва созмонҳои гуногун даст ба фаъолияти сиёсӣ мезананд. Афзудани фаъолнокии сиёсии ҷавонон бештар аз мавқеи сиёсии онҳо бармеояд, ки онҳо чӣ гуна мақом ва нақш дар ҷомеа доранд ва чӣ нақше дар он мебозанд. Ҷавонон бештар ба сифати сарчашмаи пуркунандаи сафи зиёӣ дар алоқамандӣ бо ҳамдигар дар фаъолияти густурдаи доимӣ қарор доранд ва дар ин маънӣ

гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ- касбиро ташкил медиҳанд.

Имрӯз таълим ва тарбияи ҷавонон яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз бояд қайд кард, ки ҷавонон дар системаи маълумоти олии ҷомеаи муосири Тоҷикистон, бахусус дар марҳилаи гузариши маълумоти олии касбӣ ба системаи таълими европоии Раванди Болон бе ба инобат гирифтани хусусиятҳои миллӣ ва асолати миллӣ оғоз намуд ва имрӯзҳо дар макотиби олии мамлакат таълим ба сифати раванди Болон аллакай шурӯъ шуда, идома дорад. Марҳилаи гузариш ба раванди Болон марҳилаи панҷяк асрро дар бар мегирад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шароити ҷаҳоншавӣ дар раванди таълим системаҳои гуногуне пайдо шудаанд ва ҷавонон метавонанд ба таври васеъ аз имкониятҳои ҷой дошта истифода баранду донишҳои сиёсии худро сайкал диҳанд.

Бесабаб нест, ки имрӯз ҷавонони зиёде дар зери таъсири равияҳои динӣ, таблиғоти ҷараёнҳои ғайримазҳабӣ ва иртиҷоӣ монда истодаанд, ки он натиҷаи холигии фазои сиёсии идеологӣ ва ҷой нагирифтани мафкураи давлати миллӣ ва андешаи миллӣ дар шуур ва рафтори ҷавонон ва дар фаъолият, иштирок ва рафтори сиёсии аксари онҳо инъикос нагардидани он мебошад. Зербинои фаъолнокии сиёсии ҷавонони идеологияи ваҳдати миллӣ ва ягонагии мардум, бунёди давлати озоду соҳибистиқлол ва демократию дунявӣ, иқтисодиёти тараққӣ кардаву зиндагии арзанда буда метавонанд. Ҷиҳати расидан ба чунин як мақсади наҷибу орзую ҳавасҳои нек таъмини суботи сиёсии ҷомеа ва ваҳдати миллӣ буда метавонад.

Таъмини чунин ваҳдат метавонад идеологияи пешбари миллӣ дар шакли андешаи миллӣ бошад, ки он инъикоскунандаи манфиатҳои кулли аъзоёни ҷомеа, аз ҷумла ҷавонон бошад. Дар тафаккури ҷавонон равандҳои воқеии ҳаёти сиёсӣ, ки бевосита бо манфиатҳои фардӣ ва гурӯҳии ҷавонон алоқаманданд, ташаккул меёбанд. Новобаста аз он, ки фаъолияти сиёсии ҷавонон ҳамчун гурӯҳи муайяни ҷамъиятӣ чӣ тавр ташаккул меёбад ва он дар кадом сатҳ қарор дорад, ҷавонон барои ҷомеа ба сифати асоси иҷтимоии бунёди давлати пуркуввати иқтисодӣ ва сиёсӣ боқӣ мемонанд. Аммо масъалаи ноустувории мавқеи иҷтимоии онҳо дар оянда дар шуури сиёсии ҷавонон болоравии канорачӯйиро ба вуҷуд оварда метавонад. Бояд ҷавонон ба фаъолият ҷалб карда шаванд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯрии худ бо ҷавонон қайд карда буд: «Яке аз проблемаҳои ҷиддие, ки дар назди ҷомеаи мо қарор дорад, бо кор таъмин намудани ҷавонон мебошад. Ҳоло дар сафи бекорони расман бақайдгирифташуда, ҷавонон 68%-ро ташкил медиҳанд» [1. с,171].

Андешаи зикршуда гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ҳанӯз дар давраи даҳсолаи авали асри XX1 дар Тоҷикистон сафи бекорон аз ҳисоби ҷавонон нисбат ба категорияҳои дигари аҳолӣ хеле зиёд будааст. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ва мақомотҳои марбут бояд сари роҳи ин мушкилоти ҷавононро гирифта барои онҳо ҷойҳои кори пайдо кунанд, ки ҷавонон ба ҳар гуна амалҳои номатлуб даст назананд. Давлат ба сифати ҳимоякунандаи манфиатҳои иҷтимоии ҷавонон ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳад, то ки чунин манфиатҳо ҳимоя гарданд ва ҷиҳати татбиқи амалии онҳо барномаҳои давлатӣ қабул гардидаанд. Яке аз чунин барномаҳои давлатӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» ба ҳисоб меравад. Қонуни мазкур вазифаҳо, ҳуқуқҳо ва самтҳои асосии фаъолият ва ҳимояи манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳоро ба инобат гирифтааст. Нодида гирифтани мавқеи ишғолнамудаи ҷавонон дар ҷомеа ба фоидаи кор ва ҷомеа нахоҳад буд. Эҳтиром тарбияи дурусти ҷавонон, роҳ нишон додан, сазовор истиқбол кардан аз нақши онҳо дар ҷомеа, ҷалби онҳо ба маъракаҳои сиёсӣ, даъват кардан конференсияҳои илмӣ, аз ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо тавассути васоити ахбори умум, бахусус телевизион нишон додани корномаҳо дар соҳаи кашфиётҳо, бозёфтҳои илмӣ, таҳия ва чопи ашъор ва нигоштаву нигоришҳои онҳо ва муваффақиятҳои эшон дар соҳаи варзиш тавассути ВАО, мувофиқи мақсад мебошад. Аз ин рӯ, андешаҳои дар боло зикргардидаро бо суханҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тақвият бахшидан бамаврид аст, ки гуфтааст: «Ба ташаккули арзишҳои ахлоқиву маънавии ҷавонон, воситаҳои ахбори умум таъсири бузург мерасонад. Дар ин самт васоити ахбори умум

бояд бештар арзишҳои фарҳанги миллӣ ва умумибашариро талқин намоянд, вагарна таблиғи бераҳмию зӯроварӣ ва фишқу фучур ба ҳолати рӯҳии ҷавонон таъсири манфӣ расонида, ба коҳиши меъёрҳои ахлоқии ҷомеа боис мегардад. Пешгирии ҳама гуна амалҳое, ки боиси ноустувории асосҳои маънавии ҳаёти ҷавонон мегардад, пеш аз ҳама маҳдуд кардани таблиғи бераҳмию зӯроварӣ вазифаи аввалиндараҷаи мақомоти дахлдор ва тамоми ҷомеа дар солимгардонии маънавӣ ва ҷисмонии насли ҷавон мебошад» [2.С, 148].

Аз ин хотир, мақомоти дахлдор ва васоити ахбори умум ҳамчун омили созандаю ба ҳам ованда дар ин ҷода кушиши бештаре доршта бошанд. Собит карда шудааст, ки асоси созмонҳои террористиро ашхосе ташкил медиҳанд, ки синну солашон баробар ба 20 то 30 сол мебошад. Дар байни онҳо қувваи асосиро донишҷӯён ва ба хусус донишҷӯёни тахассуси гуманитарӣ ташкил медиҳанд. Донишманд Ф.Фукуяма бошад ба масъалаи ташаккулёбии ҳувияти замони муосир диққати хоса зоҳирнамуда, инқилобҳои демократӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ, миллатгароӣ ва муноқишаҳои сиёсиро натиҷаи ба вуҷуд омадани ҳувияти нав медонад[4. с.56]. Дар шароити дигаргуншавии ҷомеа ҳизбу созмонҳо ва ҳаракатҳои мухталиф дар барномаҳои пешазинтихоботии худ ҳамеша ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва манфиатҳои сиёсию иқтисодии интихобкунандагон ва ҷонибдорони худро нишон медиҳанд. Аз он сабаб, ки донишҷӯён ба гурӯҳи бонуфузи электорат мансубанд ва мунтазири чунин ваъдаҳо низ мебошанд, омодаанд ба ҷонибдории чунин ҳаракатҳо ва ҳизбҳои популист майлкунанд, ё ба «ҳуҷум» гузаранд. Олимони иҷтимоиётшинос бар он ақидаанд, ки аз байни насли ҷавонон, ҷавонони донишҷӯ бо дониш ва муташаккилиашон бештар фарқ мекунанд. Аз ин хотир, файласуф ва револютсионери рус В.И. Ленин бесабаб донишҷӯёнро “табақаи аз ҳама ҳассоси зиёӣ” наномидааст[3. с,343]. Бинобар ин ҳамин ҳассосияти донишҷӯён бе иҷтимоигардӣ ташаккул намеёбад.

Масъалаи иҷтимоигардии донишҷӯён, ки ба болоравии фаъолияти сиёсӣ ва иҷтимоии онҳо мусоидат менамояд, аз мадди назари муҳаққиқони тоҷик низ дур намондааст ва дар ин масъала профессор, А.Н. Маҳмадов низ андешаҳои ҷолиб баён кардааст. Мутобиқи андешаҳои ӯ раванди иҷтимоигардӣ аз нуқтаи назари ташаккули сифатҳои иҷтимоии қавии шахсият ба амал меояд, ки онро ба ду давраро дар бар гирифтааст. «Давраи аввал дар оила, муассисаҳои томактабӣ ва мактаб ба амал меоянд. Дар ин давра, сифатҳои иҷтимоии қавӣ ва хислатҳои шахсият ташаккул меёбанд. Давраи дуюм бошад, бо воридшавии шахс ба соҳаи меҳнат ва ба фаъолияти меҳнатӣ оғоз намудани он то ба коргари фаъол табдил ёфтани он ба амал меояд». Лозим ба тазаккур аст, ки насли наврас ва ҷавонон дар заминаи арзишҳои умумибашарӣ ва асолати миллӣ тарбия мешаванд. Гарчанд бо он омилҳо ва меъёрҳоеро, ки ба ҳувияти миллии мо бегонаад, муросо кардан нашояд. Дар марҳилаи аввали истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин парастишҳо Ҳизби наҳзати исломиро сари кор оварда буд. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки ҳизби мазкур ба муборизаҳои сиёсии бемаънӣ ва ғаразнок омехта гашт ва дар назари аҳли ҷомеа мавқеи худро аз даст дод. Чуноне, ки маълум аст, ҷавонон дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX ба майдонҳо кашида шуданд. Ҳамин гуна масъала дар ҷаҳони Араб зери инқилобҳои ранга низ ба амал омадааст.

Аз ин лиҳоз, масъалаҳои муносибати ахлоқӣ, таълиму тарбияи солим, худшиносӣ ва худогоҳӣ, ташаккули андешаи миллӣ ва ягонагии миллӣ, такмили раванди таҳаммулпазирӣ ва сабурӣ дар рафтори сиёсӣ ва ҷиҳати болоравии фаъолнокии сиёсию иҷтимоии наврасону ҷавонон, ташаккулёбии маданияти сиёсӣ, техникӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва омода намудани онҳо дар бунёди давлати соҳибистиқлолу демократӣ, ҳуқуқ-бунёд, дунявӣ ва ягона роҳи дурусту воқеӣ ба ҳисоб меравад.

Адабиёт

1. Эмомалӣ Раҳмон. Ҷавонон – созандагони фардои ҷомеа. – Душанбе: Деваштич, 2008. -С. 171.
2. Эмомалӣ Раҳмонов. Ватани худро дӯст доред, қадр кунед ва ҳифз намоед // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: «Ирфон», 2006. – ҷ.6. -С. 148.
3. Ленин В.И. Полн. собр. соч. Т.7.- С.343.
4. Фукуяма Ф. Идентичность. Стремления к признанию и политика неприятия.–М., 2019.-256с.

ФОРМИРОВАНИЕ ПОЛИТИЧЕСКИХ ЗНАНИЙ МОЛОДЁЖИ

Хайдаров М.

Автор, в данной статье исследуя процессы развития политического мировоззрения молодёжи, отмечает политических знаний молодежи как главной роли для развития их политической деятельности, также предлагает некие ответы на вопросы защиты интересов и прав, угрозы на политической деятельности молодежи.

Ключевые слова: *политические знания, эволюция, политическая деятельность, политическая борьба, национальное единство, религиозная идеология, политическое поведение, демократия, национальная идеология.*

DEVELOPMENT OF YOUTH POLITICAL KNOWLEDGE

Haidarov M.

In this article, the author examines the development of young people's political knowledge in the process of globalization, emphasizes the role of young people's political knowledge in promoting their political activism, and shows a response to the reduction of interests or pressure to protect their interests and to exercise their rights to engage in political activity.

Keywords*: political knowledge, evolution, political activity, political struggle, political system of society, national unity, religious ideology, political behavior, democracy, national thought, national ideology.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

АНДЕШАҲОИ АХЛОҚИИ ШАМСУДДИН ШОҲИН

Ҳайбуллоева С. Ш. – унвончӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

Шамсуддин Шоҳин ҳамчун ҳакиму донишманд ба омӯзиш ва таҳлили масоили, фалсафӣ бахусус ба масоили ахлоқ ва арзишҳои умумиинсонӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Афкор ва таълимоти ахлоқии ӯ хазинаи бойи маънавиёти миллати моро боз ҳам ғанитар гардонида, ин низоми арзишҳои куллӣ ва безаволро боз ҳам мустаҳкамтар намудаанд. Яке аз ҳадафҳои асосии таълимоти ахлоқии Шоҳин тарбияи инсон ва нафси саркаши ӯст. Ӯ ҳангоми баррасии масъалаи ахлоқ, ки яке аз муҳимтарин таълимот барои тарбияи инсони комил ва рушди моҳияту ҷавҳари инсонгароӣ мебошад, назарияи ахлоқи хешро ба ду бахш тақсим кардааст: ахлоқи ҳамида ва разила. Муҳимтарин ҷанбаҳои ахлоқи ҳамида дар таълимоти Шоҳин аз инҳо иборатанд: некӣ ва накукорӣ, адлу инсоф, иффат, сабр, саховат, сидқ, вафо, ҳилм, хоксорӣ ва амсоли ин. Аз ҷумлаи хислатҳои разила инҳоянд: пиндори бад, гуфтори бад ва рафтори бад, зулму ситам, ҳасудӣ, такаббур, хасисӣ, пурхурӣ, мастӣ, дуруғгуӣ ва ғайра. Файласуф дар осори ахлоқиаш ин хислатҳоро таҳлил карда, сабабу маншаи ин хислатҳоро нишон додааст.

Калидвожаҳо: *ахлоқи ҳамида ва разила, некӣ, накукорӣ, илму дониш, касбу ҳунар, бадӣ, дурӯғгӯӣ, зулму ситам, кибр, ҳасад.*

Шамсуддин Шоҳин яке аз мутафаккиронест, ки дар барафрӯхтани чароғи илму маърифат ва эҳёи фарҳанги ниёгонамон саҳми боризе гузоштааст. Достонҳои «Лайлӣ ва Маҷнун», «Тӯҳфаи дӯстон» ва «Бадоеъус-саноеъ», инчунин рубоиёту қасидаҳо ва маснавиҳои ӯро, ки мавзӯъҳои гуногуни ахлоқиро фаро гирифтаанд, метавон ба радифи беҳтарин шоҳкориҳои ахлоқии ҷаҳон шомил кард.

Маълум аст, ки ҳар як асари ахлоқӣ бо мақсади ислоҳи хулқи ҷамъияти инсонӣ эҷод мегардад ва роҳнамои камолоти инсон мебошад. Шамсуддин Шоҳин чуноне ки дар боло қайд шуд, ҳамчун ҳакиму донишманд ба омӯзиш ва баррасии масоили фалсафӣ, бахусус ба масоили ахлоқ ва арзишҳои умумиинсонӣ диққати махсус додааст. Афкор ва таълимоти ахлоқии ӯ хазинаи бойи маънавиёти миллати моро боз ҳам ғанитар гардонида, дар тарбияи инсонҳо дорои мубрамияти аслӣ доранд.

Муҳимтарин ҷанбаҳои ахлоқи ҳамида дар таълимоти Шоҳин аз инҳо иборатанд: некӣ ва накукорӣ, адлу инсоф, иффат, сабр, саховат, сидқ, вафо, ҳилм, хоксорӣ ва амсоли ин. Аз ҷумлаи хислатҳои разила инҳоянд: пиндори бад, гуфтори бад ва рафтори бад, зулму ситам, ҳасудӣ, такаббур, хасисӣ, пурхурӣ, мастӣ, дуруғгуӣ ва ғайра. Мутафаккир дар осори ахлоқиаш ин хислатҳоро таҳлил карда, сабабу маншаи ин онро нишон додааст [1, 57].

Аз мӯҳтавои асарҳои Шоҳин маълум мешавад, ки ӯ сарчашмаи фазилат ва разолатҳои ахлоқиро аз муборизаи оштинопазири ақлу хирад бо ҳавою ҳавас ва ҳирсу шаҳват мебинад. Меҳварӣ асосии таълимоти ахлоқии Шоҳин дар бораи инсон буда ва мақоми ӯ дар ҷомеа мавзӯи инсонгароӣ ва инсонмеҳвариро ба доираи таҳқиқотӣ фалсафӣ ворид кардааст. Шоҳин ақида дорад, ки таҳқиқи оламу инсон ҳамчун заминаи ҳалли масъалаҳои ахлоқӣ хизмат хоҳад кард. Ӯ дар ин бобат андешаҳои бисёр ҷолиби диққатро баён намуда, бар он аст, ки моҳияти хайр ва шарро фақат ақлу хирадди инсон муайян ва чаҳорчӯбаи онҳоро муқаррар мекунад. Яъне, инсон худ холиқи хайру шарр аст ва рафтору гуфтору кирдораш дар ихтиёри ӯ қарор дорад ва аз иродааш сахт вобаста аст. Инсон офарандаи ахлоқу рафтори худ аст ва барои кори нек сазовори хубиҳову савоб ва барои кори бад, сазовори азоб аст; инсон дар ҳалли масъалаҳои мухталиф озод буда, мувофиқи салоҳдиди худ амал мекунад [1, 60].

Ба андешаи Шоҳин, рафтори нек, моҳияти инсонгарӣ, ахлоқу одоби хуби инсонӣ ҳамон аст, ки ахлоқи баду разиларо ба худ раво бинад, зеро хушахлоқӣ мазмун ва нишонаи аслии инсон буда, бидуни он ҳастии ҷамъиятӣ имкон надорад. Ахлоқи неки ҳар як фард омили муҳими пешрафти ҷамъияти инсонӣ мебошад. Пешрафти умумии инсоният аз пешрафти ахлоқии вай ҷудонопазир аст, зеро хушахлоқӣ воситаи пешрафту камолоти инсонӣ ва ваҳдати мардумӣ ба ҳисоб рафта, инсонро аз ҳайвон бартар нигоҳ медорад. Ахлоқу рафтори хуш на бо маҷбурияти берунӣ ва на муғризона, балки аз рӯи майлу хоҳиши бевоситаи шахс озодона ва беғаразона бояд сурат гирад [1, 70].

Шоҳин дар нақши Қайс (Маҷнун) инсони боодобу хушахлоқро нишон дода, таъкид карданӣ аст, ки инсон бо зуриву забардастӣ ба нияти нек намерасад.

Андешаҳои ахлоқии Шоҳин дар ғазалҳояш бештар баён шудаанд. Ба назари ӯ ахлоқу одоби неки инсон мисли дарахтест, ки меваи он илм мебошад. Чун дарахт мавҷуд набошад, меваи ӯ низ нахоҳад буд. Шоҳин бар он аст, ки:

Некуӣ кун бар он ки некӣ хост,
К-аз ту ин номи нек мемонад.
Мепазад ош дар сафол, вале
Рӯсиёҳӣ ба дег мемонад [2, 76].

Дар асари асосии ахлоқии Шоҳин – «Туҳфаи дӯстон» дар бораи ахлоқи ҳамидаву разила ва қувваҳои нафсоние сухан меравадд, ки дар роҳи дурусту нодуруст интихоб кардани инсон таъсири бузурге доранд. Ҳадафу мақсади Шоҳин аз таълифи ин асар тарғиби худшиносию худогоҳӣ, яъне шинос шудани инсон бо ҳаёти ботинии худи ӯ мебошад, зеро танҳо инсони худогоҳу худшинос, ки аз каму кости хулқи худ огоҳ аст ва метавонад бо камбудиҳову ҷанбаҳои заифи маънавию ахлоқии хеш мубориза барад ва ба ислоҳи нафси хеш бипардозад [2, 78].

«Туҳфаи дӯстон» муҳимтарин асарест, ки дар он мутафаккир андешаҳо ва таълимоти ахлоқии худро бисёр ҳакимона иброз намудааст. Дар ин асар Шоҳин хайру некиро барои нотавонону аз амалҳои дармондагон зарур арзёбӣ кардааст:

Дар атрофи олам басе сайр кард,
Қадам бар қадам буқъаи хайр кард.
Гадо шуд тавонгар ба даврони ӯ,
Ки бар нотавон буд эҳсони ӯ [4, 78].

Шоҳин дар «Туҳфаи дӯстон» ҳамчун ҳакиму мутафаккир бар ин назар аст, ки нафс ба ҷисми инсон таъсири зиёд дорад ва мизоҷи ҷисм ба мизоҷи нафс тобеъ аст ва аз ин рӯ, табиби нафс табиби ҷисм низ ҳаст. Бинобар ин, мақсади илми ахлоқ муолиҷаи нафс аст, ки он дар навбати худ сабаби сиҳҳатии ҷисм мешавад [4, 37].

Шамсиддин Шоҳинро ба таълимоти ахлоқии файласуфони Юнони Бостон, бахусус ба Эпикур дар таҳлили масоили лаззат пайравӣ кардааст. Ба ақидаи ӯ, лаззат амри вуҷудӣ нест ва иборат аз бозгашт ба ҳолати табиии баъди хориҷшавӣ аз он ва ё халосӣ аз аламу андӯҳ аст, бинобар ин, лаззат раҳоӣ аз ранҷ ва аламу андӯҳ аст. Табиат на лаззат асту на андӯҳ.

Ахлоқи разила ба мисли бухл, ҳасад, такаббур, сукр, кизб, ғазаб ва амсоли инро Шоҳин дар вуҷуди инсон маҳкум карда, музирру хатарнок будани онҳоро бо далоили қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ тасдиқ кардааст [4, 53].

Шамсиддин Шоҳин дар рисолаҳои ахлоқии худ Худовандро бисёр зикр карда, ақлро аз беҳтарин атои илоҳӣ ба инсон таъриф додааст, ки тавассути он инсон аз бадиҳо мераҳад ва бо некиҳо мепайвандад.

Ашъори лирикии шоир аз ғазал, қасида, рубоӣ, мухаммас мусаддас тарҷеъбанд ва амсоли инҳо иборат аст. Вале дар эҷодиёти Шоҳин ғазалу қасида мавқеи намоёнтар доранд. Муҳимтарини онҳо мадҳу санои амир, маю майгусорӣ, тасвири ишқу муҳабати самимӣ, шикоят аз муҳити зиндагӣ ва шароити сахти рӯзгор мебошад [5, 127].

Шоҳин махсус таъкид мекунад, ки инсон бояд хатман тарбияи устоди ҳакимро дошта бошад, вагарна дар торикиву гумроҳии замона ғарқ шудан аз гумон дур нест. Ба андешаи Шоҳин нақши устод дар ташаккулу пешрафти фарҳангу ахлоқи инсонӣ ниҳоят муҳим аст. Дар ҷараёни тарбия тинати инсон, ҷаҳони ботинӣ ва зоҳирии вай дигаргун шуда, ба инсонию хушахлоқию хӯ табдил меёбад, аз ин рӯ, ахлоқу одобро асли инсон гуфтаанд. Дар ҳақиқат пойдевори инсонияту инсонгароӣ одобу ахлоқи ҳамида мебошад ва Шоҳин мақоми инсони ко-

милро дар пешрафти илму фарҳанги ҷомеа баланд бардошта, дар он аст, ки маҳз инсони комил бо фазилатҳои баланди ахлоқиияш ҷомеаро бо ахлоқи нек ва илму ҳунари худ ободу зебо мекунад [1, 57].

Барои зиндагии шоиста инсон бояд фурсатро аз даст надода, заҳмат бикашад ва саъю талош варзад, ки корҳои неку арзандаро анҷом диҳад, мисли санги осиё ҳамеша дар ҳаракат бошад, набояд ғафлат варзад, балки бояд мақсади муайян дошта, дар ин роҳ кӯшишу ҳаракат, ҷаҳду талош, саъю ҷадал намояд. Шамсиддин барои ҳар як инсон доштани илму ҳунарро тарғиб мекунад ва ҳунармандиро яке аз сифатҳои беҳтарини инсон дониста, таъкид менамояд, ки ҳунарманд аз сарсоню дарду ранҷ фориғ аст ва инсони бе касбу ҳунар мисли дарахти бесамар аст:

Ҳунармандро моя бар маҳ кашид,
Сари беҳунар дар буни чаҳ кашид [1, 206] .

Шоҳин худ марди ҳунарманду эҷодкор буд ва нисбати аҳли ҳунар муҳаббату самимияти зиёд дошт. Ба андешаи ӯ илму дониш ва ҳунар инсонро дар муқобили ҳар гуна сахтиву тангдастӣ ва дарду ранҷ устувор нигаҳ медорад, аз ин рӯ, ӯ одамонро ба омӯзиши илму ҳунар даъват намудааст.

Як ҷиҳати аз ҳама муҳими ақидаҳои ахлоқии Шамсиддин дар ин аст, ки ӯ мақоми инсонро дар пешрафти илму фарҳанги ҷомеа баланд бардошта, бар он аст, ки инсони донишманду ҳунарманд ҷомеаро бо илму ҳунари худ зинати тоза медиҳаду обод мекунад; инсон бояд дорандаи илму ҳунар, касбу кори созандаву бунёдкор ва дар баробари ин соҳиби фазилатҳои ахлоқӣ бошад [2, 97]. Чунин тарзи андеша барои замони муосир ҳам қобили қабул ва дастгирӣ аст ва андешаҳои ахлоқии Шоҳин то имрӯз ҳам моҳияти тарбиявии худро гум накардааст. Ҳунару дониш бо ҳам таносуб дошта, яке бе дигаре бесамар аст. Агар инсони донишманд дониши хешро дар амал татбиқ нанамояд, аз дониши ӯ самаре нахоҳад буд ва ҳамчунин шахси ҳунарманд низ агар ҳунари худро ба кор набандад ҳунари ӯ ҳосиле нахоҳад дод.

Шоҳин бахусус ҷавононро ба роҳи дуруст ва ба роҳи ҳақ даъват намуда, ғофил мондан дар зиндагиро ба чоҳи чуқури гумроҳӣ афтидан унвон кардааст. Омӯхтани илму маърифат ва касби ҳунару ахлоқи неку писандида инсонро ба камолоти маънавӣ мерасонад ва аз олудагиҳои ношоиста дур месозад. Ба андешаи Шоҳин илму ҳунар ва ахлоқи писандида ҷавҳари аслии инсону инсоният мебошад [3, 37]. Ва баръакс, инсоне, ки ахлоқи разила: кибру ғурур, худхоҳиву худписандӣ, бадтинатӣ, бадзабонӣ, бухлу ҳасодат ва дигар унсурҳои ахлоқи ношоистаро дар худ парвариш медиҳад, асли инсонии худро аз даст медиҳад ва ба ҳайвонӣ мегарояд. Мутафакир дар бораи зоҳирпарастӣ, худпарастиву мағрурӣ ва тангдилву хасисӣ сухан ронда, бар он аст, ки ин сифоти разила инсонҳоро ба расвоӣ мекашонад. Ӯ мардумро ба кори хайру саховатмандӣ ва фазлу бахшиш даъват намуда, фармудааст, ки тамоми сифатҳои разила дар инсон дар натиҷа нодониву гумроҳӣ рух медиҳанд [3, 95].

Шоҳин шахсони коҳилу коргурезро, ки бори зиндагии худро ба дӯши дигарон вогузор мекунанд ва аз омӯзиши илму касби ҳунар дурӣ мечӯянд сахт накӯҳиш кардааст. Ба назари ӯ дасте, ки масдари эҷод несту ҳунаре надорад, шикастан беҳ аст.

Шоҳин дар масъалаи таълиму тарбия андешаву фикрҳои ҷолиби диққат гуфта, таъкид менамояд, ки бояд шахс дар ҷавонӣ саъю талош варзад, то ин ки аз тарбияи устодону мураббиён ва муаллимон баҳраманд гардад, зеро дар ҷамеа шахс бе устоду мураббӣ ба ҷое намерасад.

Дар таърихи илму адаб Шамсиддин Шоҳин барои аҳли хирад ҳамчун як шахсияти ахлоқӣ, маънавӣ ва ватанпарвар маълуму маъруф аст. Ашъори Шоҳин, махсусан ғазалҳои ӯ бештар мазмуни ахлоқӣ дошта, дар доираи он мавзӯъҳои танқидиву шикоят аз замон ва махсусан, аз сарватмандону ҳокимон, инчунин аз худҳоҳиву худписандиҳои давлатдорони он замон ва мушкили табақаҳои меҳнаткаш, бекадрии аҳли илму фарҳанг ва амсоли ин баён гардидааст. Ба андешаи ӯ инсон ҳар қадаре, ки бо илму маърифат бошад, роҳи барои расидан ба мақсаду маромаш ҳамон андоза осонтар аст. Инсон бояд сифатҳое назири шуҷоат, парҳезкорӣ, ҷасорат, тарс, сабр, сукуту оромишро доро бошад ва барои касби ахлоқи ҳамида аз тамоми корҳои ношоиста рӯ гардонад, то ки ба камолоти маънавӣ даст ёбад [6, 169].

Аз ин рӯ, панду андарзҳои ҳакимону мутафакироне ҳамчун Шоҳин дар тарбияи

инсон, ислоҳи нафси ӯ, ҳидояти он ба камолоти маънавӣ саҳми бебаҳо гузоштаанд, пойдевори ахлоқи ҳамидаи инсониро устувор намудаанд. Маҳз ба ҳамин сабаб ҷомеаи инсонӣ то кунун новобаста аз хусумат ва ҷангу ҷидолҳои бешумор побарҷо аст. Ҳамин аст, ки осори панду ахлоқии Шоҳин дар инкишофи тамаддуну маърифати мардуми тоҷик саҳми арзанда гузошта, андешаҳои ахлоқиаш то кунун мубрамияти худро гум накардаанд. Зеро дар замони муосир ҷомеаи мо беш аз пеш муҳтоҷ ба пайгирӣ аз сунатҳои ахлоқии пешомадагон мебошад. Таълимоти ахлоқии ниёгон, ки ба пояи илму мантиқ, низоми фалсафии дуруст ва таҷрибаи рӯзгор асос ёфтаанд ҳар яки моро водор менамоянд, ки пиндору гуфтору кирдорамонро тибқи онҳо бунёдгузорӣ намоем ва роҳи дурусти худшиносӣ дошта бошем [7, 131].

Шоҳин барои тарбияи афроди ҷомеа ва ахлоқи ҳамидаи он чун дигар мутафаккирон, ба монанди Насируддини Тусӣ («Ахлоқи Носирӣ»), Файзи Кошонӣ («Ахлоқи ҳасана») ва дигарон китобҳои махсус дар боби ахлоқ нанавиштааст, вале тамоми осораш моломоли панду андарзҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ мебошанд [7,143].

Ҳангоми таҳлили осори ахлоқии Шамсиддин ба ин натиҷа расидем:

- таълимоти ахлоқии Шоҳин хусусияти инсонгароёна дорад, зеро мақсади он камолоти инсон ва дастрасӣ ба саодати дорайн мебошад;

- Шамсуддин Шоҳин файласуфи ақлгарост ва дар таҳлили масоили ахлоқӣ низ ба ақл такя кардааст. Ӯ ахлоқи инсонро дар робита бо тарбияи ӯ, фаҳмидани неку бад ва дарки фарқи байни онҳо таҳлил намудааст;

- таълимоти ахлоқии Шоҳин хусусияту ҷанбаи хушбинӣ дорад, зеро файласуф боварии комил дорад, ки хулқи инсон ислоҳшаванда аст ва метавонад такомул ёбад;

- мутафаккир инсони фаъол ва ахлоқи ҳамеша дар раванди пешрафту хубӣ қарордоштаи ӯро писандидааст;

- ба мисли дигар ҳакимону донишмандон Шоҳин андешаҳои ахлоқии худро бо ояҳои қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ тақвият бахшидааст;

- шоир панду андарзҳои ахлоқӣ-тарбиявиашро дар робита бо вазъи сиёсӣ-иҷтимоии даврони хеш ва масоили давлатдориву тарзи ҳокимиятдорӣ иброз кардааст.

Адабиёт

1. Шамсуддин Шоҳин. Куллиёт.- Душанбе.: «Адиб», 2006.-387саҳ.
2. Шамсуддин Шоҳин. Мунтахабот.- Душанбе.: «Адиб». 2016.-283 саҳ.
3. Шамсуддин Шоҳин. Девони ашъор.- Душанбе.: «Дониш». 2018.-378 саҳ.
4. Шамсиддин Шоҳин. Туҳфаи дӯстон. Бадоуъ-ус-саноеъ.-Душанбе.: «Дониш». 2018. - 276 саҳ.
5. Мирзозода Х. М. Шамсуддин Шоҳин.- «Душанбе».: 1962.-227 саҳ.
6. Р. Ҳодизода., У. Каримов., С. Саъдиев. Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX). Душанбе. : «Дониш». 1974.-345 саҳ.
7. Расул Ҳодизода. Шоҳин. Душанбе.: «Дониш». 2018.- 275 саҳ.

ЭТИЧЕСКИЕ МЫСЛИ ШАМСУДДИНА ШОХИНА

Хайбуллоева С. Ш.

Шамсуддин Шахин как мыслитель и философ, уделял особое внимание изучению и анализу философских вопросов, в частности, вопросов этики и общечеловеческих ценностей. Его мысли и нравственные учения обогатили богатое духовное наследие нашей нации и укрепили систему этических фундаментальных и незыблемых ценностей. Одна из главных целей нравственного учения Шахина – воспитывать человека и обогатит его духовный мир. Обсуждая проблему этики, которая является одной из важнейших доктрин для воспитания совершенного человека и развития сущности его человечия, он разделил свою теорию об этики на две части: положительные черты и отрицательные. Самыми важными положительными аспектами нравственности в учении Шахина являются: добро и добрых деяний, справедливость, целомудрие, терпение, щедрость, искренность, верность, смирение и т. д. К отрицательным чертам относятся: дурные мысли, дурные слова и дурное поведение, ревность, высокомерие, жадность, обжорство, пьянство, ложь и т. п. В своих произведениях Шахин, анализируя эти качества, показывает причины и источники проявления этих качеств.

Ключевые слова: *положительные и отрицательные черты характера, этика, добро, добродетель, наука и знания, профессия, ремесло, ложь, угнетение, высокомерие, зависть.*

ETHICAL THOUGHTS OF SHAMSUDDIN SHAKHIN

Khaibulloeva S. Sh.

Shamsuddin Shahin, as a thinker and philosopher, paid special attention to the study and analysis of philosophical issues, in particular, issues of ethics and universal human values. His thoughts and moral teachings have enriched the rich spiritual heritage of our nation and strengthened a system of ethical fundamental and unshakable values.

One of the main goals of Shamsuddin Shahin's moral teaching is to educate a person and enrich his spiritual world. Discussing the problem of ethics, which is one of the most important doctrines for the education of a perfect person and the development of the essence of his humanity, he divided his theory of ethics into two parts: positive personality traits and negative. The most important and positive aspects of human morality in the teachings of Shahin are: goodness and good deeds, justice, chastity, patience, generosity, sincerity, loyalty, humility, etc. Negative traits include: bad thoughts, bad words and bad behavior, jealousy, arrogance, greed, gluttony, drunkenness, lies, etc. In his works, Shahin, analyzing these qualities, shows the reasons and sources for the manifestation of these qualities.

Keywords: *positive and negative character traits, ethics, goodness, virtue, science and knowledge, profession, craft, lies, oppression, arrogance, envy.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ҲАЁТУ ФАЪОЛИЯТ ВА АСАРҲОИ ФАЛСАФИИ САЛОҲУДДИНИ САЛҶУҚӢ

Каримова С. Р. – докторант (PhD)-и Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
Тел.:(+992) 931011353

Дар мақолаи мазкур сухан дар мавриди ҳаёт ва фаъолияти яке аз олимони барчаста, файласуф, маорифпарвар ва сиёсатмадори форсу тоҷик дар асри ХХ - Салоҳуддини Салҷуқӣ меравад. Ӯ яке аз маорифпарварони фаъол ва ислоҳталаби замони худ ба шумор рафта, дар корҳои давлатӣ низ фаъолият намудааст ва яке аз муассисони аввалин Академияи илмҳои Афғонистон ба шумор меравад. Инчунин дар соҳаи дипломатия, ба сифати сафири Афғонистон дар Ҳиндустон ва Миср адои хизмат намудааст. Салоҳуддини Салҷуқӣ саҳми бузурги худро дар вусъат додани омӯзиши адабиёти илмии Афғонистон ва баркарор сохтани муносибатҳои илмӣ бо дигар кишварҳои ҷаҳон гузошта буд. Салҷуқӣ ҳамчун муҳаррири Энсиклопедияи Исломӣ дар китобхонаи миллии Англия фаъолият намудааст. Корҳои илмии мутафаккир оиди муттаҳид сохтани мардуми афғон ва озод шудан аз мустамлика ба нашр расидаанд, ки барои иешрафту равнақи ватани худ равона шудаанд.

Аммо ҷойи таассуф аст, ки мсроси илмӣ, эдодиёт ва ҷаҳонбинии Салоҳуддин Салҷуқӣ хело кам омӯхта шудааст. Назарияи фалсафӣ- ирфонии мутафаккир тамоман мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Масоили ахлоқӣ нисбат ба мохияти инсон, хастии инсон мутлақо тахкик нашудаанд. Бо вуҷуди ин дар силсилаи муаррихони рус ва тоҷик номи ӯ дар миёни маорифиарварон ва олимони бузурги Афғонистон зикр мешавад.

Калидвожаҳо: *Олими барҷаста, файласуф, маорифпарвар, Салоҳуддини Салҷуқӣ, Афғонистон, ақибмондагӣ, равшанфикрӣ, ҷоҳилӣ, исломшиносӣ, фиқҳ, Ҳирот.*

Салоҳуддини Салҷуқӣ яке аз олимони барҷаста, файласуф, маорифпарвар ва сиёсатмадори форсу тоҷик дар асри ХХ ба шумор рафта, аз худ мероси гаронбаҳое боқӣ гузоштааст. Махсусан ӯ яке аз маорифпарварони фаъол ва ислоҳотталаб ба шумор мерафт. Ӯ дар корҳои давлатӣ низ фаъолият намуда, яке аз муассисони аввалин Академияи илмҳои Афғонистон ба шумор меравад. Инчунин дар соҳаи дипломатия, ба сифати сафири Афғонистон дар Ҳиндустон ва Миср адои хизмат намудааст. Ӯ саҳми бузурги худро дар вусъат додани омӯзиши адабиёти илмии Афғонистон ва барқарор сохтани муносибатҳои илмӣ бо дигаркишварҳои ҷаҳон гузошта буд. Салҷуқӣ ҳамчун муҳаррири Энсиклопедияи Исломӣ дар китобхонаи миллии Англия фаъолият намудааст. Корҳои илмии мутафаккир оиди муттаҳид сохтани мардуми афғон ва озод шудан аз мустамлика ба нашр расидаанд, ки барои пешрафту равнақи ватани худ равона шудаанд. Ӯ ҳамчун маорифпарвар ва равшанфикр намудани халқи худро василаи бузурге аз баромадани ақибмондагӣ, ҷоҳилӣ ва бартараф намудани низоъ меҳисобид.

Аммо ҷойи таассуф аст, ки мероси илмӣ, эҷодиёт ва ҷаҳонбинии Салоҳуддин Салҷуқӣ хело кам омӯхта шудааст. Назарияи фалсафӣ-ирфонии мутафаккир тамоман мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Масоили ахлоқӣ нисбат ба моҳияти инсон, ҳастии инсон мутлақо таҳқиқ нашудаанд. Бо вуҷуди ин дар силсилаи муаррихони рус ва тоҷик номи ӯ низ дар миёни маорифпарварон ва олимони бузурги Афғонистон зикр мешавад.

Салоҳуддини Салҷуқӣ соли 1896 дар шаҳри Ҳироти Афғонистон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Маълумоти ибтидоиро аз волидони худ ва маълумоти олиро бошад, дар мадрасаи Низомияи шаҳри Ҳирот ба даст овардааст. Дар синни 12 солагӣ ӯ шогирди яке аз устодони мадрасаи Низомия Мавлавӣ Ғулом Мустафо мегардад. Бо гузашти айём ӯ ба чунон мартаба мерасад, ки Мавлавӣ Ғулом дигар ба саволҳои ӯ посух дода наметавонад. Аз ин хотир ӯ ба назди бародари Мавлавӣ Ғулом – Муҳаммад Умар раҳсипор мешавад, ки вай яке аз олимони машҳури шаҳри Ҳироти ҳамон давр

ба шумор мерафт. Дар мадрасаи “Низомия” Салҷуқӣ лақаби “Шайх-ул-ислом ва-л-муслимин”(шайхи ислом ва мусалмонҳо)-ро соҳиб мегардад. Ин унвон яке аз баландтарин унвонҳои илмӣ дар он замон ба ҳисоб мерафт. Ҳангоме, ки Муҳаммад Умар дар Салҷуқӣ ин истеъдодро мебинад, дарк мекунад, ки Салҷуқӣ ба осонӣ аз ӯҳдаи таълим додан мебарояд ва ба вай фармон медиҳад, ки то ба дигар шогирдон илм омӯзонад. Салҷуқӣ аз устодаш Муҳаммад Умар таҷрибаи зиёди илмӣ гирифта буд, хоссатан дар илми фалсафа ва мантиқ.

Чи гунае, ки Г.Х.Наввобӣ қайд мекунад: “яке аз олимони америкоӣ дар фаъолияти корӣ худ бо Салҷуқӣ вохӯрӣ дошт ва муошират онҳо бо забони хориҷӣ сурат мегирифт. Наввобӣ қайд мекунад, ки ҳангоми сӯҳбат бо Салҷуқӣ маҳорати баланди нотиқии ӯро дида, баъди вохурӣ ба дӯстони америкоиву афғонии худ мегӯяд: “раиси иттиҳодияи матбуотии Афғонистон файласуф ва нотиқи бузург аст”. Дар ҳолати суҳбат ӯ аз вай истилоҳоти мушкилеро, ки барои худи америкоиҳо ва аврупоиҳо мушкилфаҳм буд, шунид[1.15-16].

Модари Салоҳуддин Оишахотун зани босаводу бомаърифат буд. Падараш бошад, Сирочуддини Салҷуқӣ олим, адабиётшинос, исломшинос, донандаи забони тоҷикӣ, дарӣ ва арабӣ буд. Салҷуқӣ аз авлоди шоҳони Салҷуқӣ ба ҳисоб мерафт. Баъди анҷоми ҳукмронии ин сулола насли онҳо ба шаҳрҳои гуногун сафар карданд. Баъзе аз хонадони ӯ дар сарҳади Форс, ки дар Эрони ҳозира ҷойгир шудааст, зиндагонии худро давом доданд. Аз сабаби даъвоҳои ин хонадон бо Нодиршоҳи Афшор ба хонадони онҳо ҳуҷум карда, бузургони ин хонадонро ба қатл расонд. Мулло Муҳаммад, ки узви ин оила ба шумор мерафт, соҳиби чаҳор фарзанд буд. Яке аз фарзандонаш Муҳаммад Мирзо дар шаҳри Ҳирот ба сари тахт омада буд. Муҳаммад Мирзо Салҷуқиро аз шаҳри Тӯс ба Ҳирот даъват карда ба ӯ маконеро, ки дар наздикии кӯҳнатарин маҳкама бо номи “Ихтиёруддин” ва “Масҷиди филхона” буд, ҷой медиҳад, то ӯ ба кӯдакони ин макон илму дониш омӯзонад.

Салҷуқӣ дар истифода аз истилоҳҳои фалсафа дар равияи пешинагон аст. Вай қайд мекунад, ки фалсафа ҳеҷ гоҳ ният ва ҳадафи ӯ набуд, балки он як роҳи комили расидан ба ҳақиқати инсонӣ буд. Чи гунае, ки ишора мекунад: “Ман дар оилае ба дунё омадаам, ки илм дар зинаи аввал меистод, аъзои оилаамон донишмандони олимансабу олимақом буданд. Якчанд муддат ман дар омӯзиши равияи гузаштаҳои худ машғул будам ва баъдтар аз шавқу рағбати беинтиҳои худ, ба фалсафа машғул шудам. Ахлоқ, фиқҳ ва тасаввуф маро бештар ба сӯи фалсафа роҳнамоӣ кард. Лекин фалсафа ҳеҷ вақт мақсади ман набуд, балки як роҳи омӯхтани адабиёти ахлоқӣ ва тасаввуф буд” [2.10].

Салоҳуддини Салҷуқӣ ба яке аз духтарони намояндаи бисёр сарватманди қабилаи Ҳирот Муҳаммадзой издивоҷ кард. Аз ин издивоҷи худ ӯ соҳиби ду фарзанд гашт, ки номи яке Сиддиқи Салҷуқӣ ва номи дигаре Ҳомид Салҷуқӣ буд. Фарзанди бузургаш Сиддиқи Салҷуқӣ маълумоти олӣ гирифта, ходими сиёсӣ гашта, дар татбиқи масъалаҳои муҳим дар замони даҳсолаи демократӣ ва барои пешрафти дипломатия, муомилаи байналхалқии ватании худ, саҳми бениҳоят бузург гузошт.

Фарзанди хурдиаш Ҳомиди Салҷуқӣ дар аз худ намудани касби ҳавопаймоӣ таҳсил намуда буд ва ҳамчун баландихтисос буд. Баъд аз вафоти ҳамсари аввали худ, вай бори дигар ба Ҳумайри Маликёр, духтари Маликёр аз авлоди Абулҳамади Ғазнавӣ, вазири амир Ҳабибуллоҳ, шоҳи Афғонистон издивоҷ кард.

Салоҳуддини Салҷуқӣ ба синни бист нарасида буд, ки ба шаҳри Кобул сафар кард. Ба донишмандони он шаҳр мулоқот намуд. Ин гуна мулоқотҳо сабаб шуданд, ки Салоҳуддин ҳамчун шахсияти бофаросат, нуқтасанҷ, борикбин дар ин доира шинохта шавад, ва ба ӯ лақаби “нобиғаи хурдсол”-ро медиҳанд. Дар Кобул ӯ ба мусобиқае, ки шоирону қозиён ҳузур доштанд, иштирок намуда муваффақ мегардад ва дар ҳамон лаҳза ба вазифаи қозӣ таъйин мегардад. Инчунин ӯ аз ҳама қозии дархостнок дар муҳокимаи тартибии Афғонистон ба ҳисоб мерафт. Салҷуқӣ дар муҳокимаи тартибӣ ислоҳоти намоёнро ҷорӣ намуд, ки сабаби иззати арбобони давлат гардид. Салҷуқӣ бениҳоят шуғли зиёд дар омӯхтани илму дониш дошт, ӯ ҳеҷ вақт аз тадқиқоти худ даст намекашид, бинобар фаъолияти пуртаҷрибаи худ ислоҳотчӣ ба шумор мерафт. Салҷуқӣ дар Литсейи олии “Ҳабибия” ба ҳайси устод фаъолият мекард. Баъдан ӯ ба вазорати фарҳанги илмӣ ворид шуда, дар бароба-

ри он ӯ дар донишгоҳи педагогии шаҳри Кобул профессори машҳур мегардад. Дар ҳолати аз байн рафтани ҳукмронии шоҳ Амонуллоҳ ӯ ба зиндон партофта мешавад ва дар он ҷо ба азобҳои шадид рӯ ба рӯ мегардад. Баъд аз наҷот ёфтан аз маҳкамаи судӣ ӯ ба вазифаи вакили Афғонистон дар Ҳиндустон таъйин карда мешавад. Маҳз дар ҳамин ҳолат байни Салҷуқӣ ва мутафаккири Шарқ Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ робитаи дӯстӣ пайдо мегардад. Дар ин асно худи Салоҳуддин чунин зикр мекунад: "Маҳз дар ҳамин хизмати ҳаштсола байни ман ва Иқбол дӯстии шадиде ба вуҷуд омад. Ӯ ҳар сол наздам меомад ва ҳафтаҳои зиёд меистод" [2.313]. Баъд аз анҷоми корҳои дипломатии худ ӯ робитаи дӯстии худро бо Иқбол канда нокарда, балки мактубҳои зиёде ба ӯ мефиристод, то доири аҳволи мусалмонон дар Шарқ ва роҳи наҷот аз уқубати ононро бо ҳамдигар мутолиа намояд. Баъдтар соли 1954 ба Салҷуқӣ, барои хизматҳои беандоза ба халқу ватани худ унвони "Шайх-ус-суфра"-ро медиҳанд, ки ин унвон хело ҳам мақому мартабаи баланд дошт.

Ҳамин тариқ Салоҳуддини Салҷуқӣ 5 июни соли 1970 аз олам даргузашт ва дар шаҳри Кобули Афғонистон дар гуристони "Шуҳадои- солиҳин" ба хок супурда шуд.

Осори маъруфи фалсафии Салҷуқӣ инҳоянд:

1. "Шарҳи Муҳаққиқ" (шарҳи ақидаҳои Муҳаққиқ Давонӣ).
2. "Умури оммавии фалсафаи гузашта". Ин китоб яке аз машҳуртарин китоби Салҷуқӣ ба ҳисоб рафта, дар марказҳои илмии Афғонистон ва хусусан дар мадрасаи Ҳирот зиёд тадрис мешуд.
3. "Шарҳи ҳаёти ан-нур".
4. Нақди Бедил.
5. Афкори шоир.
6. Нигоҳе аз зебоӣ.
7. Ойинаи таҷаллӣ.
8. Таҷаллии Худо дар офоқу анфус.
9. Тақвими инсон.
10. Афсонаи фардо.
11. Ҷабира.
12. Китоби Муҳаммад (с) дар ширхорагӣ ва кӯдакӣ.
13. Китоби "Тазҳиб ал-ахлоқ".

Салоҳуддин муаллифи 34 китоб ва беш аз 200 мақолаҳои бахшида ба одоб, забономӯзӣ, морфология, сарфу наҳв, табиатшиносӣ, фалсафа ва тамаддун мебошад. Ӯ аз худ 13 рисолаи илмӣ боқӣ гузоштааст.

"Нигоҳе ба зебоӣ". Ин китоб қомуси зебоишиносӣ ва санъат аст. Рисола аз 173 саҳифа иборат буда, дар шаҳри Кобул соли 1963 нашр шудааст. Пеш аз пешниҳод намудани илми зебоишиносӣ муаллиф як қатор масъалаҳоро пешниҳод мекунад:

1) Оё зебоии инсоният ба моли дунёяш ё серпулиаш ё бо хислати хуби доштааш вобастагӣ дорад?

2) Оё санъат барои худ ҳадафи муайяне дорад?

3) Оё санъат пайравӣ аз табиат мекунад ё ин ки қисмате аз табиат аст?

Ба ин саволҳо Салҷуқӣ аз назарияи файласуфон ва мутафаккирони замони гузашта ва муосир ҷавоб мегӯяд. Зимнан назари интиқодии худро доири ин масъала баён менамояд. Дар таснифоти улуми фалсафӣ ӯ илми зебоишиносиро дар радифи илмҳои ахлоқ ва мантиқ ҷой медиҳад. Салҷуқӣ барои муайян намудани илми зебоишиносӣ аввал назарияи файласуфони Юнон ва баъдан мавқеи худро ошкор менамояд, ки дар асоси онҳо менависад: "Файласуфони Юнон кушишу заҳмат намуданд, то дар маҷмӯъ зебоишиносиро дар таҳти муайяни тартиби умумӣ дохил намоянд. Азбаски зебоӣ дорои ҷанбаҳои сершумор ва номуайян аст, аз ин хотир ба доираи қоидаҳои муайян дароварда намешавад. Мисоли зерин, ин ки мо ба назар намудани доираи моҳ дар вақти шабонгаҳ лаззат мебарем ё хурсандӣ менамоем, ба гулҳо ва баргҳои диққатҷалбовар хушҳол мешавем. Чигуна ҷозибаи умумӣ доранд ин сохтаҳо ва онҳоро ба қолаби муайян дароварда мешавад? Агар дар ин сохтаҳо ҳамоҳангӣ вуҷуд дошта бошад ҳам, танҳо дар комил будани онҳо дида мешаваду халос" [3.17,18].

Салҷуқӣ нисбат ба масоили ахлоқ тафаккур карда тасдиқ мекунад, ки: "Агар пурқувват ё комил будан қувваи мардӣ бошад, пас бар занон зебогӣ ва лутфу назокате, ки сабаби зебогии онон мегардад ба ҳисоб меравад. Аз ин мақсади ниҳоии зебоишиносӣ ҳамон ҳиссиёти ҷустуҷӯӣ хушнудист. Ва ин амал қобили қабул аст, зеро дар мақсади муайяни зебогӣ болотар аз инҳост ва касе метавонад ба ин қулла бирасад, ки тақводору парҳезгор ва суфии маърифатнок ва ориф бошад. Аз ин рӯ зебогӣ нишонае аз комилу мукаммал будани ҳадафи ниҳоии мавҷудият ва ҳаёт аст" [3.36].

Масъалаи дигаре, ки Салҷуқӣ дар рисолаи худ зикр менамояд ин он аст, ки фай-

ласуфони Юнон санъатро тақлиди табиат шумурда иштибоҳи бузургеро ба даст оварданд. Ва ин ақидаи нодурусти худро то имрӯз дар илми муосир ҷой додаанд, ки ин ба монанди хишти хоме, ки дар сақфи зебоишиносӣ қарор дорад, намоён мешавад. Ӯ ба ин иддао мекунад, ки санъат ифодакунандаи табиат аст, на як қисми табиат. Дар китоби худ "Нигоҳе аз зебоӣ" боз бисёре аз масъалаҳои зебоишиносиро дида баромада аст.

Адабиёт

1. Наввобӣ Ғулом Ҳабиб. Аллома Салҷуқӣ нависандаи муқтадир ва олимақом. – Файзобод: "Ирфон", 1953. –44с.
2. Салоҳуддин Салҷуқӣ. Тақвими инсон.- Кобул: " Ирфон",1973. - 344с.
3. Салоҳуддини Салҷуқӣ. Нигоҳе ба зебоӣ. –Кобул: "Ирфон",1963. -173с.
4. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Андешаҳои сиёсӣ дар ҷаҳони Ислом. –Теҳрон. : "Адабиёти Шарқ", 2005. -200с.
5. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ.Эҳёи фикри дини дар Ислом.–Теҳрон.: "Адабиёти Шарқ", 1957. -208с.
6. Зарринкуб Муҳаммад Ҳусайн.Арзиши мероси суфия.-Теҳрон.: "Сухан", 1974. -316с.
7. Зарринкуб Муҳаммад Ҳусайн.Ҷустуҷу дар тасаввуфи Эрон. – Теҳрон: "Сухан", 2000.-446с.

ЖИЗНЬ И ФИЛОСОФСКИЕ ТРУДЫ САЛАХУДДИНА СЕЛЬДЖУКИ

Каримова С. Р.

В данной статье рассказывается о жизни и деятельности одного из выдающихся ученых, философов, педагогов и политиков персидско-таджикского происхождения в XX веке Салахуддина Сельджуки. Он считался одним из активных и стремящихся к реформам педагогов своего времени, он также занимался общественными делами и был одним из основателей первой Академии наук Афганистана. В области дипломатии он был послом Афганистана в Индии и Египте. Салахуддин Салджуки внес большой вклад в расширение изучения научной литературы Афганистана и восстановление научных связей с другими странами мира. Сельджуки работал редактором Исламской энциклопедии в Британской национальной библиотеке. Опубликованы научные труды мыслителя по объединению афганского народа и освобождению его от колонизации, которые направлены на прогресс и развитие своей родины.

Однако жаль, что научная деятельность, литература и мировоззрение Салахуддина Салюки изучены очень мало. Философско-мистическая теория мыслителя совершенно не исследована. Этические вопросы относительно сущности человека, сущности человека совершенно не изучены. Однако в ряду российских и таджикских историков его имя упоминается в числе великих просветителей и ученых Афганистана.

Ключевые слова: *Выдающийся ученый, философ, педагог, Салахуддин Сельджуки, Афганистан, отсталость, просвещенность, невежество, юриспруденция, исламоведение, Герат.*

LIFE AND PHILOSOPHICAL WORKS OF SALAHUDDIN SELJUKI

Karimova S. R.

This article tells about the life and work of one of the outstanding scientists, philosophers, teachers and politicians of Persian-Tajik origin in the 20th century, Salakhuddin Seljuki. He was considered one of the active and reform-minded educators of his time, he was also involved in public affairs and was one of the founders of the first Afghan Academy of Sciences. In the field of diplomacy, he was the Afghan ambassador to India and Egypt. Salakhuddin Saljuki made a great contribution to the expansion of the study of the scientific literature of Afghanistan and the restoration of scientific ties with other countries of the world. The Seljuks worked as the editor of the Islamic Encyclopedia at the British National Library. The scientific works of the thinker on the unification of the Afghan people and their liberation from colonization, which are aimed at the progress and development of their homeland, have been published.

However, it is a pity that the scientific activity, literature and worldview of Salahuddin Saluki have been studied very little. The philosophical-mystical theory of the thinker is completely unexplored. Ethical questions regarding the essence of man, the essence of man, have not been studied at all. However, among Russian and Tajik historians, his name is mentioned among the great educators and scientists of Afgh anistan.

Keywords: *Outstanding scientist, philosopher, teacher, Salahuddin Seljuk, Afghanistan, backwardness, enlightenment, ignorance, jurisprudence, Islamic studies, Herat.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ОБРАЗОВАТЕЛЬНАЯ МОБИЛЬНОСТЬ ТАДЖИКСКОЙ МОЛОДЁЖИ

Закиров З. Н. - аспирант ФГАОУ ВО «Северо-Кавказский федеральный университет»

В статье рассматривается образовательная мобильность в контексте таджикской молодёжи. Анализируются миграционные процессы, которые влияют на образовательную мобильность таджикской молодёжи. Описываются мотивы и факторы миграции молодёжи из Республики Таджикистан.

По мнению автора, основными факторами оказывающими влияние на образовательную мобильность таджикской молодежи выступают демографическая ситуация и демографические характеристики, которые сопутствуют социальному самоопределению молодого поколения.

Ключевые слова: *образование, демография, миграция, молодежь, молодёжная миграция, таджикская молодёжь, мобильность, социальная мобильность, образовательная мобильность.*

Актуальность проблемы образовательной мобильности молодежи постсоветских стран проявляется в нескольких взаимосвязанных аспектах, непосредственно затрагивающих вопросы свободы выбора и неравенства возможностей. Эти вопросы неизменно оказываются связанными с профориентацией и определением профессии, выбором места жительства и образовательного учреждения. Данные компоненты социального самоопределения связаны, с одной стороны, с возможностями предоставляемыми обществом молодому поколению, а с другой, с готовностью поколения реализовать эти возможности.

Первая составляющая образовательной мобильности обусловлена политическими, экономическими, социальными и другими факторами, соотносимыми с общей ситуацией в стране и внешними глобальными изменениями. Вторая, социальными, демографическими, социально-психологическими и другими характеристиками как поколения в целом, так и его частей: социальных общностей и групп; выходцев из разных слоев общества; а также отдельных индивидов.

Для определения термина «образовательная мобильность», обратимся к данным различных исследований, так как этот термин является относительно новым в современной социологии, в отличие от социальной мобильности, из которой в свою очередь вытекает образовательная и соотносится с ней как частное с общим. Рассматривая и анализируя суть дефиниций образовательной мобильности у различных исследователей, мы солидаризируемся со следующей интерпретацией данного явления – это вид социальной мобильности, которая подразумевает изменение социального статуса посредством изменения статуса образовательного, также как совокупность установок и готовности к перемещению, в том числе и территориальное перемещение (то есть академическую миграцию) с целью получения образования. [4. 14].

Особенно актуальной представляется образовательная мобильность для молодежи Таджикистана. Индивидуальные пути становления постсоветских стран создают такие же индивидуальные формы воздействия разных институционально организованных обществ как среду, формирующей реальные возможности и ограничения. Развал единого народнохозяйственного комплекса, гражданская война, продолжающийся межтаджикский конфликт привели к глубокому социально-экономическому кризису в Таджикистане.

Социальная поляризация общества и угрожающий рост безработицы развертываются на фоне коренных изменений в социальной структуре республики. Изменения в социальной структуре, вызванные экономическим кризисом, усиливая процесс имущественного расслоения общества, резко ухудшая материальное положение

большей части населения, порождая огромную армию безработных, непосредственным образом отражаются на молодом поколении. Данные обстоятельства влияют на непосредственное развитие и становление образовательной мобильности среди молодого поколения данной республики.

Факторами, оказывающими влияние на образовательную мобильность выступают демографическая ситуация и демографические характеристики. Данные факторы сопутствуют социальному самоопределению молодого поколения. Их недооценка сильно сказывается как на социально-экономическом развитии Республики Таджикистан, так и на процессах социального самоопределения вступающих в самостоятельную жизнь новых поколений. [2. 163].

Одна из наиболее важных проблем - достижение более полной соотнесенности структуры формирования рабочих мест па рынке труда и демографических процессов формирования трудовых ресурсов в республике. Социальная структура и стратификация Таджикистана дестабилизирована вследствие как разрушительных тенденций в экономике, так и политической ситуации, приведшей, во-первых, к массовому оттоку некоренного населения, составлявшего ядро квалифицированных рабочих кадров и специалистов и, во-вторых, к бегству и вынужденной миграции коренного населения отдельных регионов в республике. Это дает основание считать, что высокий уровень структурной мобильности, порождающей образовательную мобильность, в данном случае связан не столько с изменениями в экономике, сколько с политической ситуацией в обществе. [7. 226].

Следует указать на тот факт, что согласно Статьи 1 закона Республики Таджикистан от 23 декабря 2021 года № 1830 «О молодёжи и государственной молодёжной политике», молодёжью являются люди в возрасте от 14 до 30 лет [Закон Республики Таджикистан от 23 декабря 2021 года, №1830 «О молодёжи и государственной молодёжной политике»]. Именно эта социально-возрастная группа, является основным субъектом образовательной мобильности и, в силу своей роли в качестве резерва трудовых ресурсов общества – восходящей вертикальной социальной мобильности как таковой.

Образовательная мобильность среди молодого поколения республики Таджикистан представляет собой важным не только для достижения образовательных и исследовательских целей, но и взаимодействие с предприятиями, а также с бизнесом, образованием, профессиональным учебным заведением и научно-исследовательскими центрами с целью приспособления среды к своим нуждам и гибкой, быстрой ориентации в постоянно меняющемся мире, интеграция в международное образовательное пространство.

Образовательная мобильность таджикской молодёжи определяется их готовностью и способностью к частой смене видов деятельности, решению проблем с позиции собственной и «чужой» культуры, умением выбирать пути взаимодействия с окружающим миром, способностью к культурной коммуникации, способностью изменять восприятие мира и самого себя.

Образовательная мобильность находятся в тесной связи с внешней миграцией таджикской молодёжи, так как последняя в свою очередь влияет на умение адаптироваться и интегрироваться в новой среде как социальной, так и образовательной. Основой для такого вывода является то, что значительная часть молодежи Таджикистана, которая обучается за рубежом, является выходцами из семей со средним достатком. Можно заключить, что эта категория граждан уже сегодня влияет на специфику формирования среднего класса в Таджикистане, и в будущем ее влияние будет усиливаться.[6.22].

В данном контексте, основными факторами и мотивами молодёжной миграции из Таджикистана выступают:

1. социально-экономический фактор, связанный с отсутствием востребованных рабочих мест внутри страны в целом и по отдельно взятым профессиям, а также - наличие рабочих мест при фактически минимальной оплате труда;

2. привлекательность получения качественного высшего профессионального и специального образования за рубежом;

3. всевозрастающий эффект глобализации, связанный с ростом мобильности, с

желанием молодых людей путешествовать, ездить в разные страны, испытывать собственные возможности в приобретении новых знаний, навыков, опыта межкультурной коммуникации.[11. 89.]

Согласно статистическим данным, приведенных в документе «О количестве граждан Республики Таджикистан, направленных Министерством образования и науки Республики Таджикистан для обучения в высших и научных учебных заведениях зарубежных государств за счет образовательных квот и продолжающих свое обучение», в 2016-2020 гг. среди принимающих стран по количеству принятых студентов лидирует Россия - 17081 чел. (81,1 %), далее следуют: Китай - 1520 чел. (7,2 %); Казахстан - 703 чел. (3,4 %); Киргизия -459 чел. (2,2 %) и другие.[9.18.].

Студенты из Таджикистана обучаются в основном в странах СНГ (88,9 %), остальные 11,2 % обучаются в других странах мира. Согласно сообщению Нуриддина Саида, бывшего министра образования и науки Таджикистана, до 19 июля 2019 года 30 000 представителей молодежи обучались в зарубежных странах, из них 90 % на бюджетной основе. В рамках двусторонних договорённостей, в российских вузах обучалась 21000 таджикских студентов [10.93].

По данным Миграционной службы Министерства труда, миграции и занятости республики Таджикистан, основной поток внешней миграции, за последние несколько лет, составляют молодые люди в возрасте от 18 до 30 лет (рисунок 1) [8].

Рисунок 1. – Возраст трудовых мигрантов республики Таджикистан

У молодежи, прибывшей из Таджикистана на обучение, появляется возможность освоить современные знания и навыки, которые невозможно получить в своей стране, в результате чего она выступает в качестве проводника межгосударственного и культурно-образовательного обмена, носителем транснациональной системы ценностей.[1. 128.].

Анализ специфики внешней молодежной миграции показывает, что данный процесс противоречиво влияет на общую ситуацию в Таджикистане, формирует разнонаправленные тренды социально-экономического, культурно-гуманитарного и политико-мировоззренческого характера. В условиях Таджикистана молодежная миграция способствует появлению новых возможностей для развития, а также генерирует риски и вызовы для стабильного развития общества и государства.[3.28.].

Таким образом, образовательная мобильность является одним из основных факторов восходящей социальной мобильности, поскольку по возвращению на родину молодежь, получившая зарубежное образование, имеет преимущества в карьерном росте. Престижность зарубежного образования является одним из частных индикаторов такого критерия социальной стратификации, как образование. Исходя из этого, можно предположить, что связь социальной стратификации и наличия зарубежного диплома о высшем образовании, приведет к актуальности зарубежной образовательной мобильности таджикской молодежи в среднесрочной и долгосрочной перспективах.

Литература

1. Абдусаматов Б.Б., Баянова Л.Н. Взаимодействие России и Таджикистана в сфере образования. // Вестник Башкирского государственного педагогического университета им. М. Акмуллы, 2(46), 2018, С. 125-130.
2. Барсегян В.М. Межпоколенческая образовательная мобильность молодых общественно-политических деятелей в современном российском обществе / Вестник Новосибирского государственного университета. Серия социально-экономические науки. 2014. Т. 14. № 3. С. 163-178.

3. Внешняя молодежная миграция в странах Центральной Азии: анализ рисков и минимизация негативных последствий: аналитический доклад. Астана: МОМ. 2019. С. 25-45.
4. Епихина Ю.Б. Образовательная мобильность и первое место работы // Научный результат. Социология и управление. – Т.3. № 4, 2017. С. 14.
5. Закон Республики Таджикистан от 23 декабря 2021 года, №1830 «О молодёжи и государственной молодёжной политике».
6. Касымова С.Р. Учебная миграция молодежи Таджикистана: проблемы и перспективы: исследовательский отчет. Душанбе: ОО «Центр гендерного образования». 2017. С 22-38.
7. Назаршоева С.Ф. Образ России в глазах мигрантов из Республики Таджикистан. // Дневник Алтайской школы политических исследований. 2018. С. 226-231.
8. Представительство Министерства труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан в Российской Федерации по миграции. http://tajmigration.ru. День обращение: 22.09.2022.
9. Ризоён Ш.Ш. Внешняя образовательная миграция молодежи Таджикистана как двухуровневый ресурс «мягкой силы». // Социологические науки. 2021. С. 1-18.
10. Сборник статистики сферы образования Республики Таджикистан. Душанбе: Министерство образования и науки РТ. Часть 2. 2019.
11. Хонходжаев Ф.Т. Оценка социально-экономических последствий миграции населения Республики Таджикистан. // «Наука. Культура. Общество», 2019. С. 81-92.

ҶОЙИВАЗКУНИИ ТАҲСИЛОТИИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН

Закиров З. Н.

Дар мақолаи масъалаи ҷойивазкунии таҳсилотии ҷавонони Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин дар мақола раванди муҳоҷират, ки ба ҷойивазкунии таҳсилотии ҷавонони тоҷик таъсир мерасонанд, таҳлил гардидааст. Ҳамзамон сабабҳо ва омилҳои муҳоҷирати ҷавонон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

Ба андешаи муаллиф, вазъи демографӣ ва хусусиятҳои демографӣ омилҳои асосие мебошанд, ки ба ҷойивазкунии таҳсилотии ҷавонони Тоҷикистон таъсир мерасонанд. Ин омилҳо, ба гуфтаи муаллиф, худмуайянкунии иҷтимоии насли ҷавонро ҳамроҳӣ мекунанд.

Калидвожаҳо: *маориф, демография, муҳоҷират, ҷавонон, муҳоҷирати ҷавонон, ҷавонони тоҷик, ҳаракат, ҳаракати иҷтимоӣ, ҳаракати таълимӣ.*

EDUCATIONAL MOBILITY OF TAJIK YOUTH

Zakirov Z. N.

The article deals with educational mobility in the context of the Tajik youth. The migration processes that affect the educational mobility of the Tajik youth are analyzed. The motives and factors of youth migration from the Republic of Tajikistan are described.

According to the author, the main factors influencing the educational mobility of Tajik youth are the demographic situation and demographic characteristics that accompany the social self-determination of the younger generation.

Key words: *education, demography, migration, youth, youth migration, Tajik youth, mobility, social mobility, educational mobility.*

№4
2022
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

МАСЪАЛАИ ИНСОН ВА АҚЛУ ИРОДАИ Ӯ ДАР ТАЪЛИМОТИ МУЪТАЗИЛА

Қосимов Қ. А. – унвончӯи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
Тел.: (+992) 900886673; E-mail: kurbonjon2112@gmail.com

Дар мақола ташаккулёбӣ ва рушди ғоя дар бораи инсон, акл ва иродаи ӯ дар таълимоти яке аз аввалин мазҳабҳои ақлгарои ислом — муътазила мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ақлонӣ будани таълимоти ин мактаб пеш аз ҳама тавассути синтези ақоиди фалсафии атиқа ва теологияи насронӣ бо таълимоти фалсафӣ ва динии ин мактаби фикрӣ муайян карда мешавад. Бар асоси таҳлил маълум мегардад, ки дар муътазила дарки ақидаи инсон, ақлу иродаи ӯ бар муқаррароти Қуръон дар бораи инсон асос ёфта, ба он тавассути усулҳои таҳқиқотии ақлгароӣ (ратсионализм) ва шаккокия (скептитсизм) рӯҳияи фалсафӣ бахшида шудааст. Ҳамзамон, инсон ҳамчун ҳомили ақл ва ирода аз иродаи илоҳӣ «ҷудо» шуда, дар ҳалли мушкилоти худ ихтиёри озодро касб менамояд. Муаллиф дар таърифи ирода аз он ҳамчун манбаи қувваю қудрат дурӯ наҷуста, ба хулосае меояд, ки барои фаъолияти инсон ин захираҳои қудратиаш тавассути боло бардоштани мақоми «Ман» ҳам дар фаъолияти маънавӣ ва ҳам фаъолияти ҷисмонии ӯ заруранд. Ҳамчунин пайвастагии нафс бо ақлу ирода дар фаъолияти инсон ва амалӣ гардидани имконияту билқуввa ва билфеъли ӯ низ дар мақола баррасӣ ёфтааст. Ақл ҳамчун воситаи таъмини таносуби рӯҳ, ирода ва моваро-ут-табиат муайян карда мешавад.

Калидвожаҳо: *муътазила, инсон, ақл, нафс, ирода, ҷисм, ҳаракат, шинохт, Кайҳон, иллат, маълул, дониш, объект, субъект, феъл, ихтиёр.*

Каломи муътазилӣ аввалин таҳқурсии таълимоти худро дар коркардҳои ғоявие гузошт, ки он аз таълимоти гуруҳҳои ибтидоии динӣ-сиёсӣ дар натиҷаи муносибати онҳо ба масъалаи ҳокимиятдорӣ - аз тариқи мерос ва ё иҷмоъ созмон додани он бармеояд. Маҷмуи ақидавии ин коркардҳо номуайян ва тағйирёбанда буд, аммо дар баробари рушди табиии тафаккури динӣ дар Мадина дар давраи қабл аз ташаккулёбиии дини ислом ба маънои пурраш, он масъалаҳоеро ба мисли офарида ё азалӣ будани Қуръон, гуноҳ ва озодии инсон ва амсоли онҳоро ба миён овард. Пойдор шудани калом ҳамчун мактаби фикрӣ дертар, пас аз он тақвият гирифт, ки тафаккури тавлидшавандаи исломӣ бо таълимоти динию фалсафии динҳои дигар, хусусан масеҳӣ тамос гирифт.

Дар таълимоти уламои муътазилӣ низоми муназзами гносеологӣ ва эпистемологӣ вуҷуд дорад, ки дониш ва ҳукмҳои мантиқиро таҳқиқ мекунад; кайҳоншиносии онҳо дар шакли атомизм, таҳияи мантиқ, фалсафаи табиат ва метафизика ва монанди онҳо дар маҷмуъ фалсафаест, ки талошҳои диалектикии муътазиларо тасдиқ мекунанд: ҳамаи он дар ниҳояти кор ба дифоъ аз ақл равона шудааст.

Умуман, муътазила ақлро чунин таъриф кардаанд, ки онро метавон ақли солим ё ақли би-л-малака (мартабаи тааққули тасаввурот ва тасдиқҳои бадеҳӣ) донист. Ба ҳамин далел, ба осонӣ тасаввур кардан мумкин аст, ки муроди муътазилиён аз ақл ҳамон ақли назарии файласуфони юнонӣ мебошад. Ал-Ҷоҳиз, яке аз муътазилиёни маъруф муътақид буд, ки инсон бо ақл зода мешавад ва кӯдаки гирёне, ки аз тарсу гуруснагӣ ба модар паноҳ мебарад, дар ҳоли истифода аз ақл аст. Ниёзҳои табиӣ ва ҳаётии инсон таркибдиҳандаи ақли инсон ва ниёзҳои ҷадид ниёзманди абзорҳои нав аст ва ин шинохти нав инсонро бар ҷаҳон мусаххар месозад [10, 56].

Аз назари муътазилиён, ҳатто исботи вуҷуди Худо ва нубувват танҳо аз тариқи тафаккури ақлӣ муяссар шуда метавонад ва тақлид дар ин боб ҷоиз нест, чунонки

яке аз олимони давронаш Абд ул-Ҷаббор менависад: “Агар касе бипурсад, аввал чизе, ки Худованд бар ту воҷиб кардааст, чист? Бигӯ: “Тааммул ва тафаккуре аст, ки мунҳасир ба шинохти Худои таъоло шавад, зеро шинохти Худои таъоло бадеҳӣ нест ва бо мушоҳидаи ҳиссӣ ҳам ба даст намеояд, пас Ӯро бояд бо тафаккур ва тааммули ақл бишиносем” [14, 39]. Ӯ таъкид мекунад, ки донишҳои иктисобӣ бар асоси таваҷҷуҳ ва тааммули ақлӣ дар инсон ҳосил мешавад, пас, тааммул ва тафаккур феъли инсон аст ва маърифати Худо, ки ба тааммул ҳосил мешавад, феъли нафси мост ва пас, он амре иктисобӣ аст. Абд ул-Ҷаббор на танҳо маърифати Худоро ба равиши ақлӣ қобили таҳсил медонад, балки сифатҳои иҷобии Ӯро ба монанди қодир, олим, ҳайй, самиъ, басир, мудрик ва сифатҳои салбӣ, монанди инкори ҷисмият, аразият, ҳулул, ҳубуту суъуд, зиёдату нуқсон, дида ва идрок шудан ба ҳавос ва ғайраро бар асоси ақл исбот мекунад [14, 65-66].

Ҳамин тариқ, муътазилиён яке аввалинҳо шуда, дар илоҳиётшиносии исломӣ манзалати олии ақлро тасдиқ карданд, гарчанде ки онҳо натавонистанд ақлро ба натиҷаҳои болотари он расонанд, аммо маҳз муносибати ақлонии он буд, ки роҳи пайдоиши фалсафа дар исломро омода ва ҳамвор кард. Бо фирор аз фарзияҳои догматикии каломи ибтидоӣ онҳо тавонистанд ба таҳияи афкори фалсафӣ шуруъ кунанд: барои онҳо ақл акнун танҳо қуввае ба ҳисоб намерафт, ки барои таъмини усулҳои тафсири ваҳйи илоҳӣ хидмат кунад, балки он як худкифое буд барои ба даст овардани ҳақиқат. Маҳз масъала дар бораи ҳақиқати чизи мавриди баҳс қароргирифта, яке аз воситаҳои куллисозии масъалаҳои динию фалсафӣ ба шумор мерафт. Ин нуқтаи назарро давом дода, олими рус А.В. Смирнов қайд мекунад, ки “Ба истинои теъдоди ночиз, ҳамаи муътазилиён инсонро дар баробари Худо фоъили ҳақиқӣ медонистанд. Барои иҷро шудани *фиъл* ду шарт зарур аст ва танҳо бо вуҷуд доштани ҳардуи онҳо гуфтан мумкин аст, ки фоъил ҳамин гуна на ба таври маҷозӣ, балки аз рӯи ҳақиқат аст. Ин ду шарт – ирода (*ирāда*) ва қудрат (*қудра*) ва ё қобилият (*истиṭā‘a*) барои иҷро кардани феъл мебошанд. Мазмуни мафҳуми “ирода” ҳамчун ихтиёр (*ихтийāр*)-и яке аз ду тарафи мутақобил дар шакли умумитарини он – ҳамчун интихоб байни “кардан” ва “накардан” кушода мешавад” [1, 84].

Ба таври мухтасар, далелҳои муътазиліёнро барои исботи иродаи илоҳӣ ва иродаи инсон метавон ба таври зерин ҷамъбаст кард: далели аввал ба консепсияи адолати илоҳӣ дахл дорад, ки онро низ ба ду қисм тақсим кардан мумкин аст: а) муътазила тасдиқ мекунад, ки Худо накӯкор ва одил аст ва бадӣ ва беадолатӣ ба Ӯ набояд нисбат дода шавад. [5, 92]. Дар “Китāб ул-хамса”-и Абд ул-Ҷаббор чунин омадааст: “... рафторҳои золимона, ситам ва монанди инҳоро, ки наметавонанд аз офаридаи Ӯ бошанд (*мин халқиҳи*) бароятон маълуманд. Касе, ки ин рафторро ба Ӯ нисбат медиҳад, беадолатӣ ва густохӣ (*сафаҳ*) зоҳир намуда, ба ин васила аз таълимот дар бораи адолат дур мешавад” [13, 95].

Далели дуюм, ки аслан дар ибтидо аз ҷониби Восил ибни Ато пешкаш шуда буд [13, 47], қобилияти андешаронӣ ва интихоб кардани шахсро таъкид мекунад.

Далели сеюм дар он ифода меёбад, ки одамон дорои шууранд, онҳо метавонанд интихоб кунанд, дар ҳоле ки намудҳои дигари махлуқот аз ин имтиёз маҳруманд.

Детерминизми сабабии муътазила мутобиқ ба принсипи сотриологии исломӣ аст, ки тибқи он инсон вазифадор аст, ки иродаи Худоро иҷро кунад. Аммо ин маънои онро надорад, ки инсон ҳамеша фармонбардор ва ё мунтазири амру фармони илоҳӣ бошад. Хусусияти биологӣ ва психологии ӯ чунин таркиб ёфтааст, ки дар вуҷуди ӯ иродаи қавӣ, ки онро баъзан бо мафҳуми “Ман” ифода мекунанд, ҷойгир аст. Ан-Наззом ба “Ман” таърифи аҷиб дода, онро нафсе медонад, ки “нафси сабукест, ки ба ҷисми ношаффоф ворид мешвад...руҳест, ки ҳаёти тору пуди ҷисм аст... [ва] ҷисмест, ки дар он одам зоҳир ва мушоҳида мешавад” [9, 117]. Дар асоси ин тақсимоти нафс ва ҷисм, муътазила барои нафс ва анвои он вазифаҳои алоҳидаро муқаррар намудааст. Танҳо тааққул кардан ва хоҳи-шу ҳавас”, ба андешаи онҳо, “феъли наф-санд, боқимондаи афъол ба ҷисм тааллуқ дорад. Албатта, тасдиқ мекунанд онҳо, нафс ҳам дар “ҳаёт” ва ҳам дар “ҷисм” фаъол аст. Аммо дар “му-

ҳокимаронӣ” ҳамчун шакди маърифати ҳақиқатҳои абадӣ ва дар “хоҳиш” ҳамчун тарзи амалӣ сохтани озодии ахлоқӣ, на “ҳаёт” ва на “ҷисм” василаи маърифат ва тасмим гирифтан барои ягон феъл нестанд, гарчанде ки онҳо бояд ҳомили фазоӣ-замонии ҳардуи онҳо ба шумор мераванд. Ин тафовути куллии нафс аз ҷисм аз нуқтаи назари табъ ва вазифаашон ва инчунин аз “ҳаёт” (ё “нафс” дар таъбири арастуӣ) барои тафриқаи қотеи байни объектҳои ҳар кадоми онҳо асос гардида буд. Объекти нафс дар вазифаи маърифатии он, яъне ақл, ҳақиқати ақлонӣ ва хайру некӣ аст. Объекти “ҳаёт” дар зинда кардани инсон қонеъ намудани ғаризаҳо, ҳавасҳо, хоҳишҳо ва фурӯ нишондани лаззатҳои шаҳвонӣ аст. Объекти ҷисм дар ҳаракатҳои дохилӣ ва берунии он унсурҳои табиат мебошанд. Объекти аввал – мисолӣ (идеалӣ), дуюм – зеҳнӣ (субъективӣ) ва сеюми онҳо – моддӣ мебошанд.

Объекти аввали мисолӣ (идеалӣ) барои муътаззила олами ақл аст. Дар он қонунҳои тафаккур ва инчунин қонунҳои ахлоқ мавриди корбурд қарор доранд, ки дар якҷоягӣ як олами идеалии худидоракунандаро ташкил медиҳанд, ки аз инсон ва ҳам олами табиӣ мустақил аст. Дар мавриди объекти дуюм, яъне олами хоҳишҳо ва ҳавасҳою манфиатҳо ва намунаҳои фурӯнишонии онҳо масъала ранги дигар мегирад: онҳо аслан аз инсон ва иродаи ӯ вобастаанд [7, 115]. Ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки муътазилиҳо мақоми алоҳидаи метафизикиро барои қонунҳои ахлоқӣ, ки танҳо нафс аз тариқи ақл метавонад аз “ҷисм” ва “ҳаёт” маърифат намояд, пешкаш намудаанд. Пас, ақл тавассути нафс як ҷузъи “Ман” буда, нақши он дар шинохти сифатҳои илоҳӣ, ки барои инсон ирода ё амри илоҳӣ аст, муайян мегардад. Чунин шинохт маҳз ҳамон маърифатест, ки онро муътазилиён “дониши ақлонӣ” номидаанд. Аз имкониятҳои он уҳдадорӣ ва масъулияти ахлоқӣ вобаста аст. Маҳз барои ҳамин ҳайвонҳоро бинобар надоштани дониши ақлонӣ аз нигоҳи ахлоқӣ уҳдадор ва масъул намешуморем [9, 157]. Барои муътазила ҳардуи онҳо далелҳои аввалини инсони комил мебошанд ва онҳо пурракунандаи ҳамдигаранд.

Ин чаҳорчӯбаи назариявӣ-ахлоқии маърифати ақлонии муътазила аст. Онҳо дар маҷмуъ баҳсашонро бо рад кардани таълимоти Афлотун дар бораи дониш ҳамчун анамнезис ё тазаккур оғоз кардаанд ва он ҳам ба хотири ҳадафҳои ахлоқӣ буд. Барои он ки касби дониш шоиста бошад, муътазилиён муътақиданд, ки он бояд озод бошад. Анамнезис ба иллати «доя» -и афлотунӣ ба вуҷуд омадааст ва аз ин рӯ озод нест, балки бо фаъолияти тарбиявии «доя» вобаста аст. Аз ин рӯ, хулоса мекунанд муътазилиён, ки анамнез ба озодии ахлоқии инсон мухолиф аст ва он бар дӯши инсон масъулияти комилро барои амалҳои ӯ, барои рӯйдодҳо дар фазо, инчунин барои ҳама чизҳое, ки онҳо пешбинӣ мекунанд, ба истиснои ҳолати дониши ӯ вогузор менамояд [8, 461].

Барои муътазила, низ ин як ҳолати созишкорӣ барои озодии маърифат аст, он, қисман бошад ҳам, озодии ахлоқии таълимоти муътазиларо ташаккул медиҳад.. Зеро ҳузури би-л-қувва ё потенсиалии дониш дар нафси инсон аллакай муайян мекунад, ки ҳангоми рух додани анамнезис ӯ бояд чиро донад. Аммо агар шинохти ақлонӣ фаъолияти озод набошад, балки аввал аз ҷониби объекти он, ки дар дохили нафс ҷой дорад ва сипас тавассути зикри қисмҳои ин объект ва на аз ҷониби худи маърифаткунанда муайян гардад, арзиши ахлоқии маърифати ақлонӣ беаҳамият хоҳад буд [9, 117]. Аммо маърифати ақлонӣ, ба ақидаи муътазила, шинохти Худо, ҳақиқат ва хайру некӣ буда, он вазифаи асосии ахлоқии одамони оддӣ ва яке аз ду вазифаи асосии нафс аст. Барои муътазилиён, ин аксиомаест, ки онро метавон танҳо ба василаи ягон ҳаккокии амиқ инкор кард; ва онҳо ба хулосае омаданд, ки шинохти ақлонӣ бояд озод бошад ва аз ин рӯ, на ба он тарзе бошад, ки онро Афлотун тасдиқ намудааст. Гузашта аз ин, шинохти ақлонӣ ё фаъолияти назариявии нафс, чунонки дар боло қайд кардем, тасодуфан бо фаъолияти амалӣ, назорат ва роҳнамоӣ алоқаманд нест. “Шинохти хайр – ин на танҳо заминаи аввалии ин таҳаққуқи он аст. Ҳадди байни дониш ва феълу амал новобаста аз афзалияти аввалӣ, нозук аст. Ҳақиқатан, агар худи пешгӯии муқаддами назорати ақлонӣ таҳти хусусияти детерминистӣ қарор гирифта бошанд, пас назорат бидуни таъсири он буда наметавонад. Ва шубҳанок аст,

ки оё дар ин сурат озодии ахлоқӣ имконпазир боқӣ хоҳад монд” [13, 51-52].

Бар хилофи Афлотун, муътазила боварӣ дорад, ки шинохти ақлонӣ на анамнезис, балки озодона амалӣ гаштани қобилиятҳои ақлонӣ, таҳқиқи ҳақиқат ва ботил, эътирофи хайр ҳамчун хайр ва шарр – ҳамчун шарр мебошад. Ин нуқтаи назар ва далели аввали онҳо буд. Далели дуюми муътазила дар он ифода меёбад, ки дониши ақлонӣ ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ на яку якбора монанди ишроқи нур, балки тадриҷан тавассути машқҳои тадриҷии қобилияти ақлонӣ ба даст оварда мешавад [9, 111]. Ин ба донишҳои амалӣ дахл дорад, ки ба онҳо, албатта, ҳамеша таҷрибаро илова кардан лозим. Аммо, дар баробари ин, муътазилиён мутмаинанд, ки машқи қувваи ақлонӣ инсонро бояд ва ҳатман ба маърифати Худо ва хайру шарр бидуни кӯмакҳои беруна мерасонад. Саволе ба миён меояд, ки чӣ гуна чунин тамрини ақлонӣ ба он маъно зарурат пайдо карда метавонад, ки инсон бояд онро ҷустуҷӯ карда, ба он ноил шавад ва ё умуман барои чунин ҳадаф мароқе ҳам зоҳир намекунад. Агар ӯ мароқ зоҳир мекард, маълум мегардид, ки тасаввуроте, масалан, ягон уҳдадории ахлоқӣ ӯро ба уҳдадории дигар водор мекард ва дар ниҳояти кор, то ба хулосаи барои ӯ муносиб дар бораи Худо мерасонд. Он гоҳ дониши ӯ ба он маъно зарур мегардид, ки саъю талошҳои заминавии вай тибқи қоидаҳои қатъии дедуксияи мантиқӣ бо ҳам пайваст мешуданд. Аммо оё гуфтан мумкин аст, ки ин дониш ба он маъно зарур буд, ки субъект умуман маҷбур аст, ки чунин шиддати мантиқиро оғоз ва пайравӣ кунад? Ба ин савол муътазилиён посухи мусбат дода, барои қонеъ гардонидани андешаи нав мафҳуми “хавфи ақлонӣ”-ро ихтироъ карданд.

Ба андешаи мутафаккирони муътазилӣ иродаи шахс дар ҷанбаи метафизикии он тобеи ирода ва хости Худо буда, дар ҷанбаи дунявии он ба ҳеҷ ваҷҳ як ҳодисаи пешакӣ муайяншудае нест, ки дар ниҳоят ба фаъолияти ихтиёрӣ ё ғайриихтиёрии ӯ оварда расонад; балки он дар як шабакаи мураккаби хоҳишҳо, эътиқодҳо ва ирода, инчунин дар якҷоягӣ бо таъсири қувваҳои берунӣ ташаккул меёбад. Аён гардид, ки ба ҳадди зиёд шудани маҳдудиятҳои дохилӣ ва берунӣ, ки ин фоъилро таҳти тасарруф қарор додаанд, майдони ирода ва озодии шахсро низ бештар маҳдуд мегардад. Аммо, мутафаккирони машшоӣ муътақиданд, ки аввалан, масъулияти ҳуқуқӣ ва маънавии шахс ба доираи озодии иродаи ӯ мутаносиб аст ва сониян, фоъили ҷанбаи моддӣ, яъне шахс, наметавонад ин маҳдудиятҳоро паси сар накунад; фоъили озод метавонад озодона ва бар асоси интихоб ва қарорҳои худ қарор қабул кунад, аммо танҳо дар ҳудуди муайян, зеро вай ирода ва хоҳишҳои ботинии худро пурра ичро карда наметавонад.

Бо дар назардошти таҳлилҳои фавқузикр ба хулоса омадан мумкин аст, ки муътазилиён бо истифода аз усули ақлгароӣ ва баланд бардоштани мақоми ақл дар идрок ва хулосабарорию натиҷабандии мантиқии масъалаҳои мавриди баҳс қароргирифта эътиқод ва таълимоти диниро бо принсипҳои асосии он дар доираи муайян маҳдуд намуда, ба онҳо хусусияти фалсафӣ бахшидаанд. Назарияҳои онҳо дар бораи ташаккулёбии худшиносӣ ҳамчун як сохтори сегона (ақл-ирода-феъл) бар пояи фаъолияти ахлоқии мисоли (идеалӣ)-и умумиисломӣ (ҳама чиз тобеи амри ё иродаи Худо) ташаккул ёфта, ичро шудан ё нашудани он вуҷудияти нафс-субъектеро тақозо мекунад, ки он аз субъект-ҷисм ҳамчун ҳомили он, комилан фарқ дорад. Дар ин раванд, назарияи шинохти ақлонии муътазила ба миён меояд, ки он натиҷаи принсипи чунин шинохт ва масъулияти ахлоқӣ барои ноил шудан ба он мебошад, ки дар он ғояи озодии ахлоқии инсон оқибати амалисозии ҳадафҳои идеалии илоҳӣ, инчунин тағйирпазирии инсон ва дигар дар фазою замон барои ин амал аст.

Адабиёт

1. История арабо-мусульманской философии: Учебник / Под ред. А.В. Смирнова. – М.: Академический Проект, 2013. – 267 с.
2. Мичурина Ю.Ф. Антропологические воззрения Иоанна Дамаскина // Сумма философии. Вып. 2. -Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2005. С. 17-24.
3. Платон. Сочинения в четырех томах. Т. 1. Пер. с древнегреч. - СПб.: Изд-во С.-

Петерб. ун-та, Изд-во Олега Абышко, 2006. – 632.
4. Аш-Шахрастани Мухаммад. Книга о религиях и сектах. Ч. 1. Ислам. - М. “Наука”, 1984. – 270 с.
5. ‘Abd al-Jabbar. ‘Kitab al-Usul al-Khamsa’ in Defenders of Reason in Islam. Richard C Martin and others, Oneword, Oxford, 1997, pp. 86-94.
6. Al Shahrastani. Nihayait al-Iqdiim fi ‘Ilm al-Kalfim, ed. by A. Guillaume. Oxford, 1934). – 353 p.
7. Perry R.B. General Theory of Value. Cambridge: Harvard U. Press, 1954. – 497.
8. الأشعرى أبو الحسن. مقالات الاسلامتين واختلاف المصتين. عنى بتصحيحه هلموت ريز. فيسبادن، الطبعة الثالثة، 1980. 580 ص.
9. البغدادى عبد القادر. الفرق بين الغرق. القاهرة 1328 هـ. 264 ص.
10. الجاهظ عمرو. الحيوان. ج. 7. بيروت 1414 هـ. 516 ص.
11. الجرجانى الشريف. شرح على المواقف للعضد الايجى. ج. 2. بلا تاريخ. 459 ص.
12. حسين الخياط. كتاب الانتصار و الرد على ابن الراوندى الملحد.القاهرة 1925. 330 ص.
13. الشهرستانى محمد ابن عبد الكريم. نهاية الاقدام فى علم الكلام.بغداد 1965. 408 ص.
14. عبد الجبار معتزلى. شرح الاصول الخمسة. القاهرة 1416 هـ. 412 ص.

ПРОБЛЕМА ЧЕЛОВЕКА, ЕГО РАЗУМА И ВОЛИ В УЧЕНИИ МУ‘ТАЗИЛИЗМА

Косимов К.

В статье прослеживается становление и развитие идеи человека, его разума и воли в учении одной из первых рациональных школ ислама – му‘тазилизма. Рациональность учения этой школы прежде всего определяется синтезированием идей античной философии и христианской теологии с философскими и религиозными учениями этой идейной школы. На основе проведенного анализа становится ясно, что в му‘тазилизме понимание идеи человека, его разума и воли основывается на коранические положения о человеке, придавая ему философский дух через такие методы как рационализм и скептицизм. При этом, человек как носитель разума и воли «освобождается» от божественной воли и получает свободный выбор в решении собственных проблем. Не отталкиваясь от определения воли как энергетического ресурса, автор приходит к выводу, что для деятельности человека эти ресурсы необходимы как для его духовного, так и для физического поведения через возвышение статуса «Я». Также в статье рассматривается связь души с разумом и волей в активной деятельности человека и реализации его потенциальной и актуальной возможностей. Разум определяется как инстанция соотнесения души, воли и трансцендентности.

Ключевые слова: *му‘тазила, человек, разум, душа, воля, тело, движение, познание, Космос, причина, следствие, знание, объект, субъект, действие, выбор.*

THE PROBLEM OF MAN, HIS MIND AND WILL IN THE MU‘TASILISM’S THOUGHT

Qosimov Q.

The article traces the formation and development of the idea of man, his mind and will in the thoughts of one of the first rational schools of Islam - Mu'tazilism. The rationality of the thoughts of this school is primarily determined by the synthesis of the ideas of ancient philosophy and Christian theology with the philosophical and religious teachings of this ideological school. Based on the analysis, it becomes clear that there is the understanding of the idea of man, his mind and will is based on the Qur'anic provisions about man, giving him a philosophical spirit through such methods as rationalism and skepticism in Mu'tazilism. At the same time, a man, as a bearer of reason and will, is "liberated" from the divine will and receives a free choice in solving his own problems. Without starting from the definition of will as an energy resource, the author comes to the conclusion that for human activity these resources are necessary for both his spiritual and physical behavior through the elevation of the status of "Me". The article also discusses the connection of the soul with the mind and will in the vigorous activity of a man and the realization of his potential and actual opportunities. Reason is defined as an instance of correlation of the soul, will and transcendence.

Keywords: *Mu‘tazila, man, mind, soul, will, body, movement, cognition, Cosmos, cause, result, knowledge, object, subject, action, choice.*

ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводится членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в «Правилах для авторов», публикуемых в каждом номере журнала.

Рукописи, оформленные не по правилам, редакцией не принимаются. Замечания по содержанию и оформлению статей необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике, отклонить.

Объем рецензии – не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о её публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяются в зависимости от даты поступления её окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

ТАРТИБИ ТАҚРИЗДИҲӢ БА МАҚОЛАҲОЕ, КИ БА «АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН» ПЕШНИҲОД ШУДААНД

Мақолаҳои ба идора расида, ташхисро гузашта (ташхисро аъзои таҳририя – мутахассисони бахшҳои марбутаи илм мегузаронанд), сипас тибқи тартиботи муқарраршуда қабул карда мешаванд. Талабот ба таҳия кардани мақолаҳо бо унвони «Қоидаҳо барои муаллифон» дар ҳар шумораи маҷалла чоп мешавад.

Дастнависи мақолаҳоеро, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, идора қабул намекунад. Эродҳо оид ба мазмун ва сохтори мақолаҳо бояд пеш аз супурдан ба тақриз ислоҳ карда шаванд.

Сипас ба мақолаҳо бо тартиби муайян, аз ҷониби ҳайати таҳририяи маҷалла ё мутахассисони ба мавзӯи мақола алоқаманд, (номзад ва докторҳои илм) тақриз дода мешавад.

Тақриз бояд хусусиятҳои илмии мақола, аз ҷумла, навоварӣ дар масъалагузорӣ, муҳимият, арзишҳои фактологӣ ва таърихӣ, дақиқ будани иқтибосҳо, услуби баён, корбурди манбаъҳои муосир ва инчунин камбудиҳои чойдоштаро фаро гирад. Дар хулосаи тақриз бояд баҳои умумӣ ва тавсия барои нашр ё баъд аз ислоҳ нашр кардан, ё барои тақризи иловагӣ гирифтан аз мутахассиси марбут ба мавзӯъ, ё ба чоп тавсия надодан қайд шавад.

Ҳаҷми тақриз бояд на камтар аз як саҳифа бошад.

Мақолае, ки ба такмил зарурат дорад, бо қайду эродҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон баргардонида мешавад. Муаллифон бояд ислоҳоти заруриро ба мақола ворид карда, нусхаи охирини мақоларо якҷоя бо шакли электронии он ва матни дастнависи аввала ба идора супоранд. Пас аз такмили муаллиф, мақола дубора барои тақриз фиристода мешавад ва ҳайати таҳририя қарори нашр шудани онро мебарорад.

Мақола ҳамон вақт барои нашр пазируфта мешавад, ки тақризи ба он дода шуда мусбат бошад ва ҳайати таҳририя онро ҷонибдорӣ намоянд. Тартиб ва навбати чопи мақола ба санаи расидани нусхаи охирини ислоҳшуда ба хайати тахририя вобаста мебошад.

Тақризнависӣ ба мақола ба таври махфӣ сурат мегирад.

Ошкор кардани ҷузъиёти махфии тақриз ҳуқуқи муаллифро вайрон мекунад. Нусхбардории мақола барои корҳои шахсӣ ба муқарризон иҷозат дода намешавад.

Муқарризон ва инчунин ҳайати таҳририя то лаҳзаи аз чоп баромадани мақола ҳуқуқи истифодабарии маълумоти дар мақолаҳо дарҷшударо надоранд.

RUES FOR REVIEWING ARTICLES SUBMITTED FOR PUBLISHING AT THE ACADEMIC PERIODICAL JOURNAL TITLTED “PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW NAMED AFTER A.BAHOVADDINOV OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN”

Articles coming to the editory board will pass preliminary expert examination (it is carried out by associate editors – specialists in the corresponding branch of science) and are accepted in accordance with the established procedure. Requirements to registration of the original are provided by article in "Rules for the authors" published in each issue of the journal.

The manuscripts issued not by rules aren't accepted by edition. Remarks according to the contents and registration of articles need to be eliminated before transfer of the text on reviewing.

Then articles are reviewed without fail by associate editors of the journal or experts of the corresponding specialty (candidates and doctors of sciences).

The review has to contain reasonable transfer of qualities of article, including scientific novelty of a problem, its relevance, factual and historical value, citing accuracy, style of a statement, use of modern sources, and also motivated transfer of its shortcomings. In the conclusion the general assessment of article and recommendation for an editorial board – to publish article, to publish it after completion, to direct on the additional review to the specialist in a certain subject, to reject is given.

Review volume – not less than one page of the text.

The article adopted to the publication, but needing completion goes to authors with remarks of the reviewer and editor. Authors have to make all necessary corrections to a final version of the manuscript and return to edition the corrected text, and also its identical electronic option together with the original version of the manuscript. After completion article is repeatedly reviewed, and the editorial board makes the decision on its publication.

Article is considered to be accepted to the publication in the presence of the positive review and if it was supported by associate editors. The order and sequence of the publication of article are defined depending on date of receipt of its final version.

Reviewing of the manuscript is carried out confidentially. Disclosure of confidential details of reviewing of the manuscript violates the rights of the author. Reviewers aren't allowed to make the copy of articles for the needs.

Reviewers, and also associate editors have no right to use in own interests information containing in the manuscript before its publication.

ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Ҳайати таҳририяи маҷалла ба таваҷҷуҳи муаллифон мерасонад, ки мақолаҳои худро дар шаклҳои чопию электронӣ, бо назардошти ҷанбаҳои илмию амалии таълифот ирсол намоянд.

Дар маҷаллаи «Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» мақолаҳое чоп мешаванд, ки натиҷаи таҳқиқот оид ба масъалаҳои илмҳои фалсафа, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ марбут бошанд.

Мақолаҳо мутобиқ ба қоидаҳои мазкур бо тавсияномаи яке аз шуъбаҳои Институт ё яке аз аъзои ҳайати таҳририя барои чоп қабул карда мешаванд.

Ҳаҷми мақолаҳо якҷоя бо тасвир, ҷадвал, нақшаҳо ва калидвожаҳою фишурдаи мақола ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд то як ҷузъи чопӣ (то 12 саҳифаи чопи компютерӣ) бошанд. Фишурдаи мақола ба як забон на зиёдтар аз чор ҷумла ва миқдори калидвожаҳо бояд то даҳ адад бошанд. Матн бояд дар файли барномаи Microsoft Office Word пешниҳод шуда, андозаи ҳарфҳо 14, гарнитураи Times New Roman (барои мақолаҳои русӣ ва англисӣ), Times New Roman Tj (барои мақолаҳои тоҷикӣ), фосилаи 1,5 ва канораҳои матн аз ҳар тараф – 2,5 см бошанд. Корбурди ҳарфҳои хоси тоҷикӣ дар мақолаҳои тоҷикӣ бо гарнитураи Times New Roman Tj, фишурда ва калидвожаҳо ҳатмист. Саҳифаҳо бояд рақамгузорӣ шуда бошанд.

Ба мақола тавсияи муассиса (барои муаллифони беруна), тақризи шуъбаи марбутаи Институт, фишурда, калидвожаҳо (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) дар ду нусха, бо нишондоди унвони мақола, сарҳарфи ном ва насаби муаллиф ҳамроҳ карда мешаванд.

Барои чоп маводи таҳқиқотие, ки қаблан дар дигар нашрияҳо чоп нашуда бошанд, қабул карда мешаванд. Дар охири мақола, баъд аз матн ва фишурдаи рӯйхати адабиёти истифода шуда зикр гардида, аз тарафи чап номи муассисае, ки мақоларо пешниҳод кардааст, инчунин маълумот дар бораи муаллиф, телефон ва имзои муаллиф (муаллифон) оварда мешавад.

Ҳангоми тартиб додани рӯйхати адабиёти истифодашуда мушахассоти зеринро бояд қайд кард: а) барои китобҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи китоб, макони чоп, нашриёт, соли нашр, рақами ҷилд, саҳифа; б) барои мақолаҳо аз маҷаллаву маҷмӯаҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи мақола, номи маҷалла ё маҷмӯа, соли нашр, шумора ва саҳифа (барои маҷмӯа). Ҳангоми иқтибоси такрорӣ аз як манбаъ шакли маъмулии ихтисоршавӣ истифода мешавад.

Агар дар матн ҷадвалҳо оварда шуда бошанд, нусхаҳои иловагии онро дар варақ чоп карда, бо нишон додани саҳифаи матлуб ба мақола ҳамроҳ кардан лозим аст.

Дар ҳолати баргардонидани мақола ба муаллиф барои ислоҳот ё ҷиҳати таҳрир, муаллиф бояд ислоҳоти заруриро ворид карда, нусхаи охирини ислоҳшударо якҷоя бо нусхаи аввалӣ, инчунин шакли электронии мақолаи ислоҳшударо дар муддати то 3 рӯз ба идора бозгардонад.

Масъулияти истифодаи маълумоте, ки барои чопи озод иҷозат нест, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дӯши муаллифон аст.

Идораи маҷалла ҳуқуқи ихтисорнамудан ва ба дастнависҳо тағйирот ворид карданро дорад.

Мақолаҳое, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, барои чоп қабул карда намешаванд.

ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ

1. В журнале "Известия Института философии, политологии и права Национальной академии наук Таджикистана" печатаются статьи, являющиеся результатом научных исследований по философским, социологическим, политологическим и юридическим наукам.

2. Статьи принимаются к печати по рекомендации одного из членов редколлегии, в соответствии с настоящими правилами.

3. Объем статьи не должен превышать 1-го п.л. (до 12 страниц) компьютерного текста, включая в этом объеме рисунки, таблицы, графики, текст аннотации и ключевые слова, приводимые в конце статьи. Объем аннотации – не более 0,5 страницы. Три рисунка считаются за одну страницу.

4. К статье прилагаются направление от учреждения (для внешних авторов), рецензия соответствующего Отдела, аннотации и ключевые слова (на таджикском, русском и английском языке) в двух экземплярах, с указанием названия статьи, инициалов и фамилии автора.

5. Статья принимается в одном экземпляре, в текстовом и в электронном вариантах. Статья должна быть напечатана: на компьютере, с одной стороны листа, через 1,5 (полуторный) интервал, в файле Microsoft Office Word, размером шрифта 14, гарнитура Times New Roman (для русских и английских текстов), Times New Roman Tj (для таджикских текстов), интервалом 1,5, поля с каждой стороны – 2,5 см. В статье обязательно использование таджикского шрифта для таджикских текстов гарнитурой Times New Roman Tj, аннотации и ключевых слов. Страницы должны быть пронумерованы.

6. В конце статьи после текста аннотации дается список использованной литературы, слева указываются название учреждения, представляющего статью, а также сведения об авторе, телефон и подпись автора (авторов).

7. При оформлении списка использованной литературы следует указать:

а) для книг - фамилию и инициалы автора, полное название, место издания, издательство, год издания, номер тома, страницу;

б) для журнальных статьей и сборников – фамилию и инициалы автора, название статьи, название журнала или сборника, год издания, номер и страницу (для сборника). При повторной ссылке на литературу допустимы общепринятые сокращения.

8. К имеющимся в тексте таблицам необходимо отпечатать дубликаты и приложить к статье с указанием страницы, к которой таблица относится.

9. В случае возвращения статьи автору для существенных исправлений или для ее окончательного редактирования, автору необходимо в трехдневный срок внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи.

10. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

11. Редакция оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей.

12. Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором (авторами).

Адрес редакции: Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана.

RULES FOR AUTHORS

The Editorial Board requires from the authors to submit their papers to the editor, in printed and electronic forms, paying special attention to the scientific and practical aspects of their works.

The Academic Legal Journal publishes scientific articles on the results of research on legal sciences.

Articles are accepted for publication on the recommendation of one of the departments of the Institute or one of the board members, in accordance with these rules. The paper should not exceed one unit (up to 12 pages of computer text), including drawings, tables, graphs, summaries and keywords in Tajik, Russian and English, given at the end. Abstract in the same languages should contain no more than four sentences and the number of keywords should be given up to ten words and word combinations. The text should be presented in the Microsoft Office Word program: font size - 14 headset - Times New Roman Tj, line spacing - 1.5, farmland - 2.5 cm on all sides. The use of specific Tajik letters in the materials prepared in the Tajik language, as well as keywords and annotations are necessary. Pages must be numbered.

To the article should be attached a cover letter from the institution (for foreign authors), review of the relevant department of the Institute, abstracts and keywords (in Tajik, Russian and English) in duplicate, with the name of the article, initials and surname of the author.

Accepted for publication research materials should not previously be published in other publications. At the end of the article after the text and annotations there should be given a list of references, on the left side one should indicate the name(s) of the institution that submit the article(s), as well as information about the author(s), telephone and signature of the author (s).

When making a list of references one should indicate: a) for books - surname and initials of the author(s), full name of the books, place of publication, the publisher, year of publication, volume number, page; b) for journal articles and collections - surname and initials of the author, article title, journal title or collection, year of publication, and page number (for collection). After repeated references to the same literature standard abbreviations are acceptable.

To existing tables in the text one should print a duplicate of the tables indicating the page to which the tables belong.

In the case of the return of the article to the author for substantial corrections or its final editing, one should make any necessary corrections in the final version of the manuscript to the editor and return the corrected text, as well as its electronic version identical with the original version of the manuscript.

Responsibility for the use of the data, not intended for open publication lies on the authors of articles in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan.

The editors reserve the right to make editorial changes and reduction of manuscripts.

Articles that do not meet these rules will not be accepted for the publication.

Ба матбаа 09.12.2022 таҳвил гардид.
Чопаш 12.12.2022 ба имзо расид.
Андозаи 60/84 1/8. Ҷузъи чопии шартӣ 20.
Адади нашр 150 нусха. Супориши 12/22

Дар матбааи «Империал-Групп» ба чоп расидааст
ш. Душанбе, кӯчаи Қаҳҳоров 27
E-mail: Imperial-Group57@ mail.ru